ТДУ 316.354:351 (075)
ТКБ 60.56я73
М-65

СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ
китоби дарсӣ, нашри 2

Муқарризон:
Шоисматуллоев Ш. Ш. *– мудири шуъбаи сотсилогияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сотсиология, профессор;*
Назар М.А. *– сарходими шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор;*

Миралиён Қ.А., Абилзода Г.С. Сотсиологияи идоракунӣ: китоби дарсӣ, нашри 2 – Душанбе: 2026. – 454с.

Китоб бо назардошти ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ, методологӣ ва хусусиятҳои озмоишию амалии идоракунии иҷтимоӣ ва ё сотсиологияи идоракунӣ дар шароити ҷомеаи муосир, инчунин вазъ ва имкониятҳои идоракунӣ дар Тоҷикистон омода шудааст.

Маводи мазкур барои таълим ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи фанни «Сотсиологияи идоракунӣ» таҳия шудааст, ҳамчунин барои истифода ба олимон, омӯзгорон, маъмурон (роҳбарони ташкилоту муассисаҳо), хизматчиёни давлатӣ, унвонҷӯён, магистрантҳо ва шахсони дигари дар соҳаи идоракунии иҷтимоӣ ва менеҷмент машғул мебошанд, тавсия дода мешавад.

Бо қарори Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадиновои АМИТ №12 аз 23.12.2025 барои нашр тавсия дода шуд.

ISBN: 978-9906-9902-5-7
© Миралиён Қ. А., Абилзода Г. С., 2026

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР..... 4

БОБИ I. ЗАРУРАТ, МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ФАННИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ 6

§1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ 6

§ 2. ТАШАККУЛЁБИИ РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН..... 26

§ 3. МАВЗУЪ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ 55

§ 4. САМТҲОИ АСОСИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ 62

§5. АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ 73

БОБИ II. НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ 79

§6. УСУЛҲО ВА ҚОНУНҲОИ АСОСИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ 79

§ 7. ҚИСМҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ 87

§ 8. ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ, НИЗОМҲО ВА ИНСТИТУТҲО..... 104

§ 9. МЕЪЁРҲОИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНӢ 114

§ 10. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ... 121

§ 11. МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ131

§ 12. МАДАНИЯТИ ТАШКИЛӢ ДАР ИДОРАКУНӢ 140

§ 13. ШАХС ҲАМЧУН ОБЪЕКТ ВА СУБЪЕКТИ МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ 150

§ 14. БУНЁДИ ГУРӮҲ ВА ТИМИ (ДАСТАИ) БОСАМАР..... 172

§ 15. МАДАНИЯТИ ТАШКИЛИИ ШАХСИЯТ 181

§ 16. МАДАНИЯТИ МУТТАҲИДӢ (ГУРӮҲӢ) ЗИМНИ ИДОРАКУНӢ 186

§ 17. НАҚШИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАҲКИМИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ 193

БОБИ III. УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ 203
§ 18. ТАДҚИҚОТҲОИ СОТСИОЛОГӢ ДАР ИДОРАКУНӢ: НАМУДҲОИ ТАҶРИБАВӢ ВА АМАЛИИ ОН 203
§ 19. ТАФСИРИ (ШАРҲИ) ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ 209
§ 20. УСУЛҲОИ ИНТИХОБ (ХОСТАГИРӢ) ДАР ТАДҚИҚОТИ ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНӢ 218
§ 21. ПЕШБИНӢ ВА ПЕШГӮИИ ИҶТИМОӢ: УСУЛҲОИ ТАТБИҚ ВА АМАЛИСОЗӢ 225
§22. ПЕШГӮИИ ИҶТИМОӢ ВА УСУЛҲОИ ТАТБИҚИ ОН 236
§ 23. БАНАҚШАГИРӢ ВА ЛОИҲАСОЗИИ ИҶТИМОӢ 240
§ 24. ТЕХНОЛОГИЯ ВА ТАРЗИ БАРНОМАСОЗИИ ИҶТИМОӢ..... 250
§ 25. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ АМАЛИИ ИДОРАКУНӢ ВА ИҶТИМОӢ 258
БОБИ IV. ИРТИБОТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИДОРАКУНӢ 266
§ 26. МАДАНИЯТИ ИРТИБОТӢ ДАР ИДОРАКУНӢ..... 266
§ 27. УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ ИТТИЛООТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИДОРАКУНӢ 2741
§ 28. ИШТИРОК ВА ШАРИКӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ 279
§ 29. НЕРӮИ (ПОТЕНСИАЛИ) ЭҶОДИИ МЕҲНАТӢ-ИСТЕҲСОЛИИ ИНСОН ЗИМНИ ИДОРАКУНӢ 292
§ 30. ИМКОНИЯТҲО ВА ЗАХИРАҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ ИДОРАКУНӢ 303
§ 31. СИМОИ ТАШКИЛОТ: УСУЛҲОИ ТАШАККУЛДИҲӢ ВА РУШД 315
§ 32. ТАВАККАЛ, ТАРЗУ УСУЛҲОИ ТАНЗИМ ВА БАРТАРАФСОЗИИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТ..... 321
§ 33. БУҲРОН ДАР ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНӢ: УСУЛҲОИ ПЕШГИРӢ ВА МУҚОВИМАТ БА ОН 327
§ 34. ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАШВАРАТИИ ИДОРАКУНӢ 337

ПЕШГУФТОР

Барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба инкишоф таҳким, такмил ва рушди муносибатҳои идоракунӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид ва муносиб дар самти татбиқи принсипҳои либералии (демократии) идоракунӣ, зимнан истифодаи пурмаҳсули захираҳои инсонӣ, нерӯи зеҳнии ҷомеа ва рушди имкониятҳои иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавии мамлакат ногузир ва хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ буда, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ вазъ додааст. Яъне, ташкил ва пешбурди муносибатҳои идоракуниро наметавон бидуни ташаккули заминаҳои назариявӣ, илмӣ, методологӣ, маънавӣ, таълимии психологӣ ва методии амалии идоракунии иҷтимоӣ дар ҷараён гузошт.

Илова бар ин, рушди сармояи инсонӣ дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун ҳадафи афзалиятнок муқаррар гардидааст ва таҳкими идоракунии иҷтимоиро дар ҳама сатҳҳо ва муносибатҳои идоракунӣ тақозо менамояд. Аз ин рӯ, андешидани тадбирҳо баҳри омодасозии мутахассисон дар самти таҳкими муттаҳидӣ ва қобилияти устувори иҷтимоӣ, зимнан тақвият бахшидани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус бахши тиҷоратӣ дар идоракунӣ аҳамияти мубрам дорад.

Зимнан, дар ҳолати имрӯза, ин масъала — татбиқи пурмаҳсули идоракунии иҷтимоӣ бо роҳи омӯзонидани субъектҳо бо малакаҳои алоқаманди идоракунӣ дар кишвар дар сатҳи паст қарор дорад. Падидаи мазкур, танҳо бо дарназардошти талаботи стандарти таълимӣ дар гурӯҳи муайяни муассисаҳои таълимии олии касбӣ, он ҳам аз рӯи адабиёти хориҷӣ, ҳамчун фанни мустақил бо номи «Сотсиологияи идоракунӣ» ба донишҷӯён омӯзонида шуда истодааст. Илова бар ин, дар самти идоракунии

иҷтимоӣ корҳои тадқиқотӣ, илмӣ, озмоишӣ, таҷрибавӣ ва методию амалии мақсаднок, низ, гузаронида нашудаанд, ба ҷуз чанде аз шумори ками корҳои тадқиқотии хусусиятноки соҳаҳо ва ё фанҳои робитавӣ, ба монанди ҳуқуқ, фалсафа, иқтисод ва молия, ки бори дигар моро ба андешидани тадбирҳои дахлдор водор мекунад.

Аз ин лиҳоз, ба сифати яке аз тадбирҳои нахустин, бо фарогирии ҷанбаҳои васеи идоракунии иҷтимоӣ, китоб ё маводи таълимӣ — сотсиологияи идоракунӣ — бо назардошти шароити Тоҷикистони муосир ва рукнҳои асосии амалии идоракунӣ омода гардида, барои истифодаи васеъ пешниҳод карда мешавад.

Китоби мазкур барои таълим ба донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии касбӣ аз рӯи фанни «Сотсиологияи идоракунӣ» муқаррар шудааст, ҳамчунин барои истифода ба олимон, омӯзгорон, маъмурон (роҳбарони ташкилоту муассисаҳо), хизматчиёни давлатӣ, муҳаққиқон ва унвонҷӯён, ки дар соҳаи идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии иҷтимоӣ ва менеҷмент машғул ҳастанд ва ё фаъолият доранд, тавсия мегардад.

БОБИ I. ЗАРУРАТ, МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ФАННИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ

§1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ

1.1 Ташаккулёбии сотсиологияи идоракунӣ ҳамчун илм

Сотсиологияи идоракунӣ ҳамчун мавзӯи таҳқиқу омӯзиш нав буда, дар асоси илмҳои идоракунӣ ва ҷамъиятшиносӣ (сотсиология) дар самти танзим ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо шудааст.

Илми идоракунӣ дар навбати худ, дар шароити пайдо шудани зарурат барои омӯзиши муносибатҳо ва ҷараёнҳои гуногуни фаррох, худфаъол, бисёрҷабҳа, байнисоҳавӣ ва ҷамъиятии идоракунӣ ба амал омадааст.

Идоракунӣ умри куҳан дошта, аз рӯзи ҳастии инсоният ҳамчун василаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, идора ва ҳамоҳангсози одамон оид ба амалигардонии фаъолияти муайян дар шакли давлат ва ё давлатдорӣ арзи вуҷуд дорад. Ҳанӯз дар даврaҳои қадим одамон ба қабилаҳо ҷудо гардида, якеро аз байни худ, албатта бо назардошти бартариятҳои муайян ҳамчун сарвар интихоб менамуданд ва барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзгор ва рӯзмараи хеш зимни қабул ва татбиқи қарорҳо ба ӯ итоат мекарданд; ки ин шакли идории ҷамъиятиро монанд месозад.

Шаклҳои гуногун ва нисбатан устувори идоркунӣ асосан аз фаъолияти қадими давлатдорӣ дар Осиёи миёна пайдо гардидааст, аз ҷумла давлатҳои қадимтарини Аншон, Кумош ва Эллам (аз асри VIII ҳазораи V то асри VII пеш аз милод), инчунин давлатҳои Кассатиҳо, империяи аввалини форс Ҳахоманиш, Порт, Сосониён, Сомониён ва ғайра.

Барои мисол **давлати Ҳахоманишиён (558-331 пеш аз милод) бо системаи Сатрап амал мекард, ки онро ба сохти Иттиҳоди давлатҳои Аврупо ва ё Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шабоҳат додан мумкин аст. Давлати Ҳахоманишиён аз 33 Сатрап (ҷумҳурӣ ва ё вилоятҳои бузург) ба монанди Бохтар, Суғд, Хоразм, Миср ва ғайра иборат буд, яъне ҳар як Сатрап**

як кишвари алоҳидаро ташкил медод. Системаи Сатрап, ба подшоҳи марказӣ – Шоҳаншоҳи Ҳахоманишҳо вобастагӣ дошт, аммо ҳар як Сатрап, чун мамлакати комил буд, шоҳи худро низ дошт ва ба содироту воридот, ташкили буҷет ва манфиатҳои одамон масъулияти шахсӣ доштанд ва мустақилона амал мекарданд. Сатрапҳо артиш надоштанд, мувофиқан харҷи зиёд намекарданд, аммо ҳар сол ба ҳокимияти марказӣ андоз месупориданд. Артиш ва ба ин васила ҳифзу таъмини амнияти ҷомеа бар уҳдаи ҳокимияти марказӣ буд. *Дар Форс ҳукмронӣ танҳо дар ягонагии умумии худ иттиҳоди халққо мебошад, ки ба халққои муттаҳид озодона арзи вуҷуд намуданро пешниҳод мекунад* – гуфта буд, Гегел (Умарзода И. Таърихи тамаддуни Ориён. 2006.).

Дар ин ҷо боиси зикр аст, ки **сиёсати идоракунии демократӣ ва ё либералии давлат, ба монанди мустақилият ва озодӣ маҳз дар фаъолияти давлати Ҳахоманиш васеъ инъикос меёбад**, яъне демократия барои мо бегона нест, гарчанде онро мо акнун (дар шакли муосир) мавриди омӯзиш қарор дода бошем ҳам.

Давраи идоракунӣ ва ё тартиби идораи умури давлатӣ дар давлати Ҳахоманиш таҳти роҳбарии Куруши Кабир то имрӯз (аз лиҳози татбиқи усулҳои идеологӣ ва ё идораи иҷтимоӣ) беҳамто боқӣ мемонад. Зеро дар шароити мавҷуд набудани автомобил, техникаи зудсурати робитавӣ (алоқаи мобилӣ), интернет, зеҳни сунъӣ ва ҳавопаймо ӯ тавонист аҳолии нисфи дунёро (он вақт 50 миллион нафар) бо паҳноии хеле бузург идора намояд. Мисол, яке аз усулҳои муваффақи идоракунии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ, ин ҷорӣ кардани шиносномаи ягона буд ва он сокинонро аз таҳдиду ғорату куштор эмин нигоҳ медошт.

Илми идоракунӣ тибқи ақидаи таҳқиқотчиёни Ғарб дар нимаи дуюми асри XVIII ба вуҷуд омадааст, аммо назариёти давлатдорӣ, мувофиқан, усулҳо ва василаҳои гуногуни идоракунӣ мувофиқи рисолаи «Сиёсатнома»-и мутафаккирони Шарқ Низомулмулки Тусӣ (1063-1092) хеле барвақт аз асри XI манша мегирад. Яъне, новобаста аз он ки дар ҷаҳони муосир дастовардҳои илмии соҳаи идоракунӣ бештар ба таҳқиқотчиёни Ғарб рабт дода мешавад, аммо заминаҳои назариявии он ҳанӯз 6 садда пеш (дар имрӯз низ)

аз ҷониби мутафаккири форсу тоҷик **Низомулмулки Тусӣ** бо фарогирии **услуб ва усулҳои гуногуни идоракунии давлатӣ дар чаҳорчӯбаи Шариат (таълимоти дини мубини Ислом)** таълиф гардидааст. Низомулмулк бо назардошти таҷрибаи идоракунии давлатҳои «Сомониён» ва «Ғазнавиён» мактабҳо, ки бо номи «Низомия» шинохта мешуданд, ташкил намуда, дар мубориза ба ҳамагуна зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ходимони давлатиро тарбият менамуд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки назарияҳои таҳлилу таҳқиқотии марбут ба идоракунӣ на асри XVIII, балки асрҳои X-XI ва на дар Ғарб, балки дар Шарқ ва бо саҳми муносиби мутафаккирони форсу тоҷик нуфуз пайдо намудааст. Аммо корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилию амалӣ дар самти мазкур дар воқеъ оғоз аз асрҳои XVIII-XIX ва асосан дар Ғарб равнақ ёфта, то ба имрӯз дар назарияҳо ва моделҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии иҷтимоӣ зимни коркард ва татбиқи васеъ қарор дода шудаанд.

Назариёти Низомулмулк вобаста ба идораи давлатӣ аз усулҳо ва василаҳои зерин иборат мебошад (Заходера Б. Н. Сиасетнаме. 1949):

1. Эҳтиром гузоштани ҳокимон ба фаровонӣ ва ризқу рӯзии фароҳамгардида (аз ҷониби Худованд);
2. Таъмини адолат ва ҳалли баҳсҳо дар байни одамон;
3. Назорати кору фаъолияти вазирон, раисон, қозиён ва дигар ходимони давлатӣ;
4. Таҳқиқот ва тафтишот аз рӯи боварӣ ва эътиқодмандии ҷомеа ба Шариат ва рукнҳои он;
5. Иҷро кардан ва эҳтиром гузоштан ба амру фармонҳои роҳбари олӣ;
6. Сафорати (сафарбаркунии) намояндагон ва ё ходимони давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои махсус ва муҳим;
7. Ба роҳ мондани фаъолияти Шӯрои (машварати) илмии давлатӣ;
8. Таъмини мудофиа ва тартибот вобаста ба истифодаи яроқу аслиҳа;
9. Ташкили асосҳо оид ба хизмати (ҳамчун сарбоз) туркманҳо, туркҳо ва ғуломон;

10. Ба роҳ мондани тартиби баргузории маҷлисҳо ва қабули наздикон;
11. Танбеҳи ходимони давлатӣ барои хатогиҳои ошкоршуда;
12. Қадрдонии хизматгорон ва ғуломон барои хизматҳои шоиста;
13. Фаъолияти иқтисодӣ ва молиявӣ дар идораи давлатӣ;
14. Назорати андозбандӣ ва ҳисоббаробаркунӣ.

Дар умум назариёт ва тавсияҳои Низомулмулк ба идораи давлат бар асоси адолат, футувват, инсондӯстӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон, ки аз таълимоти дини мубини Ислом бармеояд ва дар фаъолияти кули кишварҳои ҷаҳон имрӯз низ дар амал мебошанд, ба амал бароварда шудаанд.

Саҳми олимони Ғарб дар рушди илми идоракунӣ, ки онро ба фаҳмиши муосири идоракунӣ рабт додан мумкин аст, ду-се саддаи охир назаррас гардид, зеро сохти идоракунии давлатии кишварҳои Ғарб ба муваффақиятҳо ноил гардида, то имрӯз таҷрибаи онҳо ба дигар минтақаҳои ҷаҳон паҳн карда шуда истодааст. Дар ин раванд мавқеи фаъолро сохти либералӣ ва ё демократии идоракунии давлатӣ ишғол менамояд, ки маҳз ҳамин модел таваҷҷуҳи зиёди олимони рӯи оламро барои омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои марбут ба идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии ҷамъиятӣ ҷалб намуд.

Дар самти идоракунии ҷамъиятӣ саҳми зиёди олимон Ҷ. Локк, Б. Спиноз, Ж. Руссо ва дигарон назаррас мебошад. Дар корҳои тадқиқотии онҳо назарияи давлати ҳуқуқбунёд ва принсипҳои либерализм ва демократизм, ки ба идоракунии низомҳои иҷтимоии мураккаб асос меёбанд, оварда шудаанд.

Идоракунии иҷтимоиро ба принсипҳои илмии идоракунии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва истеҳсолии аз ҷониби Ф. Тейлор, А. Файол, М. Вебер, Э. Мэйо ва дигарон ташаккул ёфта асоснок кардан мумкин аст.

1.2 Назарияҳои муосири сотсиологияи идоракунӣ

Барои осон гардидани баррасиҳои оянда **10 назарияҳои нисбатан маъмули сотсиологияи идоракуниро,** ки бештар таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқону мутахассисонро ҷалб намудааст

ва дар ҷараёни фаъолияти идоракунии ҷамъиятию давлатӣ истифода мегарданд, ҷудо менамоем**:**

1. Тақсимоти баробари меҳнат ва таъмини самаранокии истифодаи қувваи корӣ (Ф. Тейлор);
2. Маъмурияти фаъолият (А. Файол);
3. Муносибатҳои инсонӣ (Э. Мэйо);
4. Талаботи инсонӣ (А. Маслоу);
5. Ҳавасмандгардонӣ ва омилҳои шавқангез ва ё сабабнок (бедорсозии завқу рағбат) (Ф. Хертсберг);
6. Тарзу усулҳои роҳбарӣ (Д. Макгрегор);
7. Ҳамгироии фардӣ дар ҷараёни идоракунӣ (П. Блау, Р. Мертон, Т. Парсон);
8. Кибернетика (технологияи иттилоотӣ) дар идоракунӣ (Н. Винер, О. Эшбӣ);
9. Низомҳои (системаҳои) иҷтимоӣ (Ч. Барренд, Г. Саймон);
10. Ташкилот (П. Блау, М. Фуко ва М. Вебер).

Тақсимоти баробари меҳнат ва таъмини самаранокии истифодаи қувваи корӣ (Ф. Тейлор)

Консепсияи муҳандиси америкоӣ Ф. Тейлор (1856-1915), ки ба танзими рафторҳои меҳнатии кормандон дар самти истеҳсолот равона гардида буд, сабаби пайдо шудани мафҳуми «Менеҷменти илмӣ» гардид. Назарияи ӯ асосан тақсимоти баробари меҳнат ва **истифодаи самараноки кормандро дар истеҳсолот** фаро гирифтааст. Дар ин ҷо муайян гардидани зарурат оид ба мувофиқаи манфиатҳо байни шахсони кироя (кормандон) ва кордиҳанда мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Яъне, барои самаранокии фаъолият кордиҳандаро зарур аст, ки манфиатҳои корхонаро бо корманд, аз ҷумла шахсони барои кор кироя шуда мувофиқа намояд ва албатта мақсади ин консепсия ба баланд бардоштани шахсияти корманд асос меёбад. Аммо татбиқи самараноки вазифаҳо бештар хусусияти иқтисодӣ дошта, он ба меъёрҳое асос меёбад, ки камхарҷии корхонаро тариқи истифодаи босамари қувваи корӣ инъикос менамояд. Меъёрҳои баҳогузории самаранокӣ ва ё сифати меҳнат фаъолияти кормандро бо принсипи: ба **қафомондаҳо** ҷарима додан; **пешравандагонро**

қадрдонӣ намудан; ва ба **мобайнӣ (иҷрокунандагони нақша)** таъмини маоши муқарраргардида - фаро мегирад.

Ин усул гарчанде нисбат ба шахсият каме сахтӣ орад ҳам, вале дар фаъолият на танҳо нисбат ба кордиҳанда, балки нисбат ба ҳамкорон ва поддоши муайяншуда адолатро таъмин менамояд. Ин консепсия шахсро маҷбур месозад, ки аз рӯи худ кор кунад ва дар фаъолияти меҳнатӣ пешрафт дошта бошад.

Дар шароити имрӯза низ, аз ҷумла барои кишварҳои рӯ ба инкишоф дар самти истифодаи самараноки қувваи корӣ на танҳо дар истеҳсолот, балки дар тамоми зинаҳои фаъолияти меҳнатӣ ҷорӣ кардани конспесияи мазкур ба манфиат мебошад.

Маъмурияти идоракунӣ (А. Файол)

Муҳандис ва соҳибкори франсавӣ Анри Файол (1841-1925) тавлидгари назарияи маъмурияти идоракунӣ мебошад. Ӯ тасдиқ мекард, ки идора кардан - маънои пеш бурдани корхонаро барои расидан ба мақсади муайян бо назардошти гирифтани (аз худ кардани) манфиати зиёд (маҳсули бисёр) аз захираҳои мавҷудаи дар ихтиёрбуда, дорад.

Олим бар он назаре буд, ки ҳар як ташкилот аз ду қисмат: моддӣ ва иҷтимоӣ иборат мебошад. Қисмати якум меҳнати истеҳсолии кормандро фаро гирифта, қисмати дуюм ба муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дар ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддӣ асос меёбад. Дар инҷо дар баробари фоиданокии ташкилот, ҳамчунин ба инобат гирифтани робитаҳои мустақими кормандон баррасӣ гардидааст, ки албатта аз усулҳои муносиби идоракунӣ маҳсуб мегардад.

Идоракунӣ, ба фикри олим, намудҳои гуногуни фаъолиятро, аз қабили техникӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, муҳофизатӣ, муҳосибӣ ва маъмурӣ фаро мегирад.

Яке аз дастовардҳои А. Файол дар самти идоракунии маъмурӣ ба таълиф гардидани принсипҳои зерини идоракунӣ асос меёбад:

1. **Тақсимоти меҳнат**. Мақсад тахассус додан мебошад, ки дар ниҳоят он ба зиёд гардидани таҷриба ва такмил ёфтани малакаи кории шахс / корманд оварда мерасонад. Ҳамзамон, ин усул ба самаранокии фаъолияти меҳнатии

ҳар як корманд дар алоҳидагӣ ва ташкилот дар умум мусоидат менамояд;

2. **Ҳокимият**. Ҳукмфармоӣ тавозуни иҷрои байни вазифаҳо ва уҳдадориҳоро таъмин менамояд.
3. **Тартибот**. Кормандон бояд ба роҳбар итоат кунанд, аммо идоракунанда низ бояд нақши муносиби сарвариро дошта бошад.
4. **Яккасардорӣ дар идоракунӣ**. Ҳар як корманд бояд як роҳбар дошта бошад.
5. **Равонасозии ягона**. Шахсоне, ки барои иҷрои як намуди фаъолият равона гардидаанд, бояд вазифаҳои монанд ва нақшаи ягона дошта бошанд.
6. **Тобеияти манфиатҳои фардӣ ба умум.** Роҳбарият бояд назорат кунад, ки мақсадҳои корхона аз манфиатҳои корманд(он) боло истад.
7. **Ҳавасмандӣ**. Маош (моҳона) сабабнокии муҳим дар баҳисобгирии имкониятҳо мебошад ва ин беҳтарин низом ва ё василаи идоракунӣ ба ҳисоб меравад.
8. **Марказонидан (ғайримарказонӣ).** Ин масъала сатҳи шароитҳои кории корхона ва сифати ҳайати шахсии онро муайян мекунад.
9. **Зинабандии скалярӣ**. Ин зинабандии ҳокимият аз боло ба поён мебошад. Иерархия (зинабандӣ) барои идоракунии самтнок ва ягона зарур аст. Аммо робитаи уфуқӣ (горизонталӣ) низ асос шуморида мешавад, зеро он дар идоракунӣ нақши худро соҳиб мебошад.
10. **Фармонбарорӣ.** Дар инҷо, ҳам фармонҳои моддӣ ва ҳам иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Фармонбарор вақти худро ба анҷом додани амалҳои моддии нодаркор сарф намекунад, аммо маҳз ҳамин амалҳо фаъолияти идоракуниро нигоҳ медоранд.
11. **Адолат.** Садоқат ва ростқавлии ҳайати шахсӣ бояд тавассути муносибати эҳтиромона ва адолатноки маъмурият (роҳбарият) нисбат ба тобеон таъмин карда шавад.
12. **Устувории низоми вазифадор ва ё масъулиятнок намудани ҳайати корӣ**. Корманд вазифаи худро беҳтар

иҷро мекунад, агар бехатарии ҷойи корӣ ва пешравӣ дар мансаб ва ё вазифа барои ӯ кафолат дода шавад.

13. **Ташаббускорӣ**. Ба тамоми кормандон имконият дода шавад, ки ташаббусҳои худро дар самти рушд ва устуворсозии корхона нишон диҳанд.
14. **Руҳбаландӣ дар тим (команда)**. Роҳбарият бояд дар муттаҳидсозии кормандон ва баланд бардоштани руҳияи онҳо масъул бошад.

Файол назар дорад, ки маҳорати воқеии шахс ба ҳамоҳангӣ ва дастгирӣ ниёз дорад. Бояд ки шавқу рағбати корманд дастгирӣ гардад, қобилияти ҳар як нафар мавриди истифода қарор дода шавад, ҳар як дастовард бидуни бухлу кановат қадр карда шуда, муносибати хуб ва муносиб ба роҳ монда шавад.

Гуфтан мумкин аст, ки маҳз дастоварди илмии А. Файол имкон дод, ки идоракунӣ ҳамчун фаъолияти мустақил ва махсуси одамон мақом пайдо кунад. Назари маъмурияти ташкилоту корхонаҳо ба идоракунӣ дигар шуд, аз ҷумла усулҳои иҷтимоӣ ва психологиро зимни истифода (омӯзиш) қарор доданд. Дар ниҳоят соҳаи нави илм – сотсиология ва психологияи идоракунӣ пайдо гардид, ки ин ду равияро (назарияи Файол) ба ҳам тавъам месозад.

Муносибатҳои инсонӣ (Э. Мэйо)

Самти муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ дар идоракунӣ ба назарияи Элтон Мэйо (1880-1948), ки дар натиҷаи «озмоишҳои хотторнӣ» коркард шудааст, рабт дода мешавад. Дар ин ҷо муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмии мутақобилаи одамон дар ташкилот мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Дар натиҷа ба муносибатҳои инсонӣ дар ҷараёни фаъолияти якҷоя дар истеҳсолоти меҳнатӣ бартарият дода мешавад. Ҷанбаҳои иқтисодии шахс ва рукнҳои иҷтимоӣ ҷойиваз мегарданд. Дар инҷо муҳим он аст, ки арзишмандии муқаррароти сарвар ва гурӯҳи иҷтимоии ғайрирасмӣ баробар ба қоидаҳои расмӣ арзёбӣ мегарданд. *Мс. фаъолияти иттифоқҳои касабаи кормандон, ки дар баробари қарорҳои маъмурият арзиш дорад*.

Ҳамчунин, тибқи консепсияи Мэйо ба омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ, ба монанди назорати ҳамоҳангшуда ва мушаххасгардида, риояи ҳатмии тартиби кор, сатҳи қадрдонии фардӣ, тахассуснокии маҳдуди вазифаҳо, усули идораи

авторитарӣ, интихоби дурусти кадрҳо ва василаҳои меҳнатӣ дар фаъолияти идоракунӣ бартарӣ дода мешавад. Аз ҷумла, назарияи Э. Мэйо муносибатҳои зерини инсониро дар фаъолияти идоракунӣ пешниҳод менамояд:

- бо ҳам пайваст намудани сохторҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳокимият;
- тахассуснокии маҳдуд;
- иштироки васеи кормандони қаторӣ дар идоракунӣ;
- ба роҳ мондани шаклҳои нави ташкили меҳнат, ки ҳавасмандӣ (сабабнокӣ) ва қаноатмандиро ба кор зиёд мекунад;
- баланд бардоштани нақши гурӯҳи хурд ва ҳамфикрии кормандон.

Дар умум тибқи назарияи Мэйо **манфиати иҷтимоии корманд бояд болотар аз манфиати иқтисодии кордиҳанда ва ё корхона истад** ва пайваста чораҳое бояд андешида шаванд, ки шахс зарурат ва мақоми худро дар ҷойи кор эҳсос кунад, руҳбаланд гардад ва пайваста баҳри пешрафт талош варзад.

Дар инҷо байни назарияҳои Мэйо ва Тейлор тафовут пайдо мегардад, ки яке манфиати кормандро, дигаре манфиати кордиҳандаро дар ҷойи аввал мегузорад.

Талаботи инсонӣ (А. Маслоу)

Яке аз аввалинҳо шуда, психолог Абраҳам Маслоу (1908-1970) зинабандии талаботи инсониро таҳқиқ мекунад. Ба ақидаи Маслоу инсонро на талаботи ӯ, балки дараҷаи қаноатманд набудани ӯ пеш мебарад. Бо ҳамин назар олим зинабандии зерини талаботи инсониро иборат аз панҷ сатҳ / гурӯҳи сабабнокии рафтор дар робита ба ҳукмфармоӣ ва ё таъсиррасонии талабот ба он ҳолати муайян таҳия месозад:

1. Талаботи табиӣ (физиологӣ) ва шаҳвонӣ – тавлиди (аз нав бавуҷудоварии) насл, нафаскашӣ, ҳаракати ҷисмонӣ, хӯрок, манзил ва ғайра;
2. Талабот ба ҳастӣ – бехатарии ҳастии худи шахс, боварӣ ба оянда, шароитҳои муътадили фаъолияти ҳаётӣ, муҳити муайяни доимӣ ва мунтазами одамон. Инчунин, дар соҳаи меҳнат – талабот ба шуғли кафолатнок, суғурта аз ҳолатҳои фавқуллода ва ғайра;

3. Талаботи иҷтимоӣ – робитаи иҷтимоӣ, муошират, монандии (баробарии) худ ба дигарон, иштирок дар фаъолияти якҷояи меҳнатӣ;
4. Талабот ба худшиносӣ – эҳтиром ва худқадрдонӣ, болоравии хизматӣ, мақом, эътибор, эътироф ва баҳогузории баланд;
5. Талаботи шахсият ва руҳӣ – худифодакунӣ ва худмуаррифӣ тавассути эҷодиёт.

Зинабандии талабот ҳамбастагии рафторҳоро ба якдигар ифода мекунад, яъне барои қонеъ гардонидани талаботи оянда, бояд ки талаботи аввалӣ (дараввалистода) қонеъ гардонида шавад, инро (зинабандиро) принсипи ҳукмфармоӣ низ мегӯянд.

Ду талаботи аввалро муҳаққиқ аввалиндараҷа (фитрӣ / модарзодӣ), сетои баъдиро дуюмдараҷа (ҳосилшуда / бадастоварда) меномад. Ҳамаи талабот даврӣ ва ё такрошаванда мебошанд. *Мисол, шахс дар рӯзҳои аввали фаъолияти меҳнатӣ ба маоши кам ва мақоми баробар ба аксарият қонеъ мебошад, вале бо мурури вақт ва зиёд гардидани таҷриба / собиқа талаботи ӯ ба маоши хуб, мақоми баланд, шароити хуби зиндагӣ ва ғайра меафзояд.*

Омилҳои сабабнок (шавқангезанда / ҳавасманд-гардонанда) (Ф. Хертсберг)

Назарияи Ф. Хертсберг идомаи ғояҳои А. Маслоу буда, ба ду омилҳои мустақили сабабнокии (ҳавасмандии) меҳнат асос меёбад. Омили якум, - шароити меҳнат ва муҳити иҷтимоиро дар гурӯҳ (коллектив) фаро гирифта, омили дуюм, - ба доираи гигиенӣ асоснок гардидааст.

Назарияи мазкур дар натиҷаи пурсиши гурӯҳи муҳандисон ва муҳосибон ба вуҷуд омада, омилҳои ҳаммонанди таъсиррасонро ба рафтори одамон ошкор кардааст.

Консепсияи мазкурро ҳамчунин ба омилҳои дарунӣ ва беруна тавзеҳ додан мумкин аст.

Омилҳои «сабабнок / шавқангезанда» ва ё дарунӣ мундариҷа ва муҳтавои фаъолияти меҳнатии шахсро вобаста ба таъсирҳои бевоситаи шахсӣ ва дохилигурӯҳӣ фаро мегиранд. Омилҳои мазкур ифодагари он мебошанд, ки маҳз одам муваффақиятро ба даст меорад, хизматҳоро қадрдонӣ мекунад, дар вазифа пеш (боло) меравад, барои шуғл манфиатдор аст, барои

пешравии касбӣ имкониятҳо фароҳам меорад ва дар фаъолият масъулият дорад. Таъсиррасонии мусбии ин омилҳо қаноатмандии шахсро ба кор / шуғлнокӣ афзун мегардонад ва шавқи ӯро барои боз ҳам фаъолияти хуб доштан зиёд мекунад. Аммо набудани ин омилҳо ба номуваффақӣ дар фаъолияти меҳнатӣ боис мегардад. Ҳамзамон, ин гурӯҳ **шавқмандӣ ва ё сабабнокии дохилӣ** номида мешавад, ки ҳолати қаноатмандии шахсро дар робита ба эҳсоси иҷрои хуби кор ифода мекунад - ин **худҳавасмандсозӣ** аст. Барои корманд чӣ қадрдонӣ аз натиҷаи кор ва чӣ аз худи ҷараёни кор, ҳарду муҳим мебошад.

Дар ин ҷо Хертсберг фарқияти байни қаноатмандӣ ва қонеъ набудани шахсро аз ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ошкор месозад.

Омилҳои «гигиенӣ» ва ё берунӣ ин шароитҳои меҳнатие мебошад, ки **шавқмандӣ ва ё сабабнокии беруниро** ташкил медиҳанд ва онҳо аз сиёсати корхона / ташкилот, назорати техникӣ, муносибат бо роҳбар, муносибатҳои мутақобила аз рӯи уфуқ, моҳона, бехатарии меҳнат, кафолати шуғлнокӣ, шароити корӣ, мақом, ҳаёти оилавӣ ва ғайра иборат мебошанд. Ё инки **омилҳои берунӣ ин ҳавасмандии маънавии шахс новобаста аз табиат ва муҳтавои меҳнат – ҳавасмандгардонӣ аз берун** мебошад.

Агар ин омилҳо ба шахс таъсири манфӣ дошта бошад, пас сатҳи қаноатмандии ӯ ба кор паст мегардад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи назари Хертсберг муносибат ба кор аз ду паҳлӯ бояд баррасӣ карда шавад. Мебояд муайян кард, ки корманд ба чӣ майл дорад ва чӣ ӯро хушҳол ва ё хушбахт мегардонад. Ҳамзамон, масъалаи дигар, ки аз якум бармеояд, - корманд аз чӣ дасткашӣ дорад, ки ӯро нохуш мегардонад. Мувофиқан василаҳои қонеъ гардонидани ин ду паҳлӯи / гурӯҳи алоҳида ва баробари ба талаботи корманд вобастабуда бояд гуногун бошанд.

Тарзу усулҳои роҳбарӣ (Д. Макгрегор)

Назарияи Макгрегор аз ду қисмат авторитарӣ ва демократӣ иборат буда, вобаста ба сабабнокии / шавқангезии меҳнат дар идоракунӣ саҳми муносиб дорад. Ин ду қисматро муҳаққиқ шартан ба назарияи «Х» ва «У» ишора мекунад, ки дар ин ҷо

назарияи «Х» – тарзи авторитарии роҳбариро бо назардошти **назорати қатъӣ, маҷбур кардан ба меҳнат, муҷозот ва такя ба қадрдонии моддӣ** ифода мекунад. **Назарияи «У»** бошад, тарзи демократии роҳбарӣ буда, истифодаи васеи қобилияти зертобеон, назорати фасеҳ, набудани маҷбурсозӣ, худназоратӣ, талош варзидан ба масъулиятнокӣ, ҳавасмандсозии маънавӣ, манфиатнокӣ дар меҳнат ва иштирок дар идоракуниро фаро мегирад.

Инчунин, назарияи мазкурро ба усулҳои идоракунии давраҳои пешин (классикӣ) ва муосир тавзеҳ додан мумкин аст. Дар давраҳои то асрҳои IXX-XX дар тамоми ҷаҳон асосан тарзи идоракунии «Х» истифода мегардид, яъне идоракунӣ бо усулҳои авторитарӣ – яккаҳокимиятӣ, маҷбуркунӣ, назорати қатъӣ ва ғайра ба роҳ монда мешуд, зеро барои аксари соҳибмулкон ва ё идоракунандагон тарзи иштирок ва ҳамфикрӣ дар идоракунӣ бегона буд. Дар ин ҷо сабабҳо зиёданд, аммо нуқтаи асосиро метавон ба паст будани сатҳи маълумотнокӣ ва дониши ҷомеа оид ба тарзу усулҳои идоракунӣ рабт дод. Имрӯзҳо бошад, асосан тарзи идоракунии «У» ҳукмфармо мебошад ва сиёсати байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бештар демократикунонии муносибатҳоро дар идоракунӣ тақозо менамоянд, зерои ин принсип дар шароити имрӯза устуворӣ ва муваффақпазирии худро собит сохтааст.

Назарияи «Х»-ро бештар ба хислати идоракунии бевоситаи роҳбар вобаста кардан мумкин аст, чун роҳбар одатан машғули ғояҳои супоришӣ ва фармоишӣ буда, талаботи бевоситаи шахсияти корманд / зертоберо ба инобат намегирад, ки албатта ин хусусият ба номуккамалии фаъолият ва камфаъолӣ ва ё танназули иқтидори зеҳнии кадрӣ боис мегардад.

Дар акси ҳол бошад, - истифодаи назарияи «У» муваффақнокӣ дар фаъолият оварда мешавад, зимнан талаботи беш аз корманд, фаъолнокии зеҳнӣ, ташаббуснокӣ ва масъулиятнокии ӯ тақозо карда мешавад.

Ҳамгироии фардӣ дар ҷараёни идоракунӣ (П. Блау, Р. Мертон, Т. Парсон)

Саҳми П. Блау, Р. Мертон ва Т. Парсон дар омӯзиши идоракунӣ ба ҳамгироии фардӣ дар ҷараёни идоракунӣ асос

меёбад. Маҷмӯи корҳои тадқиқотии ин муҳаққиқон ҳамчун асоси усули системавии таҳлили механизмҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-психологии таъминоти устувори низомҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳо ва ҳамгироии шахсон дар ҷараёни идоракунӣ баромад менамояд. Зери таваҷҷуҳи тадқиқотчиён ҷанбаҳои институтсионалии амалҳои иҷтимоӣ дар доираи фаъолияти низомҳои иҷтимоӣ қарор гирифт. Дар умум ин ҷанбаҳо бавуҷудории талаботи дилхоҳро дар фаъолияти иҷтимоӣ, ба монанди рушди сохторҳои зарурии ташкилӣ бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маънавии танзимкунандаи рафтор ва мутобиқати иҷтимоии шахсият инъикос менамоянд. Ин усули омӯзиш боис гардид, ки дар сотсиологияи идоракунӣ қишрҳои тадқиқот, ба монанди «меъёри иҷтимоӣ», «муҷозоти иҷтимоӣ», «назорати иҷтимоӣ» ва ғайра зимни амал қарор дода шаванд.

Кибернетика (технологияи иттилоотӣ) дар идоракунӣ (Н. Винер, О. Эшбӣ)

Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала мебояд иттилоъ дод, ки **кибернетика - ин илм дар бораи омӯзиши қонунияти умумии низомҳои мураккаби идоракунӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар ҷараёнҳои идоракунӣ мебошад**. Ҳамзамон, бинобар он ки асоси қабули ҳар як қарорро иттилоот ташкил медиҳад, кибернетикаро ҳамчун илм дар бораи қонунҳои умумии дастрасӣ, нигаҳдорӣ, таҳвил додан (пешниҳод кардан) ва дигаргун сохтани маълумот ба / дар низомҳои мураккаби идоракунӣ баррасӣ мекунанд.

Кибернетика имкониятҳо ва усулҳои илмии технологӣ ва принсипиалии ҳалли вазифаҳои идоракуниро дар ҳамаи низомҳои худидоракунӣ, аз ҷумла иҷтимоӣ васеъ мегардонад. Ин илм зарурат ва аҳамиятнокии иттилоотро ҳамчун василаи муҳими идоракунӣ нишон дода, онро қисми ҷудонопазир дар ҷараёнҳои идоракунӣ баррасӣ менамояд.

Кибернетика масъалагузориро, на чун: «ин ва ё он масъала ё объект барои чӣ бояд идора карда шавад», балки ҳамчун «ин ва ё он масъала ё объект чӣ тавр бояд идора карда шавад» ба роҳ мемонад. Яъне, он тарзу усулҳои идоракуниро ба таври васеъ ва аз ҳама муҳим, мувофиқ ба талабот ва шароити ҷомеаи муосир меомӯзонад.

Низомҳои (системаҳои) иҷтимоӣ (Ч. Барранд, Г. Саймон);

Чӣ тавре аз таҳлили боло маълум мегардад, идоракунӣ ба ду давра: классикӣ ва муосир ҷудо мешавад. Назарияи классикӣ бештар ба манфиати ташкилот / корфармо масъалагузорӣ мекунад, аммо назарияи муосир, ки онро либералӣ ва ё демократӣ низ метавон ном бурд, бештар манфиати шахс / кормандро боло мегузорад, ки дар навбати худ, ин муносибат низоми иҷтимоӣ ва ё гуманистии (башардӯстии) идоракунӣ ном гирифта мешавад.

Дар рушди назарияи муносибатҳои инсонии сотсиологияи ташкилотҳо ва ё «даъвати гуманистӣ» Э. Мэйо, Д. Макгрегор ва А. Маслоу саҳми муносиб гузоштаанд.

Олимон дар натиҷаи озмоишҳо исбот карданд, ки ба маҳсулнокии меҳнат аз омилҳои иқтисодӣ-техникӣ дида, омилҳои иҷтимоӣ-писхологӣ таъсирноктар аст. Ин назарияро инчунин мумкин аст, ки ба ду муқаррароти дар боло овардашуда рабт дод: якум ба шакли классикии идоракунӣ ва дувум ба шакли муосири идоракунӣ. Яъне, классикон ба он назар буданд, ки самаранокии идоракунӣ зимни сохтори расмии идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати мушаххас, назорати қатӣ, яккасардорӣ ва ғайра таъмин мегардад. Аммо рақибони онҳо – олимони муосир бар он назаранд, ки самаранокии идоракунӣ дар ҳолати ғайрирасмикунонии сохтор, бахусус бо гурӯҳҳои хурд, муносибати мутақобилаи одамон, назорати умумӣ, худназоратӣ, қадрдонӣ ё ҳавасмандгардонии гурӯҳ (коллектив) ва ғайра таъмин карда мешавад.

Ташкилот (П. Блау, М. Фуко ва М. Вебер).

Дар роҳи таҳқиқи сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ Питер Блау зарур донист, ки назарияи мубодиларо ба шакли муносибатҳои иҷтимоӣ мутобиқ намояд. Тибқи назарияи олим байни ҷамъиятҳои бузург ва гурӯҳҳои хурд фарқият вуҷуд дорад.

Сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ дар гурӯҳҳои хурд бевосита дар шакли муносибати мутақобила ба роҳ монда мешавад, дар ҳоле ки дар ташкилотҳои бузург чунин шакли муносибат имконнопазир мебошад, мувофиқан зарур аст, ки механизми муносиб ба роҳ монда шавад.

Дар ин самт Блау муайян намуд, ки дар сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ ба сифати механизми пайвасткунада меъёрҳо ва арзишҳои мавҷудаи ҷомеа метавонад истифода гардад. Ин робитаро албатта созиши байни тарафҳо-созишномаи марбут ба арзишҳо ташкил медиҳад.

Ин созишнома, ки дар натиҷаи мувофиқати меъёрҳо ва арзишҳои умумиқабулшуда пайдо гардидааст, метавонад ба сифати ҳакам / байнрав дар ҳаёти иҷтимоӣ ва ё ҳалқаҳои пайвасткунандаи амалҳои мутақобилаи иҷтимоӣ баромад намояд. Бо ин роҳ мубодилаи иҷтимоӣ бо усули «бавосита» имконпазир мегардад, ки он ҷараёнҳои ҳамгироии иҷтимоиро дар сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ, инчунин рушди ташкилотҳои иҷтимоиро дар худ метавонад идора кунад.

Дар ин ҷо, муҳаққиқ муносибатҳои мутақобиларо дар сохторҳои мураккаби иҷтимоӣ ба воситаи амалӣ сохтан, эҳтиром гузоштан, эътироф ва истифода намудани меъёрҳо ва арзишҳои инсонӣ ҳамчун механизми рушди ташкилот, нигоҳ доштан ва эътидолнокии гурӯҳҳо баррасӣ менамояд.

Назарияи М. Фуко оид ба ташкилот

Мутобиқи назари муҳаққиқ интизом наметавонад ҳамаи ҷомеаро якранг фаро гирад, яъне узви ҷомеа гуногунмиҷоз мебошанд, мувофиқан ҷанбаҳои интизомиро гуногун қабул мекунанд. Интизом иҷборан дар ҷомеа ворид гардида, ба қисми муайяни ҷамъият таъсир мерасонад, аммо на ҳамаи он.

Дар кори Фуко, инчунин масъалаҳои гуманизм (башардӯстӣ) ба назар мерасад. Таҳқиқотчӣ бар он назар аст, ки гузаштан аз низоми шиканҷа ва азобу уқубат ба низоми ҳабскунии одамон гувоҳи (шаҳодати) гузаштан аз муҷозоти бадан ба руҳ ва озодӣ мебошад. Ин навъи омӯзиш онро инъикос менамояд, ки одамон ҳамчун объекти таҳқиқу омӯзиш муайян карда шуданд, гарчанде то ин замон манфиат ва шаъну шарафи инсон дар ҷойи дувум пас аз дастгоҳи истеҳсолӣ-идоракунӣ меистод.

Дигар қисмати омӯзиши Фуко дар самти интизом ва муҷозот ҳукмфармоиро бо усули паноптикум (дар ҳолати мазкур: назорати ҳамаи маҳбусон дар як вақт) фаро мегирад. Ин усул ва ё сохтор имкон медиҳад, ки хизматчиён тамоми ҷанбаҳои ҳаётии маҳбусонро мушоҳида намоянд. Дар асл иштироки доимии

назоратчиён талаб карда намешавад, зеро сохтори мазкур худ ҳамаи маҳбусонро аз амалҳои номатлуб нигоҳ медорад. Паноктикум метавонад дар шакли дидбонгоҳ дар маркази маҳбасхона ташкил шуда бошад, ки аз як нуқта назоратчӣ метавонад тамоми ҳуҷраҳоро назорат кунад ва мувофиқан маҳбусон медонанд, ки таҳти назорати доимӣ қарор доранд, аз рафтору кирдори номатлуб худдорӣ менамоянд (расми 1). Ҳамзамон, ин усулро метавон дар замони муосир, ки технологияи иттилоотӣ ҳукмфармоӣ дорад, ба ҷорӣ кардани камераҳои мушоҳидавӣ рабт дод. Бо ин тартиб дар байни маҳбусон низоми худидоракунӣ ҷорӣ мегардад, то ин ки рафтору кирдори ношоями онҳо аз ҷониби назоратчӣ мушоҳида нагардад, мувофиқан танбеҳ нагиранд.

Ҷадвали 1



Назарияи М. Вебер оид ба бюрократия

Бюрократия аз забони франсавӣ (bureau-дафтардорӣ) ва юнонӣ (кратос – ҳокимият) гирифта шуда, низоми идоракуниро бар асоси зинабандии амудӣ (иерархияи вертикалӣ) ва иҷрои

босамари вазифаҳои гузошташуда ифода мекунад. Дар амал бюрократия, «низоми идоракунии аз ҳад зиёд расмикунонидашуда» дониста мешавад, ки албатта ин хусусияти манфӣ дорад.

Вебер бошад, бюрократияро ҳам за назари манфӣ ва ҳам аз назари мусбӣ – ҳамчун механизми бомулоҳиза (такмилёфта) ва шакли босамари фаъолият баррасӣ менамояд. Хусусияти манфии бюрократия аз расмиёти гуногуни дастурдиҳӣ, фармондиҳӣ, вазифагузорӣ ва ғайра, ки дар ниҳоят он самти худро тағйир дода, ба мақсади асосии ҳокимият табдил меёбад, иборат мебошад. Тибқи назари олим дастоварди асосии бюрократия ин **самранокии баланд ва ё маҳсулнокии фаъолияти хоҷагидорию иқтисодӣ** мебошад, камбудии асосӣ бошад, ин **рад кардани (ба эътибор нагирифтани) хусусияти ҳолатҳои низоангез ва набудани фасеҳӣ (гиро будани ақл, дастрасӣ) дар ҳолати зарурӣ** мебошад.

Мувофиқи ин ақида бюрократияи олӣ (идеалӣ) асосҳои муҳими зеринро фаро мегирад:

- фаъолияти идоракунӣ доимо амалӣ гардонида мешавад;
- дар дастгоҳи идоракунӣ доираи ҳукмфармоӣ ва салоҳияти ҳар як зина ва фард муқаррар карда мешавад;
- принсипи асосии назоратро аз рӯи воҳидҳои гуногуни дастгоҳи идоракунӣ усули зинабандӣ (иерархӣ) ташаккул медиҳад;
- ҳукмфармо (роҳбар / фард) аз хусусикунонии (вобастакунии) василаҳои идоракунӣ, вазифаи (мансаби) зиёд, ки масъулияти маъмуриро бар душ дорад, дур мегардад;
- фаъолияти идоракунӣ ба касби махсус табдил меёбад;
- низоми омодасозии ҳукмфармоён / роҳбарон амал мекунад;
- дар идоракунӣ принсипи бешахсиятӣ ҳукмфармо мегардад.

1.3 Намудҳои ташкилотҳо

Дар шароити рушди ҷомеаи муосир ташкилёбии намудҳои гуногуни ташкилотҳо ҷараён дорад. Бо мурури замон тартиби

таъсиси ташкилотҳо низ дигар шуда истодаанд. Ташкилотҳо ба мисли пешин дар асоси сохтор ва маҷмӯи вазифаҳо ташкил намеёбанд, баракс ҳамчун асос атрофи якчанд ҷараёнҳо ва мақсадҳои махсус таъсис меёбанд. Агар ташкилоти навъи анъанавӣ дар шакли зинабандӣ - **аз боло ба поён** фаъолиятро ба роҳ мемонд, пас ташкилоти муосир сохтори **шабакавиро** пеша кардааст. Дар ин ҳолат вазифаҳо ё сарбории идорӣ аз ҳисоби тақсими онҳо байни шабакаҳо ва ё намояндагиҳо кам гардида, имкониятҳо васеъ, даромадҳо зиёд ва самаранокии вақт таъмин карда мешаванд. Ба қатори чунин ташкилотҳо намудҳои зерин хос мебошанд:

- ☑ Шабакавӣ – маҷмӯи воҳидҳои мустақили як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад. Дар ин шакл усулҳои ҳукмфармоӣ пурра амал намекунад. Инчунин ин навъи ташкилот ба се намуд: шабакаи муътадил, шабакаи дохилӣ ва шабакаи динамикӣ ё афзоишёбанда ҷудо мешавад;
- ☑ Бисёрченакдор – намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи се навъи гуногуни меҳнат / воҳид: функсионалӣ ва ё дохилиидоравӣ (хизмати онҳо барои истифода дар дохили идора ё корхона равона мегардад - бахши кадрҳо, муҳосибот, хоҷагӣ, таъминот ва ғ.), маҳсулнокӣ (хизмат ва ё маҳсули хизмати онҳо дар беруни идора ё корхона истифода мегардад – анбор, нуқтаи тақсимотӣ ва ғ.), бозорӣ (маҳсули хизмати онҳо аз рӯи таснифоти муштариён интиқол / таъмин мегардад – намояндагиҳо ва ё воҳидҳои махсус дар дигар минтақаҳо, ки ба таъминот машғул мебошанд) фаъолият мекунад;
- ☑ Даврӣ – навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар асос ва ё бо назардошти иштироки зертобеон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад;
- ☑ Виртуалӣ – ҷамъияти шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд;

☑ Соҳибкорӣ – ташкилоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад;
☑ Омӯзишӣ – навъи ташкилотест, ки вобаста ба фармоиши ташкилотҳои дахлдор ба омӯзонидан ва омода сохтани кадрҳо машғул мебошад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1. Идоракунӣ чист?
2. Шакли идоракунии давлати Ҳахоманишиён чӣ гуна буд?
3. Сиёсати идоракунии демократӣ ва ё либералӣ, ки дар низоми идоракунӣ мустақилият ва озодиро пеш гузошта буд, хоси кадом давлати қадимаи тоҷикон буд?
4. Асоси усулҳои идоракунии давлатиро тибқи рисолаи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк кадом таълимот ташкил медиҳад?
5. Саҳми кадом олимон дар рушди идоракунии иҷтимоӣ тибқи принсипҳои илмии идоракунии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ назаррас мебошад?
6. Назарияи «Тақсимоти баробари меҳнат ва таъмини самаранокии истифодаи қувваи корӣ» хоси кадом муҳаққиқ(он) мебошад?
7. Назарияи «Маъмурияти фаъолият» хоси кадом муҳаққиқ(он) мебошад?
8. Назарияи «Муносибатҳои инсонӣ» хоси кадом муҳаққиқ(он) мебошад?
9. Назарияи «Низомҳои (системаҳои) иҷтимоӣ» хоси кадом муҳаққиқ(он) мебошад?
10. Назарияи «Кибернетика (технологияи иттилоотӣ) дар идоракунӣ» хоси кадом муҳаққиқ(он) мебошад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия. / Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. В. И. Социология управления: Учебное пособие. Стандарт третьего поколения. – СПб.: Питер, 2013. – 368 с.
3. Заходера Б. Н. Сиасет-наме. / Книга о правлении вазира XI столетия Низам Аль-Мулька. // Перевод, в введение в изучение памятника и примечания проф. Б.Н. Заходера. Издательство Академии наук СССР. Москва-Ленинград: 1949. – 192 с.
4. Кибернетика. / Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
5. Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник. – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
6. Умарзода И. Таърихи тамаддуни Ориён. – Душанбе: 2006. – 558 с.
7. What are the 14 principles of management? Description. [Маводи электронӣ] / Тарзи дастрасӣ: http://www.12manage.com/methods_fayol_14_principles_of_management.html

§ 2. ТАШАККУЛЁБИИ РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

2.1 Назарияи идоракунӣ

Идоракунӣ ба маҳорат ва санъати давлатдорӣ робитаи зич дорад. Нахуст давлати тоҷикон дар давраи ҳукмронии Сомониён ташкил ёфта буд, ки аз ҳастӣ ва меросдорони худ бо санъати волои идорӣ, ташаккули адабиёт ва илму ирфон, тамаддунофарӣ ва таъриху фарҳанги ҷовидон ба ҷаҳониён нишонаи возеҳ гузошт.

Давлати тоҷикон баъд аз ҳазору сад соли парешониҳо, ноумедиҳо, зулму ситамгориҳо боз дубора тавлид ёфт. То ин замон, халқу миллати тоҷик зери таҳдид, азобу шиканҷа ва тобеияти халқиятҳо ва давлатҳои гуногуни бегона қарор дошт, мувофиқан аз эҷод ва амалисозии мустақилонаи илму ирфон ва санъати идоракунӣ маҳрум буд.

Акнун, баъди саддаҳо чархи гардун ба сӯи миллати тоҷик боз гашт, **аз соли 1991 инҷониб Тоҷикистон** бо роҳбарии фарзанди абармард, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардид ва машғули **идораи мустақили давлатӣ**, эҳёи фарҳанг, санъат ва таъриху тамаддуни миллӣ мебошад.

2.2 Тадқиқотҳои олимони тоҷик дар самти идоракунӣ

Мутаассифона, новобаста аз пешрафт ва дастовардҳои сиёсию ҳуқуқӣ **назарияҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон қариб ки ба назар намерасанд**, ба ҷуз кори баъзе аз олимони тоҷик, ки онҳо низ ин самти илму фанро на дар алоҳидагӣ ё самтнок, балки дар ҳошия ва тақвияти дигар фанҳо ва равияҳои илмӣ омӯхтаанд (Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. 2007). Аз ҷумла:

- Алиев З. М. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003);
- Бобоев Қ. Назарияи сиёсии Низомулмулк (1999);
- Ғаниев Т. Б. Менеҷмент (2004);

- Достиев А. С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: история разработки, принятия и основные положения (2001);
- Зокиров Г. Истиқлолияти сиёсӣ (2001);
- Маликова А. Х. Организационно-правовые аспекты функции государства по социальной защите престарелых ин инвалидов в Республике Таджикистан (2005);
- Ойев Х. Ҳокимияти иҷроия: тамоили инкишоф ва вазифаҳо (2002);
- Раззоқов Б. Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа (1997);
- Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳсолаи истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ (2001);
- Расулов Қ. Саҳми давлати Сомониён дар пешрафти афкори сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ (1999);
- Сафаров И. Д. Эволюция представлений о государстве (2005);
- Ҳакимов А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ (2005).

Боиси зикр аст, ки олимони тоҷик дар ташаккули илми идоракунӣ ва сотсиологияи идоракунӣ чанде кӯшишҳо ба харҷ додаанд.

Яке аз олимон Раззоқов Б. Ҳ. ҷанбаҳои ҳуқуқии идоракуниро бисёр васеъ баррасӣ намуда, тавсияҳои зиёде баҳри рушди ин мавзуъ манзур гардонидааст. Тибқи назари ӯ дар фаъолияти меҳнатӣ на танҳо истеҳсолот, чӣ тавре дар сохти анъанавии идоракунӣ бартарӣ дода мешавад, балки хизматрасонӣ, истеъмолот ва гардиши мол, ҳуқуқ, ахлоқ, маданият ва ғайра таъсири баробар доранд ва ба ташаккулёбии шахси комил мусоидат менамоянд. Яке аз назариёти дигари олим дар он аст, ки саҳми технологияи иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ хеле ногузир мебошад, зеро истифодаи он шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатиро беҳтар намуда, ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо мусоидат карда, расмиёти маъмуриро соддаву дастрас мегардонад.

Ба ин назар олими дигар Мавлоназаров С. С. низ моил аст, ӯ иброз медорад, ки давлати муосир низоми мураккаби ташкилиро соҳиб мебошад ва устувории он танҳо дар сурати ташкили низоми босифати идоракунӣ метавонад таъмин карда шавад.

Дар ин росто консепсияи «ҳукумати электронӣ» метавонад ҳамчун василаи муҳим дар бунёди ҷомеаи иттилоотии шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намояд.

Шосаидов С. Ҳ. нақши низоъро дар идоракунӣ мавриди омӯзиш қарор дода, бар он назар аст, ки он – низоъ дар як вақт метавонад функсионалӣ буда, барои иҷрои самараноки нақшаҳо ва стратегияҳои корхона мусоидат намояд ва дар дигар вақт дисфункционалӣ – ба паст гардидани қаноатмандии шахсӣ, коҳиш ёфтани ҳамкориҳо дар гурӯҳ ва маҳсулнокии корхона оварда расонад.

Масъалаҳои марбут ба дастгирии иҷтимоии кадрҳо дар идоракунии давлатӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши мутахассисони соҳавӣ ва олимону муҳаққиқон пайваста қарор дорад. Бар ин назар ва такя ба паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коршиноси соҳа Саидов А. таъсиси институти хизмати давлатиро ба таҳким ва такмили рукнҳои давлатдорӣ асоснок месозад. Ӯ бар он назар аст, ки омӯзиши хизмати давлатиро мебояд ҳамчун тамоили яклухти иҷтимоӣ ба роҳ монд. Дар ин ҳолат метавон ба ин институти давлатӣ, яъне омодасозии кадрӣ аз мавқеи идоракунӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ғайра назар намуд (Саидов А. Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (андешаҳо, дурнамо). 2006). Яъне зарур аст, ки пайваста дониш ва малакаи хизматчиёни давлатӣ такмил дода шавад, зеро унсурҳои идоракунӣ танҳо бо кадрҳои болаёқат ва соҳибмалака метавонад таҳким ёбад.

2.3 Давраҳои идоракунӣ

Идоракунии Тоҷикистонро ба ду давра: то истиқлолияти давлатӣ (ва ё дар даврони Шӯравӣ) ва баъд аз истиқлолияти давлатӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Дар даврони Шӯравӣ Тоҷикистон мақоми давлати мустақилро соҳиб набуд, сохтори идории хоси худро надошта, зери тобеияти собиқ давлати Шӯравӣ дар баробари 14 кишварҳои дигар қарор дошт. Сохти идоракунии давлати Шӯравӣ – Иттифоқи ҷумҳуриҳои Шӯравии сотсиалистӣ (ИҶШС) бошад, намуди анъанавии шакли бюрократӣ ва ё авторитарии идоракунӣ

буда, кулли қарорҳои хусусияти идоридошта аз ҷониби ҳокимияти марказӣ қабул мегардид.

Ҷумҳуриҳои аъзо асосан салоҳияти маҳдуд дошта, чун шохаи иҷроияи ҳокимият фармонҳо ва супоришҳои ҳокимияти марказиро амалӣ мегардониданд.

Барои возеҳ нишон додани масъала баъзе хусусиятҳои сохтори идоракунии давлатии ИҶШС-ро тафсир менамоем. Сохти умумии идорӣ мутлақ ва ё дар шакли муттамарказ бо тарзи амудӣ ба роҳ монда шуда, тамоми муносибатҳо аз Марказ – шаҳри Москваи Федератсияи Россия ибтидо мегирафтанд. ИҶШС асосан аз сохторҳо ва тартибҳои идоракунии зерин иборат буд:

- **Идораи маъмурӣ** – аз ҷониби Раёсати Шӯрои вазирон пеш бурда мешуд. Дар ҷумҳуриҳои аъзо дар навбати худ, Шӯрои вазирон амал менамуд, аммо дар тобеияти Марказ қарор дошт;
- **Идораи сиёсӣ** – аз ҷониби котиботи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ идора карда мешуд. ИҶШС сохти яккаҳизбӣ дошта, тамоми масъалаҳои сиёсӣ дар сатҳи Марказ баррасӣ ва қабул мегардиданд;
- **Идораи намояндагӣ** - аз ҷониби Раёсати Шӯрои Олӣ (Парламент) ва комиссияҳо идора карда мешуд. Чунин низом дар ҷумҳуриҳо низ амал менамуд, аммо мустақилияти комил надошт;
- **Идораи ҳуқуқӣ-назоратӣ** – аз ҷониби Шӯрои суди Олӣ, прокуратураҳо, сессияҳои Суди Олӣ пеш бурда мешуд. Идоракунии ин низом низ ба Марказ вобастагӣ дошт;
- **Мудофиа** – дар тобеияти бевоситаи ҳокимияти марказӣ қарор дошта, нигоҳубин ва банақшагирии хизмати ҳарбӣ аз Марказ ташкил мегардид;
- **Иқтисодиёт** – маблағгузории Буҷети давлатӣ аз Марказ таъмин мегардид, ҳокимияти маҳаллӣ (кишварҳои аъзо) ҳамасола ба ҳокимияти марказӣ андоз месупориданд. Инчунин, истеҳсолот бо тарзи нақшабандӣ иҷро гардида, қисми зиёди маҳсулоти гаронбаҳо, ба монанди пахта, тилло, нафт, газ, барқ ва ғайра ба ихтиёрдории Марказ вогузор шуда буд (супурда мешуданд);

- **Иҷтимоиёт** – шароити дахлдори зиндагӣ – то андозае (дар шароити имрӯза «миёна») фароҳам оварда шуда буд, маош, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ ва ғайра сари вақт таъмин мегардид, шаҳрвандон ба тандурустӣ ва кӯдакон ба таҳсили бепул фаро гирифта шуда буданд;
- **Бехатарӣ** – бехатарӣ ё амният ҳамаҷониба таъмин буд, аммо тансиҳатии шаҳрвандон дар оянда, ки имрӯз дарк мегардад, аз лиҳози экологӣ дар хатар буд – одамон ҳамчун дастгоҳи истеҳсолӣ истифода бурда мешуданд, иштироки онҳо дар меҳнат, қадру эҳтиром ҳамчун шахсият ва ҳифзи комили тандурустӣ ба эътибор гирифта намешуд. *Мисол: дар қисми зиёди шаҳру навоҳии Тоҷикистон пахта кишт карда мешуд. Мақсад на беҳдошти вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва осудагии аҳолӣ, балки истеҳсоли пахта ва ғундоштани ҳосили зиёди он буд. Ҳамасола барои ҳоисли зиёди пахта ва эмин нигоҳ доштани он аз ҳашароти зараррасон ҳазорҳо тонна доруҳои кимиёвӣ ба ҳудуди заминҳои кишт, мутаносибан ба ҳудуди (болои) манзилҳои зисти назди заминҳои кишт, мувофиқан аз болои сари одамон тавассути ҳавопаймоҳои хурдҳаҷм (кукурузник) пош дода мешуд. Боиси зикр аст, ки доруҳо барои несту нобуд кардани ҳашарот равона шуда буданд, яъне дар ин ҷо солимии ҷомеа аҳамияти дуюмдараҷа дошт.*

Новобаста аз ин, солҳои 1950-70-ум сохтори идоракунии ИҶШС дар арсаи ҷаҳон бонуфузтарин пазируфта шуда буд. Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, ба монанди Куба, Ҳиндустон, Чилӣ ва Хитой сохти идории ИҶШС-ро қабул намуданд. Дар ин солҳо дар ҷаҳон ду кишвар, яке ИҶШС ва дигаре ИМА ҳукмрони мутлақ шинохта шуда буданд. Аввалӣ аз рӯи идоракунии шакли классикии яккаҳокимиятӣ (яккаҳизбӣ) ва дувумӣ аз рӯи идоракунии шакли демократии либералӣ (бисёрҳизбӣ) фаъолият мекарданд. Оғоз аз солҳои 80-90-ум инҷониб сохти идоракунии ИМА муваффақ мегардад ва мавриди омӯзиши олимони ҷаҳон қарор мегирад. Дар баробари ин, қисми зиёди кишварҳо, аз ҷумла собиқ аъзои ИҶШС пурра ба ин сохти идоракунӣ – идораи демократӣ-либералии давлат ва ҷомеа мегузаранд.

Идоракунии давраи муосир аз соли 1991 бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои Тоҷикистон оғоз мегардад, ки онро метавон ба шаклҳо ва ё сохторҳои зерин ҷудо намуд:

- Идоракунии конститутсионӣ;
- **Қонунгузорӣ** ва ё намояндагӣ дар идораи давлатӣ (шохаи ҳокимият);
- **Ҳокимияти судӣ**;
- **Ҳокимияти иҷроия**;
- Мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ дар идоракунӣ;
- Ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Ҳар як шакл ва ё шохаи идоракунӣ дар навбати худ, аз низоми ба худ хос ва сохтори мансуб ба унсурҳои демократии идоракунӣ иборат мебошад.

Умуман, баъди пош хурдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият ҷомеаи Тоҷикистон сохти идоракунии демократиро ва ё тибқи назарияи муҳаққиқон Ҷ. Локк, Б. Спиноз ва Ж. Руссо идоракунии демократӣ-либералиро пеш мегирад.

Чун давлати мустақил асоси фаъолият ва низоми ҳуқуқии идории Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия муқаррар карда шудааст.

2.4. Рукнҳои конститутсионии идоракунӣ

Пеш аз ҳама мебояд зикр намуд, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад. Мутаносибан илми идоракунии иҷтимоӣ ва ё сотсиологияи идоракунӣ барои рушду нумӯи сохтори идории кишвар нақш ва саҳми хеле муҳим метавонад гузорад, зеро ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методологии идоракунии иҷтимоӣ пурра зери ин илм фаро гирифта шудаанд.

Тибқи моддаи 27 Конститутсия оварда шудааст, ки: «**шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар идораи сиёсӣ ва давлатӣ бевосита ва ё бавосита иштирок намояд»**. Ин меъёр дар навбати худ, ба назарияи олимони шинохтаи Ғарб Элтон Мэйо (1880-1948) оид ба **муносибатҳои инсонӣ** дар идоракунӣ – иштироки кормандони қаторӣ дар идоракунӣ ва назарияи Абраҳам Маслоу (1908-1970) оид ба **талаботи инсонӣ** мутобиқ мебошад, ки он шахсро ба эҳсос намудани зарурат ва мақому мавқеи худро дар ҷойи кор водор

месозад, то ин ки руҳбаланд гардад ва пайваста баҳри пешрафт дар фаъолияти меҳнатӣ талош варзад.

Умуман, ҷанбаҳои идоракунии давлатӣ дар моддаҳои 1, 6, 8, 11, 12, 27, 28, 35, 37, 39, 48, 64, 73, 76, 84 ва 93 Конститутсия ба таври возеҳ оварда шудаанд, ки дар поён тафсир дода мешаванд.

Тибқи моддаи 1 Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, **демократӣ**, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Демократӣ будани давлат ба он асос меёбад, ки принсипҳои идоракунӣ сарбаста (догма) набуда, дар шаклу намудҳои дастрас ва мувофиқ барои одамон пешниҳод карда мешавад.

Шакли идории давлат президентӣ мебошад. Боиси зикр аст, ки дар ҷаҳон мамлакатҳо зимни идоракунии тарзи демократӣ ба се намуди сохти идорӣ: президентӣ, парламентӣ ва омехта ҷудо мешаванд. Президентӣ интихоб шудани шакли идории давлат танҳои хусусияти ташкилӣ надошта, он ҳамчун институти муносиб ба имконот ва талаботи ҷомеа, мувофиқ ба урфу одат ва фарҳанги идории миллӣ, имтиҳоншуда, пурмаҳсул, устувор ва муваффақ дар шароити Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаҳо ба халқи Тоҷикистон дар симои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр возеҳ аён гардид ва ба ин муносибат дар соли 2016 ва охири соли 2015 се ташаббуси наҷиби таърихӣ ҳамчун рамзи эҳтиром ба Сарвари кишвар, зимнан комёбии ин институти идорӣ пеш гирифта шуд: 1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабул гардид; 2) тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуданд; 3) ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» илова ворид гардида, 16 ноябр – Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ин меъёр инъикосгари он аст, ки дар идоракунӣ принсипҳои иҷтимоӣ пеш гузошта мешаванд, бахусус эътироф кардани талабот ва имконоти инсон дар истеҳсолот, ки барои рушди рукнҳои гуманистии идоракунӣ ва ташаккули низоми муносиби иҷтимоӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Арзишҳои волои гуманистии давлати Тоҷикистон ба он асос меёбад, ки халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намудааст. Яъне, ҳокимият ва ҳукмфармоӣ дар Тоҷикистон мутлақ набуда, он бо назардошти мавқеъ ва иштироки фаъоли одамон ба роҳ монда мешавад.

Сиёсати хориҷӣ ва ё байналмилалии давлат ба принсипҳои дарҳои кушод, сулҳхоҳона, эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ, эътибори манфиатҳои олии халқ ва ҳамкорӣ бо ҳамватанони берунмарзӣ асос меёбад, ки дар навбати худ, онҳо омилҳои воқеии иҷтимоии демократиро ташкил медиҳанд.

Фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мамлакат озод аст, ҳамчунин ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият бо назардошти моликияти хусусӣ аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад. Бо ин метавон зикр намуд, ки ташаккули заминаҳои иқтисодӣ ва идоракунии он ба ҷомеа дар шакли озод ва бо ҳавасмандсозӣ ва ё сабабнокии фаъол вогузор гардидааст. Ҳар кас метавонад дар як вақт соҳибкор / кордиҳанда, коргар ва дар дигар вақт ба сифати шахси воқеӣ ба фаъолияти мустақили иқтисодӣ машғул гардад, зимнан идораи хусусии худро бо низоми хоси идоракунӣ дошта бошад.

Иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат тавассути аъзогӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар асоси меъёрҳои демократӣ муайян карда шудааст. Яъне, шахс ҳамчун шаҳрванд имконият дорад, ки на танҳо ба сифати зертобеъ ва амалисозандаи масъулияти шаҳрвандӣ зиндагӣ дошта бошад, ҳамчунин метавонад дар идораи давлатӣ иштирок ва ҳукмфармоӣ намояд. Дар ин ҷо ба инсон дар як вақт, ҳам вазифаи тобеъ-итоаткунанда ҳамчун шаҳрванд ва ҳам мақоми ҳукмфармо дода шудааст, ки идоракунии навъи иҷтимоӣ мебошад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии идоракунӣ дар моддаи 35 Конститутсия ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Мутобиқи ин муқаррарот ягон шахс ба меҳнат маҷбур карда намешавад, интихоби касбу кор озод аст, ҳангоми бекорӣ бошад, ҳуқуқи шахс ба ҳифзи иҷтимоӣ ва меҳнат таъмин карда мешавад. Ҳамчунин муайян гардидааст, ки барои кори ё шуғли намуд, тарз ва шакли ягонадошта музди баробар дода мешавад. Яъне, дар ин ҷо шахсияти инсон ҳамчун мутахассис ва кордӯст ба эътибор гирифта мешавад, мутаносибан

дастмузд дода мешавад – муносибатҳои шахсӣ, наздикӣ ва хотирбинию қадрдонӣ, рӯйхушӣ ва дигар амалҳои номуносиб роҳ дода намешаванд.

Барои барқароркунии қобилияти равонию ҷисмонӣ ба корманд рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат, рухсатии ҳарсолаи пулӣ ва дигар шароитҳои муносиб таъмин карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки шахси корманд бо нерӯи наву тоза баҳри пешрафти корхона / ташкилот адои меҳнат кунад.

Ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон аз се шоха - намояндагӣ ё қонунгузор (Маҷлиси Олӣ-парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), иҷроия (Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумат) ва судӣ иборат мебошад, ки ҳар се шохаи ҳокимият дар навбати худ, низоми идоракунии хосро соҳиб буда, дар баррасӣ ва қабули қарорҳои идорӣ мустақил мебошанд.

Дар низоми идоракунии Тоҷикистон дар баробари шохаҳои асосии ҳокимият ҳамчунин низомҳо ва ё сохторҳои нисбатан мустақили идоракунӣ амал мекунанд.

Яке аз чунин низом сохтори идоракунӣ-назоратӣ оид ба риоя ва иҷрои қонунгузорӣ - прокуратура мебошад, ки роҳбари он-Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул мебошад. Фаъолияти прокуратура мустақилона бидуни дахли шахсони мансабдор ба роҳ монда мешавад. Ин механизми идоракунӣ имкон медиҳад, ки волоияти қонун дар ҷомеа дар фазои нисбатан шаффоф ва адолатнок таъмин карда шавад.

Дигар сохтор, ин Бонки миллии Тоҷикистон, ки бонки марказии эмиссионӣ ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда муқаррар шудааст. Бонки миллӣ фаъолияти худро мустақилона ташкил ва амалӣ менамояд ва масъули таҳия ва татбиқи сиёсати пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дахолати мақомоти давлатӣ дар ташкили фаъолияти он манъ аст.

Ҳамзамон, дар Тоҷикистон институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз дахолати бевоситаи ҳокимияти давлатӣ озод мебошанд ва сохти идоракунии онҳо мустақил ба роҳ монда мешавад.

Қисмати интиҳоии Конститутсия (моддаи 100) бо - *Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ,*

дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. – анҷом меёбад, ки шаҳодати бо тамом аз хусусияти идоракунӣ иборат будани онро инъикос менамояд.

2.5 Сохтори қонунгузорӣ ва ё намояндагии идораи давлатӣ

Шохаи намояндагии идораи ҳокимияти давлатиро дар Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Маҷлиси Олӣ (парламент) аз ду Маҷлис (палата): Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад.

Нақши асосии Маҷлиси Олӣ ин намояндагии халқ дар назди дастгоҳи давлатӣ мебошад, мувофиқан ҳайати он бо пешбарии халқ ва бо робитаи зич бо шаҳрвандони Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Маҷлиси Олӣ ва ё маҷлиси якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон чунин салоҳият дорад:

1. Тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат;
2. Тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда;
3. Ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон;
4. Таъини интихоботи Президент;
5. Қабули истеъфои Президент;
6. Сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ;
7. Баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент.

2.5.1 Маҷлиси миллӣ

Маҷлиси миллӣ палатаи болоии Маҷлиси Олӣ буда, қонунҳои дар палатаи поёнӣ - Маҷлиси намояндагон қабулшударо ҷонибдорӣ мекунад.

Ҳайат ва ё аъзои Маҷлиси миллӣ дар ду шакл ташкил меёбад. Якум, - қисми зиёди аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим ва ё ба воситаи маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (дар якҷоягӣ) интихоб мегарданд. Дуюм, - аз чор як ҳиссаи (1/4) узви Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мегарданд.

Маҷлиси миллӣ салоҳияти зеринро соҳиб мебошад:

1. Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо;
2. Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;
3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;
4. Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ.

2.5.2 Маҷлиси намояндагон

Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад. Ҳайат ва ё вакилони Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ (раъйпурсӣ) аз ҷониби шаҳрвандони болиғ интихоб мегарданд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба синни 30 расида бошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад тибқи тартиби муқарраргардида вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шавад.

Маҷлиси намояндагон - палатаи поёнии Парламент ба салоҳияти зерин соҳиб мебошад:

1. Таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;
2. Ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;
3. Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
4. Ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;
5. Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;
6. Таъини раъйпурсӣ;
7. Таъсиси судҳо;
8. Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;
9. Тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;
10. Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки милли ва муовинони ӯ;
11. Муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;

12. Муайян намудани маоши Президент.

Сохтори идоракунии Маҷлиси намояндагон иборат гардидааст аз:

- Раёсат - Раис ва муовинони ӯ, ки аз ҳисоби вакилони халқӣ ташкил дода мешавад;
- Шӯро – аъзои он ҳайати Раёсат ва раисони кумитаҳо ва комиссияҳо аз ҳисоби вакилон мебошад;
- Кумитаҳо ва комиссияҳо (9 адад) – аз рӯи соҳаҳо ташкил ёфта, бо назардошти касбият вакилонро ҷалб месозанд, инчунин ба сифати ёрирасон дар сохтори онҳо хизматчиёни давлатӣ фаъолият мекунанд;
- Фраксия ва гурӯҳҳои вакилон – аз рӯи аъзогии вакилон ба ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони беҳизб ташкил карда мешавад. *Мисол: Фраксияи ҲХДТ, Гурӯҳи вакилони бе ҳизб*;
- Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон - аз хизматчиёни давлатӣ ва кормандони техникӣ иборат буда, барои фаъолияти пурсамари вакилон шароитҳои зарурии корӣ ва техникию маиширо фароҳам меорад.

Маҷлиси намояндагон ва ё вакилони он дар се самтҳои зерин фаъолият мекунанд:

1. **Қонунгузорӣ** – вакилон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро соҳиб мебошанд, мувофиқан мунтазам бо ҷалби олимону коршиносон (ҳангоми зарурат) таҳлилу омӯзишҳо гузаронида, лоиҳаи қонунҳоро баҳри беҳбуди ҳаёти шаҳрвандон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳия, тибқи тартиби муқарраргардида баррасӣ ва қабул менамоянд. Ҳамзамон, лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба Маҷлис воридгардидаро баррасӣ ва қабул менамоянд;

2. **Намояндагӣ** – вакил интихобкунандагони худро (шаҳрвандонро) дар Маҷлис намояндагӣ мекунад, дархосту муроҷиатҳои онҳоро баррасӣ намуда, дар доираи ваколати худ иҷрои онҳоро (қонеъ гардонидани талаботҳоро) таъмин менамояд. Инчунин, ҳар сол 2-3 маротиба бевосита бо интихобкунандагон дар маҳалҳои зист мулоқотҳо доир намуда, бобати шароити зисту зиндагонӣ ва пешрафт дар ҳаёти сисёсию иҷтимоии кишвар гуфтушунид доир менамояд;

3. **Робитаҳои байналмилалӣ ва байнипарламентӣ** – тибқи тартиби муқарраргардида дар доираи ваколатҳо вакил бо ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ҳамкориҳо ба роҳ мемонад ва бо кишварҳои хориҷ дар доираи фаъолият - узвият дар гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентӣ ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, ки асоси идораи ҳокмияти давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд тавассути Маҷлиси Олӣ ҳамчун ҳокимияти намояндагӣ баррасӣ ва амалӣ гардонида мешаванд.

2.4 Сохтори судӣ дар идораи давлатӣ

Яке аз се шохаи ҳокимияти давлатиро мақомоти суд ташкил медиҳад.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Дахолат ба фаъолияти судҳо манъ аст. Ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолат аз ҷониби ҳокимияти судӣ ҳифз мегардад.

Сохтори судӣ аз Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе иборат мебошад.

Суди конститутсионӣ салоҳият дорад, ки 1) мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаро дар таносубнокӣ ба Конститутсия муайян намояд ва 2) баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳоро ҳал намояд.

2.5 Сохтори иҷроияи идораи давлатӣ

Шохаи иҷроияи ҳокимияти давлатиро Перзидент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ташкил медиҳад. Президент ҳамзамон Раиси Ҳукумат мебошад, ки устувории ин шохаро ташкил медиҳад. Мантиқан чунин ҳам бояд бошад, зеро амалисозии сиёсат ва натиҷагирии он асосан ба зиммаи ҳокимияти

иҷроия вогузор мебошад, мувофиқан масъулияти ин шохаи ҳокимият дар назди ҷомеа ва халқ бештар аст.

Ҳокимияти иҷроияи давлатиро метавон аз рӯи шакли ташкилии ҳуқуқӣ, соҳа ва ҳудуди фаъолият, тобеият ва ғайра ҷудо намуд. Ҳамзамон, ҳокимияти иҷроия аз рӯи шаклҳои муайянгардида ба зинаи маъмурӣ, марказӣ, маҳаллӣ ва худидора ҷудо мегардад.

Зинаи маъмуриро бо назардошти идораи умури давлат ва сиёсати пешгирифта Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, чунки тамоми фармону супоришҳо ва амру қарорҳои идорӣ маҳз аз ҳамин институтҳо манша гирифта, дар дигар зинаҳо, аз ҷумла марказӣ ва маҳаллӣ табиқ карда мешаванд.

Зинаи марказӣ фаъолияти вазорату идораҳои гуногунро аз рӯи соҳаҳои муайян фаро мегирад. Сиёсати давлат аз рӯи соҳаҳо маҳз дар сатҳи вазорату идораҳои дахлдор коркард гардида, сипас барои татбиқ ба сохторҳои махсуси ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ / вилоятӣ ва маҳаллӣ равона мегардад.

Зинаи маҳаллии идораи давлатиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият – воҳидҳои маъмурии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил дода, фаъолиятро вобаста ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар ҳудуди муайяни худ пеш мебаранд.

Зинаи худидоракунии маҳаллиро Ҷамоат ташкил медиҳад, ки он дар ҳудуди муайян аз ҳисоби деҳаҳо, кӯчаҳо, қитъаҳо ва ғайра ташкил ёфта, татбиққунандаи сисёсати давлат дар ҳудуди худ маҳсуб мегардад.

2.8 Президент

Шакли идории Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.

Тибқи Конститутсия (моддаи 64): «*Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арз, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад*». Яъне, масъулияти Президент дар назди ҷомеа ва давлат хеле зиёд буда, тамоми бурду бохт ва пастию баландӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он ба ӯ вобаста карда мешавад.

Президент ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати **7** сол аз ҷониби шаҳрвандони болиғ интихоб мегардад. Ҳар як шаҳрванде, ки синну соли ӯ ба 30 расидааст, забони давлатиро медонад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад.

Мутобиқи Конститутсия Президент салоҳият дорад (моддаи 69):

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян кунад;
2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ кунад;
3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам диҳад;
4. Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод кунад; Фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд;
5. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод кунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешиҳод намояд;
6. Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор кунад ва ё боз дорад;
7. Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод кунад ва фармонро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд;
8. Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод намояд;
9. Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод кунад;
10. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис диҳад;
11. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ кунад;
12. Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъин ва озод кунад;

13. Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин кунад;
14. Ба қонунҳо имзо гузорад;
15. Низоми пулиро муайян намояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд;
16. Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ бошад;
17. Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ кунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд;
18. Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод кунад;
19. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул намояд;
20. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон бошад; Фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод кунад;
21. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон намояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод кунад;
22. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода барад;
23. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар диҳад;
24. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал кунад;
25. Паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад;
26. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал кунад;
27. Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз гардонад;

28. Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз гардонад;
29. Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ намояд.

2.9 Ҳукумат

Сохтори идории Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат мебошад. Ҳамчунин, дар сохтори Ҳукумат ва назди Президент идораҳо ва агентиҳо фаъолият мекунанд, ки ҳар кадом дар соҳаи алоҳида сиёсати муайянгардидаро татбиқ менамоянд.

Ҳукумат қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва ҳарду аплатаро дар алоҳидагӣ ва фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро татбиқ менамояд. Яъне амалисозии санадҳо ва сиёсати муқарраргардида ба зиммаи Ҳукумат вогузор мебошад.

Фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо ва ташкили Буҷети давлатиро дар мувофиқа бо Маҷлиси Олӣ ва (роҳбарӣ бо) Президент ба амал мебарорад.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ

Идораи давлатӣ дар маҳал чун дар сатҳи ҷумҳурӣ аз мақомоти иҷроия ва намояндагӣ иборат мебошад.

Масъулияти асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ аз иҷрои Конститутсия, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, карорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти намояндагиро чӣ тавре дар боло ишора гардид, Маҷлиси вакилони халқи маҳал (вилоят, шаҳр, ноҳия, Ҷамоат) ташкил медиҳад. Вакилони Маҷлиси вакилони халқ аз ҷониби шаҳрвандон-истиқоматкунандагони ҳудуди муайян интихоб карда мешаванд.

Салоҳдиди Маҷлиси вакилони халқ тибқи Конститутсия аз тасдиқи буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои он, муайян кардани роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳал, муқаррар

намудани андоз ва пардохти маҳаллӣ мувофиқи қонунгузории дахлдор, дар доираи қонун муайян намудани тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналӣ ва амалӣ сохтани ваколатҳои дигар иборат мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар вилоят -раиси вилоят, дар шаҳр-раиси шаҳр ва дар ноҳия-раиси ноҳия идора (роҳбарӣ) менамояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ аз ду сохтор: дастгоҳ ва ҷумҳуриявӣ иборат мебошад. Дастгоҳи мақомот дар як вақт дастгоҳи раиси вилоят / шаҳр / ноҳияро ташкил дода, ҳайати он аз ҷониби худи раис таъин мегардад. Сохтори ҷумҳуриявии мақомот бошад, ҳамчун намояндаи соҳаҳои муайян (вазорату идораҳо) дар маҳал сиёсати соҳавиро татбиқ месозад, мувофиқан ташкили ҳайати он дар салоҳияти вазорату идораҳо бо мувофиқаи иақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Ин сохторҳоро ҳамчунин сохтори идоракунии тарзи амудӣ ва уфуқӣ низ меноманд, ки уфуқӣ – амалҳоро дар худи маҳал ва амудӣ аз ҷумҳурӣ ба маҳал ва ё аз боло ба поён ифода мекунанд.

Боиси зикр аст, ки дар шароити муосири ҷомеа сохтори идоракунии омехта низ амалӣ гардонида мешавад. Дар ин сурат нисбат ба мақомоти болоӣ (вазорату идораҳо) усулҳои ҳамоҳангсозӣ на супоришӣ истифода мегарданд. Буҷет ва ё маблағгузории фаъолият бошад, асосан аз ҳисоби манбаҳо ва салоҳдиди маҳаллӣ ташкил меёбад. Дар ин тарзи идоракунӣ сохти уфуқии идоракунӣ бартарият пайдо мекунад.

Мисол: *дар ҷумҳурӣ ҳар ду навъи идоракуниро дар фаъолияти соҳаҳои кор бо занон ва оила ва ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ метавон баррасӣ намуд - соҳаи кор бо занон ва оила тибқи сохтори уфуқӣ ва ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ мувофиқи сохтори амудии идоракунӣ амал менамоянд*.

Соҳаи кор бо занон ва оила танҳо ваколати пешбурди сиёсат ва ҳамоҳангии сохтори маҳаллиро дошта, ба ҳайати корӣ, буҷет ва фаъолияти хоҷагидории маҳаллии соҳа дахл карда наметавонад. Яъне, ваколати боқимондаро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардонад.

Аммо сохтори ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар баробари пешбурди сиёсат ҳайати корӣ, буҷет ва фаъолияти хоҷагидории маҳаллии соҳаро ташкил карда, мувофиқан ваколат ва василаҳои зиёди идоракуниро соҳиб мебошад.

Ин ҳар ду сохтори идоракунӣ ба худ бартариятҳои хос доранд, аммо айни замон сифат ва маҳсулнокии кор/фаъолият дар сохти амудии идоракунӣ, яъне соҳаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ бештар ба назар мерасад.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Дигар сохтори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, ки он Ҷамоат ном бурда мешавад.

Мувофиқи қонунгузорӣ мақомоти худидоракунандаи шаҳрак ва деҳот аз ҷониби истиқоматкунандагон деҳа ва маҳаллаҳо дар шакли Ҷамоат (ба монанди Шӯро ё Маҷлис) интихоб мешавад. Ин тартиб бо роҳи пешбарӣ ва интихоби номзадҳои муносиб аз ҳар як маҳалла/кӯча дар алоҳидагӣ сурат мегирад. Раис ва Дастгоҳи Ҷамоат дар навбати худ, аз ҷониби вакилони Ҷамоат интихоб мегарданд. Тамоми шаклҳои ҳуқуқӣ, идорӣ, молиявӣ ва ташкилии фаъолияти Ҷамоат аз ҷониби вакилон муайян мегардад.

Яъне, сохтори Ҷамоат дар муқоиса ба сохтори идоракунии ноҳия, шаҳр ва ё вилоят нисбатан мустақил мебошад. Вале, айни замон ин низоми идоракунӣ бинобар норасоии кадрӣ ва ё паст будани сатҳи фаҳмиши масъулон оид ба усулҳои идоракунӣ дар маҳал, он аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамоҳанг (идора) мегардад.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ё кумита (шӯрои) маҳалла ва ё деҳа дар шароити идоракунии демократӣ зинаи аввали ҳокимияти идоракунӣ ба ҳисоб меравад, аммо дар шакли ҷамъиятӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» соли 2008 қабул гардидаа, ки тибқи он **мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрии беузвияти шаҳрвандон буда, мақсади он ҳал**

намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд.

Зимнан, мутобиқи моддаи 3 Қонуни болозикр баъзе шароитҳо ва ё имкониятҳои ташкилию ҳуқуқии ин ниҳоди ҷамъиятиро баррасӣ менамоем:

- Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди кӯча, гузаргоҳ ва деҳа (минбаъд маҳалла) бо ташаббуси аксарияти сокинони онҳо, ки ба синни ҳаждаҳ расидаанд, таъсис дода мешавад ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти гурӯҳи аҳолӣ нигаронида шудааст, ки манфиати онҳо бо расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва татбиқи барномаҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ алоқаманд аст.

- Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мақомот ё ташкилоти болоии худро надорад ва чун қоида «шӯрои маҳалла», «кумитаи маҳалла», «кумитаи манзил» ва ба ин монанд номгузорӣ мешаванд.

- Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди деҳа ё шаҳраке (ҷамоат), ки ҷой гирифтааст, аз қайди баҳисобгирӣ мегузарад ва дар ин хусус дар Оинномаи он сабт карда мешавад.

- Дар ҳудуди марзиву маъмурие, ки шаҳрак ва деҳа (ҷамоат) надорад, қайди баҳисобгирӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешавад.

- Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад ҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва бланкаҳои худро дошта бошад.

- Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад ҳамкорӣ намояд.

Кули муносибатҳои ҳуқуқию ташкилиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» ба танзим даровардааст, танҳо татбиқи он аз масъулини бахши идоракунӣ зарур аст!.

Новобаста аз шароити ташкилию ҳуқуқии фароҳамгардида ва бо сипарӣ гардидани беш 17 сол то ҳол ин ниҳод то ба сатҳи зарурӣ фаъол нагардидааст. Бинобар заиф будани иқтидори кадрию ташкилӣ ва техникию амалӣ фаъолияти кумитаҳои маҳалла ғайриқаноатбахш мебошад. Аксари кумитаҳои маҳалла бо ҷойи муайяни корӣ ва утоқи корӣ, оиннома, муҳр, ваколтҳои

хизматрасонӣ ва дигар воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ фаро гирифта нашудаанд.

Зарур аст, ки ин ниҳоди ҷамъиятии худфаъолият бисёр фаъол бошад, низоми ҳуқуқии мустақил дошта, худмаблағгузориро ба роҳ монда, масъалаҳо ва ё мушкилоти сокинонро дар ҳудудҳо маъмурӣ ҳал намояд. Зеро ин ниҳод асос ва ё таҳкурсии ташкилии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, рушди устувори муносибатҳои идоракунии демократӣ-либерариро дар ҷомеа метавонад таъмин намояд, зимнан сарбории мақомоти ҳокимияти давлатиро вобаста ба таъмини иҷтимоӣ ва тарбияи ташкилию маънавии сокинон сабук гардонад.

Дар асл фаъолияти идоракуниро агар аз поён ба боло инъикос намоем, пас он маҳз аз ҳамин мақомот маншаъ мегирад (ниг. ба расми поён).

Ҷадвали 2



2.10 Мақомоти мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ дар сохтори идоракунӣ

Мақомоти мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқро бо назардошти хусусияти амалӣ доштани фаъолияташон ба шохаи иҷроияи ҳокимияти

давлатӣ метавон мансуб намуд, гарчанде қисми муайяни онҳо дар пешбурди рисолати худ мустақил мебошанд.

Кормандон ва ё хизматчиёни мақомоти мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошанд ва ба соҳибкорӣ машғул шаванд. Яъне, фаъолияти ин мақомоти асосан аз таъмини назорати иҷрои қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар байни ҷомеа, мудофиа, ҳифзи марзу бум ва умуман фароҳам овардани шароити бехатари зиндагӣ барои шаҳрвандон ва давлат иборат мебошад. Аз ин рӯ, корманди мақомоти мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ наметавонад дар як вақт ҳам масъули назорат ва ҳам иҷрои амалҳо дар ҷомеа бошанд, зеро ин ду самти гуногуни фаъолият буда, якҷоя кардани онҳо бархурди манфиатҳоро ба вуҷуд меорад, мувофиқан таъсири он ба камсифатии фаъолият ва зифии низоми идоракунӣ ва дар ниҳоят оқибатҳои фалокатовар (шикастовар) метавонад боис гардад.

Мақомоти мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ ба сохторҳои зерини идоракунӣ ҷудо мешавад:

- **Прокуратура** - риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Прокуратура дар тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин соҳаҳои ҳарбӣ ва нақлиёт намояндагӣ дорад ва вазифаҳои асосии он аз **таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ** иборат мебошад;
- **Мақомоти дохилӣ (милитсия)** – таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлат аз кирдорҳои ҷиноятқорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо. Милитсия ва ё соҳаи корҳои дохилӣ дар тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо намояндагӣ (шабакаи) ва сохтори гуногуншакли худро дорад;
- **Амнияти миллӣ** – амнияти шахс, ҷамъият ва давлатро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин менамояд. Амнияти миллӣ дар тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо намояндагӣ (шабакаи) ва сохтори худро дорад ва дар доираи вазифаҳои муқарраргардида амал менамояд;
- **Назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (фасод)** – масъули назорати давлатии молиявӣ оид ба истифодаи

самарабахши маблағҳо ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд мебошад. Мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ дар ҳамаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо амал мекунад. Ҳамчунин дар ҳамин самт, аз ҷумла аудити мустақили беруна оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ ва такмили он дар ҷумҳурӣ **Палатаи ҳисоб** фаъолият мекунад, аммо ин воҳид мақоми ҳифзи ҳуқуқ набуда, вазифаи он аз баҳодиҳии тарзи истифодабарии моликияти давлатӣ ва пешниҳоди хулосаҳои мувофиқ иборат мебошад;

- **Мудофиа** – системаи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва ғайра, ки ба таъмини мустақилият, якпорчагӣ ва дахлнопазирии ҳудуди ҷумҳурӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҳаёти осоиштаи аҳолӣ равона карда шудааст. Дар таъмини мудофиа воситаҳои муборизаи мусаллаҳонаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб (истифода) карда мешаванд. Дар мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувваҳои мусаллаҳи дигар давлатҳо дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ иштирок карда метавонанд. **Сафармондеҳи Олии** Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2.11 Ҷомеаи шаҳрвандӣ

Чун дигар мамлакатҳои демократӣ ҷомеаи Тоҷикистон иштироки васеъ ва фаъолнокии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар идоракунии давлатӣ тақозо менамояд.

Сотсиологияи идоракунӣ маҳз бо иштироки одамон дар идоракунии давлат ё ташкилот тавассути иттиҳодияҳои хеш асос меёбад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон, ки давлатӣ иҷтимоӣ мебошад,

ин принсип – иштироки фаъоли ҷомеа дар идоракунӣ метавонад муваффақиятҳои беназир ба бор биёрад.

Дар ҳамин мавзуъ яке аз олимони шинохта Элтон Мэйо бар он назар аст, ки ба муносибатҳои инсонӣ дар ҷараёни фаъолияти якҷояи меҳнатӣ бартарият дода шавад. Дар инҷо муҳим он аст, ки арзишмандии муқаррароти сарвар ва гурӯҳи иҷтимоии ғайрирасмӣ баробар ба қоидаҳои расмӣ арзёбӣ гарданд. Мисол: *фаъолияти иттифоқҳои касабаи кормандон, ки дар баробари қарорҳои маъмурияти ташкилот арзиши баланд дорад.*

Ин назария дар Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи анъанавии даврони Шӯравӣ ва омӯзиши таҷрибаҳои давлатҳои пешрафта дар симои Федератсияи иттифоқҳои касаба, иттҳодияҳои ҷамъиятӣ, диннӣ ва фарҳангӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ассотсиатсияҳои гуногуни татбиққунандаи манфиатҳои одамон ва гурӯҳҳои онҳо роҳандозӣ карда шудааст. Аммо зарур аст, ки фаъолият ин ташкилотҳо фаъол гардонида шавад.

Яке аз нуқтаҳо ва ё имкониятҳои муҳими фароҳамгардида ин иштироки иттиҳодияҳои мустақили ҷамъиятӣ / одамон дар идораи сиёсии кишвар мебошад. Ин муносибат ба таври васеъ дар қонунгузории ҷумҳурӣ оварда шудааст. Аз ҷумла, дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон имконият дода шудааст, ки номзадҳои хешро ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитсон пешбарӣ намоянд.

Тоҷикистон бо назардошти принсипҳои демократии идорӣ сохти идоракунии бисёрҳизбӣ дошта, ғояҳои сиёсӣ ва ташаббусҳои одамонро дар ташкили ниҳодҳои мустақили сиёсӣ дастгирӣ менамояд, зимнан гурӯҳи муайяни одамон имкон доранд, ки бо ташкили ҳизби сиёсӣ дар идораи сиёсии давлат иштирок намоянд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ яке аз ниҳодҳои муҳими ҷамъиятӣ, ки манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодияҳои ҷмаъиятиро дар алоҳидагӣ муаррифӣ менамояд ва пеш мебарад, ин Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон мебошад.

Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон – мақоми намояндагӣ, экспертию машваратӣ ва ҳамоҳангсоз буда, иштирокчиёни Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро, ки мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдномаҳои

байналхалқии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ва Низомномаи хеш амал мекунад, муттаҳид месозад. Шӯрои ҷамъиятӣ ҳамчун нерӯи муттаҳидкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ 9 марти соли 1996 дар асоси Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Вазифаҳои асосии Шӯрои ҷамъиятӣ: таъмини гуфтушуниди доимии қуввахои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ барои ба даст овардани тавозуни манфиату ақидаҳо; амалӣ намудани хулосаҳои экспертӣ, таҳлили вазъияти иҷтимоӣ, сиёсию иқтисодии ҷомеа ва тағйироту таҳаввулоте, ки дар он ррӯй медиҳад; таҳияаи барномаҳо, консепсия ва пешниҳодоте, ки барои ноил шудан ба сулҳу ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон равона карда шудаанд; ҷустуҷӯ ва барқарор намудани шаклҳои нави ҳамкории иштирокчиёни Аҳднома ва дигар тарафҳои манфиатдор дар татбиқи Аҳдномаи ризоияти ҷомеа, мебошад. Раиси Шӯрои ҷамъиятӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иттифоқи касаба - ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрие мебошад, ки шаҳрвандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёнаш муттаҳид менамояд. Иттифоқҳои касаба ба таври муттамарказ дар сохтори тамоми ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ҳуқуқию сохторӣ, аз ҷумла институтҳои давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои истеҳсолӣ фаъолият намуда, ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоии кормандон ва коллективҳои меҳнатиро ҳифз мекунад ва пеш мебарад.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ - тибқи қонунгузорӣ иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳои муайян муттаҳид гардидаанд. Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 2400 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият ва муттаҳидкунандаи одамон дар татбиқи ҳадафҳои муайяни хеш амал менамоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъруф ва машҳури Тоҷикистон бо номи Иттифоқи журналистон, Иттифоқи ҷавонон, Иттифоқи расомон, Ассотсиатсияи волонтёрон, Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносон ва ғайра шинохта мебошанд, ки ҳар кадом дар маҳалҳо намояндагиҳо ва аъзои зиёди худро доранд.

Ҳизби сиёсӣ – тибқи қонунгузорӣ иттиҳодияи ҷамъиятие, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.

Айни замон дар Тоҷикистон 7 ҳизбҳои сиёсии зерин фаъолият мекунанд:

1) **Ҳизби демократии Тоҷикистон** - 10 августи соли 1990 ташкил ёфтааст;

2) **Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон –** 10 декабри соли 1994 ташкил ёфтааст. Дар айни замон ҳизби пешбар буда, онро Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд;

3) **Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон** – 15 июни соли 1996 таъсис дода шудааст;

4) **Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон** – 18 марти 1998 ташкил ёфтааст**;**

5) **Ҳизби коммунистии Тоҷикистон -** 4 сентябри соли 1991 ташкил ёфтааст**;**

6) **Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон** - аз соли 2005 фаъолият менамояд;

7) **Ҳизби аграрии Тоҷикистон** – 15 ноябри соли 2005 ба қайд гирифта шудааст.

2.12 Мактаби идоракунӣ дар Тоҷикистон

Чӣ тавре дар боло зикр гардид, дар айни замон идоракунӣ заминаи илмии устувори худро дар Тоҷикистон ташаккул надодааст. Шумораи ками олимон ва муҳақиқон ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ доранд. Аммо дар сатҳи сиёсати давлатӣ масъалаи мазкур бо роҳи ташкили институтҳои идоракунӣ ва омодасозии кадрӣ заминаҳои муайяни худро пайдо кардааст.

Дар кишвар дар ин самт мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2003, №926 дар назди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ таъсис меёбад. Бо ҳамин метавон гуфт, ки институти идоракунӣ дар Тоҷикистон ба марҳилаи ташаккулёбии бонизом шуруъ мекунад.

Дар баробари ин, дар заминаи вазорату идораҳо бобати ташкили тадқиқотҳои илмию амалӣ ва методологии соҳавӣ, ташаккули низоми идоракунӣ ва омодасозии кадрӣ институтҳои миллии тадқиқотӣ амал мекунанд. Мисол: *Институти илмӣ-тадқиқотии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Институти илмӣ-тадқиқотии акушер-генекологӣ, Институти такмили ихтисоси кормандони адлия, Институти такмили ихтисоси кормандони омӯзгорӣ ва ғайра*. Яъне, новобаста аз мавҷуд будани низоми умумҷумҳуриявии омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои идоракунанада дар кишвар соҳаҳо дар алоҳидагӣ ташкили институтҳои идоракунии ва омодасозии кадрии худро иқдом кардаанд.

Аммо барои рушди соҳаи идоракунӣ, бахусус илми идоракунӣ зарур буд, ки низоми миллии илмию тадқиқотӣ ва амалию методологии идоракунӣ ва омодасозии кадрӣ ташкил ёбад.

Бо ҳамин мақсад соли 2003 Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ таъсис меёбад ва соли 2013, яъне он ба шахси ҳуқуқӣ табдил дода шуда, дар шакли нав ва мустақил – Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёбад. Ҳамин тариқ, соли 2019 ин таълимгоҳ ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода мешавад. Инро метавон марҳилаи дуюми ташаккулёбии институти идоракунӣ дар Тоҷикистон номид.

Акнун Академияи мазкур дар воқеъ **мактаби таълимию илмии идоракуниро** ташкил медиҳад, ки ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ буда, барномаи таълимӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибаомӯзии мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва фармоиши давлатиро оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Тоҷикистон кай низоми идоракунии мустақили худро ташкил дод?

2) Назарияҳои илмию тадқиқотӣ дар самти идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар кадом сатҳ мебошад?
3) Дар даврони ҳукмронии ИҶШС низоми идоракунии Тоҷикистон чӣ гуна буд?
4) Сиёсати хориҷӣ ва ё байналмилалии давлат ба кадом принсипҳо асос меёбад?
5) Ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон аз чанд шохаи ҳокимият иборат мебошад?
6) Низоми прокуратура дар Тоҷикистон сохтори идоракунӣ аст ва ё шохаи ҳокимият?
7) Сохти идории Ҷумҳурии Тоҷикистонро кадом институт ташкил медиҳад?
8) Сохтори идории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст?
9) Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба идоракунии давлатӣ чӣ рабт дорад?
10) Ҳамчун мактаби таълимию илмии идоракунии Тоҷикистонро кадом муассиса муаррифӣ менамояд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР САРЧАШМАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 қисми 2, мод.344
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22, мод. 300
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 5, мод. 363; соли 2008, № 3, мод. 202; соли 2010, №7, мод. 554; соли 2013, №3, мод.202
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, мод.611
5. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, № 13, мод. 195; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 9, мод. 238; соли 2005, №12, мод.626.
6. Дар бораи донишкадаи мо. [Маводи электронӣ]. / Тарзи дастрасӣ: http://did.tj/index.php?newsid=155
7. Иерархия власти в СССР и их пространственная структура. / Тарзи дастрасӣ: http://www.libertarium.ru/l_knig_ier

8. Қодиров Д.С. Марҳилаҳои ташаккулёбии илми идоракунии давлатӣ. /Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ» 2015 (2). – Душанбе: Шарқт озод, 2015. - С. 62-71
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
10. Мавлоназаров С.С. Самарабахшии технологияи иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ. /Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ» 2015 (2). – Душанбе: Шарқи озод, 2015. - С.153-158
11. Политические партии Таджикистана. / Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
12. Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. – Душанбе: «Ирфон». 2007.-236 с.
13. Саидов А.Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (андешаҳо, дурнамо). – Душанбе: «Шарқи озод», 2006. – 128 с.
14. Шосаидов С.Ҳ. Идоракунии низоъҳо дар корхонаҳо: тавсифи умумӣ. /Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ» 2015 (2). – Душанбе: Шарқи озод, 2015. - С.39-49
15. Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақом ва нақши он дар муттаҳид кардани ҷомеаи Тоҷкикстон. / Тарзи дастрасӣ: http://www.shuro.tj/

§ 3. МАВЗУЪ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ

3.1 Мафҳумҳо ва мақсади сотсиологияи идоракунӣ

Сотсиологияи идоракунӣ чун дигар илмҳо мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои хоси худро соҳиб мебошад.

Мавзӯи илм ин маҷмӯи мафҳумҳое мебошад, ки ба воситаи онҳо ҳақиқати воқеӣ (объективӣ) тавсиф карда мешавад. Зимнан, **сотсиологияи идоракунӣ соҳаи муносибатҳои идоракунии дар ҷамъият дар ҳар давраи муайяни таърихӣ пайдошударо меомӯзад**.

Умуман илми идоракунӣ васеъ буда, он аз ҷониби соҳаҳои гуногун, ба монанди равоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, иқтисодӣ ва ғайра ба таври муназзам омӯхта мешавад. Аммо ин ҷо ин илм дар шакли маҳдуд, яъне **қисмати иҷтимоии** он дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳангоми таҳлил, баррасӣ ва омӯзиши он соҳаҳои дигари идоракунӣ дахл карда намешаванд, зеро ҷамъият, ки объекти асосии сотсиология мебошад, фарогирандаи кулли соҳаҳои идоракунӣ арзёбӣ мегардад.

Ба омӯзиши идоракунӣ олимони зиёд саҳм доранд, аммо яке аз муваффақтаринҳо дар ин самт М. Вебер мебошад, ки назариёти ӯ ба ҷараёни низоми идоракунии имрӯза низ муносиб арзёбӣ мегардад. Мувофиқи назариёти М. Вебер оид ба ҷудокунии нақши **бюрократия** дар сохтори идоракунӣ истифодаи самараноки ҳамаи намудҳои фаъолияти гурӯҳӣ ва рушди низоми қоидаҳои бешахсиятӣ (таъсир надоштани шахсият) дар дохили ташкилот, ки ба идоракунии ҳокимият дар шакли иерархӣ (зинабандӣ) асос меёбад, тавсия гардидааст.

Дар инҷо **шахсият** манфиатҳои инсонро, ки новобаста аз масъулияти мансабӣ ва ё хизматӣ (нисбат ба ҷомеа ва давлат) ба нафъи худ ва ё баҳри қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи худ равона мегардад ифода мекунад.

Бар ин мавзуъ назари муҳаққиқ бар он асос меёбад, ки аз як тараф хадамоти давлатии бюрократӣ тартиботи босамарро дар ҷомеа таъмин менамояд, аз тарафи дигар «ҳокимияти болоӣ» дар идоракунии ҷамъиятӣ шабеҳи «яккасардорӣ» мебошад. Ин усул хоси идоракунии сохти маъмурӣ мебошад, ки дар он мутахассисон

ва ё хизматчиёни давлатӣ аз рӯи принсипи тақсимоти қатъӣ ва иерархияи вазифаҳо амал мекунанд. Мувофиқан хизматчиёни давлатӣ дар сохтори бюрократӣ **манфиатҳои хоси** худро иборат аз ду гурӯҳ: умумӣ ва шахсӣ соҳиб мебошанд; **манфиатҳои умумии** онҳо манфиатҳои ҳокимият ташкил медиҳанд, аммо **манфиатҳои шахсӣ** фарогири нафъи худи онҳо (хусусӣ) мебошанд. Чуноне дар ҳаёти имрӯза низ мушоҳида мегардад дар бисёр ҳолатҳо, бахусус ҳангоми аз назорат (аз ҷониби мақомоти болоӣ) дур мондан манфиати шахсии инсон / маъмур аз манфиати умумӣ (ҳукумат, ҷомеа) пеш гузошта мешавад. Маҳз ҳамин заифии сохтори бюрократӣ (камназоратӣ) боиси пайдо шудани коррупсия ва норозигии ҷамъият нисбат ба ҳокимияти давлатӣ мегардад.

Новобаста аз ин, тибқи назари Вебер маҳз намуди бюрократии ташкилоти маъмурӣ навъи идоракунии беҳтарин мебошад, зеро он – **идоракунии маъмурӣ** метавонад дақиқият, устуворӣ, тартибот ва боэътимодиро дар муносибатҳои идоракунӣ таъмин созад ва қобили бадастории сифати олӣ бошад. Аммо намуди дигари идоракунӣ - **идоракунии оммавӣ / ҷамъиятӣ**, ки танҳо ба ташкили ҷамъияти касбиён (коршиносон), ки дониши васеро дар соҳаи иҷтимоӣ-гуманитарӣ аз рӯи сохторҳо, ваколатҳо ва сатҳҳои гуногуни иҷро фаро мегирад, қобил мебошад. Ин шакли ҳамгироии маъмурие мебошад, ки ба худ ҳам «сиёсатмадорон» ва ҳам «маъмурон»-ро шомил мегардонад. Ба ин намуди ташкилот ва ё идоракунӣ дар Тоҷикистон фаъолияти Иттифоқи журналистон, Иттифоқи матлубот, Иттифоқи нависандагон, Иттиҳодияи корфармоён, Шӯрои миллии ҷамъиятӣ ва ғайра мисол шуда метавонад.

Дар мавазуи идоракунии ҷомеа, бахусус принсипҳои либералӣ ва демократии идоракунӣ саҳми муҳаққиқон, аз қабили Руссо Ж., Локк Д. Ж., Спиноз Б. ва дигарон хеле зиёд аст.

К. Маркс ва Ф. Энгелс низ дар ташаккули консепсияи идоракунии ҷамъият саҳми босазо гузоштаанд, чуноне дар яке рисолаҳои худ овардаанд: «*Омилҳои бошууронаи идоракунӣ дар фаъолияти мақсадноки одамон, таъсиррасонии институтҳои ҷамъиятӣ, амали ташкилотҳои таъминкунандаи тартибот ва озодии нисбӣ аз ҳолатҳо, бедодӣ, фалокат ифода меёбад*».

Ҳар як ташкилот хоҳ хурд хоҳ бузург фаъолияти худро ба иҷрои якчанд вазифаҳои муайян равона месозад. Ба вуҷуд омадани хирқи (феномени) иҷтимоии махсус - идоракунӣ, ба пайдо шудани фардҳои алоҳида ва гурӯҳҳои машғули фаъолияти идоракунӣ боис мегардад. **Идоракунӣ *намуди фаъолиятест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё* низоми муносибатҳои намуди иерархияи (зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.**

Дар илми муосир идоракунӣ соҳаи дониш ва намуди фаъолиятест, ки ба 4 амалҳо ва ё вазифаҳо: банақшагирӣ, ташкилӣ, сабабнокӣ (ҳавасмандгардонӣ) ва назорат асос меёбад.

Сотсиологияи идоракунӣ – илми ҳудудӣ буда, дар сарҳади ду фанҳои мустақил сотсиология ва идоракунӣ пайдо шудааст. ***Сотсиологияи идоракунӣ ҷараёни ташаккулёбӣ, амалкунӣ ва рушди соҳаи муайяни фаъолияти ҳаёти ҷамъиятиро баррасӣ намуда, механизми муносибатҳо ва тағйиротҳои иҷтимоӣ, қонунияти амалҳо ва рафторҳои иҷтимоиро дар раванди идоракунӣ меомӯзад***.

Дар инкишофи сотсиологияи идоракунӣ хизмати муҳаққиқони назарияшинос ва амалия Ф. Тейлор, А. Файол, М. Вебер, Г. Форд, Г. Эмерсон, Э. Мэйо, Р. Мертон ва дигарҳо назаррас мебошад.

Хусусияти хоси сотсиологияи идоракунро ҳамчун назарияи сотсиологияи алоҳида (махсус), инчунин объект ва предмети он метавон ба мақсадҳои зерин ифода намуд.

Якум, - яке аз масъалаҳои муҳими сотсиологияи идоракунӣ ин омӯзиши омилҳои воқеие мебошад, ки мазмуни ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти доиморушдёбандаи идоракуниро ташкил медиҳад. Омӯзиши омилҳое, ки дар он хусусиятҳои амалҳои мутақобилаи он шахсоне изҳор мегардад, ки: идоракунии ҷамъиятҳо ва ташкилотҳои гуногуни иҷтимоиро ба уҳда доранд - идоракунандагон; ва ё (шахсоне ки) дар мақоми роҳбарикунанда шомил намебошанд ва дар фаъолияти идоракунӣ иштирок намекунанд ва (мутаносибан) маҷбур ҳастанд, ки тобеи дигарон (роҳбарон) бошанд, амр, фармон ва дастурҳои онҳоро иҷро намоянд - идорашавандагон.

Дуюм, - сотсиологияи идоракунӣ аз байни омилҳои зиёди воқеӣ ва гуногунишакли ҷамъгардидаи мансуб ба фаъолияти

идоракунӣ муҳимтарини онҳоро ҷудо мекунад ва бо ҳамин восита: раванди рушдёбии ҷараёнҳои идоракуниро; тағйирёбии вобастаи ин омилҳоро аз тағйирёбии шароитҳои фаъолияти ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии одамон; инкишофи гурӯҳҳо, ҷамъиятҳо ва дар умум ҷомеаро муайян менамояд.

Сеюм, - вазифаи сотсиологияи идоракунӣ иборат аст: аз эзоҳ (шарҳ) додани зарурати дар низом ва сохтори фаъолияти идоракунӣ ба вуҷуд омадани ин ё он навовариҳо ва усулҳои муносиб ва нави амалии татбиқи онҳо (дар ҷараёнҳои идоракунӣ) бо назардошти шароити мувофиқ.

Дар баробари ин, агар муайян кардани тамоюли рушди фаъолияти идоракунӣ, баҳогузории аҳамиятнокии он, зарурати назарияҳои нави идоракунӣ, асосноки ва самаранокии онҳо, имкониятҳои татбиқи ин назарияҳо дар ояндаи начадон наздик ва ё дур имконпазир гардад, пас ин маънои онро дорад, ки сотсиологияи идоракунӣ метавонад боз як масъалаи дигарро (**чаҳорум**)-ро ҳал намояд.

3.2 Вазифаҳои асосии сотсиологияи идоракунӣ

Гурӯҳбандӣ намудани масъалаҳои сотсиологияи идоракунӣ имконият медиҳад, ки **вазифаҳои асосии** он иборат аз 4 гурӯҳҳои зерин муайян карда шаванд:

1) **Маърифатӣ** – таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои асосии идоракунӣ ҳамчун соҳаи махсуси фаъолияти меҳнатӣ, муайян кардани нақш ва аҳамиятнокии идоракунӣ дар рушди ҷамъият ва зерсохторҳои он, ташкилотҳо, гурӯҳҳо ва ғайра;
2) **Баҳодиҳӣ -** баҳогузории сатҳ ва ё андозаи мувофиқат кардани (ё ин ки баракс мувофиқат накардани) сохти ҷории низоми идоракунӣ ба тамоюлҳои ҷамъият, интизориҳои иҷтимоӣ, талабот ва манфиатҳои қисми зиёди аҳолӣ; дарёфти посух ба саволҳои хусусиятнок, ба монанди низоми идоракунӣ **демократӣ** аст ё **авторитарӣ**; ташаббусҳои шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳоро рушд медиҳад ё ин ки маҳдуд мекунад?. Ҳамчунин, ин вазифа имконият медиҳад, ки аз байни омилҳои бисёр ва гуногунҷанбаи идоракунӣ беҳтаринҳо ва муносибтарини онҳо ба шароити дахлдор ҷудо карда шаванд, зимнан равандҳои рушди

ҷараёни идоракунӣ ва вобастагии онҳо ба тағйирёбии сохторҳои ҷамъият, гурӯҳҳои алоҳида ва одамон муайян карда шаванд;

3) **Пешгӯӣ ва пешбинӣ -** барои муайян кардани муҳимтарин тағйиротҳои эҳтимолии наздик ва ё дур дар фаъолияти идоракунӣ равона шудааст. Ин вазифа яке аз василаҳое мебошад, ки дар ташкил ва таъмини самаранокии ҷараёнҳои идоракунӣ ба сифати сипари муҳофизатӣ ва кафолатнок истифода карда мешавад;
4) **Таълимӣ (омӯзишӣ)** – аз худ кардан ва такмили дониш, маҳорат ва малака оид ба тарзу усулҳои идоракунӣ. Ин вазифа асосан хусусияти мунтазамӣ дорад, аммо бо тақозои ҷомеаи муосир он ҳангоми зарурат бар асоси аҳамиятнокии консепсияҳо ва равандҳои муайяни идоракунӣ; ташаккул, таҳким ва пешбинии инкишофи онҳо дар оянда ба амал бароварда мешаванд.

Дар баробари ин, сотсиологияи идоракунӣ метавонад боз як вазифаи муҳими дигареро иҷро намояд – (5) **мусаллаҳ гардонидани кадрҳои идоракунӣ бо усулҳои нав, технологияҳои идоракунӣ** ва бо ин васила дар ҷамъият ҳамчун воситаи амалии такмилдиҳандаи низоми идоракунӣ метавонад нақш гузорад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои сотсиологияи идоракунӣ дар маҷмуъ механизм ва ё муҳаррикеро ташкил медиҳад, ки тақозои замони муосир буда, бар асоси принсипҳои демократии идоракунӣ - боло гузоштани қимат ва нуфузи инсон ташаккул ёфта, танҳо истифодаи бомароми онҳо низоми устувор ва рушдёбандаи идоракунии ҳар як ташкилот, гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳоро метавонад таъмин созад.

3.3 Объект ва предмети сотсиологияи идоракунӣ

Ҷараёни идоракунӣ, ки аз ҷузъҳои бисёр ва гуногунсифат иборат мебошад дар доираи илмҳои гуногун - сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва иқтисодӣ омӯхта мешавад. Аммо ҳар кадоме аз онҳо объект ва предмети хоси тадқиқотро барои худ ҷудо менамояд.

Зимнан **объекти сотсиологияи идоракунӣ** - ин ҷараёнҳои идоракунии дар ҷомеа ва зерсохторҳои алоҳидаи он (сиёсӣ,

иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ) ва ё ташкилотҳо (корхонаҳо, муассисаҳо ва диг.) амалдошта мебошанд, ки баррасӣ ва тафсири онҳо ҳамчун амалҳои мутақобилаи иштирок-кунандагони гурӯҳҳои оилавӣ, касбӣ, ҳудудӣ ва гурӯҳҳои дигари муттаҳидшуда, равандҳои мухталифи ҳамкорӣ, дастгирии мутақобила ва рақобатнокӣ ба роҳ монда мешавад.

Предмети сотсиологияи идоракунӣ - ин омӯзиш, баҳодиҳӣ ва такмилдиҳии ҷараёнҳои идоракунии намудҳои гуногуни ҷамъиятҳо, ташкилотҳо, институтҳои иҷтимоӣ ва дар умум ҷомеа мебошад. Ҳар кадоме аз ин институтҳо, албатта дар худ низоми махсуси амалҳои мутақобилаи иҷтимоии фардҳо ва гурӯҳҳои одамонро ифода мекунанд.

Муайян кардани объект ва субъекти сотсиологияи идоракунӣ ба мо имконият медиҳад, ки ҷузъиёти беши ин соҳаи илми ҷамъиятшиносиро муайян созем.

Сотсиологияи идоракунӣ қисми илми ҷомеашиносӣ мебошад, ки низом ва равандҳои идоракуниро дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои идоракунӣ меомӯзад.

Сотсиологияи идоракунӣ фаъолияти гуногуншакли мақомоти идоракунӣ, давлатӣ ва ҷамъиятиро ҳамчун низомҳои иҷтимоӣ меомӯзад, аз ҷумла мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:

- интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва омодасозии кадрҳои идоракунанда дар маҷмуъ;
- муносибат ва амалҳои мутақобилаи байни кормандони дастгоҳи маъмурӣ (роҳбарикунанда), зертобеъ ва кормандони сохторҳои ташкилӣ;
- ташаккулдиҳии мақсадҳои идоракунӣ бо назардошти меъёрҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва мувофиқати онҳо ба манфиатҳо ва интизориҳои кормандон;
- масъалаҳои марбут ба такмили механизмҳои бонизоми иҷтимоӣ, ки ба омӯзиши амиқ ва таъсиррасонии субъекти идоракунӣ (идоракунанда) ба объекти иҷтимоӣ (идорашаванда) дар роҳи расидан ба мақсади гузошташуда асос меёбад.

Дар маҷмуъ сотсиологияи идоракунӣ сохторҳои идоракунии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва муташаккилро ҳамчун як низоми томи иҷтимоӣ меомӯзад. Мавзӯи ин илм интихоб намудан ва ҷобаҷо

намудани кадрҳо, танзими дурусти муносибатҳо байни роҳбарият ва кормандон, беҳтар намудани шеваи мудирият ва ғайра мебошад. Дар ин ҷо ҳадафҳои иҷтимоии идоракунӣ бо назардошти меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамоҳангсозии манфиатҳои маъмурият ва муносибатҳои кормандон, таҳлили натиҷаҳои татбиқи қарорҳои маъмурият ва муносибатҳои кормандон пеш гузошта мешаванд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАҚВИЯТИ ДОНИИШ

1) Сотсиологияи идоракунӣ чист?
2) Вазифаҳои асосии сотсиологияи идоракуниро номбар кунед?
3) Объекти сотсиологияи идоракунӣ чиро фаро мегирад?
4) Предмети сотсиологияи идоракуниро тавзеҳ диҳед?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34.htm
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
3. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
4. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky.htm
5. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
6. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
7. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php
8. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

§ 4. САМТҲОИ АСОСИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ

4.1 Шаклҳои идоракунии иҷтимоӣ

Барои идоракунии босамари муносибатҳои иҷтимоӣ мебояд масъалаҳои мубрам (актуалӣ) ва тарзу усулҳои ҳамкории ҷамъиятиро бо дарназардошти камбудиҳо ва ё монеаҳои пешомада омӯхт ва зимни қабули қарорҳо ба инобат гирифт – принсипҳо ва самтҳои муайяншударо дар рушду такомули идоракунии иҷтимоӣ бомаром ба кор бояд бурд.

Дар заминаи идоракунии иҷтимоӣ зарур аст, ки оқибатҳои дури (ояндаи) фаъолияти истеҳсолӣ муайян карда шаванд, мувофиқан ҷиҳати баррасии доимӣ ва танизми оқибатҳо (мушкилот, буҳрон) шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Таърихи начандон дури мо нишон дод, ки бархурдҳо ва ё ихтилофотҳои иҷтимоӣ дар низоми идоракунӣ, аз ҷумла дар сохти сотсиалистии ҷомеа хеле зиёд мебошанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузариш аз сохти демократии идории солҳои 1920-ум ба низоми дурушт ва муттамаркази авторитарӣ-бюрократии соли 1950-ум оқибатҳо ва қафомонии зиёдро ба бор овард.

Боиси зикр аст, ки бюрократизм дар асл, худ ба худ мухолифи принсипҳои сотсиализм буд ва барои рушди он монеаҳо эҷод мекард. Зминан, принсипи асосии сотсиализм – баробарии иҷтимоӣ ҳар қадам бо эҷод гардидани услуби тобеияти қатъӣ ба марказ (ҳокимияти мутлақ) ва басинфҷудокунии ҷомеа: синфи коргар, зиёӣ, миёна, болоӣ ва ғайра, “афзалият ба истеҳсолот на ба инсон” вайрон мегардид. Яъне, дар давраи Шӯравӣ бюрократизмро бо рисолати аслии худ истфода намебурданд, аз он ҳамчун василаи идоракунӣ (маҷбурсозӣ) суӯиистифода менамуданд.

Идомаи рукнҳои бюрократӣ, ҳукмфармоӣ ва маҳдуд кардани имкониятҳои мустақилонаи рушд, манъ кардани муаррифии васеи урфу одатҳо, фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ дар низоми коммунистии солҳои 60-80-ум оқибат ба барҳам хурдани сотсиализм боис гардид (ин яке аз омилҳои муътамад ба ҳисоб меравад). Ин муносибат нисбат ба халқи тоҷик низ, ки таърих, тамаддун ва фарҳанги ғанӣ дорад, бисёр бараъло ба назар мерасад. Ҷумҳуриҳои шарқзамин барои давлати Шӯравӣ асосан ба сифати воситаи истеҳсолот – коркарди пахта, гандум, истихроҷи нафт, газ

ва ғайра истифода мегардиданд, манфиатҳои миллӣ ва фарҳангии мамлакатҳои шомили ин минтақа бошад, дар муносибатҳои идоракунӣ хеле дур монда буданд ва ташаббусҳои онҳо низ дар ин ҷодда дастгирӣ намеёфтанд.

Низоми тозабунёди демократӣ, ки ба қисми зиёди мамлакатҳои ҷаҳон мустақилияти томро ба бор овард, дар назди мо, аз ҷумла ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ талаботи зиёде пеш мегузорад, то ин ки иштибоҳҳои саддаи гузаштаро такрор насозем, камбудиҳоро дар фаъолияти ҳамрӯзаи меҳнатию истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ ошкор намоем ва оқибатҳои наздику дури онро дар таносуб ба бартарафсозии бархурдҳо пешгирӣ намоем.

Низоми мазкур азнавсозӣ ва ислоҳоти пайдарпайи механизми идоракуниро дар мамлакат тақозо менамояд. Дар ин ҷо зарур аст, ки начандон ба ҷанбаҳои сиёсӣ, балки ба рукнҳои иҷтимоии идоракунӣ афзалият дод. Ин вазифагузорӣ дар навбати худ, тақозо бар он дорад, ки асосҳои илмии ин самт, тарз ва маҷмӯи амалҳои идоракунии он омӯхта шуда, мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

Дар баробари ин, илми сотсиологияи идоракунӣ зарурати тағйироти куллиро дар идоракунии ҷараёнҳои сиёсӣ ва руҳию фарҳангӣ тақозо мекунад, зеро танҳо ҷомеаи бомаданият ва бомаърифат метавонад ҳамагуна бархурдҳоро истодагарӣ намояд.

Дар ҳамбастагӣ ба ин метавон идоракунии иҷтимоиро дар се шаклҳо ва ё самтҳои зерин баррасӣ намуд:

1) Идоракунии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
2) Идоракунии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ;
3) Идоракунии ҷараёнҳои руҳӣ-фарҳангӣ.

Дар идома ба таҳлили боло идоракунии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро барои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ ҳамчун узви собиқ ИҶШС метавон аз солҳои 1920-уми асри гузашта иқтибос овард. Яке аз самтҳои фаъоли ин шакли фаъолиятро вазифаҳои хоҷагидорию истеҳсолии давлат ташкил медод.

Дар рӯзҳои аввали ташкилёбии ИҶШС Шӯрои олии хоҷагии халқ (1917) ташкил меёбад, мувофиқан намояндагиҳои он дар тамоми ҷумҳуриҳои аъзо ва минтақаҳо таъсис дода мешаванд. Мақсади асосии ин иқдом ба таври муттамарказ идора ва таъмин намудани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ буд, ки ба корҳои илмию

тадқиқотии Стумилин Г. ва Леонтев В. дар самти имкониятҳои идоракунии маҷмӯи хоҷагидории халқ асос меёбад. Дар ин солҳо аввалин ташкилотҳои **банақшагирӣ** пайдо шуда, зери роҳбарии ташкилоти махсусгардонидашуда бо номи «Нақшаи давлатӣ» (Госплан) фаъолият мекарданд. Ин низом дар навбати худ масъули идоракунӣ ва танзими ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ муқаррар гардида буд. Яъне, хоҷагиҳо барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ, зимнан супоридани молу маҳсулот ва андоз нақша баста (уҳдадор) мешуданд.

Дар ин ҷо, фарқият байни идоракунии хоҷагидории низоми демократӣ ва сотсиалистӣ дар он инъикос меёбад, ки дар яке (демократӣ) фаъолияти хоҷагидорӣ озод буда, хоҷагиҳо танҳо барои супоридани андози давлатӣ аз ҳаҷм, навъ ва шакли истеҳсолот масъул мебошанд; дар низоми сотсиалистӣ бошад, аз хоҷагидорон ҳам андоз ва ҳам молу маҳсулот ситонида мешавад, яъне фаъолияти хоҷагидорӣ озод набуда, тибқи фармоиши давлатӣ ба роҳ монда мешуд.

Низоми нақшабандии хоҷагидорӣ байни солҳои 1930-1950 дар шакли идоракунии соҳавӣ ба роҳ монда шуда, охирҳои солҳои 50-ум кӯшишҳои ба идоракунии ҳудудӣ табдил додани хоҷагидорӣ амалӣ шуда буданд. Аммо солҳои 65-ум боз баргашт ба низоми қаблӣ - идоракунии соҳавии хоҷагидорӣ дар мисоли вазорату идораҳо роҳандозӣ мегардад.

Зимнан, пас аз солҳои 90-ум бо назардошти даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон вазифаҳои марбут ба идоракунии иқтисодӣ-хоҷагидорӣ ба самти нав равона гардида, бештар хусусияти иҷтимоӣ-гуманистӣ касб мекунад. Агар то ин давра дар назди низоми идоракунӣ дар мадди аввал манфиатнокии (даромаднокии) иқтисодӣ меистод, яъне шахс танҳо барои меҳнати истеҳсолӣ истифода мегардид, пас акнун муносибат дигар мегардад – нақши инсон дар фаъолияти меҳнатӣ боло меравад ва ба шахс сараввал ҳамчун шахсият ва сипас истеҳсолкунанда афзалият дода мешавад.

Чунки дар шароити муосир маҳз бо таваҷҷуҳ ба шахсияти инсон, фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҳавасмандӣ, қонеъгардонии маънавӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоӣ имкон пайдо мегардад, ки истеҳсолот низ зиёд гардад ва иқтисодиёт рушд кунад.

Илова бар ин, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бозори меҳнат онро тақозо менамояд, ки дар масъалаҳои идоракунӣ ба имконоти нерӯи зеҳнии инсон афзалият дода шуда, он ба таври васеъ истифода гардад, то ин ки самаранокии хоҷагидорӣ, истеҳсолот ва рақобатнокии маҳсулот ба даст оварда шавад. Зимнан мебояд зикр намуд, ки баландбардории сифати меҳнати шахсӣ ва ҷамъиятиро наметавон бе иштироки инсон дар идоракунии истеҳсолот таъмин намуд.

Нуктаҳои асосӣ дар идоракунии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ин ташкил ва кафолати муносибатҳои адолатнок дар тақсими ғаниматҳои моддӣ, мувофиқати андозагирии меҳнатию истеҳсолӣ ба ченаки истеъмолӣ, таъмини бехатарӣ дар кор, ташкили фароғат ва истироҳат, тандурустӣ ва ғайра барои инсон ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ шакли нави фаъолияти хоҷагиҳои истеҳсолӣ, ба монанди **ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, биржаҳо, ассотсиатсияҳо, корхонаҳои муштарак** пайдо гардиданд. Дар кулли кишварҳои ҷаҳон, инчунин дар Тоҷикистон дар самти рушди иқтисодиёти миллӣ ҳавасманд гардонидан ва ҷалби иштироки ҳарчи теъдоди зиёди субъектҳои иқтисодӣ барои сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва корҳои нав механизмҳои муосири идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул ёфтнад; таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок (соҳавӣ ва минтақавӣ) ва ташкил гардидани минтақаҳои озоди иқтисодӣ рӯи кор омаданд.

Дар ин самт Тоҷикистон ҳамчун кишвари иҷтимоӣ қадамҳои муайяни хусусияти миллию байналмилалидошта гузошта истодааст. Ҳанӯз соли 2000-ум дар баробари 191 кишварҳои ҷаҳон Тоҷикистон Эъломияи ҳазорсолаи рушдро, ки бо тамом аз унсурҳои иҷтимоӣ иборат буд, ба имзо расонид. Бо мақсади фароҳам овардани замина барои рушди устувори кишвар ва таъмини раванди муназзам ва дурнамои рушд мутобиқ ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола соли 2007 **Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои давраи то соли 2015 қабул мегардад. Дар заминаи ин, барои расидан ба ҳадафҳои миллии стратегӣ якчанд барномаҳо ва нақшаҳои миллӣ таҳия ва табиқ мегарданд. Дар ин самт, аз ҷумла паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ки масъалаи хеле муҳим барои Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт **Стратегияи паст**

кардани сатҳи камбизоатӣ ба тасвиб мерасад ва дар натиҷаи амалисозии он сатҳи камбизоатӣ аз 81% (дар соли 1999) то ба 21,2% (дар соли 2023) коҳиш дода мешавад. Дар соли 2016 бошад, бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ ва бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор, ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ (сентябри 2015) тасдиқ шудаанд, **Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030** ба тасвиб мерасад. Дар ин ҳуҷҷати давлатӣ 4 ҳадафҳои стратегии рушд барои 15 соли ояндаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд: 1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ; 2) аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан; 3) таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; 4) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Дар баробари ин, барои рушди соҳаҳо ва минтақаҳо барномаҳои мақсадноки миёнамуҳлат ва дарзомуҳлат мунтазам қабул ва амалӣ гардонида мешаванд, ки дар маҷмуъ механизми идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро ташкил медиҳанд. Мисоли ин барномаҳо «Барномаи рушди маориф барои солҳои 2010-2015», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2016-2018», «Барномаи рушди нерӯи зеҳнии инсон то соли 2020», «Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон», ва ғайра шуда метавонанд.

Яке аз нуктаҳои муҳими сиёсати барномасозии Тоҷикистон дар ҳамин давраи фаъолият ба он асос меёбад, ки Ҳукумат барои / дар ояндаи наздик ба таҳкими нерӯи институтсионалӣ бо назардошти ташаккул додани низоми самарабахши идоракунии давлатӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар ҳама муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ афзалият додааст.

Мутаносибан зарур мегардад, ки заминаҳои устувори илмию методологии ҷараёнҳои идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар умум дар кишвар ва дар алоҳидагӣ нисбат ба ҳар як субъекти идоракунӣ бо назардошти талаботи иқтисоди бозоргонӣ ташаккул дода шуда, бо назардошти сиёсати давлатӣ дар ин самт механизмҳои мувофиқан нав ва муносиби идоракунии хоҷагидорӣ-истеҳсолӣ бо фароҳам овардани шароитҳои баробар, далелнок ва адолатхоҳ дар муносибатҳо амалӣ гардонида шаванд.

4.2 Идоракунии равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ

Аз рӯи масъалаҳои сиёсати идоракунӣ – ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ олими Ғарб, М. Вебер бештар кор кардааст.

Бюрократизм - новобаста аз низоми дорои хусусияти манфӣ арзёбӣ гардиданаш, - дар фаъолияти идораи давлатӣ бинобар муносиб будан барои назорат ва батанзимдарории муносибатҳо доимо истифода мегардад. Аз ин рӯ, М. Вебер бюрократияро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, чанде аз ақидаҳои худро атрофи истифодаи босамари он пешниҳод менамояд.

Олим **хусусиятҳои зарурии амалӣ ва самараноки бюрократия**ро барои ҳамаи намудҳои ташкилотҳо, пеш аз ҳама барои мақомоти идоракунии давлатӣ ҷудо менамояд. Аз ҷумла: а) тақсимоти ҷиддии меҳнат ва дараҷаи баланди ихтисосмандии субъект (идоракунанда); б) сохтори иерархии ҳокимият; в) якрангии амалҳои маъмурон, ки тибқи дастурҳои махсуси корӣ муайян шудаанд; г) муносибати холисона ва беғарази роҳбар бо тобеон ва муштариён; д) мавҷудияти дастгоҳи маъмурӣ; е) талаботи мушаххас ба касбият ва дигар сифатҳои кормандон ҳангоми интихоби онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ.

Дар замони Шӯравӣ ғояҳои идоракунии сиёсӣ ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Онҳо пай дар пай дар ташаккули идораи сиёсӣ, аз ҷумла баланд бардоштани нақш ва мақоми ҳизби коммунистӣ ва табдил додани он то ба ҳизби мутлақ-дастгоҳи идоракунии давлатӣ истифода мегардиданд. Идеяҳои сиёсии коммунистӣ ибтидо аз давраи кӯдакӣ (октябрят), наврасӣ (пионер) то ба фарди ҷавон (комсомол) ва гурӯҳҳои (коллективҳои) меҳнатию фароғатӣ талқин мегардиданд. Ин тарзи идоракуниро ба **идоракунии шакли классикии авторитарӣ**-бюрократӣ шабоҳат додан мумкин аст, зеро дар он низоми назорати қатъӣ, зинабандии пирамидавии ҳокимият, афзалиятнокии меҳнат-истеҳсолот (на инсон ҳамчун шахсият) ва ҳукмфармоии сиёсии мутлақ-яккаҳизбӣ амал мекард. Воқеан низоми тарбияи идеологии давраи Шӯравӣ хуб буд ва онро метавон ҳамчун намуна то андозае истифода намуд, - дар инҷо иштибоҳ танҳо дар мундариҷаи идеологияи коммунистӣ буд, ки истеҳсолотро аввалиндараҷа дониста, инсонро дуюмдараҷа муқаррар карда буд.

Аммо ин низом охирҳои солҳои 1980-ум барҳам мехурад ва ба ҷойи ӯ низоми рақиб ва ё муқобил – демократия ҳукмфармо мегардад. Боиси зикр аст, ки ин ду низоми бо ҳам зид асри XX задухурдҳои зиёди сиёсӣ доштанд ва то имрӯз доранд, яке принсипҳои идории дигареро намепазирад. Эҳтимол ҳамин буд, ки – истодагарӣ ва ё муқовимат карда натавонистани низоми коммунистӣ / сотсиалистӣ (аввалҳои соли 90-ум) ба пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ боис гардид.

Дар баробари ин ба ҷомеаи худ то / дар ҳамин давра сахтиҳои зиёд – таназзули сатҳи иқтисодӣ, норасоии озуқаворӣ, мувофиқан камбизоатӣ, тангдастӣ, ноумедӣ ва дигар оқибатҳои нохуш ба бор овард. Аз ҷумла, Тоҷикистонро ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғуш гирифт, низоми идорӣ бо тамом барҳам хурд ва халқ на танҳо камбизоат гардиданд, балки барои зинда мондан талош менамуданд.

Ин консепсияи идории пасмонда ва ё гузаштаро мумкин аст ба ташкилоти шабакавие иборат аз 15 зертобеъ / зерташкилоти бузург шабоҳат дод, ки ташкилоти болоиро дар ҳама намуди фаъолият итоат намуда, барои / бо он кор мекарданд. Лекин ҳангоме, ки ташкилоти болоиро буҳрон, бахусус таҳдиди сиёсӣ дучор омад ва муфлис, камиқтидор гардид, ташкилотҳои зертоберо ба ҳоли худ гузошт, аз масъулият ва уҳдадории парастории, таъминот ва ҳифзи манфиатҳои онҳо даст кашид, ҳол он ки тамоми ғанимат ва арзишҳои моддӣ дар истифодаи бевоситаи он (ташкилоти болоӣ) қарор дошт. Аз ин собиқаи талхи ҳаёт, ки кулли шаҳрвандони собиқ кишварҳои узви ИҶШС, бахусус Тоҷикистон онро диданд, хулоса бармеояд, ки поёни / оқибати низоми идоракунии авторитарӣ ва ё ҳукмронии мутлақ, ин шикаст хурдан, беҳокимиятӣ ва дар як замон аз даст додани тамоми иқтидор ва ғанимату арзишҳои моддию молӣ мебошад.

Низоми идоракунии демократӣ бошад, барои Тоҷикистон новобаста аз «меросҳои низоми гузашта» ба халқ ҳамчун миллат, соҳибфарҳанг, соҳибтамаддун ва давлат мустақилият, соҳибихтиёрӣ ва комилҳуқуқӣ дод ва дар муддати кӯтоҳтарин ҳамчун воҳиди том ба ҷаҳониён ба сифати узви комилҳуқуқ шинохт намуд.

Сохти демократӣ ҳолатҳои зиёди гуногунқолибӣ ва ихтилофоти сиёсӣ, муборизаҳои идеологӣ ва фарзияҳои мухталифро оид ба тағйиротҳо пеш овардааст, ки аз принсипҳои идории он бармеояд. Яъне, ин сохт майдоне мебошад, ки дар он на як (чун коммунизм), балки якчанд субъект / ташкилот дар шароити баробари рақобатнок баҳри беҳдошти ҳаёт ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангию фароғатии гурӯҳҳои мақсаднок (шаҳрвандон) қувваозмоӣ мекунанд ва албатта ғолиб дар як давраи муайян бо амалӣ намудани ғояҳои пешниҳонамудаи худ (ва аз ҷониби халқ қабулшуда) ҳукмфармоӣ мекунад, аммо мубориза анҷом намеёбад; баръакс рақибон имкониятҳои худро барои рақобати (муборизаи) оянда хубтару беҳтар менамоянд.

Дар инҷо метавон ба таври васеъ бартарияти ин ду низоми идории гуногуни сиёсиро (коммунизм / сотсиализм ва демократизмро) баҳогузорӣ намуд. Дар мисоли боло нисбат ба низоми коммунизм бараъло муайян гардид, ки ҳукмфармоии мутлақ оқибати фалокатбор дорад ва наметавонад дар воқеъ рисолати худро – адолати иҷтимоиро таъмин созад. Аммо низоми дигари сиёсӣ – демократизм бо принсипи гуногунандешӣ ва фароҳам овардани шароити рақобатнок имконият фароҳам меорад, ки дар идоракунии давлатӣ на як, балки якчанд субъекти хоҳиш ва азму иродаи ҳукмфармоидошта иштирок намоянд. Дар ин ҳолат, яъне (имконияти баробари) ҳукмфармоии баробари якчанд субъект эҳтимоли шикаст хурдани низоми идории сиёсӣ дур мемонад, зеро ҳангоми бохти як субъект, субъекти дигар омода аст, ки ҷойи ӯро дарҳол ишғол / пур намояд. Яъне, субъекти ҳукмфармо дигар мешавад ва ё шикаст мехӯрад, аммо на низом ва ё сохти идории сиёсӣ; мувофиқан давлат томияти худро гум намекунад, баръакс дар шароити рақобатҳои байни субъектҳои сиёсӣ устувор шуда, кафили осоиштагӣ ва пешрафти ҳаёти ҷомеа мегардад.

Сохти демократии идоракунӣ аз ҷанбаҳои зиёди иҷтимоӣ иборат мебошад. Он имкон медиҳад, ки халқ дар идоракунии давлатӣ ба воситаи намояндаҳои худ ва ё бевосита иштирок намояд. Ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ эътирофи шахсияти корманд, таъмини бехатарӣ, суғуртаи тандурустӣ, ташкили шароитҳои фароғатӣ ва пардохти маоши муносиб аз меъёрҳои ҳатмӣ ба шумор мераванд.

Дар намуди идоракунии иҷтимоӣ-сиёсӣ ба усулҳои техникӣ – истеҳсолотии меҳнат афзалият дода намешавад, дар мадди аввал ташкили механизми идораи сиёсати самаранок ва рушдёбанда бо назардошти маҳдудкунии низоми худидоракунӣ (муттамарказ) ва васеъ гардонидани имкониятҳои иштироки ҳар як корманд / шахс дар ҳалли масъалаҳои муҳим меистад.

Дар ниҳоят сиёсат на танҳо илм, балки санъат аст; санъати идоракунӣ, қабули қарорҳои сиёсӣ, ҳунармандӣ ва маҳорати мутобиқшавӣ дар шароитҳои махсуси сиёсӣ мебошад. Бинобар ин, идораи самараноки он ҳам адолат ва ҳам шароити хуби зиндагӣ ба ҷомеа фароҳам меорад.

4.3 Идоракунии ҷараёнҳои маънавӣ-фарҳангӣ

Идоракунӣ дар ҳаёти маънавӣ ва ё фарҳангӣ хусусияти шартӣ дорад, чун он наметавонад дурушт бошад ва ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ асос ёбад. Ин намуди идоракунӣ асосан омӯзиши амиқи ҳолатҳои равонӣ, пайдо кардани равандҳо ва пешбинӣ намудани тағйиротҳои имконпазирро зимни ташаккул ва эътирофи арзишҳои маънавӣ фаро мегирад.

Идоракунии ҷараёнҳои маънавӣ ба ташкили шароитҳои воқеӣ барои амалисозӣ ва қонеъгардонии талаботи фарҳангӣ ва шавқу рағбати ҳар як шахс равона мегардад. Ин муносибат таъсиррасонии амиқ ва фасеҳро ба тағйиротҳои дар соҳаи илм, маориф, адабиёт ва санъат рухдодаистода тавсеа мебахшад. Зимни идоракунӣ одатан ҷараёнҳои ташкилии муносибатҳои фарҳангии мутақобилаи миллӣ ва маҷмӯи проблемаҳои ҷойдоштаи мансуб ба тафаккури ҷамъиятӣ монеаҳои зиёд пеш меорад. Аз ин рӯ, сотсиологияи идоракунӣ ба омӯзиши хориқаҳо, ба монанди урфу одатҳои халқӣ, анъанаҳои таърихӣ, муносибатҳои динӣ ва хосиятҳои дониши амалии илмӣ равона гардидааст.

Дар қатори проблемаҳои идоракунии марбут ба ҳаёти манънавии ҷомеа ҷойи асосиро мушкилоти сотсиализатсияи (иҷтимоишавии) шахс ва ташаккулёбии шахсони ислоҳотгар, қобили тағйиротҳои куллӣ ва манфиатнок (нисбат ба ҷомеа) ишғол менамояд. Тағйиротҳои ҳаёти маънавӣ бавосита ва ё бевосита аз омилҳои моддӣ ва сатҳи истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобастагӣ доранд. Бинобар ин, ҳангоми идоракунӣ имкониятҳои моддӣ ва мавҷудияти

заминаҳо ва шароитҳои иқтисодӣ барои ҳалли мушкилоти пайдошаванда ба инобат гирифта мешаванд.

Талаботи фарҳангӣ ва ё маънавиро мебояд тамоми намудҳои ташкилотҳо ба инобат гиранд, чунки маҳз таваҷҷуҳ накардан ба хусусиятҳои маънавию фарҳангии шахс, аз ҷумла дар ҷараёни ислоҳоти идоракунӣ он метавонад ба оқибатҳои нохуб ва танназулёбии соҳаи идоракунӣ оварда расонад. Аз ҷумла, ҳангоми ислоҳот ва ё азнавташаккулдиҳии низоми соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, санъат, дин ва адабиёт зарур аст, ки талабот ва воқеияти ҳаёти маънавии фарҳангии шаҳрвандон ба асос гирифта шавад. Мисол: *дар Тоҷикистон қисми зиёди аҳолӣ дини мубини Исломро пайравӣ мекунанд ва рукнҳои тарбиявии маънавии он дар вуҷуди ҳар як шахс ҷой гирифтааст. Аммо ин афзалият ва ё рисолати аслии дини Ислом - панду ҳикмат, тарбия ва ба роҳи рост ҳидоят кардани инсон то ҳадди зарурӣ дар низоми ташкилии идоракунӣ ҷой нагирифтааст. Дар ин ҷо боиси зикр низ мебошад, ки яке аз сабабҳои афзоиш ёфтани рафтору кирдорҳои номатлуб дар байни ҷавонон, аз ҷумла шомил шудани онҳо ба ҳаракатҳои экстремистӣ, ин ба таври зарурӣ истифода ва ё талқин нагардидани рисолати асосии дини Ислом дар байни онҳо арзёбӣ мегардад.*

Бешубҳа, идоракунии ҳаёти маънавӣ ва фарҳангӣ ба яке аз самтҳои муҳими мувозинатдорандаи рушди ояндаи давлат табдил ёфта истодааст, зеро он ва ҷамъият дар баробари заминаҳои хуби моддии ташкилӣ асосҳои устувори ҷаҳонбинӣ ва ягонаи ғоявиро тақозо менамояд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Самтҳои идоракунии иҷтимоиро номбар кунед?
2) Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ фаъолияти кадом шаклҳои нави хоҷагиҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда шудаанд?
3) Хусусиятҳои самаранокии бюрократияро тибқи назарияи М. Вебер номбар кунед?
4) Низоми идоракунии шакли авторитарӣ кадом хоситяҳоро дар бар мегирад?
5) Хосиятҳои низоми идоракунии демократиро номбар кунед?

6) Идоракунии ҷараёнҳои маънавӣ (руҳӣ-фарҳангӣ) кадом шароитҳоро фароҳам меорад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», - https://president.tj/event/missives/36370
2. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
3. Яковлева Т. Н. Социология управления[Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.
4. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
5. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
6. Виды социальных норм [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://legalmap.ru/articles/kp/norma/vidy-sotsialnykh-norm/
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
8. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
9. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
10. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php

§ 5. АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ ДАР ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ

5.1 Назариёти мутафаккирони Шарқ оид ба низомҳои идоракунии ҷамъиятӣ

Нахустин ва оддитарин шакли банизомоварии шакли меҳнати муштарак ҳанӯз дар марҳилаи сохти ибтидоии ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, вақте ки идоракунӣ якҷоя аз ҷониби тамоми аъзоёни оила, тоифа ва ҷомеа амалӣ мешуд. Куҳансолтарин шахс (оқсақол) ва пешвои қабила ба уҳдаи худ роҳбарии аввалро дар ташкили меҳнати муштарак ва тақсимоти озуқа (хӯрокворӣ) мегирифт.

Тахминан 10-8 ҳазор сол то қарни мо дар ҳудуди Шарқи Наздик (Шимоли Ироқ, Фаластин) тағйирот ба амал омад; шакли хоҷагидории анъанавӣ (шикор, ҷамъоварии меваю сабзавот ва ғ.) ба тарзи нави идоракунӣ - дарёфти маҳсулот ва роҳи истеҳсоли он бо ном **«иқтисоди истеҳсолӣ»** табдил ёфт. Ин аввалин таҳовулот дар таърихи инсоният буд, ки онро археологи машҳури англис Гордон В. Чайлд «инқилоби неолитӣ» меномид. Дар муддати сипарӣ гаштани чандин садсолаҳо давлати мустабид (истибдод, тирония)-и бузург ва пуриқтидор ташаккул ёфт, ки худашонро ба қадри кофӣ таҷҳасумгари фаъолияти хуби идоракунӣ тасаввур намекарданд. Бунёди иншооти - дар асрҳои III-II пеш аз мелод - **аҳроми машҳури Миср** (мақбараи азими сангини фиръавнҳо) ёдгориҳои на танҳо намояндагони сулолаи пуриқтидори тавоно, балки ҳазорҳо бинокорон ва меъморон, инчунин санъати бунёдкорӣ, ки тавонистанд аз усулҳои идоракунӣ истифода кунанд, ба ҳисоб меравад. Равшан аён аст, ки барои бунёди масалан, аҳроми Хеопса, ки дар паҳнкуҳи Гиза (баландии 146,6м) ҷойгир аст, на танҳо шумораи бисёри масолеҳи сохтмонӣ ва қувваи корӣ лозим омад, балки дастаи устувори муҳандисон, механизмҳо (сохтмон, сохт, ташкил), инчунин банақшагирии дурнамои ташкил ва назорати иҷрои корҳо ташаккул ёфт.

Заминаҳои назариявӣ принсипҳои (усулҳо ва шартҳои) идоракунӣ дар **қонуни «Хаммурапӣ»** бо тарзи хуб ифода ёфтааст. **Вавилони қадим** дар асри 18 пеш аз мелод объекти дигари идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Давлати пуриқтидор дар ҳамон давра дар Чини қадим амал мекард, ки дар давраи Чжоу (асрҳои XI-III п.а.м) **девори бузурги Чин** - ёдгории муҳташами санъати меъморӣ

(дарозии он баъди анҷом расонидан тақрибан 5 ҳазор км., ва баландиаш дар қитъаҳои алоҳида ба 10 м. мерасид) бунёд гардид.

Рисолаи аввалин бо фарогирии баъзе маълумотҳои ибтидоӣ ва тасаввуротҳо оид ба идоракунӣ дар Чини қадим, Ҳинди қадим ва Шарқи Наздик дар асрҳои V-IV-и пеш аз миллод рӯи кор омадааст.

Бо вуҷуди ин оид ба ташаккули тафаккури идоракунӣ эҷодиёти бузургтарин файласуфони юнони қадим Суқрот, Афлотун, Арасту таъсири назаррас гузошт. Аз рӯи гувоҳии ҳамзамонон, **Суқрот** чунин мешуморид, ки **асоси идоракунӣ ин дониш ва маҳорати ба зурӣ бор кардани ақидаи худ ба дигар одамон мебошад.** Афкори ӯ дар рушди оянда ва ба даст овардани рисолаҳои Афлотун ва Арасту боис гардид, ки муфассалтар 3 шакли ҳукумронӣ: монархӣ, аристократӣ ва демократӣ тасвир шудааст. Масъалаи идоракунӣ дар корҳои мутафаккирони асри миёнагӣ Августини Масъуд ва Фомаи Аквинӣ, ки «Борони илоҳӣ» ва «Борони заминӣ» тақсим шудааст, тобиши бешак аввал буданро эътироф мекунанд, ки оиди идеяҳои идоракунии олам ва одамон хулосагирӣ намудаанд.

5.2 Назариёти мутафаккирони форсу тоҷик зимни муносибатҳои идоракунӣ

Дар ташаккули назарияҳои фалсафию иҷтимоии идоракунӣ саҳми мутафаккирони форсу тоҷик - Абӯбакри Розӣ (865-925), Абӯнасри Форобӣ (873-950), Абӯалӣ ибни Сино (980-1037), Муҳаммад Ғазолӣ (1058-1111), Мир Саид Алии Ҳамадонӣ (1314-1394), Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1420-1505), Аҳмади Дониш (1827-1897) ва ғайра хеле бузург аст.

Абӯбакри Розӣ дар асараш «Нақзи адён» иброз намудааст, ки: «*Худованд ҳамаи бандагони худро мусовӣ халқ карда ва ҳеҷ касро бар дигаре бартарӣ надодааст. Ва агар бигӯем, ки барои раҳматнамоии онон ҳоҷат ба интихоботи касе дошт, ҳикмати болиғаи вай мебоист чунин иқтидо кунад, ки ононро ба монофеу мазореи онию отиашон огоҳ созад ва касеро аз миёни эшон бар дигарон бартарӣ надиҳад ва мояи ихтилофу низои онон нагардад. Ва интихоби имому пешво боиси он нашавад, ки ҳар фирқа аз пешвои худ пайравӣ ва дигаронро тақзиб кунад ва ба назари буғз бад-онон бингарад ва ҷамоате бар сари ин ихтилоф аз миён бибарад*». Мутафаккир таъмини адолати иҷтимоӣ

ва баробарҳуқуқиро дар муносибатҳои идоракунӣ таълиф медиҳад, ки барои имрӯзи идоракунӣ низ нишондиҳандаи муҳим боқӣ мондааст.

Дар назариёти олимони асри миёнагӣ, аз ҷумла Абунасри Форобӣ масъалаҳои хусусияти иҷтимоӣ ва сиёсидошта, аз қабли пайдоиш ва вазифаҳои давлат, шакли идоракунӣ ва мақому манзалати сарвар / шоҳ дар идоракунии давлат ба таври возеҳ баррасӣ гардидаанд. Тибқи назари Форобӣ мақоми сарвариро танҳо шахси оқилу хирадманд ва адолатпарвар, ки манфиати раият ва мамлакатро аз худ болотар мегузорад, бояд соҳиб бошад.

Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ дигар мутафаккири форсу тоҷик дар рушду такомули илмҳои ҷомеашиносӣ нақши хоса дорад. Қисми зиёди ақидаҳои ӯ дар рисолаҳояш, аз қабили «Кимёи саодат», «Ал-мунқиз-мин ал-зилол» ва «Насиҳат-ул-мулук» манузр гардидаанд. Ғазолӣ идоракунии иҷтимоиро яке аз такягоҳҳои асосии олам маънидод менамояд, ки он одамонро ба ҳам наздику бофарҳанг мегардонад ва муносибатҳои онҳоро зери низоми муайяни идоракунӣ ба танзим медарорад.

Муттафаккири барҷаста Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ назариёти мансуб ба идоракунии худро бештар дар «Захират-ул-мулук»-и худ ҷой додааст. Ҳамадонӣ ба одоби сухан ва ботаҳаммулу боандеша будани подшоҳон диққат дода, тавсия медиҳад, ки: «*Ҳоким / шоҳ бояд дар ҳукм сухан ба мадоро гуяд ва бе муъҷиб дурушти накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нашвад. Ва аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад. Ҳоким набояд, ки ба дуруягию фиребгарӣ ва сусткорию саҳлангорӣ мусоидат кунад ва аз барои хушнуд сохтани касе набояд каси дигареро озор диҳад. Зеро ки табиати ҳукуматдорӣ чунин офарида шудааст, ки «пайваста нимаи халқ аз ҳоким хушнуд бошад, зеро ду хасм ба ҳақ хушнуд натавон кард*».

Абуалӣ Ибни Сино мутафаккири форсу тоҷик одамро ҳамчун махлуқи ҷомеа нишон медиҳад. Ӯ назар дорад, ки ҳастии одамон дар ҷамъият шароити ҳамкории онҳоро ба вуҷуд меорад. Барои чунин ҳамкорӣ ба аксари аъзои ҷамъият қонуни ягонаи оқилона ва адлия лозим мебошад. Аъзои ҷомеаро мебояд ба меҳнати фоиданок ва манфиатовари ҷамъиятӣ машғул бошанд. Дар тақвияти ин ақидаи худ Сино аъзои ҷомеаро ба се гурӯҳ: 1) садорат; 2) истеҳсолкунандагон; ва 3) ҳарбиён ҷудо менамояд. Дар яке аз

асарҳои худ - «Тадбири манзил» - Сино таъкид мекунад, ки: *«Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр шаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобеъ раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва саросат бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст ба дӯст мунқатоъ мегардад. Ва агар ҳамагӣ фақиру муҳтоҷ бошанд, аз фақру фалокат ва бечорагӣ ҷон месупоранд. Пас тафовути аҳвол ва ихтилофи миқдор сабаби бақои зиндагии одамизодагон мебошад.»*.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ фарогири масъалаҳои хираду хирадмандӣ, талқини одоби ҳамида, ватандӯстӣ, дӯстӣ, шуҷоат, далерӣ, накӯкорӣ ва ғайра мебошад ва то имрӯз мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Мояи ифтихор аст, ки назарияҳои ахлоқӣ ва хирадномавии асари мазкур то ба мамлакатҳои Ғарб (Аврупо ва ИМА) расидааст. Зимни ин рисолат олими Фаронса Сент Бёв чунин иброз менамояд: «*Дар саросари шоҳасари Фирдавсӣ руҳияи ҳикмат, волоияти адолат ва некӣ чун риштаи сурх мегузарад*».

Мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш шарти аввалини идоракунии давлатиро дар ақл ва адл тасвир мекунад. Ба назари ӯ - *Адл аз камоли ақл хезад. Ҳар ки оқил нест, одил нест* – сарвар / шоҳ бояд тамоми корҳои идориро аз рӯи ақл, хирад пеш барад. Аҳмади Дониш низоми вазоратдориро баррасӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ «*Дар ин навъи ташкилот бояд намояндагони тамоми табақаҳои ҷамъият иштирок кунанд ва тамоми корҳои мамлакат бояд дар ҳамин ташкилоти машваратӣ ҳал шавад ва баъди тасдиқи умум ба кор дарояд*». Ҳамчунин, мутафаккир тавсия медиҳад, ки ба одамони куҳансол ва шахсоне, ки қобилияти кориашонро гум накардаанд, бояд аз тарафи давлат кӯмаки моддӣ расонида шавад. Аҳмади Дониш масъалаи бо зиндагӣ, бо ҳаёт ва эҳтиёҷоти ҷамъият вобаста намудани илму фанро ба миён гузоштааст. Ба назари ӯ бояд дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илмҳои техникию табиӣ ва физикаю кимиёвӣ, ки дар мамлакатҳои пешрафат омӯхта мешуданд, ҷорӣ гардад.

Дар умум назариёти мутафаккирони тоҷику форсро метавон дар шароити имрӯзи идоракунӣ низ истифода намуд, зеро онҳо куллан фарогири тарзу услубҳои идоракунии хоси имкон ва хоҳиши

ҷомеа, таъминкунандаи адолат, баробарҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, дӯстӣ, шуҷоат, далерӣ, накӯкорӣ, иносндӯстӣ, эҳтиром, таҳамулгарои, талабгори қабули қарорҳои илман асоснок, таҳлил ва ҳаматрафа баррасигардида ва ғайра мебошанд. Илова бар ин назариёти идоракунии мутафаккирон ва муҳаққиқони гузаштаи мо тақозо бар он дорад, ки онҳо аз ҷониби идоракунандагон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, иқтисодшиносон, ҳуқуқшиносон ва дигарон мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шуда, нуктаҳои беҳтарин ва тавсияҳои муносиб ба идоракунии тарзи муосир дар шакли корҳои илмию таҳқиқотӣ манзури ҷомеа ва институтҳои давлатии идоракунӣ ва таълимӣ пешниҳод карда шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Тамаддуни бо ном «иқтисоди истеҳсолӣ» - қадим дар Шарқи Наздик кай ташаккул ёфт?
2) Аҳроми Миср, ки бо санъати хуби идоракунӣ бунёд гардидааст, ба кадом асрҳо рост меояд?
3) Рисолаҳои аввалини фарогирандаи тасаввуротҳо оид ба идоракунӣ дар кадом мамлакатҳо тавлид ёфтаанд?
4) Назари Суқрот оид ба идоракунӣ чӣ буд?
5) Кадом мутафаккирони форсу тоҷик оид ба тарзу усулҳои идоракунӣ рисолаҳо таълиф кардаанд?
6) Тафовути назариёти мутафаккирони форсу тоҷик дар қиёс ба шароити имрӯзаи идоракунӣ дар чӣ дида мешавад?

АДАБИЁТҲО ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Заходера Б. Н. Сиасет-наме [Матни аслӣ]: / Книга о правлении вазира XI столетия Низам Аль-Мулька. // Перевод, в введение в изучение памятника и примечания проф. Б.Н. Заходера. Издательство Академии наук СССР. Москва-Ленинград: 1949. – 192 с.
2. Ибни Сино. Рисолаи тадбири манзил. Теҳрон. - 1319. Хуршедӣ.

3. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
4. Саидов А. Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (андешаҳо, дурнамо) [Матни аслӣ] – Душанбе: «Шарқи озод». - 2006. – 128 с.
5. Умарзода И. Таърихи тамаддуни Ориён [Матни аслӣ] – Душанбе: 2006. – 558 с.

БОБИ II. НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ

§ 6. УСУЛҲО ВА ҚОНУНҲОИ АСОСИИ СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ

6.1 Усулҳои асосии сотсиологияи идоракунӣ

Усул (метод) – маҷмӯи қоидаҳо, тарзу усулҳо ва меъёрҳои маърифат мебошад. Метод системаи муайяни принсипҳои фаъолияти муайянкунию азнавсозиҳои амалӣ, назариявӣ ва маърифатӣ аст, ки тадқиқотчиён сармашқи амал қарор медиҳанд.

Усулҳои сотсиологияи идоракунӣ ба 3 гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Усули ташклию маъмурии идоракунӣ ;
2. Усули идоракунии иқтисодӣ;
3. Механизмҳои иҷтимоӣ-равонӣ.

6.2 УСУЛИ ТАШКЛИЮ МАЪМУРИИ ИДОРАКУНӢ

Методҳои ташкилию маъмурии идоракунӣ дар асоси чунин талабот амалӣ мегардад:

- Низоми санадҳои қонунгузории кишвар;
- Низоми санадҳои меъёрии сохторҳои мақомоти болоии идоракунӣ;
- Низоми нақшаҳо, барномаҳо ва вазифаҳо дар ташкилоти муайян;
- Низоми батанзимдарории фаврӣ.

Низоми санадҳои қонунгузории кишвар

Дар он қонунҳои давлат, фармонҳо, қарорҳо, низомномаҳо, амрҳо, стандартҳои давлатӣ, қоидаҳо, дастурамал, усулҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сохторҳои идоракунии болоӣ дохил мешавад (Президент, парлумон, ҳукумат) барои ҳатми ба кор бурдан дар ҳудуди тамоми кишвар.

Низоми санадҳои меъёриии сохторҳои мақомоти болоии идоракунӣ

Ин низоми дар худ стандартҳо, мақом, дастурамал, методика, қарорҳои коллегияи вазоратҳо ва муассисаҳо, инчунин фармоишҳо, дастур, аз ҷониби роҳбарияти ин мақомотҳои давлатӣ

тасдиқшудааст ва дар тамоми ташкилотҳо муассисаҳо амал мекунад, муттаҳидкунандаи ин вазорат ва ё муассисаҳо мебошад.

Низоми нақшаҳо, барномаҳо ва вазифаҳои дар ташкилоти муайян

Низоми ин ташкилот, ширкат коркарди нақшаҳо, барномаҳо, вазифаҳое, ки дорои характери меъёрӣ- танзимӣ барои тамоми звенаҳо ва кормандони ҳамин ташкилот мебошад, ба тартиб даровардани фаъолияти онҳо, ба самти ноил шудани он мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар назди онҳо меистад ва ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо равона карда шудааст.

Низоми батанзимдарории фаврӣ

Низоми батанзимдарории фаврӣ иборат аст, аз: фармондиҳӣ, ҳавасмандкунӣ, таҳримӣ, иштирок дар идоракунӣ ва додани ваколат ва масъулият ва ҷавобгарӣ аз боло ба поён аз рӯи зинаҳои хизматӣ. *Масалан*, фармондиҳӣ аз тарафи роҳбар ба корманд, одатан дар худ доштани дастур, ки бояд иҷро кард ё баръакс корманд дар ҳолати муайян ва ё тағйирот дар ҳолатҳо иҷро накунад.

Идоракунии ташкилию маъмурӣ. Идоракунии ташкилию маъмурӣ дар худ тобеъ намудани кормандони зердаст аз дастурҳои сардорони болоӣ ва идоракунандаи ташкилотро фаро мегирад. Он асосан се навъ мешавад:

1. Маҷбуран ва зуран итоат кардан ба таъсири беруна, ки боиси ҳисси нороҳатӣ, вобастагӣ ва фишор (баъзан дағал, дурушт ва густохона) «аз боло» амалӣ мегардад;
2. Итоаткунии ғайрифаъол бо сабукӣ сурат мегирад, ки корманд аз қабули қарорҳо мустақилона озод карда мешавад;
3. Тобеияти даркшуда ва асоснокшудаи ботинӣ ба корманд имконият медиҳад, ки дастурҳоро дар мӯҳлати муайян ва бо самараи хуб иҷро намояд.

6.3 УСУЛИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДӢ

Усули идоракунии иқтисодӣ дар амалияи механизмҳои иқтисодӣ ба ҳавасмандгардонӣ ва асосноксозии фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ асос меёбад. Дар фарқият аз усули ташкилӣ-маъмурӣ ин усули идоракунӣ на он қадар ба таъсири маъмурӣ (қарорҳо, фармонҳо, дастурҳо ва ғайра) нигаронида

шудааст, он қадаре, ки ба ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва инъомдиҳӣ барои фаъолияти фаъол ва самаранок равона шудааст.

Аҳамиятнокии усули идоракунии иқтисодӣ якбора дар шароити муносибатҳои бозорӣ меафзояд, ки ба қадри имкон ба даромад ва фоидаи зиёд нигаронида шудааст.

Ба усули идоракунии иқтисодӣ, ки дар сатҳи кишвар истифода мегарданд инҳоянд:

1) Низоми андоз;
2) Механизми қарзӣ-молиявӣ.

Ба усули иқтисодӣ, ки дар сатҳи ташкилот, ширкатҳо, муассисаҳо ва ғайра дахл доранд, инҳоянд:

1) Системаи музди меҳнат ва дигар шаклҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандон;
2) Низоми масъулият бо истифодабарии механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва муҷозотдиҳӣ барои сифату самараи кор;
3) Низоми ҳавасмандгардониҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки барои баланд бардоштани самараи фаъолияти кории ташкилот ва сифати маҳсулоти он равона шудааст.

6.4 МЕХАНИЗМҲОИ ИҶТИМОӢ-РАВОНӢ

Механизмҳои иҷтимоӣ-равонӣ - маҷмӯи усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеаи иҷтимоӣ, инчунин муносибатҳо ва ҳамкорӣ миёни онҳост, ки ба хотири баланд бардоштани самаранокии объекти фаъолияти идоракунӣ равона шудааст.

6.5 Қонунҳои идоракунӣ иҷтимоӣ

Сараввал зарур аст, ки мафҳуми қонун мушаххас тавзеҳ дода шавад, то ин ки тасаввуроти оянда оид ба қонунияти иҷтимоӣ возеҳ ва ба осонӣ дастёб гардад.

Зери мафҳуми қонун аслан қоидаҳои ҳатмӣ ва меъёрҳои маҳдудкунандаи муносибатҳо фаҳмида мешаванд, ки ин ҷараён асосан хоси амалия – қонунгузорӣ ва батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби давлат мебошад. Чунончӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қонун** – ин **санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи**

мақоми қонунгузор қабул мегардад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим мекунад.

Дар назария бошад, **қонун**ро метавон **қоида ва ё маҷмӯи қоидаҳо ва меъёрҳои бонизом ва батанзимдароварандаи муносибатҳои иҷтимоӣ** маънидод намуд.

Сотсиологияи идоракунӣ ба мисли тамоми илмҳои дигар қонуният ва ё қонунҳои хоси худро дорад, ки муайян намудани робитаҳои пойдор ва меъёру хусусиятҳои маъмурияти идоракунии иҷтимоиро меомӯзад.

Қонунияти иҷтимоӣ – ин робитаи воқеии амалӣ (дарамалбуда) ва такроршавандаи падидаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки пайдоиш, ташаккулёбӣ ва рушди ҷомеаро ҳамчун низоми пурра (комил) ва ё зерсохторҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ифода мекунад. Яъне, робита байни асос ва оқибат (натиҷа) мебошад.

***Мисол**: Барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат зарур аст, ки хадамоти махсус ташкил карда шавад. Дар инҷо <u>асос / сабаб</u> заиф будани соҳаи сайёҳӣ, зимнан <u>натиҷа</u> / <u>оқибат</u> рушд ёфтани соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад, ки барои он хадамоти сайёҳӣ ба сифати <u>қонуният</u> - маҷмӯи тарзу усул, василаҳо ва меъёрҳои махсуси фалият таъсис дода мешавад.*

Қонунҳои сотсиологияи идоракунӣ – шароитҳои амалиро барои идоракунӣ ва таъсиррасонии онро ба объектҳои иҷтимоӣ бо

мақсади фаъолияти босифат ва таъмини рушди онҳо фароҳам меорад. Қонуният сохти дохилии субъекти идоракуниро (зерсохтори идорашавандаро) бо назардошти ҷузъҳо ва ҳайати сохтор ва тартиби амалҳои мутақобилаи онҳо муайян мекунад.

Қонунҳои асосии сотсиологияи идоракуниро метавон ба 5 гурӯҳ ҷудо намуд: системаҳо, ташкилотҳо, изоморфӣ (баъзан хусусиятҳои ягона ва баъзан гуногун), ташкили фаъолияти идоракунӣ ва идоракунии муносибатҳо.

Қонунҳои системаҳо аз **қонуни дохилинизомии ҷуфтҳо** ва **қонуни иқтидори амалҳо** иборат мебошанд. Дар низоми идоракунӣ аслан тамоми ҷузъҳо бо ҳамдигар дар робитаи мутақобила буда, ҷуфтҳои дохилинизомиро ташкил медиҳанд, ки яке аз онҳо фаъол - идоракунанда ва дигаре камфаъол-идорашаванда мебошанд.

Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи ин ду ҷузъҳо ва ё зернизомҳои фаъол ва камфаъол қонуни дигар - иқтидори амалҳо ҳосил мегардад, ки ҷузи нави низомро ташкил медиҳад.

Қонунҳои ташкилотҳо низ ба ду қонун: **ташкилотҳои ғайрирасмӣ** ва **идоракунии босамар дар ташкилот** ҷудо мешаванд. Қонуни ташкилотҳои ғайрирасмӣ – дар замина ва ё дохили ҳар як ташкилоти расмӣ созмон додани ташкилотҳои ғайрирасмиро (воҳидҳо, гурӯҳҳо ва ғ.) иборат аз дӯстон, ҳамфикрон, доираи муошират шахсӣ ва дигарҳо тавсеа мебахшад. Асоси ташкилот ва ё гурӯҳҳои ғайрирасмиро муайянкунии хусусиятҳои рафтори аъзои худ ташкил медиҳад. *Мисол: дар ҳар як муассисаи таълимӣ метавонад гурӯҳҳои гуногуни илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар асоси ҷамъиятӣ, машваратӣ, мубоҳисавӣ фаъолият дошта бошад, ба монанди мактаби сиёсатшиносон, маҳфили духтарон, гурӯҳи донишҷӯёни эҷодкор ва ғ.*

Тибқи қонуни идоракунии босамар бошад, таъсиррасонӣ ё ин ки фаъолият дар ҳамон вақт самаранок ба ҳисоб меравад, агар мақсадҳои асосии ташкилотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба якдигар мувофиқат намоянд.

Қонуни ташкили фаъолияти идоракунӣ самаранокии ҷараёни идоракунии объектҳои иҷтимоиро ба дараҷаи мувофиқати вазифаҳо, масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни раванди идоракунӣ дар ҳар як сатҳи он (идоракунӣ) вобаста мегардонад. Аз

ҷумла, тавозуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар ҷараёни идоракунӣ шарти зарурии самаранокии идоракунӣ мебошад. Одатан татбиқи ин қонун ҳангоми бастани аҳдҳо ва шартномаҳои меҳнатии байни кордиҳанда ва корманд, фармоишгар ва иҷрокунанда возеҳ мегардад. Яъне нақши асосии ин қонун танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва вазифавӣ дар ташкили ҷараёни идоракунӣ мебошад.

Қонуни муносибатҳои идоракунӣ робитаҳои воқеӣ, зарурӣ ва муҳим байни субъектҳои идоракунӣ (роҳбарият, маъмурият ва дигар шахсони масъули идорӣ) ва самаранокии амали низоми идоракунии иҷтимоиро ифода мекунад.

Қонуни манфиатҳои махсуси мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои идоракунӣ робитаҳои муҳимро байни субъектҳои идоракунӣ дар ҷараёни амалисозиии мақсади ягона ташкил медиҳад. Дар ин ҷо, ҳам роҳбар ва ҳам корманд бояд манфиатҳои худро ба таври возеҳ эҳсос кунанд. Роҳбар вазифа гузорад, корманд онро бо шавқу рағбати зиёд иҷро намояд.

Қонуни ягонагӣ ва мустақилияти манфиатҳои махсус – вазъи муносибатҳои мутақобили иштирокчиёни раванди идоракунро муайян месозад. Дар бисёр ҳолатҳо аъзои ташкилот аз рӯи манфиатҳо метавонанд нисбат ба якдигар мустақил бошанд. *Мисол: гуногунӣ ва тафовутнокии фаъолият ва масъулияти байни иттифоқҳои касабаи ташкилот ва маъмурияти ташкилот.*

Қонунҳои сотсиологияи идоракунӣ хусусиятҳои муҳим, устувор, дохилӣ ва ҷараёни идоракуниро ифода мекунанд. Онҳо аз хосиятҳои объективӣ иборат буда, ба иродаи одамон вобастагӣ надоранд, баръакс ирода, шуур, мақсаду ният ва амалҳои одамонро муайян месозанд.

Истифодаи бошууронаи қонунҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти одамон мувофиқ ба талаботи воқеии ҳаёт ба роҳ монда шавад.

6.6 Қонунҳои идоракунӣ

Дар қисмати боло оид ба қонунҳои сотсиологияи идоракунӣ маълумот оварда шуд, акнун баъзе қонунҳои идоракуниро зимни баррасӣ қарор медиҳем.

1) **Қонуни зарурати гуногуншаклӣ** - низоми идоракунӣ бояд ҳамчун объекти идорашаванда гуногуншакл бошад. То кадом андозае, ки объекти идорашаванда мураккаб аст, то ҳамон андоза /

ҳад бояд субъект / идоракунандаи он мураккаб бошад. Яъне, самаранокии идоракунӣ дар ҳамон вақт таъмин мегардад, ки агар низоми идоракунӣ ба талаботи объекти идорашаванда мутобиқат кунад.

2) **Қонуни тахассуси идоракунӣ** – мутобиқи ин меъёр ҷудокунии вазифаҳо ба қисмҳо ва истифода шудан дар шароитҳои махсус, зинаҳо ва самтҳои гуногун амалӣ мегардад. Бинобар ин, идоракунӣ қобилияти баланди касбии шахсро дар соҳаҳои гуногун: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, психологӣ, ташкилий-техникӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра талаб мекунад.

3) **Қонуни ҳамгироии идоракунӣ** муттаҳидкунии амалҳои гуногуни махсусгардонидашудаи идоракуниро дар сатҳ ва самтҳои мухталиф ва ҷараёни ягонаи идоракунӣ дар доираи сохти (организми) ягонаи иҷтимоӣ ҳамчун низом (система) ифода мекунад. Ҳамгироии омилҳо чун ҳамгироии мақсад, вазифа ва манфиатҳои ҷомеа, ки дастгирии фаъолияти ҳаёти муқаррарӣ ва инкишофи низоми мураккаби иҷтимоиро дар шароити тағйирёбии доимӣ ва пайвастани муҳитҳои дохилию берунӣ талаб менамояд, шуда метавонад.

4) **Қонуни сарфаи вақт** яке аз муҳимтарин қонуни идоракунӣ ба шумор меравад, ки тавсифи самаранокии идоракуниро ифода мекунад. Мувофиқан бадастории ин ҳадаф бо назардошти талафоти ками вақт, захираҳои моддӣ, инсонӣ ва молиявӣ, ки асосан аз: суръат ва мутобиқати вокуниши субъекти идоракунӣ ба объект; ҳалли ҳамагуна масъалаи идоракунӣ дар муддати кӯтоҳ; ва сари вақт расонидани таъсири мусбӣ ба натиҷаи ниҳоӣ, вобаста мебошад.

5) **Қонуни афзалиятнокии мақсадҳои иҷтимоӣ** дар мақсадгузорӣ муайян мешавад. Мақсади рушди ҷомеа ва шароити нигоҳдории мувозинати он на ба истеҳсолот, сиёсат ва на ба иқтисодиёт рабт дода мешавад, балки ба доимо баланд бардоштани сатҳи зиндагии аъзои он (ҷомеа), некуаҳволӣ, аҳволи иҷтимоӣ ва такмили мутассили тарзи ҳаёти ҷамъият вобаста мебошад.

6) Қонуни афзояндаи субъективӣ ва зеҳнӣ (маънавиёт) дар идоракунӣ хосияти таъсири идоракуниро пешгирӣ мекунад. Қонунияти муносибатҳои идоракунӣ ба он асос меёбад, ки моҳияти

муносибатҳои одамон дар ҷараёни идоракунӣ аз ҷониби худи онҳо гузошта мешавад, ҳамаи онҳо (муносибатҳо) дар ин ё он шакл ба воситаи шуури одамон амалӣ мегарданд, одам онҳоро месозад ва такмил медиҳад, албатта бо назардошти тағйиротҳои объективӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ. Барои ҳамин табиати муносибатҳои идоракунӣ дуҷониба мебошад: объективӣ ва субъективӣ.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Қонуни иҷтимоӣ чист?
2) Қонунияти сотсиологияи идоракунӣ ба кадом қонунҳо ифода меёбад?
3) Гурӯҳҳои қонунҳои асосии сотсиологияи идоракуниро номбар кунед?
4) Истифодаи бошууронаи қонунҳо ба чӣ имкон медиҳад?
5) Қонуни сарфаи вақт чиро тавсиф мекунад?

АДАБИЁТҲО ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. Виды социальных норм [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://legalmap.ru/articles/kp/norma/vidy-sotsialnykh-norm/
3. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
4. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 7. ҚИСМҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ

Идоракунии иҷтимоӣ, ки ҷараёни таъсиррасонии мутақобилаи кормандонро (одамонро) ба якдигар фаро мегирад, худ ба худ низом ва ё системаи муносибатҳоро ташкил медиҳад.

Низоми идоракунии иҷтимоиро метавон ба 5 қисм ва ё ҷузъҳои (элементҳои) хос ҷудо намуд:

1. Механизми идоракунӣ;
2. Субъект ва объекти идоракунӣ;
3. Сохтори идоракунӣ;
4. Вазифаҳои идоракунӣ;
5. Воҳидҳои (кадрҳои) идоракунӣ.

Низоми идоракунӣ ин шакли татбиқи амалҳои мутақобила ва рушди муносибатҳои идоракунӣ мебошад, ки ба қонунҳо ва принсипҳои идоракунӣ асоснок мегардад.

7.1 Механизми идоракунӣ

Механизми идоракунӣ бо роҳи истифодаи қонунҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои амалисозии сиёсати муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул меёбад. Механизми идоракунӣ барои расидан ба мақсадҳои муайян аз ҷониби гурӯҳи одамон (маъмурон ва кормандон) ташкил ва тағйир дода мешавад, ки ба ин восита маҷмӯи вазифаҳо, шакл, усул, василаҳо ва ҳавасмандиҳои вобаста ба идоракунии иҷтимоӣ ба танзим дароварда мешаванд. Ин муносибат имкон медиҳад, ки самаранокии идоракунии иҷтимоӣ дар шароитҳои муайян ва гуногуни ҳаётӣ таъмин карда шавад.

Сатҳу сифати механизми идоракунии иҷтимоӣ, ташаккулёбӣ ва мутобиқати он ба талаботи низоми иҷтимоӣ ва қонунҳои иқтисодӣ аз маъмурон ва маҳорати онҳо оид ба дарёфт ва баҳогузорӣ карда тавонистани ҷузъҳо ва робитаҳои нисбатан муҳими муносибатҳои идоракунӣ, хусусиятҳои зоҳиргардӣ ва самарабахшии онҳо дар самти рушди равндҳои ошкоршуда вобастагӣ дорад.

Механизми идоракуниро ба се самт: **1) иқтисодӣ, 2) ташкилӣ ва 3) иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷудо кардан мумкин аст**, ки робитаи мутақобилаи онҳо бар асоси талаботи низоми қонунҳои рушди иҷтимоӣ ва идоракунӣ ташаккул меёбад (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3

I. Механизми иқтисодӣ	II. Механизми ташкилӣ	III. Механизми иҷтимоӣ-фарҳангӣ
• амалисозии сиёсати иқтисодии нарх, молия, қарз, маош, пардохтҳои сармоявӣ ва ғ.	• роҳбарии сиёсии ҷамъият тариқи дастгоҳи давлатӣ, ки ба ноилгардӣ ба мақсадҳои рушди иҷтимоӣ мусоидат менамояд	• амалисозии сиёсати иҷтимоӣ, ки ба қонеъгардонии манфиатҳои ҷамъиятӣ, гуруҳӣ ва фардӣ равона гардидааст

Дар умум механизми идоракуниро сиёсати идоракунӣ низ гуфтан мумкин аст, зеро он асосан ҷараён, падида ва муносибатҳои сиёсӣ-маъмуриро зимни пешбурди фаъолияти ташкилию амалӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташкилот дар маҷмуъ амалӣ мегардонад.

7.2 Субъект ва объекти идоракунӣ

Идоракунӣ дар ҷараёни таъсиррасонии мустақими як шахс ба шахси дигар ташкил меёбад, ки он ба муносибатҳои субъективӣ - муайянкунандаи самтҳо, мақсадҳо, вазифаҳо ва натиҷаҳои фаъолият ва обективӣ – амалисозанда ва ё иҷрокунандаи вазифаҳои муайяншуда ҷудо мешавад.

Бояд иброз намуд, ки агар идоракунӣ зимни таъсири як шахс ба шахси дигар ташкил ёбад, пас идоракунии иҷтимоӣ бо таъсиррасонии мутақобилаи ҳар ду ҷониб, ҳам субъект ва ҳам объект ба вуҷуд меояд. Тафсири дигар он аст, ки зимни идоракунӣ вазифаҳои субъект ва объект мушаххас мебошанд, аммо дар идоракунии иҷтимоӣ объект дар ҳолатҳои муайян метавонад ҳамчун субъект баромад намояд (шинохта шавад).

Ҳамин тариқ, **субъекти идоракунӣ ин низоми маъмурии ташкилот – роҳбар(ият)и ташкилот, ки ҳуқуқ ва ваколати ҳукмфармоӣ, фармоиширо соҳиб аст ва дастгоҳи идоракунии он, ки ба ташкил ва амалисозии таъсирҳои идоракунӣ машғул мебошад, дониста мешаванд**.

Объект бошад, кормандони алоҳида, гурӯҳҳои кормандон ва дастгоҳи истеҳсолиро, ки ба онҳо таъсирҳои (фармоишҳои) идоракунӣ равона (муқаррар) гардидаанд, фаро мегирад.

Бо як ифода дар муносибати идоракунӣ субъект ин фаромишдиҳанда, идоракунанда ва объект иҷрокунанда, идорашаванда мебошад.

Байни субъект ва объекти идоракунӣ ва ё кордиҳанда ва корманд робитаҳои мустақим ва бозгашти хусусияти иттилоотидошта ҷой доранд. Ин робитаҳо тибқи назарияи Ф. Тейлор ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

1) **Тақсимоти банақшагирӣ ва иҷрои кор** – тақсимбандии меҳнат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо байни роҳбар ва корманд, ки мақсади он ташкил намудани зинабандии (иерархияи) идоракунӣ дар ташкилот мебошад;

2) **Уҳдадорӣ аз рӯи вазифаҳо** – тақсими баробари вазифаҳо ва уҳдадориҳо (аз ҷониби роҳбар) байни тамоми кормандон бо назардошти қобилияти амалии онҳо, то ин ки адолат ва сифати меҳнат таъмин карда шавад;

3) **Таҳқиқи таркиб ва вақти корӣ** – ҳар як амал дар алоҳидагӣ ва маҷмӯи амалҳо / корҳо аз рӯи таркиб, пайдарпайӣ ва вақти муайяншуда бо мақсади дастёбӣ ба муваффақиятҳои меҳнатӣ-истеҳсолӣ зимни таҳқиқ қарор дода мешаванд;

4) **Мукофоти пулӣ** – корманд бояд аз рӯи иҷрои нақшаи (вазифаи) муқарраршуда маош гирад: аммо корманде, ки маҳсулнокии меҳнатиаш зиёд аст ва нақшаи гузошташударо барзиёд иҷро мекунад, бояд ҳавасманд гардонида шавад – дар баробари маош боз мукофоти пулӣ гирад; мутаносибан корманде, ки мунтазам уҳдадории нақшавӣ / истеҳсолии худро иҷро менамояд, маоши ӯ нисбат ба кормандони натиҷаи пастдошта бояд зиёд бошад. Яъне василаи далелнокӣ ва ё ҳавасмандгардонӣ дар ин ҷо ба даст овардани маблағи зиёд ба ҳисоб меравад. Аммо ин назари Тейлор ба назари Г. Гант мухолифат дорад – ӯ назареро пеш гузоштааст, ки маоши корманд новобаста аз ҳаҷми иҷрои нақша / уҳдадорӣ бояд ҳадди устувор (тағйирнаёбанда) дошта бошад;

Ин ду назарро агар таҳлил намоем, пас назари Тейлор хоси принсипҳои демократии идоракунӣ буда, назари Гант мансуби принсипҳои сотсиалистии идоракунӣ арзёбӣ мегардад.

5) **Интихоб (хостагирӣ) ва таълим** – асоси фаъолияти ташкилотро кадр / воҳиди корӣ (мутахассис, корманд) ташкил медиҳад, бинобар ин интихоб, ҷобаҷогузорӣ, омодасозӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, малака ва таҷрибаомӯзии кадрӣ мавриди омӯзиши махсус қарор дода мешавад.

7.3 Сохторҳои намунавии (қолибии) идоракунии иҷтимоӣ

Идоракунии иҷтимоӣ чун дигар низомҳо аз рӯи нишонаҳо ба якчанд сохторҳои намунавӣ ҷудо мешавад. Аммо бо назардошти таҷриба онҳоро метавон ба ду гурӯҳ: 1) **аз рӯи хосияти робитаи мутақобилаи ҷузъҳои** низоми идоракунӣ-ташкилӣ; ва 2) **таркиби ҷузъҳои** низоми идоракунӣ-ташкилӣ ҷудо намуд.

Аз рӯи хосияти робитаи мутақобилаи ҷузъҳои идоракунӣ – *муносибатҳо байни субъект ва объекти идоракунӣ бо тартиби зинабандӣ ва аз рӯи вазифаҳо / уҳдадориҳо ба роҳ монда мешаванд. Дар инҷо асоси фаъолиятро робита ташкил медиҳад.*

Аз рӯи таркиби ҷузъҳои идоракунӣ - *муносибатҳо байни субъект ва объекти идоракунӣ бо тартиби зинабандӣ аз рӯи истеҳсоли маҳсулот ва ё ҳудуд ба роҳ монда мешавад. Дар инҷо робита муҳим нест; муҳим, рушди фаъолияти истеҳсолӣ ва таъсирнокии ташкилот дар ҳудудҳои муайян арзёбӣ мегардад.*

Мутобиқи хосияти робитавии ҷузъҳо сохторҳои идоракунии иҷтимоӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд: патриархалӣ (падаршоҳӣ / оддӣ); аммудӣ; амалӣ; ва амудӣ-амалӣ.

Аз рӯи таркиби ҷузъҳо низ, сохторҳо ба чор гурӯҳ ҷудо мегарданд: сохтор дар заминаи воҳидҳои стратегӣ; дивизионӣ; лоиҳавӣ; ва қолибӣ (матрисавӣ).

1. Сохтори патриархалӣ ва ё оддӣ

Намуди сохтори идоракунии оддӣ аз роҳбар ва якчанд корманд (2-15 нафар) иборат мебошад. Сохтор аз рӯи усули тақсимоти дуқишрӣ роҳбар ва зертобеон амал мекунад, ки он асосан барои ташкилотҳои хурд мувофиқ мебошад. Дар чунин сохтор ҳамаи ҳайат тобеи як нафар мебошанд, ки онро ба принсипи яккаҳукмронӣ низ шабоҳат додан мумкин аст (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4



Камбудии ин намуди сохтор ба он асос меёбад, ки онро наметавон барои ташкилоти миёна ва бузург бо фарогирии теъдоди зиёди кормандон истифода бурд, зеро ин принсип ҳам барои ташкилоти хурд ва ҳам бурузрг ношоям мебошад.

2. Сохтори амудӣ

Сохтор намуди амудӣ шакли рушдёфтаи сохтори намуди патриархалӣ буда, ба ҳар як роҳбар теъдоди муайяни кормандон бо принсипи иерархӣ - «аз боло ба поён» тобеъ мебошанд. Яъне, дар сатҳи аз ҳама болои ташкилот як роҳбар, дар сатҳи дуюми маъмурӣ 2-3 роҳбар ва ғайра бо ҳамин тартиб ҳар як роҳбар зертобеони худро дошта, дар сатҳи аз ҳама поён тобеон ҳамчун иҷрокунанда барои татбиқи вазифаҳои муайян бевосита амал мекунанд (Ҷадвали 5).

Робитаҳои амудӣ бо тартиби тобеияти зинабандишуда ба роҳ монда мешаванд. Сохторҳо аз рӯи сатҳ ва ҳудуд ба якдигар тобеъ мебошанд: поёнӣ ё маҳаллӣ ба миёна ё минтақавӣ, миёна ба болои ё марказӣ (ҷумҳуриявӣ).

Дар ин намуди сохтор принсипи яккаҳукмронӣ нигоҳ дошта шуда, як нафар масъулияти ҳамаро ба душ гирифта, дигар роҳбарон ва тобеонро сарварӣ мекунад. Дар ин гуна сохтор ҳар як роҳбар бояд мутахассис, тахассуснок буда, донишу малакаи заруриро соҳиб бошад.

Ҷадвали 5



Камбудии ин сохтори идоракунӣ ба набудани принсипи фасеҳӣ (гибкост) ва мутобиқшавӣ асос меёбад, ки монеаи рушди ташкилот дар ҳалли масъалаҳои маҷмӯӣ мегардад. Инчунин, он ба тахассуснокии роҳбарон талабот ва сарбории зиёд пеш меорад.

Новобаста аз ин, ташкили корхонаҳои хурд ва фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳамин намуди сохторҳо оғоз мегарданд, сипас бо мурури инкишоф ёфтан бо дигаргунсозии сохтор ба намуди дигари сохтори идоракунӣ мепардозанд.

3. Сохтори намуди амалӣ

Ташкилот барои амалисозии фаъолият аз рӯи вазифаҳо / уҳдадориҳои муайян якчанд воҳидҳои сохториро ташкил медиҳад. Ҷиҳати самранокии (роҳбарии) фаъолият байни ин воҳидҳо ва маъмурияти ташкилот робитаи тобеият муқаррар карда мешавад. Ин воҳидҳоро дар таҷриба бахши молия, хоҷагидорӣ, харидорӣ, истеҳсолот ва ғайра ташкил медиҳанд (Ҷадвали 6).

Дар сурати дар сатҳи хуб ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳангсозӣ воҳидҳои сохторӣ ба аз байн бурдани амалҳои такрорӣ ва паст кардани хароҷоти истеъмолӣ мусоидат менамояд. Инчунин, ин сохтор ба баланд гардидани сифати қарорҳои идорӣ ва тахассуснокии фаъолият имкон медиҳад.

Ҷадвали 6



Камбудии ин намуди сохтор: вайрон гардидани принсипи яккаҳукмронӣ, зеро ҳар як иҷрокунанда дар як вақт метавонад аз якчанд роҳбар, ки вазифаҳои гуногунро бар уҳда доранд супориш гирад; суръати пасти қабули қарорҳо; ва масъул набудани роҳбарони амалӣ ба натиҷаи ниҳоии ташкилот.

Дар баробари ин, сохтори намуди амалӣ зимни рушд ёфтани имкониятҳо барои бадастории ҳадафҳои нисбатан васеъ номуносиб арзёбӣ мегардад. Чунки мавриди баромадни ташкилот ба бозори ҷаҳонӣ, мувофиқан васеъ гардонидани имконияти хизматрасонӣ ва маҳсулот байни воҳидҳои сохторӣ ва дар умум дар таркиби ташкилот зиддияти манфиатҳо афзоиш меёбад.

Ин намуди сохтор маъмулан дар алоҳидагӣ (танҳоӣ) истифода бурда намешавад, дар бисёр ҳолатҳо он дар якҷоягӣ бо сохтори намуди амудӣ ҳамчун сохтори амудӣ-амалӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

4. Сохтори амудӣ-амалӣ

Дар ин намуди сохтори идоракунӣ бофташавии усулби амалигардонии вазифаҳои махсусгардонидашудаи маҳдуд бо низоми масъулиятнокӣ ва тобеият дар ҳалли бевоситаи вазифаҳои намудҳои асосии фаъолият ба кор медарояд (Ҷадвали 7).

Ин навъи сохторе мебошад, ки дар ҳамгироии усулҳои идоракунии патриархалӣ ва амалӣ низоми нисбатан муътадили идоракуниро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 7



Чӣ тавре дар боло оварда шуд, сохторҳои намунавии идоракунӣ аз рӯи таркиби ҷузъҳо ба чор гурӯҳ: сохтор дар заминаи воҳидҳои стратегӣ; дивизионӣ; лоиҳавӣ; ва қолибӣ (матрисавӣ) ҷудо мегарданд.

5. Сохтор дар заминаи воҳидҳои стратегӣ

Дар ҳолате, ки ташкилот ба ниҳоди бузург табдил меёбад ва дар сохтори он бахшҳои зиёди мустақил ва соҳаи (самти) фаъолияти наздик ва ё ягонадошта амал менамоянд, зарурат пайдо мегардад, ки барои ҳамоҳангсозӣ ва таъмини маҳсулнокии фаъолияти онҳо воҳидҳои байнисоҳавӣ ташкил карда шаванд. Воҳидҳои байнисоҳавӣ дар як вақт нақши мақоми пайвасткунандаро байни роҳбарият ва бахшҳои истеҳсолӣ иҷро менамояд. Одатан чунин идораҳо аз ҷониби муовин(он)и роҳбар, ҳамчун маъсули қисми идории ташкилот ҳамоҳанг сохта мешаванд (Ҷадвали 8).

Сохтор дар заминаи воҳидҳои стратегӣ сараввал ҳамчун сохтори амудӣ-амалӣ буда, бо мурури васеъ гардидан сохтори худро тағйир медиҳад.

Ин намуди сохтори идоракунӣ дар навбати худ, ҳамчун усули ҳалли низоҳо баррасӣ мегардад, ки дар он воҳидҳои соҳавӣ аз ҳисоби бахшҳои поёнӣ воҳидҳои гуногуни самтнокро, ба монанди

бахшҳои истеҳсолӣ, таъминотӣ, муҳандисӣ, баҳисобгирӣ ва ғайра ташкил медиҳанд ва фаъолияти онҳоро аз рӯи самтҳои махсуси муайяншуда ҳамоҳанг месозанд.

Ҷадвали 8



6. Сохтори девизионӣ

Ташкилот ва ё корхона ҳангоми бузург шудан механизмҳои гуногуни таъминкунандаи самаранокии фаъолиятро ҷустуҷӯ менамояд, аз ҷумла яке аз чунин механизмҳо ташкили намояндагиҳо дар маҳалҳои фаъолият ба ҳисоб меравад (Ҷадвали 9).

Сохтори девизионӣ маҳз ба ҳамин нуқта асос меёбад – дар он сохтори идоракунӣ на ба вазифаҳо ва на ба самтҳо, балки ба ҷузъҳо ё намояндагиҳо аз рӯи принсипи ҳудудӣ ҷудо мешавад. Дар ин намуди идоракунӣ ҳар як намояндагӣ масъулияти хос дошта, ҳамчун корхонаи минатқавӣ ва ё ҳудудӣ-истеҳсолӣ муқаррар мегардад ва дар навбати худ дар роҳи таъмини самаранокии

фаъолият ва ба даст овардани даромад ба бахшҳои истеҳсолӣ, таъминотӣ, маркетингӣ ва ғайра ҷудо мешавад. Дар корхонаҳои ҳудудӣ роҳбар ба рушди фаъолияти дар ҳудуди муайян ва таъмини даромаднокии он масъул мебошад.

Сохтори девизионӣ бештар ба ташкилотҳои истеҳсолии бузург (Газпром, Coca-Cola, DHL, Samsung ва ғ.) мувофиқ аст, бо ташкили намояндагиҳои ҳудудӣ он хароҷоти нақлиёт, нигоҳдории маҳсулот ва кирои кормандонро, ки маблағи хеле зиёдро ташкил медиҳад, сарфа мекунад. Дар баробари ин, ташкилот тавассути намояндагиҳо имконият пайдо мекунад, ки талаботи бозори маҳаллӣ ва ё минтақавиро муайян карда, маҳсулоти мувофиқро ба он таъмин намояд; бо ин роҳ низ самаранокии фаъолияти молиявӣ таъмин мегардад.

Ҳамчунин, корхонаҳои ҳудудӣ барои омодасозӣ ва тачрибаомӯзии кадрӣ майдони муносибе мебошанд, ки дар он агар роҳбар уҳдабаро нагардад, ба ташкилот зарари зиёд намерасад, зерои захираи кадрӣ дар ин сохтор зиёд аст.

Дар ташкилотҳои бузургтар сохторҳои дивизионӣ дар шакли омехта низ пайдо мегарданд. Он вақт ҳар як корхонаи ҳудудии минтақавӣ ба бахшҳои маҳсулоттаъминкунӣ ҷудо мешавад ва бахши маҳсулоттаъминкунӣ дар навбати худ, ба бахшҳои ҳудудии маҳаллӣ ҷудо шуда, фаъолияти хоси худро ба иҷро мерасонанд.

Ҷадвали 9



Ҳар як маҳсулот тибқи ин низом тартиботи муайяни амалисозиро соҳиб мебошад: 1) тадқиқот ва таҳия; 2) истеҳсолот; ва 3) фурӯш ва таъминот. Ҳар яке аз ин зинаҳо сохтори муносиби идоракуниро низ соҳиб мебошанд.

Камбудии ин сохтор ба мураккаб будани робитаҳои иттилоотӣ асос меёбад.

7. Сохтори лоиҳавӣ

Барои рушди фаъолияти идоракунӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳолатҳое пешорӯ мегарданд, ки зарурати ташкили гурӯҳ ва ё ташкилоти муваққатиро иборат аз мутахассисон ва ё коршиносони ботаҷриба барои амалисозии вазифаҳои муайян (одатан, таҳияи механизми инноватсионии идоракунӣ ва ё коркард ва озмоиши маҳсулоти нав ва ё дастгоҳи истеҳсолӣ) пеш меоранд. Дар умум ин намуди сохтори намунавиро сохтори лоиҳавӣ меноманд, чун вазифаҳои муайянгардида дар шакли лоиҳа таҳия

гардида, сипас ба гурӯҳи муайяни мутахассисон фармоиш дода мешавад (Ҷадвали 10).

Сохтори лоиҳавӣ аз ҷониби роҳбаре, ки ба зинаи болоӣ (дастгоҳи фармоишгар) тобеъ аст, идора карда мешавад.

Бинобар хусусияти муваққатӣ доштан, муҳлати фаъолияти сохтори лоиҳавӣ маҳдуд мебошад. Зимни ба анҷом расидани вазифаҳои вогузогардида, фаъолияти ин сохтор / лоиҳа низ хотима меёбад, кормандони он бошад, ба корҳои доимӣ ва ё дигар лоиҳаҳо мегузаранд.

Ҷадвали 10



Камбудии сохтор дар он аст, ки ҳайати кормандон ба ду зина тобеъ мебошанд: маъмурияти ташкилот ва роҳбарияти лоиҳа.

8. Сохтори қолибӣ

Сохтори намуди мазкур сохтори гуногуншакли лоиҳавӣ буда, аз ду қолиби дученака иборат мебошад. Яке аз ин ченакҳо ин гурӯҳи кормандон ва маҷмӯи василаҳо, ки аз ҳисоби воҳидҳои зерсохтории ташкилот барои амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ ҷудо гардидаанд ва дигаре худи лоиҳаҳо мебошанд (Ҷадвали 11).

Ҷадвали 11

-



Дар ҳар як сохтори лоиҳавӣ принсипи ҳамоҳангсозии дутарафа: аз ҷониби роҳбарияти ташкилот ва роҳбарияти лоиҳа ҳукмрон мебошад, ки он низоми идоракунии яккаҳукмрониро вайрон мекунад, аммо дар фаъолият фасеҳият ва фаврият дастёб мегардад, ки хоси услуби идоракунии муваффақ мебошад.

Дар сохтори қолибӣ бо пайдо шудани лоиҳаҳо азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар мисоли Тоҷикистон ин намуди идоракунӣ ба фаъолияти марказҳои лоиҳавии соҳавӣ (назди мақомоти идоракунии давлатӣ) ва гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ шабоҳат дода мешавад.

7.4. Вазифаҳои идоракунии иҷтимоӣ

Вазифаҳои идоракунӣ намудҳои махсуси фаъолиятро ташкил дода, аз самтҳо ва ё марҳалаҳои таъсиррасонии мақсаднок ба робитаҳо ва муносибатҳои одамон дар ҷараёни фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунӣ иборат мебошад.

Таркиби вазифаҳои идоракунӣ бояд дигаргуншавии самараноки низоми идоракунандаро вобаста ба ҳар як вазъ ва ҳолати тағйироти он таъмин созад.

Вазифаҳои идоракуниро зарур аст, ки бо назардошти аломатҳои таснифии он: хусусиятнокии ҷараёни идоракунӣ (баррасии он ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва ташаккулдиҳандаи қонунҳо ва қонунияти идоракунӣ) ва ҷараёни рушди иҷтимоӣ (самтнокии идоракунӣ ба ҷузъҳои ҳамин ҷараён ва ё фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ) баррасӣ намуд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои асосии идоракунӣ иборатанд аз:

- Банақшагирӣ, инчунин пешгӯӣ - шакли таъсиррасонии мақсаднокро ба гурӯҳи одамон бо роҳи таҳия (коркард) ва гузоштани (масъалагузории) мақсад ва вазифаҳои марбут ба идоракунии иҷтимоӣ, ҳамчунин муайян намудани роҳу усулҳо ва воситаҳои амалисозии нақшаҳо ҷиҳати бадастории мақсадҳои гузошташуда, ташкил медиҳад;
- Ташкилот – шакли таъсиррасони мақсаднок ба гурӯҳи одамон буда, бо роҳи таъсиси сохторҳои нави идоракунӣ ва танзими сохторҳои амалкунандаи идоракунӣ ҳамчун ҷузъи ҷараёни татбиқи нақшаҳо ва вазифаҳои идоракунии иҷтимоӣ, амал менамояд;
- Ҳамоҳангсозӣ ва ё батанзимдарорӣ - шакли таъсиррасонии мақсаднокро ба гурӯҳи одамон бо роҳи таъмин намудани мувофиқати амалҳои зарурӣ ҳамчун ҷузъи ҷараёни амалисозии мақсадҳои гузошташуда, ба амал мебарорад;
- Ҳавасмандсозӣ, фаъолнокӣ ва омӯзиш ва дастурдиҳӣ - шакли таъсиррасонии мақсаднокро ба одамон бо роҳи шавқманд ва омода сохтани (омӯзиши) онҳо ба амалҳои мусоидаткунанда ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ҳамчун ҷузъи ҷараёни амалисозии мақсадҳои гузошташуда, пеш мегузорад;
- Назорат ва ё таҳлил ва баҳисобгирӣ - шакли таъсиррасонии мақсаднокро ба гурӯҳи одамон бо роҳи мушоҳидаи бонизом ба фаъолияти онҳо ҷиҳати муайян намудани дуршавӣ аз меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботи муқарраршуда дар ҷараёни амалисозии мақсадҳои гузошташуда, ташкил медиҳад.

Ин вазифаҳо асосан дар якҷоягӣ ва робитаи мутақобила амал мекунанд, аммо гузариш аз як сатҳи идоракунии иҷтимоӣ ба дигар сатҳ ба тағйир додани таносуби таркиби онҳо боис мегардад.

Инчунин, дар ҳолатҳое ки вазифаҳои асосии идоракунӣ нисбат ҳар як ҷараёни идоракунии иҷтимоӣ муносибати / хусусияти умумӣ дорад, вазифаҳои махсуси идоракунӣ ба ҷузъиёти низомҳои иҷтимоӣ бо назардошти хосияти онҳо муносиб мебошад. *Мисол: фаъолияти истеҳсолӣ-ташкилии корхона вазифаҳои хоси худро, ба монанди омодасозӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъбастӣ фаро мегирад.*

7.5 Воҳидҳои корӣ ва ё кадрҳо дар идоракунӣ

Ҳар як ташкилот аз маъмурият ва теъдоди муайяни кормандон иборат мебошад, ки онҳоро дар якҷоягӣ ҳайати корӣ ё воҳидҳои корӣ ва ё кадрҳо меноманд. Кадрҳо (воҳидҳои корӣ) вазифаҳои идоракуниро амалӣ месозанд ва ё ба амалишавии онҳо мусоидат мекунанд.

Дар амал гурӯҳбандии гуногуни кадрҳои идоракунанда мавҷуд аст, ба монанди: аз рӯи аломати вазифавӣ / мансабӣ; аз рӯи зинаҳо дар идоракунии намуди иерархӣ (зинабандӣ); аз рӯи бахшҳои истеҳсолотӣ ва ғайра. Аммо гурӯҳбандии заминавӣ - гурӯҳбандии кормандон ҳангоми (дар ҷараёни) қабул ва амалигардонии қарорҳо мебошад. Аз рӯи ин аломат **воҳидҳои корӣ ба се гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд**:

1) **Роҳбарикунанда** – шахсоне мебошанд, ки гурӯҳи муайяни кормандонро роҳбарӣ ва фаъолияти онҳоро дар самти амалисозии вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташуда назорат ва танзим менамоянд, инчунин кори тамоми дастгоҳи идоракунӣ ва ё бахшҳои алоҳидаи онро пеш мебаранд ва ҳамоҳанг месозанд.
   i. Ҳамзамон, роҳбарон ба ду гурӯҳ амудӣ ва амалӣ ҷудо мешаванд:
      б). роҳбарони амудӣ роҳбарии умумиро бо принсипи иерархӣ - яккароҳбарӣ ба уҳда дошта, ба пешбурди фаъолияти асосии ташкилот масъулият доранд;
      в). роҳбарони амалӣ роҳбарии зерсохторҳо, бахшҳо ва ё намояндагиҳои ташкилотро аз рӯи ҳудуд ва ё маҳсулот / соҳаи муайян бар уҳда доранд.

2) **Мутахассисон** – шахсони тахассуснок буда, ба таҳияи масъалаҳои вазифавии хусусияти истеҳсолӣ ва идоридошта масъул мебошанд. Мутахассисон аз рӯи вазифаҳои идоракунӣ ва касбият гурӯҳбандӣ мешаванд: сармутахассис; мутахассиси пешбар; мутахассис. Ба ин гурӯҳ метавон муҳандисон, иқтисодчиён, муҳосибон, ҳуқуқшиносон ва ғайраро шомил намуд;
3) **Ҳайати ёридиҳанда** – гурӯҳи хизматрасон ва ё ёрирасон буда, ба роҳбарон ва мутахассисон тобеъ мебошанд. Гурӯҳбандии ҳайати ёрирасон асосан аз рӯи амалиёт сурат мегирад: котиб; ёрдамчӣ; хазинадор; боғбон; лаборант ва ғайра. Кормандони ёрирасон ва ё техникӣ дараҷа ва ё маълумоти маҳдуд ва мушахаси касбӣ дошта ба иҷрои вазифаҳои аз ҷониби роҳбарият ва мутахассисон гузошташуда машғул / масъул мебошанд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Низоми идоракунӣ чист?
2) Самтҳои механизми идоракуниро номбар кунед?
3) Субъекти идоракунӣ чист?
4) Объекти идоракуниро тавзеҳ диҳед.
5) Сохторҳои намунавии идоракунӣ аз рӯи хусусияти робитавии унсурҳо ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
6) Сохторҳои намунавии идоракунӣ аз рӯи таркиби унсурҳо ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
7) Вазифаҳои идоракуниро тавзеҳ диҳед.
8) Аз рӯи аломати мансабӣ ва ё вазифавӣ воҳидҳои корӣ дар ташкилот ба кадом се гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
3. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
4. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

§ 8. ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ, НИЗОМҲО ВА ИНСТИТУТҲО

8.1 Шарикии иҷтимоӣ

Дар шароити демократикунонии ҷомеа низом ва институтҳои гуногуне пайдо шудаанд, ки дар такя ба принсипҳои гуманистии идоракунӣ шаклҳои мухталифи танзимкунанда ва рушддиҳандаи муносибатҳои иҷтимоиро ба миён овардаанд. Иштирокчиёни асосии ин консепсияро ҳукумат (ҳокимияти давлатӣ), соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар симои иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ ва кормандон ташкил медиҳанд, ки дар умум ҳамоҳангии муносибатҳои онҳо баҳри қонеъ гардонидани талаботҳо ва манфиатҳои якдигар равона гардида, шарикии иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Дар назарияҳои илмӣ шарикии иҷтимоӣ ҳамчун услуби батанзимдарорандаи муносибатҳо байни ҳукумат, кордиҳанда ва корманд (тариқи кироя) муайян гардидааст.

Тибқи назари Т. Тошенко дар ҳоли ҳозир шарикии иҷтимоӣ ба механизми устувори амалҳои мутақобилаи байни кормандон, соҳибкорон ва давлат асос меёбад. Аммо иштирокчиёни ин низом чӣ тавре дар боло зикр шуд, нисбатан зиёд буда, вазифаҳои гуногуни таъминкунандаи адолати иҷтимоиро пеша кардаанд.

Ин вазъ ва ё низом дар таҷрибаи Тоҷикистон бо якчанд қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» (2006) ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» (2011), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» (2004) ва диг. дар амал мебошад, аммо он рисолати воқеии худро ба таври пурра иҷро карда натавониста истодааст. Масъалаҳои асосие, ки нисбатан ташаккулёфта маҳсуб мегардад, ин муносибатҳои меҳнатӣ дар робита ба шароитҳои фароҳамовардаи мақомоти давлатӣ арзёбӣ мегардад, иштироки кордиҳанда, иттифоқҳои касаба ва ё худи корманд бошад, дар ин раванд заиф мебошад.

Дар умум асоси шарикии иҷтимоиро ҳамфикрии (консенсуси) амалҳои мутақобилаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Одатан,

кормандон дар ҳар як муносибати меҳнатӣ мақоми гуногун доранд, аммо дар ин ҷо ба сифати субъекти баробар ва мустақили муносибатҳои иҷтимоӣ нақш доранд, ки он дар асоси баназаргирии (баҳисобгирии) манфиатҳо ва талаботи тарафҳо (мутақобила) амалӣ мегардад.

Ҳамфикрии иштирокчиёни низоми шарикии иҷтимоӣ ба муносибатҳо ва талаботи иқтисоди бозоргонӣ асос меёбад, ки яке (кордиҳанда / соҳибкор) мақсади даромади зиёд ба даст оварданро дорад ва дигаре (корманд) беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, савумин (ҳукумат) бошад, рушди истеҳсолот, хуб гардидани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва орому осоишта будани ҳаёти ҷомеаро хостгор мебошад. Дар ин раванд байни онҳо муносибатҳое ташаккул меёбанд, ки манфиатҳо, тафовутҳо ва ихтилофотро ба вуҷуд меоранд. Маҳз дар ҳамин асно / вазъият, мақсади шарикии иҷтимоӣ ҳамчун таъминкунандаи мувозинати ниёзҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тарафҳо муайян мегардад, ки тариқи бакорандозии низоми бисёрҷабҳаи созишномавӣ ва ё шартномавӣ таъмин карда мешавад.

Бо ҳамин, яъне тариқи ба роҳ мондани низоми созишномавӣ шароити мутақобилаи иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад, ки дар он кордиҳанда дар симои соҳибкор барои худ даромади муътадилро таъмин намуда, корманд бошад, вазъи муносиби зиндагии худро муҳайё месозад.

Иштирокчиёни шарикии иҷтимоӣ субъектҳо ва объектҳои он мебошад, ки дар як вақт шахси корманд ҳам субъект ва ҳам объект дониста мешавад. Инчунин, шарикии иҷтимоӣ муносибатҳои иҷтимоиеро фаро мегирад, ки онҳо дар шароити амалӣ гардонидани низоми идоракунӣ фароҳам оварда мешаванд.

Ҳамин тариқ, **шарикии иҷтимоӣ - ин намуди низоми амалҳои мутақобилаи ҳамфикрӣ (консенсусӣ) буда, аз субъект, объект ва муносибатҳои иҷтимоии байни онҳо ва механизмҳои амалисозии созиши ноилгардида дар шакли созишномаҳо ва шартномаҳо иборат мебошад.**

Муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчунин, дар шакли институтсионалӣ - ташкилотҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳо ва комиссияҳо ташкил меёбанд, ки низоми шарикии иҷтимоӣ ва василаҳои амалисозии онро васеъ ва дастрас мегардонанд (? В. И. Социология управления. 2013).

8.2 Шарикии иҷтимоӣ ва низоми он дар шароити Тоҷикистон

Дар доираи қонунгузорӣ **низоми шарикии иҷтимоӣ** чунин муқаррар шудааст: *«принсипҳо ва қоидаҳое, ки тавассути онҳо дар сатҳу сохторҳои гуногун, бо мақсади ҳосил шудани ризоияти тарафҳо, қабули қарорҳои муштарак, татбиқи амалиёти якҷоя ва пешгирии ихтилофот, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ созмон дода мешавад»*. Яъне дар умум байни мафҳумҳои илмӣ ва амалӣ тафовути куллӣ вуҷуд надошта, ба самти ягона – танзими муносибатҳо зимни шарикии иҷтимоӣ равона гардидаанд.

Тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон - **шарикии иҷтимоӣ – ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд**.- мебошад.

Дар ин ҷо кормандонро **Иттифоқҳои касаба** ва **дигар намояндагони** онҳо муаррифӣ менамоянд. Нақши намояндагони кормандон ин ҳимояи манфиатҳои кормандон дар муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар шудааст.

Корфармо бошад, дар шароити Тоҷикистон - шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои он, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро доранд, - муайян шудааст.

Муқаррароти муҳим он аст, ки дар як вақт як ниҳод ва ё шахс наметавонад ҳам намояндаи кормандон ва ҳам намояндаи корфармо бошад, зеро манфиатҳо гуногунсамт мебошанд, мувофиқан дар ҷараёни шарикӣ бархурдҳои зиёд пеш меоянд, ки ҳалли онҳо набояд ба ҳамон як ниҳод ва ё шахс вобастагӣ дошта бошад.

Дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ **ҳокимияти давлатиро** мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ намояндагӣ менамояд.

Асоси шарикии иҷтимоиро дар баробари дигар муқаррарот ҳатман бастани созишнома байни иштирокчиён ташкил медиҳад.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон се намуди созишномаҳо мавҷуданд:

1. Созишномаи намуди генералӣ – байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба, дигар намояндагони кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоён баста мешавад;
2. Созишномаи намуди соҳавӣ – байни мақомоти дахлдори давлатӣ (вазорату идораҳо / мақомоти марказии ҳокимият), иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон баста мешавад;
3. Созишномаи намуди минтақавӣ ва ё ҳудудӣ:
    а) вилоятӣ - байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон баста мешавад;
    б) шаҳрӣ (ноҳиявӣ) - байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии (шаҳрии (ноҳиявии) ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён (соҳибмулкон), намояндагони кормандон баста мешавад.

Тибқи қонунгузорӣ: созишномаи генералӣ-санади ҳуқуқиест, ки принсипҳои умумии сиёсати шарикии иҷтимоию иқтисодиро муқаррар намуда, равандҳои асосии ҳамкорӣ ва ӯҳдадориҳои тарафайни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва иттиҳодияҳои умумиҷумҳуриявии корфармоёнро дар соҳаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, зиёд кардани даромади меҳнаткашонро бо мурури мӯътадил гардидани вазъи иқтисодиёт муайян мекунад; созишномаи соҳавӣ санади ҳуқуқиест, ки равандҳои иҷтимоиву иқтисодии инкишофи соҳа, шароити меҳнат, сатҳи шуғл, музди меҳнат, кафолатҳои иҷтимоиро барои кормандони соҳа муқаррар ва масъалаҳои тарафайни сатҳи соҳавиро муайян менамояд; созишномаи минтақавӣ санади ҳуқуқиест, ки дар минтақаи воҳиди дахлдори маъмурии ҳудудӣ шароити умумии меҳнат, кафолат ва имтиёзҳои меҳнатиро ба танзим медарорад, ки барои ҳамаи Тарафҳо ҳатмист ва ҳангоми бастани шартномаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Созишнома бо мувофиқаи Тарафҳо метавонад дутарафа ва сетарафа бошад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоравӣ, ки дар музокироти сетарафа ширкат меварзанд, дар сурати ба он исрор намудани ду тарафи дигар метавонанд аз бастани созишнома худдорӣ кунанд.

Солҳои охир низоми идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар баробари беҳтаргардонии шароитҳои корӣ, таърифаи (тарификатсияи) музди кор, инчуни бо фарогирии ниёзҳои дигар, ба монанди худидоракунӣ, ҳифзи истеҳсолот, муҳити зист, саломатӣ ва ғайра васеъ гардида истодааст. Мутаносибан дар ҳар кишваре, ки васегардии он дастгирӣ карда мешавад, муносибатҳои иҷтимоӣ рушд мекунанд ва мушкилоти хусусияти иҷтимоидошта кам мегардад. Дар айни замон моделҳои шведсиягӣ, австриягӣ ва америкоии шарикии иҷтимоӣ нисбатан машҳуранд, ки ҳар кадом бартариятеро ба худ касб кардааст ва метавонад дар шароити дигар кишварҳо истифода карда шаванд.

8.3 Шарикии иҷтимоӣ дар шароити мамлакатҳои пешрафта

Модели шведсиягии шарикии иҷтимоӣ яке аз муваффақтаринҳо ба ҳисоб меравад. Дар Шведсия бо мақсад ҳалли масъалаҳои марбут ба шарикии иҷтимоӣ солҳои 1970-ум заминаи қонунгузорӣ фароҳам оварда мешавад. Соли 1983 ин намуди идоракунӣ дар Шведсия шакли нави фаъолиятро - **таъсиси фондҳои сармоягузории меҳнаткашон** пеш мегузорад, ки барои татбиқи босамари он **қонуни махсус қабул мегардад**. Мутобиқи қонунгузорӣ панҷ фондҳои сармоягузории минтақавӣ таъсис дода мешаванд, ки ба онҳо маблағҳо аз даромадҳо (мутобиқи тарҳи (нақшаи) муқарраргардида оид ба иштироки ҳатмии фондҳои самоягузорӣ дар даромадҳои корхонаҳо) гузаронида мешуданд. Маблағҳои ҷамъоваришуда (фондҳо) бошад, дар навбати худ, ба харидории саҳмияҳои ширкатҳои хусусӣ равона мегардиданд. Дар идоракунии ин фондҳо намояндагони кормандон - иттифоқҳои касаба иштирок мекарданд.

Дар ин ҷо барои возеҳ гардидани масъала тафсир додани ду мафҳумҳои «даромад» ва «фонди сармоягузорӣ» ба мақсад мувофиқ арзёби мегардад.

Зимни шарикии иҷтимоӣ асосан ду субъект: кордиҳанда ва корманд даромади бевоситаи молиявӣ мебинанд. Аммо объекти

мавзуи ин консепсия даромади корманд мебошад, зеро даромади кордиҳанда низоми муайян ва тартиби хос ва мустақили истифодагардиро соҳиб мебошад.

Даромади корманд иборат аст, асосан аз моҳона / маош бо назардошти андозҳои муқарраршуда. Одатан даромад ва ё маоши шахс низоми муайяни истифода (чун кордиҳанда) надошта, барои ниёзи аввалия, хӯрок, либоса ва ғайра ва дигар хароҷоти маишӣ равона мегардад, ки дар ҳолати сарфакорона истифода бурдани он маблағи муайян боқӣ мемонад. Дар ин ҷо нақши шарикии иҷтимоӣ мусоидат намудан ба корманд оид ба истифодаи босамари даромади молиявӣ / маош мебошад. Мувофиқан зимни модели шведӣ қаблан муайян кардан ва гузоштани маблағ (аз ҳисоби бақяи даромад) ба гардиш – фонди сармоягузорӣ ба шахс / корманд даромади иловагӣ ба бор меорад.

Фонди сармоягузорӣ ташкилот ва ё муассисае мебошад, ки сармояҳои коллективиро (гурӯҳиро) амалӣ месозад. Яъне, шахсони азми фаъолияти сармоягузорӣ, мувофиқан ба даст овардани даромад ва фоидаи иловагӣ дошта дар шакли муассиса (шахси ҳуқуқӣ) фонди худро ташкил дода, мунтазам миқдори муайяни маблағҳои худро ба он мегузаронанд. Мутобиқи қонунгузорӣ фаъолияти сармоягузорӣ – ин амали сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя ба истеҳсоли маҳсулот ва (ё) тарзи дигари истифодаи он бо мақсади ба даст овардани (фоида) ва (ё) муваффақ шудан ба натиҷаи дигари назаррас мебошад. Сармоягузор шахси воқеӣ ва ҳуқуқиест, ки фаъолияти сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. Яъне корманд ҳамчун шахси воқеӣ зимни гузоштани маблағи муайян аз даромади худ барои фаъолияти сармоягузорӣ мақоми сармоягузорро соҳиб мегардад.

Ҳамин тариқ, низоми шарикии иҷтимоии шведӣ имкон медиҳад, ки ҳар як корманд дар як замон даромади маблағии худро зиёд гардонида, ба сармоягузор ва дар як вақт кордиҳанда табдил ёбад.

Модели австриягии шарикии иҷтимоӣ хусусияти сиёсӣ низ дорад. Дар он дар баробари ташкилотҳои бевоситаи бузурги иҷтимоӣ-иқтисодии ташкилёфта, гурӯҳҳои сиёсӣ низ амалҳои бавоситаи мутақобилаи худро ташаккул додаанд. Бо дахл ва ё ҳамкорӣ кардани гурӯҳҳои сиёсӣ манфиатҳои ҳукумат

қонеъгардида маҳсуб мегардад, бинобар ин шартномаҳои шарикӣ дутарафа ба имзо расонида мешаванд. Дар Австрия иттифоқҳои касаба ва корфармоён / соҳибкорон дар доираи палатаҳои (шӯроҳои) доимӣ муттаҳид гардидаанд, ки аъзогӣ ба онҳо ҳатмӣ мебошад. Палатаҳо фаъолияти мустақил ва алоҳида дошта, аз давлат вобастагӣ надоранд ва дар дираи онҳо масъалаҳои гуногуни марбут ба манфиатҳои меҳнатии кормандон, таъминоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра баррасӣ мегарданд.

Тибқи таҷрибаи австриягӣ манфиатҳои умумимиллӣ дар бахши танзими музди меҳнат дар ҳамон ҳолат ба даст оварда мешаванд, ки агар шарикони иҷтимоӣ маърифати хуби иқтисодӣ дошта бошанд. Дар пайвастагӣ ба ин ва татбиқи босифати сиёсати шарикии иҷтимоӣ дар мамлакат ба паҳн намудани маълумоти мақсадноки иқтисодӣ машғул мегарданд.

Модели америкоии шарикии иҷтимоӣ аз соли 1974 инҷониб амал менамояд ва маъруфияти худро бо ҷорӣ намудани имтиёз ба низоми андозбандии даромади шахсони воқеӣ ва ё кормандон соҳиб гардидааст. Зимнан дар ИМА қонуне қабул мегардад, ки мутобиқи он **қисми даромаде (маоше), ки аз ҷониби корманд барои харидории саҳмия (қоғази қиматнок) равона мегардад то 50% аз андоз аз даромад озод** мегардад. *Мисол: маоши корманд 1000 сомонӣ, мутаносибан андоз аз даромад 13% (1000–130=870 сомонӣ) мебошад. Дар сурате ки агар, корманд бо маблағи 200 сомонӣ аз маоши худ саҳмия харидорӣ намояд, пас ӯ на 13% (800-104=696 сомонӣ), балки 10,4% андоз супорида, 26 сомонӣ фоида мебинад.* Бо муосидати ин модел дар ИМА корхонаҳои халқӣ ташкил ёфтанд.

Аз ин таҷриба чунин хулоса кардан мумкин аст.

Якум, - моликияти хусусие, ки аз ҳиссаи кормандон ҳамчун сармоя дар асоси шарикӣ истифода мегардад, нисбат ба дигар намуди моликияти хусусӣ бартарият дорад. Ин васила кордиҳандаро ба он водор месозад, ки шарикии иҷтимоиро устувор гардонад.

Дуюм, - ҳуқуқи кормандон ба истифодаи натиҷаҳои меҳнати худ чӣ дар сатҳи давлат ва чӣ дар сатҳи корхонаҳо таваҷҷуҳпазир мегардад ва онҳо метавонанд ба ҳифзи ин ҳуқуқи худ талош варзанд.

Айни замон дар ИМА таҷрибаи гузаронидани ҳамоишҳо ва форумҳои умумимиллӣ бо ташаббуси иттифоқҳои касба ва иштироки васеи олимон ва мутахассисон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ рушд карда истодааст.

Таҷрибаҳои баррасигардида онро инъикос менамоянд, ки доираи фаъолияти низоми шарикии иҷтимоӣ гуногун ва васеъ буда, такмил ва рушди он ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷамъиятии давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба низоми шарикии иҷтимоӣ амалисозии вазифаҳои васетар пеш меояд. Зеро субъектҳои осебпазири иҷтимоиро дар баробари гурӯҳи кормандон маъюбон, бепарасторон, пиронсолон, ҷавонон, занон ва ғайра ташкил медиҳанд, ки дастнигарӣ ва эҳтиёҷмандии бештар доранд. Эҳтиёҷмандии ин гурӯҳҳо ба он асос меёбад, ки шахси корманд манбаи муайяни даромади пулӣ дорад, аммо ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ чунин манбаро соҳиб намебошанд.

Бинобар ин, зарурат пайдо мегардад, ки атрофи ҳал намудани мушкилоти мубрами ҳаётӣ ва таъмин кардани манфиатҳои гурӯҳҳои ниёзманди иҷтимоӣ механизми муайяни пайвасткунандаи онҳо ба ҳукумат, корфармоён / соҳибкорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ашхоси соҳибмақом ташаккул ёфта бошанд. Дар ин муносибат механизми созишномавии байни ҳукумат, корфармо / соҳибкор, иттифоқҳои касаба ва шахс мувофиқ аст, аммо ба сифати объекти марказӣ дар ин механизм маош ва ё манфиати молию пулӣ баромад мекунад, ки он танҳо ба шахси корманд хос мебошад. Яъне, дар ин сурат объекти марказии гурӯҳҳои иҷтимоии болозикр номуайян боқӣ мемонад.

Дар ин вазъият дар шароити демократикунонии ҷомеа яке аз институтҳои фаъоли он ҷомеаи шаҳрвандӣ пеш мебарояд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ин соҳаи худпешбарии шаҳрвандони дар иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо ба таври озод (бо ихтиёри худ) муттаҳидгардида мебошад, ки аз дахли бевосита ва батартибандозии озодонаи (худихтиёронаи) ҳокимияти давлатӣ мустақил аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ институтҳои зиёд дорад, аз ҷумла иттифоқҳои касба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва динӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) ва ғайра.

Акнун, агар иттифоқҳои касаба ҷиҳати батанзимдарорӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии кормандон масъул бошад, пас ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонад ба амалисозии мушкилоти иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа (шахсони имкониятҳояшон маҳдуд) муосидат намояд.

Ҳамин тариқ, шарикии иҷтимоиро метавон ба ду гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1) Шарикии иҷтимоӣ дар асоси манфиати иҷтимоӣ-иқтисодии гурӯҳҳои кормандон;
2) Шарикии иҷтимоӣ дар асоси маҷмӯи мушкилоти шаҳрвандон-гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа.

Шарикии иҷтимоӣ дар асоси манфиати иҷтимоӣ-иқтисодии гурӯҳи кормандон дар доираи низоми амалисозии **муносибатҳои иҷтимоӣ байни ҳукумат, корфармо, иттифоқҳои касаба ва кормандон** амал намуда, маҳаки муносибатҳоро созиши тарафҳо ташкил медиҳад.

Шарикии иҷтимоӣ дар асоси маҷмӯи мушкилоти шаҳрвандон-гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар доираи низоми амалисозии **муносибатҳои иҷтимоӣ байни ҳукумат, соҳибкорон / корфармоён, ҷомеаи шаҳрвандӣ-ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои осебпазир** ташкил гардида, дар маркази муносибатҳо дархост ва фармоишҳои иҷтимоии байни тарафҳо мунатазм ташаккулёфта меистанд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Асоси шарикии иҷтимоиро чӣ ташкил медиҳад?
2) Ҳамфикрии иштирокчиёни низоми шарикии иҷтимоӣ ба кадом муносибатҳо асос меёбад?
3) Шарикии иҷтимоӣ чист?
4) Заминаи модели шведии шарикии иҷтимоӣ ба чӣ асос меёбад?
5) Модели америкоии шарикии иҷтимоӣ кадом намуди / усули ҳавасмандсозиро пеш гузоштааст?
6) Ду гурӯҳҳои шарикии иҷтимоиро номбар намоед.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9.
2. Оид ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод. 545, мод. 549; соли 2011, №3, мод. 151; №12,мод.842; соли 2012,№8, мод.817; соли 2013, №7, мод.509
3. Политические партии Таджикистана. / Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
4. Предвидение. [Электронный ресурс]. / Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
5. Система социального управления. [Маводи электронӣ] / Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
6. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник. – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

§ 9. МЕЪЁРҲОИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНӢ

Пеш аз он ки атрофи меъёрҳои иҷтимоӣ масъалагузорӣ намоем, сараввал зарур аст, ки мафҳуми “меъёр” тафсир дода шавад.

Меъёр, ин чаҳорчӯбаи муносибатҳо ва рафторҳои муайяни батартибовардашудаи одамон дар раванди фаъолияти ҳаётӣ мебошад.

Меъёрҳо ба ду гурӯҳ, иҷтимоӣ ва ғайрииҷтимоӣ (ё ин ки табиӣ/воқеӣ ва техникӣ) ҷудо мешаванд.

Меъёрҳои иҷтимоӣ, ин тартибу қоидаҳои рафтори шахс дар ҷомеа мебошад, ки дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошууронаи инсон муайян гардидаанд.

9.1 Гурӯҳбандии меъёрҳои иҷтимоӣ

Меъёрҳои иҷтимоӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Меъёрҳои номуташаккил – худ бу худ дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ, фавқулодда ва ё новобаста аз таъсир ва муносибатҳои инсон ба вуҷуд меоянд. *Мисол: боридани борон, барф, хуруҷи вулқон, омадани сел, фаромадани тарма, ҷорӣ будани об, вазидани шамол ва ғ.*;

2) Меъёрҳои муташаккил – бошуурона дар натиҷаи фаъолият ва ё таъсири бевоситаи инсон ба вуқуъ мепазиранд. *Мисол: ҳаёти оилавӣ, омӯхтани дониш, бунёди хона, ихтироъи автомобил ҳамчун василаи рафтуомад, тавлиди барқ ба сифати воситаи рушноӣ ва ғ.* ;

3) Меъёрҳои вобаста - дар шакли хаттӣ ва ё шифоҳӣ нисбат ба ҳар як муносибат вобаста карда мешаванд. *Мисол: қонун, санади ҳуқуқӣ, дастури мансабӣ, рӯзнома, супориш, баҳодиҳӣ, миннатдорӣ ва ғ.*;

4) Меъёрҳои умумӣ – дар байни гурӯҳҳои азим ва ҷомеа бо хусусиятҳо ва аҳамиятнокии хоси худ пайдо гардида, ба амал бароврада мешаванд. *Мисол: маънавиёт, урфу одат, анъанаҳо ва расмиёти корӣ, иттиҳод, динӣ, сиёсӣ ва ҳукуқӣ ва ғ.*

Инчунин, мавриди тафсирии гуногуншаклии меъёрҳо усулҳои дарк намудан ва батанзимдарории рафторҳо ва шаклҳои муҷозот барои риоя накардани меъёрҳо истифода бурда мешаванд.

Боиси зикр аст, ки дар мафҳуми «меъёрҳои иҷтимоӣ» қоидаҳои нисбатан мушахас ва хусусияти васедошта, ки ғояҳои асоснокшудаи ҳаёти иҷтимоиро фаро мегиранд, оварда мешаванд. Ин қоидаҳо принсипҳои меъёрҳои иҷтимоӣ низ ном гирифта мешаванд, ки робитаҳои мушахаси ҷамъиятӣ ва вазъиятҳои ҳаётиро инъикос менамоянд. Принсипҳо ва қоидаҳои алоҳида вазифаҳои батанзимдарорӣ, назоратӣ ва тарбиявиро амалӣ мегардонанд. *Мисол: на танҳо қоидаҳои мушахаси ҳуқуқӣ ва маънавӣ, балки присипҳои онҳо низ ба таъсиррасонии фаъол ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути танзими рафторҳои озоди одамон ва бо роҳи таъсир расонидан ба далелнокии (сабабнокии) рафторҳо мусоидат менамоянд.*

Аз байни гурӯҳҳои меъёрҳои иҷтимоии болозикр гурӯҳи 4-умро метавон мавриди баррасии васеъ қарор дод, зеро гурӯҳҳои аввал мутаносибан фаҳмо мебошанд.

Меъёрҳои маънавӣ одобу ахлоқ, назарҳо ва таасуроти одамонро оид ба неку бад, хубу нохуб, шаъну шараф, виҷдон, инсоф, адолат, қарз, уҳдадорӣ, зебоӣ ва ғайра фаро мегирад. Принсипҳои олии маънавӣ барои инсон, ин поквиҷдонӣ, боинсофӣ, покдилӣ, ҳақиқатҷӯӣ, адолатпарварӣ ва масъулиятшиносӣ (дарки қарзи шаҳрвандӣ) мебошанд.

Урфу одатҳо – қоидаҳои таърихии рафторҳое мебошанд, ки дар натиҷаи амалҳои такрорӣ ва пайдарпайии одамон ташаккул ёфтаанд. Онҳо аз насл ба насл гузашта, ҳамчун нишона ва ё рамз аз гузаштагон пос (нигоҳ) дошта мешаванд.

Дар шароити дигаргуниҳои пуртазоди ҷомеаи муосир бисёре аз урфу одатҳо мухолифи талаботи рӯзмара ва ҳаёти воқеӣ мебароянд, аммо таъсири манфӣ ва амали қисми зиёди онҳо бидуни тағйирдиҳӣ дар ҳаёти ҷомеа боқӣ мемонанд; дар бисёр ҳолатҳо дар ҷамъият онҳоро қолаби куҳнашуда (стереотип) низ мегӯянд. *Мисол: аз ҷониби волидон бидуни розигӣ ба шавҳар додани духтар дар синни навҷавонӣ (то 17 солагӣ), маҳдуд кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои духтарон / занон барои таҳсил ва фаъолияти касбӣ.*

Анъанаҳо ҳамшабеҳи урфу одатҳо мебошанд, аммо асосан хусусияти мусбӣ дошта, ҳамчун муаррифгари асосҳои оилавӣ, миллӣ, халқӣ ва давлатӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Расмиёти корӣ маҷмӯи қоидаҳои рафторие мебошанд, ки мавриди робитаи мутақобилаи кормандон дар фаъолияти меҳнатӣ, касбӣ, таълимӣ ва илмӣ ба роҳ монда мешаванд.

Ин намуди қоидаҳо тартиби муайяни худро доранд. *Мисол: ҳангоми ба маҷлис дохил гардидани роҳбар зертобеон аз ҷой мехезанд ё ин ки ба сифати қадрдонӣ ва ё пазироии сухани хуб ё дастоварди ҳамкорон қарсак мезананд.*

Меъёрҳои муттаҳидсозӣ – қоидаҳои рафторие мебошанд, ки муносибатҳои мутақобилаи одамонро мавриди аъзогӣ дар ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шӯроҳо, ҷмаъиятҳо ва диг. ба танзим медароранд.

Ин меъёрҳо асоси тартиби ташкил ва фаъолияти ҷамъиятҳои муайян ва муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо мақомоти давлатӣ, ширкатҳои тиҷоратӣ ва ғайра мебошад. Меъёрҳои мазкур танҳо хоси аъзои ҷамъият буда, ҳангоми аз аъзогӣ даст кашидани шахс, риояи (таъсири) онҳо низ аз ҷониби ҳамин шахс ва нисбат ба ӯ қатъ мегардад.

Меъёрҳои динӣ хусусияти фарҳангӣ-маънавӣ ва фардӣ дошта, риояи онҳо ба шахсони эътиқоддошта ва боваридошта, яъне динро қабул карда ҳатмӣ мебошад.

Меъёрҳои динӣ ба таври васеъ дар шакли китоб ва дастурҳо оварда шудаанд. *Мисол: меъёрҳои дини мубини Ислом, ки онҳоро қоидаҳои шариат низ меноманд, аз китоби муқаддаси Қуръон манша мегиранд.*

Меъёрҳои динӣ асосан хусусияти тарбиявӣ-ахлоқӣ дошта, шахсро барои ҳазар доштан ва эмин будан аз рафтору кирдорҳои нохуб ва номатлуб, интихоби роҳи рост, ҳақ ва боадолати ҳаётӣ ва некӣ кардан ба ҷомеа талқин менамоянд.

Меъёрҳои сиёсӣ – муносибатҳои гурӯҳҳо, табақаҳо, миллатҳо, ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро ба танзим медароранд ва онҳо барои ба даст овардан, такмил ва ё таҳким додани ҳокимият ба роҳ монда мешаванд.

Ин навъи меъёрҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун: идеяҳо ва шиорҳои сиёсӣ, принсипҳои муайян (*мисол: озодии баён, мустақилияти иқтисодӣ, истиқлолият ва ғ.*), инчунин ислоҳоти давлатӣ, барномаҳои таълимӣ, баҳисобгирӣ ва диг. ба роҳ монда шаванд.

Меъёрҳои сиёсиро метавон дар ҳаёти ҳамарӯза мушоҳида намуд, онҳо мавриди истифодаи васеи сиёсатмадорон, сарварони кишварҳо, коршиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва ғайра дар фаъолияти касбию назариявӣ ва илмию методӣ қарор дода мешаванд.

Меъёрҳои ҳуқуқ – қоидаҳои умумиҳатмӣ буда, барои шаҳрвандон аз ҷониби давлат дар шакли муайян (қонун, қарор, амр, фармон ва ғайра) амалӣ гардонида мешаванд.

Барои вайрон кардан ва ё риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷазо ва муҷозоти намудҳои мувофиқ ва муносиб раво дида мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқ ба намудҳои соҳавӣ (ҳуқуқи граждани, меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғ.), вазифавӣ (ҳуқуқи батанзимдарорӣ ва мудофиавӣ / муҳофизатӣ), рафторӣ (қоидаҳои уҳдадоркунанда, манъкунанда ва ваколатдоркунанда), гурӯҳӣ (ба шахсоне дахл доранд, ки дар ҳудуди муайян қарор доранд) ва шахсиятӣ (нафақахурон, хонандагон, хизматчиёни давлатӣ, ҳарбӣ ва ғ.) ҷудо мешаванд.

Меъёрҳои иҷтимоӣ дар **соҳаи хоҷагидории ҳаёти ҷомеа** низ фаъол мебошанд. Дар инҷо батанзимдарории давлатии низоми муносибатҳои бозорӣ (дар ҳадди муайян) бо мақсади рушди истеҳсолот ба роҳ монда мешавад. Ин меъёрҳо рушди истеҳсолот, муносибатҳои тақсимот ва истеъмол байни соҳаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва савдоро ба танзим медароранд. Иқтисоди бозоргонӣ пеш аз ҳама ба низоми худтанзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ такя мекунад, аммо давлат рушди иқтисодиётро бо роҳи дастгирии соҳибкории озод, пешгирии буҳрони хоҷагидорӣ ва коҳиши истеҳсолот ҳавасманд мегардонад.

9.2 Асосҳои умумии меъёрҳои иҷтимоӣ

Ҳамаи намудҳои меъёрҳои иҷтимоӣ хусусияти умумӣ доранд. Инҳо қоидаҳои рафторҳое мебошанд, ки барои ҳамаи узви ҷомеа ва ё гурӯҳҳои алоҳида хусусияти ҳатмӣ доранд ва онҳо бояд мунтазам ва доимо мавриди татбиқ қарор дода шаванд. Мутаносибан риоя накардани онҳо ба ҷавобгарии шахсӣ боис мегардад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафторҳои одамон сарҳадҳо муқаррар месозанд, ки дар вазъият ва ҳолатҳои муайяни ҳаёту фаъолият

риояи онҳо имконпазир ва ё ҷоиз мегардад. Риояи меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ё аз рӯи худбоварии (муътақидии дохилии) инсон ва ё бо назардошти муҷозотҳои (иҷозатҳои) имконпазир / муқарраршуда таъмин карда мешаванд.

Таҳрим (санксия), ин аксуламали ҷомеа ба рафтори ин ва ё он шахс дар ҳолати мушахас мебошад. Таҳримҳо ва ё иҷозатҳо метавонанд дар шакли ҷазо ва ё ҳавасмандгардонӣ роҳандозӣ карда шаванд. Вазифаи асосии таҳрим ин назорати иҷрои меъёрҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад.

Риояи меъёрҳо дар ҷомеа бо дараҷабандии гуногун роҳандозӣ мегардад. Барои вайрон кардани баъзе меъёрҳо (дер мондан ба кор, рафтори дағалона, бетартибӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғ.) муҷозоти сабук ба сифати қобили қабул надонистан, назари нохуб ва барои дигар (одамкушӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, таҳқир, паст задани шаъну шараф ва ғ.) муҷозоти сахт ба сифати ҳабс (аз озодӣ маҳрум), ҷарима кардан, аз мансаб озод (сабукдуш) намудан ва ғайра пешбинӣ гардидааст. Илова бар ин, барои баъзе намудҳои вайронкорӣ (таҷовуз, хиёнат) муҷозоти сахттарин, ба монанди бадарға кардан аз ватан, гузоштани тамға, ки доимо вайронкор будани ӯро инъикос менамояд ва ғайра раво дида мешавад.

Тибқи озмоишҳои хоторнии Э. Мэйо ба навкороне, ки қоидаро вайрон мекарданд, муҷозоти сахттарин раво дида мешуд – бо онҳо сухан намегуфтанд ва тамғаи «хиёнаткор», «осмонӣ» ва ғайраро рабт медиданд, вазъияте фароҳам меоварданд, ки онҳо (навкорони қоидаро вайрон карда) корро тарк мекарданд (аз вазифа мерафтанд). Ин намуди таҳримҳо ғайрирасмӣ буда, дар шакли **фишори гурӯҳӣ** ташкил меёбанд.

Ҳамчунин, мутобиқи шариат барои вайрон карани меъёрҳои умумиҳатмӣ, аз ҷумла дуздӣ дасти шахс бурида шуда, ба ӯ тамғаи умрбодии «дузд» гузошта мешавад. Ё ин ки барои танфурушӣ зан мавриди сангсори оммавӣ то ҳадди марг қарор дода мешавад. Албатта, дар шароити имрӯза ин навъи муҷозот раво дида намешавад, аммо амалигардии он ва ё муҷозоти ба он монанд кафили амну оромии устувор мебошад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа вазифаҳои муҳимро иҷро менамоянд, аз ҷумла:

- ҷараёни мутобиқати иҷтимоиро (сотсиализатсия) ба танзим медароранд;
- ҳамгироии фардҳоро бо гурӯҳҳо ва гурӯҳҳоро бо ҷамъият таъмин месозанд;
- рафторҳои инкориро назорат мекунанд;
- ҳамчун намунаи ибрат ва рафтор хизмат мекунанд.

Ин вазифаҳо бо тартиби зерин амалӣ мегарданд:

Якум, - меъёрҳо ин уҳдадориҳои фардӣ ва касбии як шахс нисбат ба шахси дигар мебошад. *Мисол: риоя кардани низоми тобеият нисбат ба роҳбар.*

Дуюм, - меъёрҳо интизориро ифода мекунанд. Аз шахси риоякунандаи меъёр муҳит / атофиён (ҷомеа) рафтори якранг ва дидашавандаро (ояндадорро) интизор мебошанд. *Мисол: ҳангоми роҳравро гузаштан шахсони рӯ ба рӯ омадаистода ба якдигар роҳ медиҳанд.*

Меъёрҳо вазифаҳои худро вобаста ба вазъи ҳолат ҳамчун қоидаи рафтор (уҳдадорӣ, зарурат) ва ба сифати интизорӣ (аксуламали дигар одамон) ба иҷро мерасонанд.

Ҳифзи шаъну шараф ва қадру қимати аъзои оила уҳдадории ҳар як мард арзёбӣ мегардад. Дар инҷо меъёр ҳамчун қоидаи рафтори ҳатмӣ маънидод мешавад, ки ба он ҳамаи аъзои оила интизории доимӣ доранд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Меъёр чист?
2) Меъёрҳои иҷтимоӣ кадомҳоянд?
3) Меъёрҳои иҷтимоӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
4) Меъёрҳои динӣ чӣ гуна меъёрҳо мебошанд?
5) Меъёрҳои сиёсӣ барои кадом муносибатҳо ба роҳ монда мешаванд?
6) Меъёрҳои ҳуқуқро номбар кунед.
7) Таҳрим (санксия) чист?
8) Вазифаҳои муҳими меъёрҳои иҷтимоӣ кадомҳоянд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. Виды социальных норм [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://legalmap.ru/articles/kp/norma/vidy-sotsialnykh-norm/
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Қуръони Карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ифрон, 2007. – 616 с.
5. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php
6. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.

§ 10. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ

10.1 Робитаҳои иҷтимоӣ

Муносибатҳои иҷтимоии инсон аз робитаҳо ва амалҳои гуногуни мутақобила бо гурӯҳи одамон ва ё фард иборат мебошанд. Амалҳои мутақобила бошад, аз амалҳои баёнии байни ду фард(ҳо) ва ё тарафҳо ва амалҳои ҷавобӣ ташкил меёбанд.

Бо мурури вақт дар ҷараёни муносибатҳо аз байни маҷмӯи амалҳои мутақобила робитаҳои нисбатан устувори иҷтимоии хусусиятҳои махсусдошта, чун такроршавандагӣ, наздикшавӣ ва дарки ҳиссиёти байниҳамдигарӣ ҷудо (интихоб) мегарданд. Маҳз ҳамин **маҷмӯи амалҳои мутақобилаи такроршаванда ва эҳсосиро муносибатҳои иҷтимоӣ меноманд.**

Муносибатҳои иҷтимоӣ ба ду қисмат, аз рӯи **маъно** (ният, дарк) ва **мазмун** ё **таркиб** ҷудо мегарданд. *Мисол: шахсе ба ҳайати барои ӯ нави корӣ шомил мегардад, мувофиқан ният мекунад, ки бо ҳайати кормандон шиносоӣ пайдо кунад. Бо гузашти вақт ӯ бо қисме ҳамчун ҳамкор шинос мегардаду, бо қисми дигар дар натиҷаи такроршавии амалҳои мутақобила муносибати наздик (дӯстӣ, муҳаббат, эҳтиром, мубодилаи даромаднок ва ғайра) ба роҳ мемонад.*

Ин муносибатҳо дар навбати худ ба **яктарафа** ва **мутақобила** ҷудо мешаванд.

Дар муносибатҳои иҷтимоии яктарафа иштирокчиёни он аз рӯи дарк ва ё ниятҳои мухталиф ва фарқкунанда амал мекунанд. *Мисол: муҳабати як фард метавонад зери нафрат ва бадбинии фарди дигар қарор гирад.* Дар ҳолати мазкур муносибати иштирокчиён аз рӯи дарки ҳолат ва ният баҳогузорӣ мегардад, ки яке дигареро нағз мебинад, эҳтиром мегузорад, дӯстона рафтор мекунад ва эҳсос мекунад, ки тарафи дигар низ ба ӯ муносибати мутақобила дорад, аммо ин амалҳо ё ниятҳо танҳо дар сурате ба даст оварда мешаванд, ки агар робитаҳо устувор, муайян ва таваҷҷуҳпазир бошанд.

Гурӯҳе аз олимон (Г. Лассуэл, А. Кэплэн) ақида доранд, ки асос ва муҳтавои татбиқгардии амалҳои мутақобиларо дар муносибатҳои иҷтимоӣ **арзишҳо** ташкил медиҳанд. **Арзиш воқеияти мақсаднок ва матлубе (дилхоҳ / ба хоҳиши дил наздик) мебошад, ки фарде онро соҳиб аст ва фарде не.**

Мувофиқан шахсе, ки арзиши дилхоҳро соҳиб нест, дар роҳи дастёбӣ ба он амалҳои муайянро ба иҷро мерасонад. Арзиш дар ҳолати мазкур ҳамчун такондиҳанда ва зарурат (шароити зарурӣ) барои ҳар як амали мутақобила муқаррар мегардад. Ҳамин тариқ, муносибатҳои иҷтимоӣ аз амалҳои мутақобилаи барои дастёбӣ ба арзишҳои гуногун тамоюл дошта (равона гашта), манша мегиранд.

Муносибатҳои иҷтимоӣ дар заминаи арзишҳо амалҳои мутақобилаи такрориро ташкил медиҳанд, ки аз як тараф талаботи дастёбӣ ба арзишҳо мушоҳида мегардад ва аз тарафи дигар имкониятҳои (захираҳои) мавҷуда аз рӯи арзишҳои дилхоҳ ба назар мерасанд.

Дар ҳамин ҷо мебояд зикр намуд, ки роҳу усулҳои омӯзиши муносибатҳои иҷтимоӣ аз назари ихтиёрдорӣ ва мубодилаи арзишҳо имконият медиҳанд, ки муносибатҳо дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, истеҳсолот ва ғайра таҳлил карда шаванд.

Яке аз чунин муносибатҳо ин **ҳокимият мебошад, ки он ба назари қисми зиёди олимон ҳамчун қобилияти назорати амалҳои як фард(ҳо) аз ҷониби дигар фард(ҳо) маънидод мегардад**. Дар ин ҷо метавон ду усули муайянкунандаи моҳияти муносибатҳои ҳокимиятро баррасӣ намуд.

Усули якум ба назари олимон М. Вебер, П. Блау, К. Левин, П. Лоурнес ва ғайра – *ҳокимият ин истифодаи ҳар як имконияти ба муносибатҳои иҷтимоӣ вобастабуда дар талқини (истодагарӣ намудани) манфиати худ, новобаста аз мавҷудияти муқобилият ва он ки ин имконият чиро ифода мекунад* - хос шуморида мешавад. Ин усули дарки ҳокимият ба **қобилияти шахсият марбут ба назорат кардани амалҳои дигарон ва бартараф сохтани муқобилияти онҳо бо ин васила (назорат)** рабт дода мешавад.

Усули дигари моҳияти муносибатҳои ҳокимиятро М. Корзе, Т. Персон таҳия кардаанд. Онҳо бар ақидае мебошанд, ки **асоси ҳокимият дар ҷамъияти муташаккил ва мураккаби одамон ин мақоми фард ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ мебошад.** Яъне, ҳокимият танҳо дар ҳолате иқтидори назорат кардани амалҳои дигар фардҳоро пайдо мекунад, ки агар он мувофиқи талабот ва интизории гурӯҳҳои одамон қонунӣ бошад. Дар робита ба ин иқтидори (ҳокимияти) роҳбар дар ташкилот дар он ҳолат нуфуз

пайдо мекунад, ки агар вазъи шахсии ӯ новобаста аз шахсияти тарафҳо барои тобеияти дигарон мусоидат намояд (маҷбур созад).

Ҳамин тариқ, ҳокимият аз нигоҳи иҷтимоӣ аз се қисмат **қудрат (тавоноӣ), эътибор (шуҳрат) ва нуфуз (қабули қарорҳо ё таъсиррасонӣ)** иборат мебошад. Ҳокимият бо усулҳои гуногун ба амал бароварда мешавад ва барои ба таври возеҳ дарк намудани он олимон атрофи се модели нисбатан маъмул кор кардаанд.

1) **Ҳокимияти пуриқтидор** – ба ҷамъоварии (муттаҳидии) захираҳо ва робитаи зич бо мавқеҳои (мақомҳои) муайяни иҷтимоӣ ва вазъиятҳо дар ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ изҳор мегардад. *Мисол: дар ташкилот роҳбари он нисбат ба зертобеон иқтидори ҳукмфармоӣ дорад ва вазифагузории ӯ аз ҷониби коргарон бе чунучаро иҷро мегардад, зеро ӯ қобили истифодаи ҳамаи захираҳои идоракунӣ - дар якҷоягӣ мебошад.*
2) **Ҳокимияти шуҳрат (эътибор)** – ҳокимиятест, ки ба шахсиятҳо ва гурӯҳҳои муайяни машҳури ҷомеа таалуқ дорад. Ин модел бо принсипи «беҳтаринҳо ҳокимиятро идора мекунанд» асос меёбад, яъне дар / барои идораи сиёсӣ шахсе метавонад интихоб гардад ва ё мавқеъ пайдо кунад, агар дар ҷомеа эътибори хоса дошта бошад. *Мисол: дар давлати шоҳигарӣ ба салтанат танҳо хонаводаи шоҳ ва наздикони ӯ ҳуқуқ доранд. Ё ин ки, дар шароити муосир барои пешбарӣ намудан ба зинаи роҳбарӣ таваҷҷуҳ ба касе равона мегардад, ки ӯ ва ё наздикони гузаштаи ӯ таҷриба ва шуҳрати роҳбарӣ дошта бошанд.*
3) **Ҳокимияти қабули қарорҳо** – дараҷаи иштирок ё ин ки мартабаи фард / гурӯҳро дар назорати қабули қарорҳои марбут ба идоракунии объектҳои иҷтимоӣ инъикос менамояд. Яъне, ҳукмфармо касест, ки бар дигарон бартарият дорад. *Мисол: ҳангоми дарс ваколати бешро омӯзгор соҳиб мебошад, мувофиқан қарори ӯ оид ба тарзи пешбурди дарс ва иштироки хонандагон қабулшаванда мебошад. Чунин муносибат дар объектҳои сохтмонӣ ба муҳандис, тандурустӣ - табиб, боғдорӣ - боғбон роиҷ мебошад.*

Ҳар як ҳокимият дар он ҳолат иқтидор пайдо мекунад, ки агар василаҳои гуногуни таъсиррасониро ба рафтори шахсият ва ё гурӯҳҳои дигар дошта бошад. Ин василаҳоро метавон ҳамчунин

захираҳо ном гирифт, ки ҳангоми истифодаи бомаром, онҳо аз ҷониби ҳар як шахс ва ё гурӯҳҳо ба (хотири) ҳокимият гузашт карда мешаванд. Олимон (Ҷ. Френч, Б. Рейвен) ингуна захираҳоро (василаҳоро) ҳамчун асосҳои ҳокимият ба 7 гурӯҳ ҷудо кардаанд.

1. **Маҷбурсозӣ** – ба маҳдудсозии имкониятҳо асос ёфта, бо роҳи пешгузории ченакҳои (меъёрҳои) муайяни муҷозот ва таҳдидҳо барои риоя накардани қоидаҳои рафторӣ, мутаносибан иҷро кардани уҳдадориҳо ва вазифаҳои муқарраргардида амалӣ гардонида мешавад. *Мисол: мавриди сари вақт ба ҷой кор ҳозир нашудан ва ё бе сабаб рухсат кардани кор моҳонаи корманд ба андозаи муайян кам карда мешавад.*
2. **Робитаҳо** – бо истифодаи ном, нуфуз ва ё имконияти шахсияте ва ё гурӯҳе ба рафтори фард (ҷомеа, гурӯҳи муайян) таъсир расонида мешавад. Ҳокимияти робитаҳо яке аз шаклҳои ҳокимияти маҷбурсозӣ мебошад, аммо бо истифодаи шахси сеюм. *Мисол: бо такя ба супориш ва ё истифода аз номи роҳбар муҳнадис ба рафтори кормандон ва сифати кор таъсир мерасонад.*
3. **Донишмандӣ** (**коршиносӣ**) – дар муносибатҳои идоракунӣ ва ё ҳукмфармоӣ сатҳи дониш, таҷриба, малака, кордонӣ ва фаҳмиш дар тағйир додани рафторҳо бартарият пайдо мекунад. *Мисол: донишҷӯ ба омӯзгор ҳангоми таҳсил итоат (гуш) мекунад ва ба ҳидоятҳои ӯ диққат медиҳад, зеро медонад, ки ӯ донишманд аст.*
4. **Меъёрикунонии муносибатҳо** – барои идоракунии рафтори фард ва гурӯҳ ва ё самаранокии фаъолият қоидаҳои муайян роҳандозӣ / қабул мегарданд, ки мутобиқи онҳо корҳои назоратӣ, муҷозотӣ ва маҷбурсозӣ амалӣ гардонида мешаванд. *Мисол: дар корхона роҳбар қоидае ба роҳ мемонад, ки мувофиқи он бояд ҳар як корманд ҳар ҳафта на кам аз 5% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намояд; корманд бо дарки он ки супориши роҳбар ё инки меъёри муқарраршуда бо мақсади самаранокии кор ба роҳ монда шудааст, онро иҷро менамояд.*
5. **Ибратнокӣ** (**монандӣ**) – зимни идоракунӣ сифатҳои шахсии фардро маъруф ва машҳуркарда ҳамчун намуна пешбарӣ мегардад. Шахс бо нияти расидан ва ё монанд шудан ба

шахсияти маъруф амал ва рафторҳои хос ва муайянро ба иҷро мерасонад. Мутаносибан таъсири шахсиятҳои маъруф ба фардҳои моили сифатҳои (дастовардҳои) ӯ зиёд мебошад. *Мисол: варзишгарон талош меварзанд, ки ба дастовардҳои варзишии чемпиони ҷаҳон дастёб гарданд, мувофиқан дар ин роҳ онҳо ҳар машқе, ки чемпион мефармояд, иҷро менамоянд.*

6. **Иттилоот** – дар ҳолате истифода мегардад, ки агар он барои гурӯҳи муайяни одамон арзишманд бошад. Шахс барои дастрасӣ ба иттилооти муфид амалҳои муайянро иҷро ва гузашт менамояд, мувофиқан шахси (гурӯҳи) ихтиёрдори иттилоот нисбат ба шахси ба он ниёздошта ҳукмфармо (таъсиррасон) мебошад. *Мисол: кормандони ташкилот омода ҳастанд, ки хоҳишҳои ёвари (ёрдамчии) роҳбарро ба ивази иттилооти муфид ба иҷро расонанд.*
7. **Ҳавасмандгардонӣ** (**қадрдонӣ**) – имконият медиҳад, ки амалҳои (қарорҳои) муайян дар шароити муносиб ва вақти кам ба анҷом расонида шаванд. Воқеан инсон дар интизори он аст, ки шахси ба хизмати ӯ ниёздошта яке аз талаботи ӯро қонеъ гардонида метавонад ва ӯ қодир аст, ки ба сифати қадрдонӣ хизмати муайянро ба анҷом расонад. Мукофот дар шакли маблағ, таваҷҷуҳ, обрӯ, имконияти пешрафт, бехатарӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад. *Мисол: омӯзгор ба сифати роҳбар ва ё машваратчии илмӣ ба 5 нафар шогирдон хизмат карда истодааст, зимнан яке аз шогирдон ба устод бештар таваҷҷуҳ мекунад, ба коре кӯмак мерасонад, ҳадди ақал ӯро ба зодрӯзаш табрик менамояд; муовифқан –чун аксуламали табиӣ таваҷҷуҳи устод ба ин шогирд зиёд гардида, кори ӯ нисбат ба дигар ҳамсабақон ба зудӣ анҷом меёбад.*

10.2 Намудҳои муносибатҳои идоракунӣ

Асоси муносибатҳои идоракуниро амалҳои мутақобилаи субъект ва объект, ки дар умум низоми (системаи) муносибатҳо ба ҳисоб меравад, ташкил медиҳанд. Ҳар як низом дар навбати худ, ба низоми нисбатан бузург вобаста (тобеъ) мебошад ва ҳар як низоми тобеъ (зернизом) низоми мустақил маҳсуб мегардад. Дар мисоли корманд – ҳар як идоракунанда тобеи роҳбари худ мебошад.

Муносибатҳои идоракуниро метавон ба мартабот ва ҳамоҳангӣ ҷудо намуд.

Муносибатҳои мартаботӣ (тобеият) ва ё амудӣ – аз як тараф ифодакунандаи муносибатҳои маъмурӣ ва тақсимотӣ буда, аз тарафи дигар муносибатҳои тобеият ва иҷрокунандагиро фаро мегирад. Онҳо дар асоси дастурҳо ва қоидаҳои муайян ба роҳ монда шуда, хусусияти ҳатмӣ доранд.

Муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ ва ё уфуқӣ – ифодакунандаи муносибатҳои байни кормандони ташкилот бо назардошти вазъи ҳуқуқии баробар ва мустақили онҳо дар зинабандии хизматӣ мебошанд. Барои мувофиқасозӣ ва маълумотноксозӣ аз рӯи фаъолияти ташкилотҳои тобеи гуногун ба амал бароварда мешаванд.

Низоми муносибатҳои идоракуниро ваколатҳо ташкил медиҳанд. Барои самаранокии фаъолият роҳбарияти ташкилот метавонад усули равонасозии (тақсимкунии) ваколатҳоро байни маъмурон ва кормандон ба роҳ монад.

Равонасозии ваколатҳо ин амалисозии ваколатҳо ва ё ҳуқуқҳо аз ҷониби роҳбар тавассути шахсони дигар мебошад. Ҳамзамон, ин амал дар низоми ташкилии корхона ваколатҳои ғайримарказонидашуда ном гирифта мешавад, ки дар шароити ҷомеаи муосир ҳам аз назари иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ хеле муфид арзёбӣ мегардад.

Зимнан равонасозии ваколатҳо маънои пурра додани ҳуқуқҳои идоракуниро надорад, яъне роҳбар ваколатҳои муҳими идоракуниро тобеи худ нигоҳ дошта, вазифаҳои дигар-дуюмдараҷаро, ки ба иҷрои онҳо дастрасӣ надорад, ба уҳдаи зертобеон равона / муқаррар месозад. Маҳз **маҳорати равонасозӣ ва ё тақсимоти ваколатҳо инсонро ба роҳбар табдил медиҳад**. Дар ин сурат роҳбар ваколатҳои худро ба ду қисмат: аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа гурӯҳбандӣ намуда, гурӯҳи ваколатҳои дуюмдараҷаро ба уҳдаи зертобеон (муовинон) вогузор менамояд. Ин на танҳо ба роҳбар дар иҷрои ваколатҳо сабукӣ медиҳад, балки масъулият ва эътимоди зертобеонро ба роҳбар ва ташкилот зиёд мегардонад.

Ваколатҳои мансабӣ ба ҳудудӣ ва ситодӣ (штабӣ) ҷудо мешаванд.

Ваколатҳои ҳудудӣ – ваколатҳое мебошанд, ки аз ҷониби роҳбар бевосита ба зертобеъ, аз зертобеъ ба зертобеи дигар ва ба дигар зертобеон бо ҳамин тартиб вогузор мегарданд (дода мешаванд). Ин тартиби ваколатдиҳӣ дар ташкилот зинабандии идоракуниро дар шакли заничира ташкил медиҳад.

Ваколатҳои ситодӣ – ҳуқуқҳо ва ё ваколатҳое мебошанд, ки барои машварат ва ё кӯмак ба роҳбарони ваколатдори ҳудудӣ / минтақавӣ истифода карда мешаванд. Ин тартиби амал дар муносибатҳои идоракунӣ ҳамчун дастурдиҳӣ низ фаҳмида мешавад.

10.3 Ҳамоҳангсозии идоракунӣ

Ҳамоҳангсозӣ яке аз вазифаҳои асосии идоракунӣ буда, бо роҳи ҷамъоварӣ, баррасӣ ва таҳлили иттилоот оид ба аксуламали кормандон нисбат ба қарори қабулшуда, нақшаи гузошташуда ва ташкили кор (аз рӯи иҷро) амалӣ гардонида мешавад.

Вазифаи ҳамоҳангсозӣ аз назорати мутобиқати услуби доиравии фаъолият (амалкунӣ), сифати истеҳсоли хизматрасонӣ, мол ва кор, иҷрои тартибот ва амалиёти муқарраргашта аз рӯи меъёрҳо ва қоидаҳо иборат мебошад. Ҳамоҳангсозӣ барои таъмини муттасилӣ (мунтазамӣ) ва бефосилагии иҷрои вазифаҳои идоракунӣ ба роҳ монда мешавад. Объекти фаъолияти ҳамоҳангсозӣ ҳам идоракунанда ва ҳам идорашаванда ба ҳисоб меравад.

Нақши асосии фаъолияти ҳамоҳангсозӣ дар табдилдиҳӣ ё тағйирдиҳӣ (пешбинии мушкилот ва душвориҳо), бартарафсозӣ (рафъ сохтани номураттабӣ), ҳавасмандгардонӣ (беҳтарсозии фаъолият) ва батанзимдарорӣ (нигаҳдории сохти амалии кор) ифода меёбад.

Ҳамоҳангсозӣ ба ду намуд: уфуқӣ ва амудӣ ҷудо мешавад.

Уфуқӣ – бо роҳи амалҳои мутақобилаи ғайрирасмии сохтори ташкилӣ дар сатҳи баробар таъмин мегардад.

Амудӣ – дар доираи меъёрҳои муқарраршуда бо фарогирии механизм ва доираҳои муайяни фаъолият таъмин карда мешавад.

Усулҳои зерини ҳамоҳангсозиро метавон пеш гузошт:

- ҳамоҳангсозии ғайрирасмии барномавӣ, ки ихтиёрӣ ва бе банақшагирии қаблӣ амалӣ мегардад – ба ҳамдигарфаҳмӣ, муқаррароти умумӣ, манфиатҳо ва одатҳои психологӣ асос меёбад;
- ҳамоҳангсозии бе хусусияти барномавӣ дар сохти мураккаби ташкилотҳо ба роҳ монда шуда, ба усулҳо ва қоидаҳои бе хусусияти кор ва меъёр асос меёбад, ки дар нақшаҳо ва барномаҳои корӣ ба нақша гирифта мешавад;
- ҳамоҳангсозии фардии барномавӣ бо мақсаде ба роҳ монда мешавад, ки фард вазифаҳо ва самтҳои кори худро мустақилона тафсир накунад;
- ҳамоҳангсозии гурӯҳии барномавӣ дар шакли муҳокимаи гурӯҳӣ дар ҷаласаҳои корӣ ба роҳ монда шуда, имконият медиҳад, ки дар ҷараёни идоракунӣ афзалияти шахсӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ ва умумиташкилӣ ва нуқтаи назари мутахассисони гунуогунсатҳ ба инобат гирифта шавад.

Дар бисёр ҳолатҳо амалҳои ҳамоҳангсозиро азнавташкилкунӣ ном мебаранд, ки метавонад ба тамоми сатҳи сохтори ташкилӣ паҳн гардад (мамлакат, соҳа, доира, ташкилот, зерсохтор, иҷрокунанда). Азнавташкилкуние, ки вазъияти кормандро бад менамояд, муқобилияти зиёдро пешорӯ мегардад ва имкон дорад, ки нолозим гардад.

10.4 Назорат зимни идоракунӣ

Назорати идоракунӣ марҳалаи ҷамъбастии муносибатҳои идоракуниро ифода мекунад - **доираи идоракуниро ба анҷом мерасонад ва ё нуқтаи интиҳои доираи идоракунӣ мебошад, ки дар он (марҳила) таҳлил гузаронида шуда, вобаста ба тадбирҳои оянда хулосаҳо бароварда мешаванд**. Низоми назорат байни интизориҳое, ки тибқи нақшаҳои қаблӣ муайян карда шуда буданд ва нишондиҳандаҳои воқеии фаъолияти ташкилот робитаи бозгашт таъмин месозад.

Объекти назорат ташкилот, субъект – роҳбарият, бахшҳои назорат ва мақомоти давлатӣ буда, предмети назорат ҷараёнҳои дар ташкилот рухдодаистода ва ё ҷузъҳои он ба ҳисоб меравад. Василаҳои асосии назорат мушоҳида, тафтиши ҳаматарафаи фаъолият, баҳисобгирӣ ва таҳлил мебошанд.

Назорат аз баҳисобгирӣ фарқ дорад. Баҳисобгирӣ аз рӯи маълумоти мавҷуда ташкил мегардад, назорат бошад, маълумоти заруриро ҷамъ меорад, таҳлил мекунад, сипас баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ менамояд.

Дар назариёти Низомулмулк оварда шудааст: «*Назорати андозбандӣ ва ҳисоббаробаркунӣ*», ки барои ҳар як ташкилот, бахусус низоми иқтисодӣ-иҷтимоии давлатдорӣ хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Яъне, муносибатҳои андозбандӣ бояд зери назорати доимӣ қарор дода шавад, зеро манбаи муътамади иқтисодӣ маҳз андоз ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, - *Назорати кору фаъолияти вазирон, раисон, қозиён ва дигар ходимони давлатӣ* – аз тавсияҳои дигари мутафаккир мебошад, ки бо мақсади ташкили босамари низоми идоракунӣ пешниҳод карда шудааст. Маҳз ҳамин васила дар шароити имрӯзаи идоракунӣ нуқсон дорад, мувофиқан фаъолияти бархе аз мақомоти давлатӣ пешрафта буда, қисми дигари он қафомонда боқӣ мемонад, ки дар ниҳоят ба суръати рушдёбии муносибатҳои давлатӣ монеа мегарданд. Мавриди мавҷудият ва амали ин низом метавон дар байни мақомоти давлатӣ тавозуни пешрафтро таъмин сохт, зеро маҳз маълумот ва шароити рақобат ба рушди муносибатҳои идоракунӣ мусоидат менамояд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Муносибатҳои иҷтимоӣ аз чӣ иборат мебошанд?
2) Муносибатҳои иҷтимоӣ ба кадом ду қисматҳо ҷудо мешаванд?
3) Ҳокимият (аз назари олимон-ҷомеашиносон) чӣ гуна муносибат мебошад?
4) Муносибатҳои идоракунӣ ба кадом амалҳо асос меёбанд?
5) Муносибатҳои мартаботӣ (тобеяит) чиро фаро мегиранд?
6) Муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ чиро ифода мекунанд?
7) Ҳамоҳангсозӣ чист?
8) Назорат чист?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. Заходера Б. Н. Сиасет-наме [Матни аслӣ]: / Книга о правлении вазира XI столетия Низам Аль-Мулька. // Перевод, в введение в изучение памятника и примечания проф. Б. Н. Заходера. Издательство Академии наук СССР. Москва-Ленинград: 1949. – 192 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
5. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
6. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
7. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 11. МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ

Меҳнат дар ҳаёти инсон мавқеи муҳимро ишғол намуда, дар баробари оила асоси ҳастӣ ва ё моҳияти ҳаётро ифода менамояд. Инсон аз рӯзҳои аввали худшиносӣ, ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ машғули ҳаракати ҷисмонию зеҳнӣ ва ё меҳнат буда, то охири умр ба воситаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва ё бевосита ба он вобаста мемонад.

Меҳнат - ин фаъолият ва ё ҳаракати мақсадноки инсон ҷиҳати ба даст овардани манфиатҳои хоси иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ мебошад.

11.1 Назарияҳои олимон вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ

Низомулмулк дар рисолаи худ меҳнатро ҳамчун васила ва ё воситаи корҳои хубу савоб ва ҷовидон гузоштани номи нек (барои инсон) баррасӣ намудааст. Ӯ дар «Сиёсатнома» иброз доштааст, ки «*Бигузор, ки ӯ сохтмони азим ва мавзеҳои хуби буду бошро ба роҳ монад ва фармон диҳад, ки дар шоҳроҳҳо истгоҳҳо (истироҳатгоҳҳо) сохтмон кунанд, аз ин меҳнатҳо номи ӯ ҷовид мемонад, барои ин ӯ дар дунёи дигар қадрдонӣ мегардад, барои ӯ доимо намоз мегузоранд*». Муроҷиати мутафаккир ба маъмурон ва роҳбарон, бахсус сарварони мамлактҳо мебошад, ки зимни машғул гардидани онҳо ба ободкорию иншоотсозӣ номи онҳо ҷовид мемонад. Чуноне ки Аҳроми Мисрро ба Фиръавн, Вавилонро ба Навуходоносор, Девори бузурги Чинро ба Син Ши-Хуандӣ, Тоҷмаҳали Ҳиндро ба Шоҳ-Ҷаҳон, Самарқанду Бухороро ба Сомониён рабт медиҳанд. Дар ҳақиқат ин навъи меҳнат на танҳо абадгузорандаи номи инсон, балки ифодакунанда ва ҷовидгузорандаи таърих, фарҳанг, тамаддун ва ҳастии миллат ва халқиятҳо мебошад.

Макиавели дар рисолаи худ «Государ» меҳнатро дар риоя ва иҷро намудани қоидаҳои муқарраршуда ва беҳуда сарф накардани вақт ифода менамояд, аз ҷумла иброз кардааст, ки: «*Сарвари (Шоҳи) бохирад бояд ҳамаи қоидаҳои муқаррашударо риоя намояд, ҳеҷ гоҳ дар вақтҳои оромӣ (осудагӣ) машғули сархушӣ нагардад, зеро вақте мерасад, ки ҳамаи меҳнатҳои ӯ қадр карда мешаванд ва он вақт, агар тақдир ӯро ба нобудӣ барад, ӯ метавонад истодагарӣ кунад*». Назари муатфаккир ба он равона гардидааст, ки роҳбар бояд ҳамеша

машғули фаъолияти меҳнатӣ бошад, зеро рисолате ё манзалате, ки ӯ соҳиб гардидааст ҳуқуқи иҷтимоӣ-маънавии ӯро ба фароғат, дилхушӣ ва сарфи беҳудаи вақт маҳдуд месозад. Ба ин назар наметавон зид буд, чунки масъулияти воқеии ҳар як роҳбар хеле васеъ ва гуногунҷабҳа буда, доимо ба вақт ниёз дорад. Имрӯз низ дар таҷрибаи бисёре аз роҳбарон бараъло мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳамарӯза соатҳои тулонӣ дар ҳуҷраҳои корӣ илова ба вақти муқарраршуда ба меҳнат машғул мешаванд. Яъне, агар соати кории корманди оддӣ дар як рӯз 8 соат бошад, пас вақти кории роҳбар то 14 соат / рӯз тул мекашад.

Аз тарафи дигар қонунгузорӣ бо назардошти имконияти психологӣ ва физиологии инсон вақти фаъолияти меҳнатиро дар як ҳафта 40 соат муқаррар намудааст, ки мухолифи назариёти боло мебошад, аммо ин муқаррарот ҳуқуқи кормандро барои иловатан бо хоҳиш ва иродаи худ барои машғул гардидан ба фаъолияти меҳнатӣ маҳдуд намесозад. Яъне шахс - роҳбар бинобар маъсулияти зиёди идорӣ метавонад вақти худро барои пешбурд ва ё расидан ба вазифаҳои гузошташуда сарф кунад, аммо сӯиистифодаи он тавсия карда намешавад.

11.2 Давраҳои фаъолияти меҳнатӣ

Меҳнат одатан ҳамчун шуғли музднокиро шахс фаҳмида мешавад, аммо мафҳум ва рисолати аслии он нисбатан васеъ мебошад, зеро аксари вақти инсонро фаъолияти намуди меҳнати / шуғли бемузд фаро мегирад. Фаъолияти намуди меҳнати бемузд фарогири сохторҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-маънавии ҷомеа буда, намуди музднокиро он асосан ба сохтори иқтисодӣ асос меёбад.

Ҳамин тариқ, меҳнати инсонро метавон аз рӯи чор намуд ё самти муайяншудаи меҳнатӣ ба 5 давраи фаъолияту ҳаётии инсон гурӯҳбандӣ намуд:

1. Дар давраи **кӯдакӣ** шахс бештар ба меҳнати намуди фарҳангӣ-маънавӣ машғул мегардад ва дар муносибатҳои иҷтимоӣ вобастагии зиёд ба атрофиён (наздикон, омӯзгорон ва ғ.) пайдо менамояд;
2. Дар давраи **ҷавонӣ** талаботи инсон тағйир ёфта, бештар хусусияти **иҷтимоӣ-иқтисодӣ** касб менамояд – шахс талош

меварзад, ки дар ҷомеа муносибатҳои меҳнатии иқтисодӣ ва ташаккулдиҳандаи шахсияти худро фароҳам созад;

3. Дар давраи **калонсолӣ** суръати талаботи шахсии инсон муътадил гардида, майли ӯ барои машғул гардидан ба муносибатҳои меҳнатии иҷтимоии сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ зиёд мегардад;
4. Дар давраи **миёнасолӣ** суръати талаботи шахсиятии инсон паст гардида, бештар тамоюли таҳким бахшидани заминаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ӯро пеш меояд;
5. Дар давраи **пиронсолӣ** чун давраи кӯдакӣ бозгашт ба манфиатҳои **иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ** мебошад ва фаъолияти меҳнатии шахс бештар хусусияти фароғатӣ касб карда, ба ҳаракати зеҳнию ҷисмонӣ табдил меёбад.

Раванди меҳнат зуҳуроти мураккаб ва бисёрҷабҳа буда, шаклҳои асосии он (зуҳурот) аз сарфи қувваи (тавоноии) инсонӣ ва амалҳои мутақобилаи корманд бо воситаҳои истеҳсолот ё меҳнат ва бо дигар кормандон (бо сохти уфуқӣ) ва роҳбарон (бо сохти амудӣ) иборат мебошад.

Дар ҷараёни меҳнат (идоракунӣ) байни одамон муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ ба воситаи амалҳои мутақобила бо якдигар ташаккул меёбанд. Амалҳои мутақобилаи иҷтимоии меҳнатӣ ин шакли равобити иҷтимоӣ буда, бар асоси мубодилаи фаъолият ва амалҳои дутарафа ба роҳ монда мешаванд.

Муносибатҳои меҳнатии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- муҳтавои фаъолият: истеҳсолӣ-амалӣ, касбӣ-тахассусӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва шаҳрвандӣ-ташкилӣ;
- муҳтавои муошират: бешахсиятӣ, бавосита ва байнишахсиятӣ;
- субъективӣ: байниташкилӣ, «гурӯҳ-шахсият», «шахсият-шахсият»;
- ваколати ҳукмфармоӣ: уфуқӣ ва амудӣ;
- хусусияти тақсимоти даромадҳо: мутобиқат ва ё номутобиқатии саҳмгузории меҳнатӣ;
- сатҳи дастурдиҳӣ-танзимӣ: расмӣ ва ғайрирасмӣ.

Муносибатҳои меҳнатӣ асосан дар шароити идоракунии иҷтимоӣ ташкил ёфта, иштироки бевосита ва бавоситаи кормандро дар ҷараёни идоракунӣ пеш мегузорад (дастгирӣ менамояд).

Маҷмӯи муносибатҳои меҳнатии иҷтимоиро ҳаёти иҷтимоӣ дар гурӯҳҳои меҳнатӣ, ки мавқеи инсонро дар муҳити меҳнатӣ ташкил медиҳад; муносибати ӯро ба меҳнат, далелнокӣ ва ё ҳавасмаднгардонӣ ба меҳнат ва қонеъгардонӣ, нуфуз ва ҷолибияти касбӣ, қонеъгардӣ ба шароити меҳнатӣ, таҳкими рафтори меҳнатии ӯро ва ғайра муайян месозад.

Меҳнат дар муносибатҳои идоракунии иҷтимоӣ аз якчанд қисмат: муҳтаво, хусусият, сохтор, намудҳо ва қаноатмандӣ иборат мебошад.

Муҳтавои меҳнат хусусияти умумии ҷараёни меҳнатро бо назардошти гуногунҷабҳагии вазифаҳои меҳнатӣ, намудҳои амалиёти иҷрошудаистодаи меҳнатӣ, тақсимоти фаъолияти меҳнатӣ аз рӯи соҳаҳо, шиддати (ҷиду ҷаҳди) ҷисмонӣ ва зеҳнии корманд ҷиҳати танзими пайдарпайии амалиёти меҳнатӣ, имкониятҳо ва сатҳи навовариҳо (мутобиқи қарорҳои дар ҷараёни истеҳсолӣ қабулшуда) фаро мегирад.

Хусусияти хоси меҳнат муносибати кормандро ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ инъикос менамояд. Аз рӯи хосият меҳнат метавонад ба самтҳо, соҳаҳо, зинаҳо, дараҷанокӣ ва шаклҳо ҷудо шавад.

Муҳтаво ва хусусияти меҳнат ба ҳам наздик мебошанд, зеро вазифаҳои онҳо барои иҷрои ҳамон як уҳдадорӣ равона мегардад.

Меҳнат, инчунин моҳият ва вазифаҳои хоси ҷамъиятии худро соҳиб мебошад, ки ба қатори онҳо тарзи қонеъгардонии талаботи инсонӣ, манбаи сарватмандӣ, ташаккули шахсият, қувваи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъиятӣ, мақоми ҷамъиятӣ ва ғайраро шомил кардан мумкин аст.

11.3 Низоми меҳнатӣ

Низоми меҳнатӣ дар фаъолияти ҳар як ташкилот аз меъёрикунонӣ ва дастурдиҳии ҳайати идоракунӣ иборат мебошад. Дар умум ин низом ба маҷмӯи санадҳои хусусияти меъёрӣ, ташкилӣ, амалӣ, методӣ, тақсимотӣ, техникӣ, техникӣ-иқтисодӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоидошта, ки меъёр, талабот, қоида ва

дигар маълумоти заруриро барои ҳалли вазифаҳои марбут ба ташкили меҳнат ва идоракунии ҳайат муқаррар менамоянд, асос меёбад.

Масъулияти таҳлили вазъият ва таҳияи дастурҳои меъёрӣ ва ташкилию дастурдиҳиро воҳидҳои алоҳидаи ташкилот, ба монанди бахши кадрҳо, ҳуқуқ, умумӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, молия ва ғайра ба уҳда доранд. Ҳамзамон, масъалаҳое пеш меоянд, ки зарурати таҳия ва роҳандозӣ намудани дастурҳоро дар якҷоягӣ, зимни фаъолияти муштарак тақозо менамояд.

Тартиби таҳия ва барои татбиқ пешниҳод намудани дастурҳо асосан дар ду зина ё сатҳ: маъмурӣ-идорӣ ва зертобеъ сурат мегирад.

1. Дастгоҳи маъмурӣ-идорӣ – намунаи санад ва дастурҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ, методӣ, ташкилӣ, амалӣ ва иттилоотии дахлдорро таҳия ва барои истифодаи хизматӣ тасдиқ менамояд;

2. Воҳидҳои зертобеъ – дар асоси санад ва дастурҳои намунавӣ бо назардошти хусусияти хоси фаъолият ва ваколатҳои идоракунӣ санад ва дастурҳои худро таҳия ва татбиқ менамоянд ва ё санад ва дастурҳои намунавиро марвиди истифода қарор медиҳанд.

Санад ва дастурҳои махсуси танзимкунандаи қоидаҳои дохилимеҳнатӣ иборатанд аз:

- низомномаи фаъолият;
- тартиби масъулияти маъмурият;
- дастурамал оид ба уҳдадориҳои хизматии (вазифаҳои асосии) корманд;
- қоидаи вақти кор ва истифодаи он;
- тартиби ҳавасмандгардонии кормандон аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти корӣ / хизматӣ;
- тартиби ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои меҳнатӣ;
- тартиби ба кор қабул ва аз кор озод кардани кормандон;
- шартномаи фардӣ байни ташкилот ва корманд;
- шартномаи гурӯҳӣ оид ба муносибатҳои мутақобила дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ.

Дар баробари ин, яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти кадрӣ ва идоракунии ҳайат мебошад, ки барои он низ таҳия ва татбиқ намудани як қатор дастурҳо мувофиқи матлаб арзёбӣ мегардад, аз ҷумла:

- таҳияи низомнома оид ба ташкили захираи кадрӣ дар ташкилот;
- амалӣ намудани тартиби мутобиқати (воридгардии) кормандон ба низоми кории ташкилот;
- таҳияи тавсияҳо оид ба ҷустуҷӯ (дарёфт) ва интихоби ҳайати корӣ;
- таҳияи тартиби муносибатҳои мутақобилаи кормандон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ;
- таҳияи низомнома оид ба пардохт ва мукофотпулии кормандон;
- пеш бурдани қоидаи таъмини бехатарӣ дар ҷойи корӣ.

Дар фаъолияти ҳар як ташкилот нақши муҳимро дастурҳои мансабӣ (уҳдадориҳои мансабӣ) мебозад, зеро нишондиҳандаҳои корӣ маҳз (асосан) аз ҳамин санад ҳамоҳанг ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Дастури мансабӣ ҳуҷҷате мебошад, ки ба корманд оид ба сатҳи дониш, малака, таҷриба ва қобилиятнокии ӯ талабот гузошта, ҳамчун санади танзимкунандаи фаъолият вобаста ба мансаб ва ё вазифаи ишғолкарда тартиб дода мешавад. Дастури мансабиро мумкин аст, ки дар асоси вазифаҳои тахассусноки қаблан муайянгардида, низомномаи ташкилот, тартиби иҷрои вазифаҳои мансабӣ ва ғайра таҳия намуд.

Барои таҳияи дастури мансабии босифат зарур аст, ки ҳаҷм ва ҷараёни кор мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шавад, маълумоти марбут ба мансаби корӣ ҷамъоварӣ карда шавад, талабот ва шароити алоқаманди корӣ муайян карда шуда, сипас ба корманд талабот ва сарбории хоси корӣ гузошта шавад.

Боиси зикр аст, ки ин талабот нисбат ба хизматчиёни давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: «*Донистани қоидаҳо ва меъёрҳо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат қисми таркибии талаботи тахассусии пешниҳодшаванда ба корманд ба ҳисоб меравад ва дар дастурамали вазифавие (мансабие), ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ карда мешавад, қайд мегардад*». Яъне,

масъули бевосита оид ба таҳия ва роҳандозӣ намудани дастурҳои танзимкунандаи фаъолияти меҳнатии касбии корманд маъмурияти ташкилот ба ҳисоб меравад, зимнан меъёрҳои боло метавонанд ба тамини сифати низоми дастурдиҳӣ мусоидат намоянд.

Талабот барои корманд дар ҳар як ташкилот вобаста ба шакл ва самти фаъолияти он хос муайян мегардад, аммо маҳаки талабот барои интихоби корманд метавонад хусусияти ягона дошта бошад. Олими англис А. Роҷер талаботи нисбатан асосиро барои корманд / номзад чунин гурӯҳбандӣ кардааст:

а) сифати асосӣ – нишондиҳандаҳоеро фаро мегирад, ки бидуни онҳо қаноатмандӣ аз иҷрои кор таъмин намегардад, яъне барои номзад соҳиб будан ба ин сифат ҳатмӣ мебошад;

б) сифати дилхоҳ – нишондиҳандаҳоеро фаро мегирад, ки номзад сифати бартаридошта / ҷолиби диққатро (сифате, ки барои ташкилот хеле муҳим аст) соҳиб мебошад;

в) сифати ғайри қобили қабул - нишондиҳандаҳоеро фаро мегирад, ки номзадии шахсро барои қабул ба кор бечуну чаро манъ мекунад, вале мумкин аст, ки ӯ (сифатҳои ӯ) бо дигар нишондиҳандаҳо мувофиқат кунад.

Дастурҳои мансабиро барои кормандон дар ташкилот метавон аз рӯи тартиби зерин ташкил намуд:

– таъмини мувозинати вазифаҳои асосӣ, ҳуқуқ ва масъулият аз рӯи ҳар як мансаб;
– таъмини самаранокии амалҳои идоракунӣ бо истифода аз технологияи навтарини таҳкимдиҳандаи ҷараёни идоракунӣ;
– бартараф намудани такроршавии вазифаҳои алоҳида дар идоракунӣ;
– ба танзим даровардани мубодилаи иттилоот дар фаъолият.

Дар самти таъминоти фаъолияти меҳнатӣ ташкилотро зарур аст, ки таъминоти ҳуқуқиро аз ҷониби ҳайати корӣ амалӣ гардонад, аз ҷумла:

- риоя ва татбиқ гардидани қонунгузории соҳаи меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ;
- таҳия ва амалӣ сохтани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тақсимотӣ ва ташкилӣ-иқтисодии дохилиидоравӣ ва маҳаллӣ;

- дар таҳрири нав қабул кардан ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва кадрӣ.

Низоми меҳнатии ташкилот ба бахши кадрӣ, ки бевосита ва мунтазам бо кормандон дар робита мебошад, ҳамбастагии зич дорад. Ташкили ҷараёни ба кор қабул ва аз кор озод намудани кормандон, сари вақт гузаронидан ба дигар вазифаҳо, нагузоштани пайдошави низоҳои марбут ба масъалаҳои кадрӣ, танзими реҷаи корӣ, назорати рафтуомади кормандон ба корхона ва ғайра танҳо дар сурате пурмаҳсул мегардад, ки агар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ бо тарзи хуб ва муносиб ба роҳ монда шуда бошад.

Яке ҷузъҳои асосии низоми меҳнатии ташкилот ин омодасозии кадрӣ ба ҳисоб меравад. Ин муносибат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: «*Корфармо уҳдадор аст, ки **касбомӯзӣ, азнавтайёркунӣ** ва **такмили дониши** кормандонро барои соҳиб гаштан ба ихтисоси иловагӣ ба роҳ монад, барои бевосита дар истеҳсолот ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ **такмили ихтисос** кардани онҳо шароит муҳайё намояд*.». Ин ҳадде мебошад, ки дар шароити имрӯза дар фаъолияти ташкилотҳо хеле кам иҷро мегардад, мувофиқан он яке аз сабабҳои асосии пастгардии сатҳи истеҳсолот дар идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ҳамин камаҳамиятӣ, қонунгузор онро - касбомӯзӣ, азнавтайёркунӣ, такмили дониш ва ихтисоси кормандро – барои ташкилот ба сифати уҳдадорӣ муқаррар намудааст, дар ҳоле, ки ин низом манфиатбахши холиси ташкилот мебошад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Меҳнат чист?
2) Дар ҷараёни меҳнат идоракунӣ муносибатҳои иҷтимоӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешаванд?
3) Дар муносибатҳои идоракунии иҷтимоӣ меҳнат ба якчанд қисматҳо ҷудо мешавад, кадомҳо?
4) Низоми меҳнат дар фаъолияти ташкилот аз чӣ иборат аст?
5) Дастури мансабӣ чӣ гуна ҳуҷҷат аст?

6) Низоми меҳнатии ташкилот ба кадом воҳиди сохтории худ ҳамбастагии зич дорад?
7) Омодасозии кадрӣ барои ташкилот чӣ аҳамият ва зарурат дорад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Заходера Б. Н. Сиасет-наме [Матни аслӣ]: / Книга о правлении вазира XI столетия Низам Аль-Мулька. // Перевод, в введение в изучение памятника и примечания проф. Б. Н. Заходера. Издательство Академии наук СССР. Москва-Ленинград: 1949. – 192 с.
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 2016
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
5. Самарканд. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Самарканд
6. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
7. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

§ 12. МАДАНИЯТИ ТАШКИЛӢ ДАР ИДОРАКУНӢ

12.1 Ташаккулёбии маданияти ташкилӣ

Маданият ва ё фарҳанг асосан хоси ҳаёти иҷтимоӣ буда, ҳамчун услуби тарбия, маънавиёт, ахлоқ, анъана, урфу одатҳо, арзишҳо, меъёрҳои умумии рафтор, муносибати фардҳо ва гурӯҳҳои одамон дар ҷомеа ҳукмфармо мебошад ва он аз насл ба насл гузашта, ба сифати нишона ва ё рамзи гузаштагон, миллат, нажод ва таърих истифода мегардад.

Маданият дар муносибатҳои идоракунӣ бо назардошти афзалиятнокӣ ва аҳамиятнокии он дар ташаккули шахсият (шахси коргар) шуруъ аз солҳои 70-уми асри гузашта нақш пайдо кардааст. Нуқтаи нумӯи маданияти ташкилиро метавон ба таҷрибаи Ҷопон марбут ба консепсияи ташкили ҳаёти ҷамъиятии иқтисодӣ рабт дод, чунки асоси консепсияи мазкурро маданияти махсуси ташкилӣ, ки аз анъанаҳои ҷамъиятӣ манша мегирад ташкил медиҳад (Яковлева Т. Н. Социология управления. 2013). Солҳои 80-ум таҷрибаи маданияти ташкилии Ҷопон бинобар соҳиб гардидан ба комёбиҳои беназир ба кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва ИМА паҳн мегардад. Хусусиятҳои асосии маданияти ташкилии ҷопонӣ чунинанд:

1) Интихоби кормандон аз давраи мактабӣ / донишҷӯӣ – ҳанӯз дар давраи таълим хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ ва махсуси техникӣ бо назардошти фаъолияти дарозамалаи онҳо дар ташкилот / корхона ба кор қабул мегарданд. Мутобиқи ин консепсия кордиҳанда кормандони ояндаи худро ҳанӯз аз давраи донишҷуӣ аз байни хатмкунандагон ё донишҷӯёни соли охири таҳсил тавассути ташкили суҳбат, вохӯрӣ ва мулоқотҳои фаҳмондадиҳӣ, зимнан интихоб ва ба имзо расонидани шартнома ба кор қабул менамояд. Яке аз принсипҳои асосӣ ин розигӣ ва кафолати қаблии корманд (донишҷӯ) оид ба фаъолияти меҳнатии дарозамала дар ташкилот (ҷойи кори оянда) мебошад;

2) Таълими бефосилаи кормандон – ба такмилёбии доимии касбӣ, мувофиқан худташаккулёбии корманд мусоидат менамояд, натиҷаҳои бадастоварда бошад, ба қаноатмандии маънавӣ боис мегарданд. Ҳар як корманд мунтазам, давра ба давра зимни

такмили ихтисос, касб, дониш ва малака тавассути амалисозии давраҳои мувофиқи омӯзишию таълимӣ фаро гирифта мешавад;

3) Кирои (ба кор қабул кардани) якумраи корманд – ташкилотҳо ҷойи кориро ба кормандони худ кафолат медиҳанд ва барои пешгирии рафтани кормандон ба ташкилоти дигар низоми ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотдиҳиро бар асоси собиқаи меҳнатӣ истифода менамоянд. Тибқи ин меъёр ҳар шахс ё корманд бояд ки тамоми умр ва коршояӣ дар ташкилот кор намояд, аммо тибқи қонунгузорӣ шахс / корманд ҳамчунин метавонад ба дигар ташкилот барои кор гузарад; дар ин сурат, яъне вайрон шудани талаботи шартнома шахси ба дигар ташкилоти дигар гузашта (барои кор) аз собиқаи қаблии меҳнатӣ маҳрум мегардад. Ин принсип гарчанде ҷузъиёти сахт дошта бошад ҳам, аммо адолати меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар сатҳи баланд таъмин менамояд, зеро ташкилот барои то ба сатҳи мутахассис расонидани шахс вақт ва маблағи зиёд сарф кардааст ва ҳеҷ мумкин нест, ки шахс дар як ҷо обутоб меёбаду хизмати ҷои дигарро мекунад. Ба тарви дигар, ҳеҷ мумкин нест, ки маҳсули дарахти аз навниҳол то ҳосили мева расонидашударо ҳамсоя истифода намояд.

Маълум мегардад, ки барои таъмини самаранокии фаъолияти ташкилот бо корманд мебояд ҳамчун аъзои оила муносибат намуд. Ба мисли он, ки: *волидон барои фаъолияти меҳнатии истеҳсолии ояндаи фарзанд ҳанӯз аз давраи мактабхонӣ бо ӯ кор мебаранд, дар давраи хатмкунии мактаб бошад, барои интихоби ҷойи корӣ кӯмак мерасонанд ва барои доимо таъмин будан бо шуғл мунтазам ба ӯ тариқи машваратҳои руҳӣ ва истеҳсолӣ муосидат менамоянд, яъне доимо (тамоми умр) дар пешрафти фарзанд манфиатнок ва ҳавасманд мебошанд.*

Баъди солҳои 50-уми асри гузашта дар ҷаҳон дар воқеъ муносибат ва ё сиёсати идоракунӣ тағйир меёбад. Консепсияи қаблӣ, ки дар фаъолияти ташкилот нақшаи истеҳсолӣ, ислоҳоти сохторӣ, буҷетӣ ва ғайраро дар мадди аввал мегузошт, шикаст хурда, хусусияти дуюмдараҷа касб менамояд. Мутаносибан дар ҷойи аввал шахсияти корманд - қобилият, нерӯ, дониш, малака, арзиш, робита ва дигар ҷузъҳои шахсии корманд пеш мебарояд ва маҳз дар ҳамин ҷараён маданияти иҷтимоӣ ва ё ташкилӣ нақши худро дар муносибатҳои идоракунӣ пайдо мекунад.

Дар солҳои охир ташкилотҳо на танҳо маданияти ташкилиро ҳамчун қисмати идоракунӣ истифода менамоянд, балки он ба сифати василаи устувори бадастории муваффақиятҳои иҷтимоии истеҳсолӣ, таъминкунадаи самаранокии фаъолият ва омили таҳкимдиҳандаи рақобатнокӣ истифода мегардад.

12.2 Тафсири маданияти ташкилӣ

Мафҳуми маданияти ташкилӣ зуҳуроти мураккаб буда, муайянкунии он ҳамчун як объекти мушаххас дар миёни олимон душворӣ овардааст. Маданияти ташкилӣ ҳамчун василаи пуриқтидор дар роҳи равонасозӣ ва ҷалбсозии зерсохторҳо ва кормандони ташкилот ба мақсади умумӣ шинохта мешавад. Тибқи назари Э. Шейн **маданияти ташкилӣ - ин чаҳорчӯбаи тасаввуроти заминавии гурӯҳи кормандон буда, дар роҳи ҳалли мушкилоти мутобиқатшавӣ ба тағйиротҳои муҳити беруна ва ҳамгироии дохилӣ пайдо гардидааст ва барои гурӯҳ самаранокии зиёд (кофӣ) дошта, онро метавон ҳамчун арзиш ҳисобид ва барои дигар аъзои нави гурӯҳ ҳамчун низоми дурусти дарккунӣ ва баррасии мушкилоти мутобиқатшавӣ пешниҳод намуд** [Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование. 2002]**.**

Дар умум байни фарҳангҳо ва маданиятҳо аз рӯи чор хосият / гурӯҳ: миллӣ, ташкилӣ, корӣ ва гурӯҳӣ фарқ гузошта мешавад.

Фарҳанги миллӣ – фарҳангест, ки ба қисми зиёди шаҳрвандон, урфу одат ва анъанаҳои ҷорӣ хос мебошад.

Маданияти ташкилӣ – маданияти гурӯҳи муайяни шахсони дар иттиҳодия, корхона ва ташкилоту муассисаҳо фаъолиятдошта мебошад.

Маданияти корӣ – маданиятест, ки ба намуди фаъолияти муайяни меҳнатии шахс асос меёбад.

Маданияти гурӯҳӣ – ба маднияти корӣ ва ё гурӯҳи идоракунанда хос мебошад.

Асоси маданияти ташкилӣ аз **арзишҳо**и байни ташкилот ва кормандон ҳамчун василаи устувори дастрасӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда иборат мебошад.

Ин арзишҳо ба фардҳо тавассути нишонаҳо ва рамзҳои тамоюлнок, ташкили муҳити руҳӣ ва моддии дохилиташкилотӣ талқин дода мешаванд.

12.3 Сохтор, хусусиятҳо ва намудҳои маданияти ташкилӣ

Маданияти ташкилӣ сохтори хоси худро иброат аз маҷмӯи тасаввурот, боварӣ, эътиқод ва рамзҳо ва ё нишонаҳо соҳиб мебошад, ки эътироф ва пайравии онҳо ба корманд барои бартарафсозии мушкилоти шахсии дохилиташкилотӣ мусоидат менамояд.

Сохтори маданияти ташкилӣ ба се зина: 1) сатҳӣ; 2) дохилӣ; ва 3) умқӣ ҷудо мешавад.

1) Сатҳӣ – **шиносоӣ бо маданияти ташкилӣ** бо назардошти хусусиятҳои (фаъолияти) берунии ташкилот, ба монанди хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот. Дар ин зина шиносоии корманд (навкор) бо воситаҳои мушоҳидавии кормандон, муошарати расмӣ, шиорҳо, тарзи робита, технологияи коркард, сохти иншооти истеҳсолӣ, дафтарҳои корӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.
2) Дохилӣ - **дарки маданияти ташкилӣ** омӯзиши арзишҳо ва эътимоди аъзои ташкилотро ба онҳо тақозо менамояд. Дарк ва азхудкунии эътимод ва арзишҳо хусусияти шуурӣ дошта, аз хоҳиши корманд (навкор) вобастагӣ дорад.
3) **Умқӣ** - тасаввуроти заминавӣ, ки дарки онҳо барои худи аъзои ташкилот, агар ба онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда нашавад, душвор ба ҳисоб меравад. Тасаввуроти мазкур муносибати инсонро ба табиат, дигар инсон ва кор; рафтори одамонро ба дарк намудани хусусияти маданияти ташкилӣ равона месозад, ки барои фаъолияти самараноки ташкилот омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Маданияти ташкилӣ василаи фарох буда, фарогири ҳаёти руҳӣ ва моддии ҳайати корӣ, аз ҷумла меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқии ҳукмфармо, урфу одатҳо ва анъанаҳои қабулшуда, қоида ва меъёрҳои рафтор, гуфтор ва кирдор дар ташкилот, тарзи либоспушӣ, муносибат ва ғайра мебошад.

Хусусиятҳои маданияти ташкилӣ гуногун мебошанд; дар ин ҷо маъмултарини онҳо манзур карда мешаванд.

А) Ҳаммонадӣ ва мақсад. Дарк, шинохти худ ва мавқеи (ҷойи) худ дар ташкилот. Фарҳанг ё маданият ба инсон шароите фароҳам меорад, ки ӯ эҳсоси ҳаммонандии худро ба дигарон ва дар муносибат бо онҳо пайдо мекунад, ҳатто он то андозае барои ишғоли мавқеи шахс дар ҷомеа мусоидат менамояд. Ҳамчунин, фарҳанг боис мегардад, ки шахс зарурат ва моҳияти муттаҳид шудани худро ба гурӯҳ ва иттиҳодияи муайян дар роҳи амалӣ намудани мақсадҳои хос эҳсос намояд.

Ҳар як шахс мавриди майли соҳиби кор шудан мақсади муайяни худро дорад, зимнан бо эҳсоси наздикӣ, манфиатҳои умумӣ доштан ва мутобиқ будан ба талабот ва шароити ташкилоти муайян азми талош менамояд. Мувофиқан интизор аз он мекашад, ки ҳайати кормандон ва низоми идоракунӣ омодаи қабули ӯ мебошанд.

Б) Муошират ва робита. Ташкилотҳо ва гурӯҳҳо низоми муайяни муошират ва робитаи шифоҳӣ (вербалӣ) ва ишоравиро (ғайривербалиро), ки ба самт ва фаъолияти касбӣ рабт дода мешавад, соҳиб мебошанд. Дар ин росто, ҷараёнҳои амалҳои мутақобила тавассути маҷмӯи калимаҳо ва ибораҳои махсус рушд дода мешаванд, ки маҳз ҳамин падида ҳамчун нишона тафовутнокӣ ва ё фарқкунандагии байни ташкилотҳо ва гурӯҳҳоро муайян менамояд.

Муошират дар ҷараёни кор мавқеи махсусро соҳиб мебошад. Маҳз муошират имкон медиҳад, ки суръати воридгардии шахси навкор ба ҳайат (гурӯҳ) наздик / зуд гардад ва эҳсоси бегонагӣ аз байн бурда шавад.

В) Намуди зоҳирӣ ва муаррифии худ. Намоиш ва ё муаррифии худ тавассути нишондиҳандаҳои зоҳирӣ: либос ва тарзи пушидани он, ороиши бадеӣ, ҷавоҳирот, василаҳои техникии фардӣ ва ғайра бо мақсади пайдо кардани мавқеи хоса дар байни ҳамкорон ва дигар гурӯҳҳо, зимнан амалӣ намудани ҳадафҳои шахсӣ ва касбӣ. Намуди зоҳирӣ, ба монанди тарзи ороиши мӯйи сар, шакли ягонаи либос ва василаҳои махсуси фардии корӣ / касбӣ муаррификунандаи шахс (шомил ва ё намояндаи кадом ташкилот будани ӯ) мебошад. *Мисол: духтур, кайҳонавард, милиса ва ғайра.* Ҳамзамон, намуди зоҳирӣ, аз ҷумла сару либоси фарқкунанда ба шахс афзалияти касбӣ ва эҳтироми хосаи мутаносиби ҷомеаро

таъмин менамояд. *Мисол: шахс, агар либоси милисаро ба бар карда бошад, пас шаҳрвандон бояд ба ӯ ва вазифагузории ӯ итоат намоянд.*

Г) Хӯрок ва тарзи пешниҳоди он. Ҳар як миллат ва халқият фарҳанги хоси истеҳсол, коркард, тайёркунӣ, пешниҳод ва истеъмоли хӯрокро соҳиб мебошад. *Мисол: дар ошхонаи байни хитоӣ, олмонӣ ва арабию форсӣ фарқияти куллӣ гузошта мешавад. Агар дар таркиби хӯроки хитоӣ ва олмонӣ гушти хук истифода карда шавад, пас барои мардуми шарқ хурдани он мамнуъ мебошад. Ё ин ки, агар дар Хитой ва Ҷопон хӯрок ба воситаи чӯбча истеъмол карда шавад, пас дар дигар мамлакатҳо истеъмоли он бо даст ва чангол роиҷ мебошад.* Яъне, меъёрҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла динӣ водор месозанд, ки дар ташкилот омодасозии хӯрок ва тарзи пешниҳод бо назардошти фарҳанги хоси кормандон ба роҳ монда шаванд. Ҳамзамон, зарур аст, ки барои самаранокии кор барои кормандон шароити истеъмоли хӯрок, ҳатто бепул (вобаста ба имконот) пешниҳод намудани он ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти касбии фардӣ дар ташкилот хуб ба роҳ монда шуда, нуфузи маъмурият баланд бардошта шавад.

Д) Дарки вақт ва истифодаи самараноки он. Бо вақт баҳисобгирии нигоҳдорӣ, хабардиҳӣ ва давомнокии фосилаҳо маъмул гардидааст. Омилҳои маданӣ ба он таъсир мерасонанд, ки яке вақтро дақиқ ва босамар истифода менмояду, дигаре аз рӯи моҳияти нисбии он. Дар шароити идоракунӣ вақт дар фаъолияти ҳамарӯзаи корманд, сарборӣ ва нақшаи истеҳсолии ӯ аз рӯи соат, ҳафта, моҳ ва сол ҳисоб карда мешавад. Инчунин, намудҳои фаъолияте ба вуҷуд омадаанд, ки давомнокии корро шабонарӯзӣ муқаррар намуда, онро аз рӯи дақиқаҳо мешуморанд. Вақт ва тарзи дурусти истифодаи он маданияти хоси шахс ва ташкилот дар роҳи расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба ҳисоб меравад. Дар бисёр мавридҳо кормандон аз ҳисоби вақти ҷудошуда барои кор сӯиистифода менамоянд ва баръакс пас аз ба анҷом расидани вақт низ корро давом медиҳанд, ки ҳар ду ҳолат зидди меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд ва махсулнокии корро дар ҳамбастагӣ ба самараи истеҳсолӣ ва саломатии шахс кам менамояд.

Е) Муносибатҳои мутақобила. Фарҳанг дар байни одамон ва муносибатҳои ташкилӣ аз рӯи нишондиҳандаҳо, ба монанди синнусол, ҷинс, мақом (мавқеъ), наздикӣ, боигарӣ, ҳокимиятдорӣ

ва хирадмандӣ фарқ мегузорад. Дар баъзан фарҳангҳо ҳокимиятро сарватмандон пеш мебаранд, дар баъзан занон ва дар баъзеи дигар ҷавонон, ин аз он вобастагӣ дорад, ки дар ҷомеа кадоме из ин гурӯҳҳо ҳукмфармо мебошанд ва нуфузи хосаро касб намудаанд. Дар шароити ҷомеаи муосир, аз ҷумла муносибатҳои бисёрфарҳангӣ низ ҷой доранд, ки он бештар хоси ташкилотҳои байналмилӣ мебошад.

Муносибатҳои мутақобила маданияти нави ташкилиро ба монанди гурӯҳҳои ғайрирасмӣ ба вуҷуд меоранд, ки истифодаи босамари онҳо ба баландгардии сатҳи истеҳсолот мусоидат менамояд, аммо камаҳамиятӣ ба ин падида боиси заифшавии фаъолият, ҳатто пайдо шудани низоҳо ва ихтилофот дар идоракунӣ метавонад гардад.

З) Арзишҳо ва меъёрҳо. Дар фаъолияти меҳнатӣ фарҳанг муайянкунандаи тарзу услуби дарки талабот ва зинабандии он аз рӯи афзалиятҳо мебошад. Арзишҳои фарҳангӣ / маданӣ ва меъёрҳои рафтор дар ҷомеа бо тарзи кушода ва пӯшида ташаккул меёбанд ва онҳо ба воситаи қоидаҳои рафтор, кодекси этикӣ, тартиби зебоишиносӣ, санадҳои меъёрӣ ва қонунҳо мавриди амал қарор дода мешаванд. Арзишҳо дар умум ба ду самт, хуб ва бад ҷудо карда мешаванд, мутаносибан ба рафторҳои бад маҳдудият гузошта шуда, амалҳои хуб қадрдонӣ карда мешаванд.

К) Эътиқодмандӣ (муътақидӣ) ва муносибатҳо. Дар ҷомеа ҳар як гурӯҳ аз рӯи маданият ва фарҳанг эътиқоди хоси худро соҳиб мебошад, ки новобаста аз воқеӣ ва ё самаранок будан, он барои ташкили муносибатҳо ва кӯшишҳо баҳри пешрафт байни аъзои худ мусоидат менамояд. Дар фарҳангҳои миллӣ эътиқод дар шакли боварӣ ба Худованд ифода меёбад ва тавассути низоми динӣ – шариат ба роҳ монда мешавад. Дар идоракунӣ эътиқод ва муносибатҳои ташкилӣ низоми эътироф ва ҳавасмандгардониро муайян месозанд, ки он ба воситаи қадрдонии кормандон бо туҳфаҳои молию моддӣ, ифтихорномаҳо, сипосномаҳо ва ғайра дар шароити тантанавӣ амалӣ гардонида мешавад.

И) Ҷаҳонбинӣ. Ҷаҳонбинӣ тасаввуроти шахс оид ба муҳит, табиати инсонӣ ва ҷомеа мебошад ва ҳамчун мураттабсозандаи рафтори аъзои гурӯҳ ва муайянкунандаи хусусияти муносибатҳои шахс / корманд нисбат ба дигар ҳамкорон, муштариён ва рақибон

мусоидат менамояд. Ҷаҳонбинӣ нишондиҳандаи фарқгузорандаи шахсият буда, метавонад байни кормандон номувофиқатӣ (номутобиқатӣ) ба вуҷуд орад; шахсони сатҳи пасти ҷаҳонбинӣ дошта наметавонанд бо шахсоне ки сатҳи ҷаҳонбиниашон баланд аст рақобат ва ё муқовимат намоянд.

Л) Инкишофёбӣ ва худамалигардии шахс / корманд. Мақсадест, ки дастёбӣ ба он шахсро ба мулоҳиза, ташкил ва коркарди мустақими иттилоот водор месозад. Зимни ин падида гурӯҳе аз фарҳангҳо амалҳои зиёди ақлонӣ / зеҳниро, баъзе гурӯҳҳо ҳуқуқ, гувоҳӣ ва савумин мантиқро истифода менамоянд. Яъне, дар ин самт яке идрок, зеҳнро истифода намуда, дигарон ҷониби қувва ва тавоноӣ (бозӯ) ҳаракат мекунанд. Дар умум фарҳанги инкишофёбӣ ва худамалигардӣ гуногун буда, вобаста ба шароит, талабот, имконият ва мақсади гузошташудаи фард ё гурӯҳ ба роҳ монда мешавад. *Мисол: барои варзишгар истифода ва такмили қувваи бозӯ манфиатовар буда, барои иқтисодчӣ истифода намудани зеҳн ва мантиқ мувофиқ мебошад.*

М) Хусусиятҳо ва усулҳои корӣ. Ин навъи маданият хусусиятҳои этикии меҳнат ва сабабнокиро фаро мегирад. Фарҳангҳо аз рӯи усули дарк ва муносибатҳо нисбат ба кор, намудҳо, мутобиқати кор, тақсимот ва тарзҳои корӣ фарқ мекунанд. Дар ҳаёт баъзан шахсро меҳнатӣ мегӯянд, ки он ба масъулият ва кордӯстии шахсӣ рабт дода мешавад. Дар фаъолияти меҳнатӣ (1) баъзе гурӯҳҳои одамон танҳо сарбории ҳаррӯзаро иҷро намуда, кори иловагиро қабул надоранд, (2) баъзе бар зами кори ҳаррӯза аз рӯи маҳсулнокии кор ва донишу қобилиятнокии худ кор менамоянд ва кӯшиш мекунанд, ки нақшаи гузошташударо барзиёд иҷро намоянд ва (3) гурӯҳи дигар ба иҷрои нақшаи ҳаррӯзаи корӣ низ беэътиноӣ намуда, бештар майли фароғату сархушӣ доранд. Фарқият байни ин се гурӯҳ дар он аст, ки гурӯҳҳои якум ва сеюм наметавонанд дар ҳаёти меҳнатӣ муваффақ бошанд, аммо гурӯҳи дуюм шахсони дар ҳаёт муваффақ буда, барои беҳдошти вазъи зиндагии шахсӣ ва ҷамъиятӣ доимо дар ҳаракат ва талош мебошанд, зимнан дар ин роҳ тарзу усулҳои гуногуни меҳнатро истифода менамоянд.

Намудҳои маданияти ташкилиро барои маҳсулнокии фаъолияти ташкилот метавон чунин баён намуд:

– ташкили забон ва мафҳумҳои касбии ягона ва даркшаванда барои ҳамаи аъзои ташкилот;
– муқаррар намудани сарҳади воридсозӣ ва хориҷсозӣ аз гурӯҳ;
– ба роҳ мондани тартиби тақсимоти вазифаҳои ҳукмфармоӣ (идоракунӣ) ва маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба он;
– муайян кардани мақоми аъзои ташкилот;
– муқаррар намудани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ғайрирасмӣ байни шахсони гуногунҷинс;
– муайян кардани ҳад нисбат ба рафторҳои мувофиқ (матлуб) ва номатлуби ҳамкорон.

Маданияти ташкилӣ дар шароити ҷомеаи мусоир зимни идоракунӣ, бахусус идоракунии иҷтимоӣ яке аз василаҳои муносиб ва пурмаҳсул ба ҳисоб меравад. Дар шароити Тоҷикистон воридсозии он дар ҳар як ташкилот ва гурӯҳҳои идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои фарҳанги миллӣ муносиб ва зудтабдилёбанда арзёбӣ мегардад. Зимнан метавонад ба рушди имконоти иқтисодӣ-иҷтимоии ташкилотҳо ҳамчун захира ва василаи устувор истифода гардад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Нақши маданият дар идоракунӣ кадом солҳо ташаккул ёфтааст?
2) Маданияти ташкилӣ чист?
3) Фарҳанги миллӣ чист?
4) Маданияти корӣ кадом намуди фаъолият аст?
5) Маданияти гурӯҳӣ ба кадом намуди маданият хос мебошад?
6) Сохтори маданияти ташкилиро номбар кунед.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
2. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

3. Организационная культура Японии [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://prezi.com/xrvgpb6fbiwk/sony-corporation/
4. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
5. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 13. ШАХС ҲАМЧУН ОБЪЕКТ ВА СУБЪЕКТИ МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ

Дар атрофи масъалаи «инсон» ва «шахс» тули қарнҳост, ки мавриди баҳсу мубоҳисаи олимони соҳаҳои мухталифи илм: фалсафа, сотсиология, психология, физиология педагогика, тиб, кибернетика, информатика ва диг. қарор дорад. Бо гузашти марҳилаҳои таърихӣ-антиқа, асри миёна, замони нав, давраи классикӣ, замони муосир ҳар як ин мафҳумҳо вобаста ба замони хеш ба худ вижагиҳо касб мекунад. Масъалан аз тарафи олими Юнони қадим Арасту инсон- ҳайвони сиёсӣ, аз ҷониби олимони дигар он ҳамчун ҳайвони -боақл, боахлоқ, озод ва Ф. Бэкон аввалин шуда инсонро ҳамчун ҳайвоне, ки олоти меҳнат меофарад, ки ин дар як навбат ҳам чизи мураккаб ва оддӣ аст, ки маҳсули меҳнати одам мебошад. Аммо олоти меҳнати (технология)-и ҷомеаи муосир аз инсон доштани донишу малакаи баландро тақозо менамояд, ки он самаранокии фаъолияти дилхоҳ ташкилот ва созмонро ташкил медиҳад. Сотсиологияи идоракунӣ ба қисми таърихи фалсафаи иҷтимоӣ такя карда, бунёди инсонро аз ду таркиби диалектикӣ «антропогенез» ва «сотсиологенез», ки ҷараёни ягонаи бунёди одам ва ҷамъият иборат дониста, ки таърихи он беш аз 3,5 млн сол идома ёфт ва ташаккули одам дар якҷоягӣ бо ҷамъият навъи нодири биологӣ Homo sapiens- инсони бошуур анҷом ёфт. Дар илми муосир шахс ба ҳайси объекти идоракунӣ ва субъекти идоракунӣ муаррифӣ шудааст. Бо афзояндагии субъективигароӣ ва интеллектигароии шахс метавонад дар фаъолияти мудириятии муассиса, ташкилот ва созмон муваффақ гардад. Муҳиммияти ин мавзуро мавқеи шахс дар рушди идоракунӣ ташкил мекунад, ки дар фаслҳо ва зерфаслҳои он муфассал таҳлил мегарданд.

Масъалаи шахс дар сохтори илмӣ, яке аз масъалаҳои асосӣ ва марказӣ ба шумор меравад. Дар таносуби ташаккулёбии сатҳ ва таркиботи табиӣ ва иҷтимоии сохтори одам зери фаҳмишҳои дигаре, ҳамчун фард, шахс ва шахсият низ баромад мекунад. Ҳамзамон дар илмӣ сотсиологияи идоракунӣ мафҳумҳои калидӣ ва дарбаргирандаеро ба монанди «объект ва субъект»-и идоракунӣ пайдо кардан мумкин аст, ки дарбаргирандаи фаҳмишҳои

муаррификунанда ва фаъолиятии мафҳумҳои болоро доро мебошанд.

Мафҳуми «шахс». Моҳият ва таркиби ҷараёни иҷтимоишавии шахс.

Мафҳуми шахс аз сараввад ҳамчуни ниқоби актёрӣ (дар театри қадимаи Юнон ниқоби актёриро «реқgon-симо») номида мешуд. Баъдтар бо ин мафҳум худи актёрон ва нақшҳои онҳоро номгир мешуданд. Юнониҳо бо мафҳуми «peksoha» мавқеи иҷтимоиро ишорат мекарданд (шахсияти шоҳ, шахсияти қозӣ). Ҳамин тариқ аз аввал вазифаи инсонӣ ва мавқеи иҷтимоии ӯро муайян мекарданд.

Дар замони ҳозира шахсият ҳамчун маҳсули ҷамъият сифатҳои навро доро мешавад. Кӯдаки нав ба дунё омада, чунин сифатҳоро доро намебошад.

Мувофиқи таълимоти Р. С. Немов шахс - одамест, ки чунин хислатҳои иҷтимоиро доро аст: алоқамандии муносибатҳои байнишахсӣ, рафторҳои ахлоқӣ, мавқеъ доштан дар ҷамъият ва ғайраҳо.

Ҷараёни ташаккулёбии шахс хеле мураккаб ва дурудароз буда, он характери таърихӣ дорад. Илми таърих-шахсиятро дар омма, синф ва ҳамаи ҷамъият, иқтисоди сиёсӣ-шахсиятро дар муносибатҳои истеҳсолӣ, сосиология-шахсиятро ҳамчун аъзои сотсиум ва демографии гурӯҳ, этика-шахсиятро ҳамчун дорои эътиқодҳои маънавият, педагогика-шахсиятро ҳамчун объекти таълиму тарбия, психология-қонуниятҳои тараққиёт ва ташаккулёбии шахсиятро меомӯзанд.

Дар баробари мафҳуми шахсият инчунин мафҳумҳои инсон, фард, фардият истифода бурда мешавад. Мазмунан ин мафҳумҳо ба якдигар наздиканд, ҳар яки ин мафҳумҳо хусусиятҳои худро доранд, ки маҳз сохти иҷтимоии шахсиятро инъикос мекунанд.

«Одам»- мафҳуми умумӣ ва аслӣ буда, фарқи мавҷуди бошуур-инсон ва бешуур- ҳайвонро ифода менамояд. Дар мафҳуми «одам» сохти генетикии тараққиёти инсон, сифат ва хусусиятҳои он ба назар гирифта мешавад. Қобилиятҳои махсуси инсонӣ ҳамчун нутқ, шуур, фаъолияти меҳнатӣ, бо роҳи биологӣ гузаранда набуда, балки дар ҷараёни ҳаёт ташаккул меёбанд. Дар натиҷаи иштирок дар фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва меҳнатӣ одамон дар худ қобилиятҳои махсусро ташаккул медиҳанд. Ҳамчун мавҷудоти зинда инсон ба

қонуниятҳои асосии биологӣ, физиологӣ ва қонуниятҳои тараққиёти ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ тобеъ мешавад.

Мафҳуми «шахсият» аз «одам» бо хусусияти сифатҳои иҷтимоии худ фарқ мекунад, зеро ӯ бо таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ, робита бо одамон ташаккул меёбад. Одам ҳамчун шахсият дар низоми иҷтимоӣ бо роҳи мақсадгузорӣ ва тарбияи андешидашуда ташаккул меёбад. Шахсият ба андозаи аз худ кардани таҷрибаҳои иҷтимоӣ аз як тараф ва ба андозаи ба қадри ҳол ҳиссаи бездиҳӣ ба ҷомеа, аз тарафи дигар ба хазинаи моддӣ ва арзандагии маънавӣ гузаштан, муайян карда мешавад. Барои шахсият шудан, одам бояд дар фаъолияти амалии худ зоҳир гардад хусусиятҳои ботинии табиат, шакли ҳаётӣ ва тарбиявиашро ифшо кунад.

Шахсият- ҷараёни худмуайянкунӣ, ҷудошавии фард аз умумият, ягонагии нотакрор ва аслии ӯ мебошад. Фарди шахсиятгашта- шахси тасдиқшуда, фаъол, эҷодкор худро дар ҷамъият муаррифӣ карда тавонанда аст.

Мафҳуми шахсият ва фардият тарафҳои гуногуни маънавиро доро мебошанд. Ба онҳо асосан аз рӯи фаъолияташон «ҷасур», «фаъол», «мустақил», аз рӯи мустақилияташон «нодир», «нотакрор», «эҷодкор»-ро истифода менамоянд.

Хусусияти шахсиятро мафҳуми фардият пурра мегардонад. Фардият хусусиятҳои ба худ хоси нотакрорӣ дошта, фарқияти як одам аз одами дигарро ифода мекунад. Фардият ҳамчун қоида, бо аломатҳои махсус бо мизоҷ, фаъолияти эҷодии иҷтимоӣ ва рафтори оқилонаи худ комилан ба мафҳуми шахсият мутааллиқ аст. Барои он ки нисбати инсон ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ маълумот диҳем, бояд оид ба мафҳуми фард ҳам таваққуф намоем.

Мафҳуми фард, аслан арабӣ буда, маънои якка, танҳо, як касро ифода мекунад. Он ҳамчун мафҳуми намояндаии алоҳидаи насли одамиро мефаҳмонад. Яъне ҳар фарди солимфикр шахсият шуда метавонад-фард моҳиятан муродифи шахсият аст.

«Фард»- зеҳни ягона, - шахсият ҳамчун фард аст. Одамон аз якдигар на танҳо бо хусусиятҳои физиологӣ (ба мисли қад, сохти тан, ранги чашму мӯй), инчунин бо хусусиятҳои психологӣ (қобилиятҳо, ҳиссиёт) фарқ мекунанд. Фард шахси якка, ягона ва такрорнашаванда мебошад, сохти хоси психофизиологии ӯ

(намудҳои мизоҷ, хусусиятҳои физиологӣ ва психологӣ, ақл, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи ҳаётӣ) мебошад. Мафҳуми фард, дар мадди аввал сифатҳои маънавии одамро нишон медиҳад. Асоси мафҳуми фардро худтасдиққунии ӯ ташкил медиҳад ва ҳамзамон мустақилияти ӯро инъикос мекунад. Фард ва шахс, ҳастии одамро муайян мекунанд.

Дар рафти ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ сохт ва иҷтимоишавии шахсро ба сохти оморӣ (статистикӣ) ва динамикӣ ҷудо карданд. Сохти оморӣ, ин компонентҳои асосии фард буда, модели фазоии (абстрактии) шахсиятро, чун амалкунанда меҳисобиданд. Асосҳои модели омории шахсият фарқияти ҳамаи тарафҳои руҳияи (психикаи) инсонро ба хусусиятҳои зерин ҷудо мекунад:

- хусусиятҳои умумии руҳия - яъне, ба ҳама одамон хос (эҳсос, идрок, тафаккур, эҳсосот (эмотсия) мебошад;
- хусусиятҳои иҷтимоӣ - танҳо ба ин ё он гурӯҳи муайяни одамон хос мебошад. Инҳо маълумот, касб, миллат, даромад, вазъи оилавӣ, инчунин мафҳумҳо ба монанди мақом ва нақш дар ҷомеаро дар бар мегиранд;
- хусусиятҳои фардии нотакрор - танҳо як фард хос (мизоҷ, хислат, қобилият) мебошад.

Сохти динамикии шахсият тарафҳои асосии ҳаёти одамонро дарбар мегирад, дар ҳаёти худ ҳар як инсон чун шахс инъикос меёбад. Сохти динамики шахсиятро таҷрибаи ҳаётии ӯ: биологӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ дарбар мегирад.

Иҷтимоишавии шахсият-ташаккулёбии шахс дар муҳити иҷтимоӣ мебошад. Ҳатто дар айёми кудакӣ тадриҷан ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид мешавад, ки ин ҷараёнро иҷтимоишавии шахс меноманд. Иҷтимоишавӣ дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаҳои муҳит ва истифодабарии он дар фаъолият дида мешавад. Дар рафти иҷтимоишавӣ фард ба шахс мубаддал гашта, соҳиби дониш, малака, маҳорат мегардад, ки он барои инсон ва тараққиёти шахс хело зарур аст. Иҷтимоишавӣ дар рафти таъсиррасонӣ ба фард дар вақти таълим ва тарбияи бомақсад, муносибати байнишахсӣ ва дар рафти фаъолият ба вуҷуд меояд. Одам дар вақти ба муҳит мутобиқшавӣ оҳиста-оҳиста аз ҳолати объекти муҳит ба субъекти фаъол мубаддал мегардад. Агар дар

рафти тарбия ҳамин талабот ба эътибор гирифта шавад, ӯ ба тараққиёти фаъол, шахсият мубаддал мегардад ва дар сурати баръакси ҳол ба шахси ғайрииҷтимоӣ (асотсиалност) ташаккул меёбад.

Асотсиалӣ - рафтор ва амалҳое мебошад, ки бо меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ номувофиқанд. Асотсиалӣ (бепарвоии иҷтимоӣ) набудани ангезаи қавӣ барои муошират иҷтимоӣ ва/ё мавҷудияти як ангезаи ягона барои фаъолияти танҳоӣ мебошад.

Дар рафти иҷтимоишавӣ фард ба муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мешавад, ки дар натиҷа руҳияи ӯ ҳам дигаргун мегардад. Дар рафти ташаккулёбии шахсият, одам дар ҷараёни психикӣ функсияи пасти психикиро аз худ намуда, бо роҳи омӯзиш функсияҳои олии психикиро доро мегардад. Функсияҳои олии руҳӣ, ин нутқ, тафаккури мантиқӣ ва диққат мебошад. Азхуд намудани тарзи рафтор, меъёрҳои иҷтимоӣ, анъана, шавқу рағбат, қуввахои роҳбарикунанда – раванди иҷтимоикунонӣ мебошад.

Институтҳои асосии иҷтимоикунонӣ, ин оила, кӯдакистон, мактаб, ташкилотҳои ғайрирасмӣ, мактабҳои олӣ ва коллективҳои меҳнатӣ мебошанд. Чунин ниҳодҳо, ин ҷамъи одамон буда, дар он ташаккулёбии шахсият дида мешавад. Якчанд механизмҳои муҳити– психологии мутобиқшавӣ ба муҳит вуҷуд дорад:

- айниятдиҳӣ (индентификатсия) шабоҳат додани фард бо одамони алоҳида ё худ гурӯҳҳо барои аз худ намудани меъёрҳои гуногун муносибат ва рафторҳо имконият додан;
- тақлидкунӣ ин аз тарафи фард бошуурона ва бешуурона иҷро намудани рафтор (тарзи роҳгардӣ, рафтор, ҳаракат) аст;
- талқинкунӣ - ҷараёни бешуурона ба иҷро расонидани таҷриба (фикр, ҳиссиёт ва ҳолатҳои психикии одамон);
- таъсироти иҷтимоӣ - рафтори як одам ба фаъолияти дигар, ки дар натиҷа фаъолият тез мегардад;
- моилшавӣ - ба таъсири гурӯҳҳо дода шудан, яъне гапдаро ва рафтор дастурҳои худро дигар кардан.

Пеш аз иҷтимоишавӣ шахс якчанд зинаҳоро аз сар мегузаронад. Мутобиқшавии аввалин, ин зинаи (аз рӯзи тавлид то синни наврасӣ, наврас таҷрибаи муҳитро аз худ мекунад, мутобиқ мешавад, ёд мегирад ва тақлид мекунад) мебошад. Давраи хос

гаштан (синни наврасӣ ва навҷавонӣ). Хоҳиши аз байни дигарон худро ҷудо кардан дошта, нисбат ба худ ва ба меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ ба назари танқид муносибат мекунад. Дар синни наврасӣ зинаи мутобиқшавӣ дар худмуайянкунии «ҷаҳон ва ман» чун зинаи гузариш, ҳоло ҷаҳон дар дохили наврас мустаҳкам нест. Дар синни навҷавонӣ бошад, шахс хусусиятҳои мустаҳками шахсӣ ва мутобиқшавиро дорост. Зинаи якҷоягӣ (интегратсия) хоҳиши дар ҷамъият мавқеи худро пайдо кардан ба вуҷуд меояд. Якҷоягӣ дар он ҳолат хуб мегузарад, ки агар хусусиятҳои инсон аз тарафи гурӯҳ ва ё ҷамъият қабул карда шавад. Агар он қабул нашавад дар он ҳолат чунин натиҷаҳо ба вуҷуд меояд:

- муносибатҳои дигар нисбат ба одамон ва ҷамъият ё худро фирефта кардан, яъне «мисли дигарон будан»;
- конформизм, розигии зоҳирии мутобиқшавӣ;
- зинаи меҳнатии мутобиқшавӣ ба тамоми давраи инсоният хос аст (фаъолияти меҳнатии ӯ, таҷрибаи меҳнатӣ ва ҳаётии ӯ, таъсирот нисбат ба муҳит);
- зинаи баъди меҳнатӣ ин синни калонсолиро дарбар мегирад.

Дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар тамоми ҳаёташ одам ҳамчун шахс тараққӣ карда, шахсиятро доро мегардад.

Нақши муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ташаккул ва инкишофи шахс

Ҳақиқати ҳастии ҳаёт имкон медиҳад, ки дар бораи хусусиятҳо ва фаъолияти одам ҳамчун ягонагии ҳастии фаъолияткунандаи табиӣ ва иҷтимоӣ сухан ронд. Одам ба дунё меояд ва дар муҳити иҷтимоии ҷомеа ҳаёт ба сар мебарад. Ӯ қобилияти тафаккур карданро ба шарофати ҷаҳони маънавию ахлоқии худ соҳиб шудааст. Ҷамъият муносибати инсон бо табиатро мутаносиб сохта, дар асоси он мавҷудияти ӯро фақат дар ҷараёни муносибатҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ба одами воқеӣ мубаддал мегардонад.

«Одам» табиати дорои хусусиятҳои сохтории мушкил ва бисёрманфиатиро дорад, ки дар он тарафҳои биологӣ, иҷтимоӣ,

ҷамъиятӣ ва ахлоқии аввалияву тафаккур ва сатҳи дарку фикркуниро дар бар мегирад[1].

«Одам» – ҳамчун объекти омӯзиш, ба роҳ мондани муносибат ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ ва субъекти ҷамъиятӣ - таърихии фаъолият ва маданият, ҳастии биологӣ - иҷтимоии дорандаи фаҳмишу (ақлу) гуфтор, дорандаи ситфатҳои ахлоқӣ ва дорандаи қудрати сохтани олотҳои меҳнат аст. Яъне, одам дар маркази асосии тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ истода, ҳамчун субъект - одами фаъоли амалкунандаи боақл, ботаҷриба ва дорои қудрати иваз кардани шароити ҳастии худ ва хислату рафтори худро дар ҷараёни фаъолияти ҷамъиятӣ дорад.

Дар навбати худ, субъективият, ин яке аз нишодиҳандаҳои муҳимми ҳастии одам буда, зери маҳфуми «субъективияти одам»-ҷаҳони фикрии инсон, озодӣ, ҳиссиёт ва муносибати ҷамъиятии ӯ фаҳмида мешавад. Умуман зери мафҳуми «субъект-шахс» ҳама хислатҳои муҳимми иҷтимоии инсон ва дар навбати аввал одам ҳамчун бавуҷудоварандаи таърих фаҳмида мешавад. Талаботҳои инсониву шахсӣ, завқияту манфиатҳо, доштани қудрати баромад кардан ҳамчун қувваи пешбарандаи фаъолияти ҷамъиятӣ-таърихӣ дар навбати худ маҷмӯи фаъолиятҳо ва муносибатҳои табиати одамиро ба вуҷуд меоваранд.

Мафҳуми «шахс-шахсият» аслан дар омӯзиши илмӣ ба гурӯҳи мафҳумҳои номуайяншуда ва баҳбор дохил мешавад. Таҳовулоти мафҳуми «шахсият» аз баромади аввалаи калимаи маска (рупӯш, қолаб) калимаи лотинии – «persona» – ниқобе, ки актиёрҳо дар театрҳои қадима баромад мекарданд ва ҳамчунин худи ӯ ва фаъолияти ӯ, ки ҳамчун такон барои инкишофи шахсият чун системаи иҷрокунандаи ахлоқ зери таъсири оқибатҳои иҷтимоӣ мебошад, мансубият дорад.

Ақида дар бораи он ки «одам» - ҳастии биоиҷтимоӣ маҳсуб мешавад, яке аз омилҳои муҳим барои фаҳмиши мафҳуми «шахс-шахсият» мебошад. Яъне, табиати биологии ӯ, фаъолияти иҷтимоии ӯ ва сохтори худи ӯ тақсимнашаванда аст. Дар баробари ин ӯ дорои

[1]. 2. Боголюбов Л. Н. Обществознание: учеб. для 10 кл.: профил. уровень / Л. Н. Боголюбов, А. Ю. Лазебникова, А. Т. Кинкулькин и др.; под ред. Л. Н. Боголюбова и др. - М.: Просвещение, 2008. – С. 47.

фаҳмиши руҳӣ аст. Аз ҳамин сабаб ҳам, шахсият чун маҷмӯи фаҳмишҳои биоиҷтимоии табиати инсонӣ зери таъсири ду қонуният: табиӣ - биологӣ ва иҷтимоӣ - таърихӣ фаҳмида мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ташаккули аввалияи биологӣ: анатомӣ, физиологӣ ва сурат гирифтани ҷараёнҳои гуногуни табии бадан дар якҷоягӣ ва алоқамандӣ бо меъёрҳои иҷтимоӣ: меҳнати коллективӣ, фикрронӣ, гуфтор, қобилияти фикр кардан ва ғайра сурат мегирад. Мувофиқи энсиклопедияи фалсафӣ шахсият бо роҳи фардии одам ҳамчун субъекти муносибат ва фаъолияти ақлонӣ дар ҷамъият муайян карда мешавад[1].

Дигар мафҳуми «шахсият»- ин низоми мустаҳками хислатҳои муҳимми иҷтимоии фардро ҳамчун аъзои ин ё он иттиҳодия ё ин ки «шахсият» – низоми сифатҳои ба даст ованда дар ҷараёни фаъолияти якҷоя ва муомила мебошад[2].

Ё ин ки ба ақидаи иҷтимоишинос - А. Н. Леонтев шахсият - ин сифатҳои махсуси бадастовардаи фард дар натиҷаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад[3].

Дар асоси омӯзиш ва баррасӣ таҳқиқотҳои соҳаи илми иҷтимоишиносӣ фаҳмиши мафҳуми «шахс - шахсият» ба ақидаи муаллифони гуногун он аст, ки «шахс - шахсият» ба дунё наомадааст, балки ташаккул ёфтааст. Барои ин одам бояд қувваи зиёдеро барои забономӯзӣ, аз худ намудани малакаҳои гуногунрангӣ, тақвиятбахшӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ - маданиро аз худ намояд.

Дар натиҷаи баррасӣ худ аз худ саволи таърихӣ - фалсафии: «Оё, ҳар як инсон метавонад шахс - шахсият бошад?» ва ҳамзамон чунин ҷавоби исботшудаи таърихӣ пеш меояд, ки «албатта не!» Одам аз қадиммулайём шахсият набуд, гарчанде ки ҳаёти инсон пурра мутеи манфиатҳои гурӯҳҳои аввалияи меҳнатӣ буданд ва манфиатҳои худи ӯ то ҳол мустақилиятро ноил набуд. Дар ҳамин

---

[1] Каверин Б. И. Обществознание: учеб. пособие для абитуриентов и студентов вузов / Б. И. Каверин, П. И. Чижик. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – С. 22-23.

[2] Боголюбов Л. Н. Человек и общество. Обществознание. Учеб. для учащихся 10-11 кл. общеобразоват. учреждений. / Под ред. Л. Н. Боголюбова, А. Ю. Лазебниковой. - М.: Просвещение, 2006. – С. 22-23.).

[3] Леонтьев А. Н. Индивид и личность. Избр. психол. произв. Т.1 / А. Н. Леонтьев. - М.: Просвещение, 1983. -С.385.

замина кӯдак ва одами аз ақл бегона (девона) ҳамчун шахсият шуда наметавонад.

Кӯдак фақат номзад шуда метавонад барои шахс - шахсият шудан, ӯ фақат дар ин давраи дорои хусусиятҳо ва нишонаҳои биологӣ буда, ин қисмати ҳаёт барои ӯ аз нишонаҳо ва фаъолиятҳои эҳсосотии масъулияти иҷтимоӣ иборат асту халос. Барои он ки шахсият шавад, фард роҳи зарурии иҷтимоишавӣ ё ин ки таҷрибаи иҷтимоии азбаркардаи одамонро дар муносибат ва алоқамандии иҷтимоиро аз худ карда, гузарад.

Маълум мешавад, ки шахсият – фарде мебошад, дарбаргирандаи субъекти фаъолияти ақлонӣ, донандаи моҳияти хусусиятҳои муҳимми иҷтимоӣ, сифат ва хислатҳое, ки ӯ дар натиҷаи ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал мебарорад.

Шахсият берун аз фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоӣ буда наметавонад, фақат дар ҷараёни таҷрибаи таърихӣ ворид шуда, фард моҳияти иҷтимоии худро нишон медиҳад, сифатҳои иҷтимоии худро ташаккул медиҳад, мавқеияти арзишҳои худро пайдо мекунад.

Нақши назарияҳои шахсият дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мавқеияти иҷтимоии он

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, шахсият ин маҳсули ҷараёнҳои воридшудаи муносибатҳои ҳаётии татбиқшавандаи субъект мебошад. Бо ҳамин хотир мафҳуми шахсият бевосита алоқаманд аст бо хусусиятҳои ҷамъиятии одамон. Пеш аз он ки дар бораи шахсият ҳарф мезанем, пеши назар шахсияти иҷтимоии ӯ таҷассум мегардад, ки дар ҷараёни тарбия ва фаъолияти одам, зери таъсири мушаххаси ягон ҷомеа ва фарҳанги он ташаккул меёбад. Яъне, фард берун аз ҷомеа ва иҷтимоиёт шахс ва ё шахсият шуда наметавонад.

Таҳқиқи шахс ва зинаҳои назариявӣ - илмӣ оид ба омӯзиши шахсият дар ташаккул ва такомули рафти ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Омӯзиши шахсият яке аз муаммои мушкил, серасрор аст, ки то инҷониб аз тарафи муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор дошта, олимон оид ба ин назария бисёр таҳқиқотҳои илмӣ мебаранд. Дар асл ҳамаи назарияҳои иҷтимоию психологӣ бо мафҳуми шахсият дар масъалаҳои: чӣ онро ташаккул медиҳад,

барои чӣ фарзияҳои инфиродӣ мавҷуданд, тараққиёти он ба чӣ вобаста аст ва оё одам - фард - шахсият шуда метавонад? дар пеш гузошта шудааст.

Руҳияи (психологияи) шахсият ҳамчун илм нав ба вуҷуд омадааст ва мавриди баррасӣ якчанд зинаҳои омӯзишро ҷудо карда мумкин аст.

1. Аввалан, зинаи омӯзиши фалсафию адабӣ, ки давраи қарни IV-и пеш аз миллод ва то қарни XX-ро зери таҳқиқотҳои Суқрот, Арасту, Спиноза, Ҷон Лок ва дигарон дар бар мегирад.
2. Зинаи дуюм, ин омӯзиши биологӣ - бемориро, ки зери таҳқиқотҳои З.Фрейд, Адрел, Д.Юм ва дигаронро мансуб ба асрҳои XYIII- XIX дар бар мегирад.
3. Зинаи сеюм бошад, таҳқиқотҳои Лазурский, Айзенк, Кеттел, Олкарт ва дигаронро мансуб ба қарни XIX дар бар мегирад.

Муаммои асосии психологияи шахс дар давраи фалсафию - адабӣ масъалаҳои дар бораи ахлоқ ва табиати иҷтимоии инсон, дар бораи рафторҳои ӯ дарбар мегирад. Аввалҳо мафҳум дар бораи шахсият хеле васеъ буд ва он чизе, ки дар инсон вуҷуд дошт дар бар мегирифт. Дар давраи клиникӣ (тиббӣ) тасаввурот дар бораи шахс ҳамчун мавҷудоти хос маҳдуд карда шуд. Дар маркази диққати пизишкони беморони рӯҳӣ чунин хусусиятҳои шахсият ҷалб карда шуд, ки онҳо дар беморон дида мешуданд. Маълум гашт, ки он хусусиятҳо инчунин дар одамони солим низ дида шуданд. Аз тарафи табибон-пизишкон чунин мафҳумҳо ба монанди беморӣ ва зодашавии шахсият тадқиқ карда шуд.

Дар давраи ташхиси психология методҳои гуногуни тадқиқоти фаъолона ворид шуданд. Сабаб он буд, ки дар фаҳмиши ҳолатҳои равонӣ (психика) аз субъективизм озод шуда, психологияро илм аниқ гардонид.

Дар солҳои 30-юми асри XX дар психологияи шахс тафриқаи фаъоли равияҳои таҳқиқотӣ ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷа дар нимаи дуюми асри XX назарияҳои гуногуни шахс ба монанди: бихевиорӣ, генитали-психологӣ, таҳлили психологӣ, когнитивӣ ва гуманистӣ ба вуҷуд омаданд.

Мувофиқи таълимоти равияи бихевиорӣ (асосгузораш олими амрикоӣ Д.Уотсон-1878-1958), психолог набояд бо ҳолатҳои руҳӣ, ки он ба мушоҳидаҳои илмӣ дастрас аст, машғул шавад, балки рафторро омӯзад. Масъалаи асосии психологияро Д. Уотсон дар омӯхтан ва ба нақша даровардани рафтори шахсият медид.

Асосгузорони гениталӣ - психологӣ назарияи шахсиятро (Г. В. Вертгеймер, В. Келлер, К. Левин) дар омӯхтани психика аз нуқтаи назари сохти умумӣ-гениталӣ (калимаи олмонӣ Gestalt - образ) мебошад. Ба вуҷуд омадани образи психикӣ ҳамчун лаҳзаи «қабулӣ» сохти он ба вуҷуд меояд. Таҳлили психологӣ назарияи шахсиятро (З. Фрейд) дар таҳлил намудани рафтори шахсият на дар соҳаи шуур, балки дар сохти чуқури бошуурона дидан меомӯзонад ва талаботи шахсиятро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рафтор муайян мекунад.

Аз назари когнитивизм назарияи (У. Найссер, А. Пайвио) рафтори шахсиятро шарҳ дода, ба дониш такя мекунад (аз лот. дониш). Аз назари гуманистӣ - назарияи (Г. Олпорт, К. Родҷерс, А. Маслоу), рафторро шарҳ дода, ҷидду ҷаҳди инсонро дар худ тасдиқ карда, иҷроиши имкониятҳои худро шарҳ медиҳад.

Ҳамин тавр дар натиҷаи омӯзиши таҳқиқотҳо маълум мешавад, ки се назарияи асосии омӯзиши шахсият аз лиҳози биогенетикӣ, сотсиогенетикӣ ва шахсӣ маъмуланд.

Раванди биогенетикӣ - асоси инкишофи шахсро дар ҷараёни пухтарасии биологии организм мебинад. Мувофиқи равия тараққиёти одам ҳамчун организми зинда, яъне оптогенез (ҷараёни инкишофи хоси организм) буда, дар он нақшаи филогенетикӣ (тараққиёти таърихӣ) вуҷуд дорад, ки қонуниятҳои асосии он ва хусусиятҳои он якхела ҳастанд. Дар ин консепсия (на танҳо дар психология) назарияи таҳлили психологии З. Фрейд, ки бо «қуллаҳои пиряхҳо муқоиса кардааст», чунин ақида дорад, ки танҳо қисми ночизе, дар рӯҳияи инсон ба вуҷуд омада, ӯро ҳамчун шахс шарҳ медиҳад. Танҳо рафторҳои ками худро одам дуруст фаҳмида, шарҳ дода метавонад. Қисмҳои асосии таҷрибаи ҳаёти инсон ва худи шахс берун аз шуур вуҷуд дорад, танҳо машқҳои махсус ки таҳлили психологӣ онро кор карда баромадааст, имконият медиҳад, ҳолати ғайришууриро фаҳмад. Сохти психологии шахсият

мувофиқи таълимоти З. Фрейд аз се қисматҳо ё дараҷаҳо иборат аст – «вай», «ман», «фавқи ман».

Принсипи «вай»-қисми бешууронаи психика буда, майлҳои инстинктӣ-биологии ирсӣ ба ҳисоб меравад. «вай» бо қуввaҳои шаҳвонӣ пурра таъмин мебошад. Инсон системаи қуввaҳои сарбаста мебошад, ки шумораи қуввaҳо дар ҳар як одам доимо баланд шуда меистад. «вай» ба принсипи ҳаловат, яъне ҳаловат ба хушбахтӣ мақсадҳои асосии инсон мебошад (ин принсипи аввали рафтор аст).

Принсипи «ман»- рафтор, нигоҳдории баробарии дохилӣ, принсипи шуурнокӣ, реалӣ - ҳақиқӣ аст. Ин чун қоида худшуурнокии одам буда, ба рафтори худ баҳо медиҳад, шахсияти худро боло гузошта метавонад.

Принсипи «фавқи ман» дараҷаи баланди шуурнокӣ буда, бо тасаввуроти идеалӣ роҳбарӣ карда мешавад, ки он аз тарафи ҷамъият қабул карда шудааст. Майлу хоҳиши ғайришуурнокие, ки он аз «вай» бармеояд, акси «фавқи ман» буда, доимо дар мухолифат аст, яъне меъёрҳои ахлоқии рафтори иҷтимоиро аввалин шуда инкор мекунад, дуюмин шуда дастгирӣ менамояд. Мухолифат бо ёрии «ман», яъне шуурнокие,ки он принсипи ҳақиқӣ мебошад, бояд ҳал намояд. «Ман»кӯшиши онро дорад, ки ду принсипҳоро ба ҳам оштӣ нигоҳ дошта, майли «вай»-ро андаке қонеъ мегардонад, лекин меъёрҳои ахлоқӣ набояд вайрон шаванд.

Равияи муҳиту ирсӣ- тараққиёти шахсиятро дар ҷараёни иҷтимоикунонӣ ва омӯзиш бо маънои васеи он мебинад, ки дигаргуниҳои психологии синнусолӣ аз болоравии вазъияти ҷамъиятӣ аз тартиби нақшҳои иҷтимоӣ ва умуман аз сохти фаъолияти иҷтимоии фардӣ вобаста аст. Мувофиқи таълимоти рафтор нақши иҷтимоии одамон ва намудҳои рафтори иҷтимоии шахсият дар натиҷаи мушоҳидаи моделҳои иҷтимоӣ мегузарад, ки онро волидайн, омӯзгорон, рафиқон ва дигар аъзоёни сотсиум пешниҳод мекунанд. Фарқияти фардии рафтори одамон, мувофиқи назарияи омӯзиши иҷтимоӣ, натиҷаи муносибат ва фаъолияти байниҳамдигарии одамони гуногун мебошанд. Шахсият дар чунин ҳолат натиҷаи муносибати байни фардҳо ва қобилиятҳои он мебошад.

Равияи шахсӣ - марказонидашуда, ба мадди аввал шуур ва худшуурнокии субъект гузошта мешавад, ки асоси тараққиёти шахсиятро дар ҷараёни ташаккули қобилияти бадеӣ ва татбиқ намудани онро дар ҳаёт дар назар дорад. Ин равия ҳамчун равияи гуманистӣ ҳисобида шуда, бо олимон К. Родҷерс, А. Маслоу ва дигарон мансуб аст. Равияи гуманистӣ аз рафтори қаллобона даст кашидан, ба хусусиятҳои хоси шахс такя намудан ва ҳамчун мавҷудоти баланди иҷтимоӣ қабул кардан иборат аст. Муносибати гуманистӣ барои муайян кардани имкониятҳои шахсият ёрӣ мерасонад, ки онро бо ёрии муносибати байнишахсӣ гузоштан лозим. Дар натиҷаи чунин муносибат шахс имконияти худ ва шахсияти худро зоҳир мекунад, ки он изҳор намудани ҳиссиёти худ ва даст кашидан аз муҳофизаи психологӣ мебошад.

Психологияи муосир дар омӯзиши шахс муносибати таърихӣ-эволютсиониро пеш гирифтааст, ки дар он хусусиятҳои биологии шахс ва образи таърихию иҷтимоии он ҳамчун восита ва натиҷаи тараққиёти шахсият дида мешавад. Асоси он ва қувваи ҳаракатдиҳандаи инкишофи шахс-ин ҳамкории шахс дар натиҷаи фардикунонии вай аст. Дар инкишоф ва ташаккули ин равия хизмати олимон Л. С. Виготский (1836-1904) ва Л. А. Леонтъев (1903-1979) хеле калон аст. Ин назария дар психологияи муосир ҳамчун назарияи фаъолият шинохта шудааст. Дар психологияи муосир дигар назарияро низ ҷудо кардан мумкин аст. Асосгузори назарияи муносибат-А. Ф. Лазурский (1874-1917), В. Н. Мясишев (1892-1973) чунин меҳисобиданд, ки асоси шахсиятро дар муносибати ӯ бо атрофиён, нисбат ба худ, дар таъсири шуури одамӣ ва муҳит медиданд.

Мувофиқи назарияи муошират Б. Ф. Ломов, А. А. Бодалёв, К. А. Абулханова - Славская шахсият дар рафти муомилот, дар алоқамандии иҷтимоӣ ва муносибат ташаккул меёбад ва тараққӣ мекунад.

Шахс ҳамчун объект ва субъекти муносибатҳои идоракунӣ

Аз баррасӣ ва таҳқиқи сарчашмаҳои омӯхташуда чунин бар меояд, ки нақши «шахс» дар тараққиёти ҳаёт, ҷомеа ва таърих хело бузург буда, шахс ҳамчун объект ва субъект дар тамоми фаъолияти иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ширкаткунанда мебошад. Ба ақидаи яке аз

ҷомеашиносони рус А. Г. Ковалёв «шахсият» - ин субъект ва объекти муносибатҳои ҷамъиятист. Ё ин ки дигар аз ақидапарварони иҷтимоишинос А. Н. Леонтъев «шахсият»-ро субъекти фаъолият медонад. Ё ин ки дар ҷойи дигар, «шахсият» ба ақидаи ҷомешинос К. К. Платонов - қисми фаъоли ҷамъият буда, мавқеи худро дар он мустаҳкам мекунад. Ташаккули шахс - ҷараёни иҷтимоии инсон буда, асосҳои ҷамъиятӣ ва ҷинсиро аз худ мекунад, ки дар ин раванди азхудкунӣ, шароити ҷамъияти таърихӣ ва ҳаёти инсонӣ ба вуҷуд меояд. Шахсият бояд, вазифа, нақшҳо, талаботҳои ҷамъиятӣ, анъана, қоидаи рафтор, муносибати байни одамонро қабул ва риоя намояд. Шахси ташаккулёфта - ин объект ва субъекти озод, мустақил ва масъули рафтор дар ҷамъият аст. Ташаккули шахс ин бавуҷудоӣ ва мукаммалгардии шахсият дар ҷараёни тараққиёти табиӣ мебошад.

Дар ҷанбаҳои омӯзиши илмии илмҳои ҷамъиятшиносӣ, иҷтимоишиносӣ ва равоншиносӣ ду роҳи муайян кардани шахсият мавҷуд аст.

Роҳи якум аз ҳама муҳим барои фаҳмидани одам буда, дар он моҳияти тавсифӣ(табиати) шахсият дида баромада мешавад. Омӯзиши табиати шахс дар раванди чӣ омӯзишӣ ва чӣ раванди фаъолият кардани равандҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун «объект» қарор дода шудааст. Яъне, пеш аз он ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро баррасӣ намоем лозим аст, ки табиати таъсиррасонандаи ин муносибатҳоро, ки аз тарафи «шахс» дар тамоми паҳлуҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объект баромад мекунад, дида бароем. Ба тавсифи хусусиятҳои асосии шахсият инҳо дохил мешаванд:

- маҷмӯи ҷаҳони маънавии одам ва моҳияти равонии (психологии) ӯ;
- дараҷаи пуррагии ҷаҳони маънавӣ ва эътимод, мавҷуд будан ва набудани нофаҳмиҳо дар он, ки гуногунақидагӣ будани манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷамъяитиро таҷассум менамояд;
- дараҷаи дарки мавқеи инсон дар ҷамъият;
- нигоҳдорӣ ва табиати истеъмолӣ ва манфиатҳо;
- мустаҳкамӣ ё ин ки ноустувории манфиатҳо;
- маҳдудият ё ин ки бисёрпаҳлуии манфиатҳо;

- махсусияти мувофиқоӣ ва пайдо шудани сифатҳои гуногуни шахсият.

Роҳи дуюми омӯзиши шахсият тавассути дарбаргирии фаъолият ва нақшҳои ӯ баррасӣ карда мешавад. Инсон дар ҷамъият фаъолият мекунад, худро дар ҳолатҳои гуногун ва шароитҳои гуногун бо дарназардошти на танҳо хислатҳои инфиродӣ, балки шароитҳои ҷамъиятӣ низ зоҳир менамояд. Монанде ки дар давраи қадим муносибат ва муомилаи оилавӣ аз аъзоёни калони оила якхел амалро талаб мекард ва дар шароити ҷамъиятии ҳозира бошад, дигар хелро дар бар мегирад. Одам метавонад дар як вақт фаъолиятеро ба амал бароварда, нақшҳои гуногунро ба монандӣ: коргар, хоҷагидор, оиладор, варзишгар ва ғайраро иҷро намояд ва ҳамчун «субъект»-и ҷамъиятӣ баромад намояд. Ӯ амалеро ба иҷро расонида, фаъолият ва фаҳмишашро зоҳир менамояд, яъне, ӯ метавонад заҳматкаш, аз уҳдабаро, ғамхор, аъзои оила, варзишгари бомувафаққият ва ё ин ки баръакс ноуҳдабарою танбал бошад.

Омӯзиши ҳарду роҳ барои ташаккул ва мукаммалшавиии шахсият дар алоқамандӣ бо ҷамъият вобастагӣ дорад. Яъне, дар роҳи якум ҳамчун объекти омӯзиши муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда, тавассути нақшҳои иҷрокунандаи шахсият, алоқаи одам бо муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои худӣ вобастагӣ дорад ва дар ҳолати дуюм низ, омӯзиши шахсият тавассути дарбаргирии фаъолият ва нақшҳои ӯ бо сохтори ҷамъиятӣ ва сифатҳои шахсии одам буда, ҳамчун субъекти таъсиррасон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байниякдигарӣ баромад мекунад.

Дар натиҷаи иҷрои ҳамаи фаъолиятҳои дар боло таҳлилшуда, чунин хулоса бар меояд, ки фаҳмиши мафҳуми «шахс - шахсият» бо мафҳуми «ҷамъият» сахт алоқамандӣ дошта, фард дар сурати иҷрои ҳама ин амалҳо ва муносибатҳои байниякдигариву муносибатҳои ҷамъиятӣ ба «одам-шахсият» мубаддал мегардад ва дар тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объект ва субъект баромад мекунад. Яъне, одам-шахс ташкилкунанда ва тараққидиҳандаи ҷомеа буда, фарогири тамоми сохторҳои ҷамъиятӣ ва фаъолиятбахшандаи тамоми ҳаракату фаъолиятҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Гегел одамони бузургро фақат вакилони руҳи ҷаҳонӣ меномид. «Дар таърих, - мегуфт вай, - ҳама чизро руҳи ҷаҳонӣ муайян менамояд ва одамон фақат амри руҳи ҷаҳониро ба амал меоранд».

Ба ақидаи Томас Карлейл, таърихи умумиҷаҳонӣ тарҷумаи ҳоли одамони бузург будааст. Таърихро одамони барҷаста – пайғамбарон, сарлашкарон, хирадмандон офаридаанд. Тамоми он чӣ ки дар таърих ба амал омадааст, - мегуфт вай, - фақат таҷассуми фикри одамони бузург аст.

Яке аз муайянкунандаи шахсият – ин яклухтии хусусиятҳои иҷтимоии инсон аст. Муайянкунандаи дигар: инсон- маҳсули иҷтимоии-маишӣ ва субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ аст.

Инсон- ин зинаи олии инкишофи тамоми мавҷудоти зиндаи рӯи «Замин», яъне маҳсули ҷараёни табии-таърихи башарият аст.

Чун як намуди нодири биологӣ-инсони бошуур зиёда аз миллион сол пеш ба вуҷуд омад. Файласуф Протогор таъкид менамояд «Инсон- ин андозаи ҳамаи маснуоти нодир аст» (человек-есть мера всех вещей).

Мутафаккири бузург даврaҳои баъдинро дар консепсияҳои илмии худ инсонро чун субъекти эҳсоскунанда, фикркунанда, эҷодкунанда баррасӣ менамояд.

Бо назардошти инкишофи ин истеъдодҳо-ҳиссиётӣ, мутафаккир, эҷодкун, инсон на чун маҳсули табиӣ-таърихии эволютсионӣ дар рӯи замин балки чун субъекти асос ва фаъоли созандаи шароит фаъолияти ҳаёти шахсӣ ва идоракунии иҷтимоӣ мебошад.

Идоракунӣ дар роҳи таъсири мақсадноки ба шароити зиндагии одамон равонашуда, амалӣ мегардад. Низоми идоракунӣ аз маҷмӯи ҳаракатҳои зиёди инсон иборат мебошад. Аз ин бар меояд, ки идора (давлатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва м.и.) бо иштироки бевоситаи одамон ва баҳри одамон сурат мегирад.

Бояд ёдрас шуд, ки дар идора аз як тараф идоракунандагон (як қисми фардҳо ё ин ки ақалият) аз тарафи дигар идорашавандагон (қисми дигар, фардҳое, ки аксарият), фаъолона иштирок менамоянд. Идораро худи одамон баҳри таъмини беҳбудии ҷомеа амалӣ месозанд, яъне инсон омили асосии идора аст. Ҷомеаи инсонӣ бидуни идора арзи вуҷуд надорад. Аз лаҳзаҳои аввалини ташаккули ҷомеаи инсонӣ одамон зарурияти идораро эҳсос

намуданд. Ҳаёт нишон дод, ки муносибатҳои мухталифи байни одамон чӣ байни ҳамдигар ва чӣ бо табиат идораро тақозо менамояд.

Дар ҷараёни идораи соҳаҳои мухталифи ҷомеа (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ) одамон низ идора мешаванд.

Фарқияти асосӣ байни идоракунии замони муосир аз даврaҳои қадим бахусус, аз даврaи дунёи қадим, асрҳои миёна, бештари аҳолӣ аз ҳаёти сиёсӣ дур буданду дорои ягон ҳуқуқу озодиҳо набуда тобеи ҳукумрони ҷомеа қарор доштанд, айни хол тафоввут дар он аст, ки акнун омили инсонӣ, дар мавриди идорасозӣ ба мадди аввал баромадааст. Бо назардошти он, ки инсон дар низоми идоракунӣ, дорои мавқеи устувор гардидааст, моҳият ва кулли вазифаҳои идорасозӣ комилан ва сифатан дигар мешаванд, яъне идорасозӣ мазмуну тамоюли инсониро соҳиб мегардад. Аз ин рӯ беҳтар сохтани шароити зисти одамон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо, ҳарчи бештар қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни онҳо, таъмини ҳуқуқу озодии онҳо – вазифаҳои аввалиндараҷаи идорасозии муосири иҷтимоӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти идора як намуди фаъолияти инсон аст ва он аз тарафи одамон бо роҳи истифодаи донишу меҳнати онҳо ба роҳ монда мешавад ва инсон дар низоми идоракунӣ дорои фаъолияти муташаккилона ва мақсаднок мебошад. Фаъолияти идоравӣ бошад, дар навбати худ аз инсонҳо донишу меҳнати зеҳнӣ (интеллектуалиро), маҳорати касбӣ, истифодаи технологияи пешқадам (дар шароити имрӯза), фаъолияти пурсамари иттилоотӣ ва шакли фаъолияти коллективиро дар алоқаманди бо ҳокимият талаб менамояд.

Қобили зикр аст, ки бо мурури тағйирёбӣ ҷомеа, аниқтараш системаҳо моҳият ва мазмуни идоракунӣ ба шакли дигар мегузарад, ва мавқеи инсон ҳам дар идорасозӣ бо талаботи ҷомеа ҳамон замон дигаргун мешавад. Агар ба таърих назар афканем мо шоҳиди далели аз байн рафтани як система, як ҷомеа, як идеология, ки ба ивази ҷомеаи нав мазмунан демократӣ омад, мебошем.

Баъд аз пошхурии иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳурирҳои собиқи он яке паси дигар соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ баҳри пешрафт ва инкишофи ҷомеаи худ ҳар як ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ рӯ ба иқтисоди бозоргонӣ ниҳоданд.

Бинобар ин дар ҷомеаи мо, яъне Тоҷикистон низ баъзе нишона ва аломатҳои ба иқтисоди бозоргонӣ мутааллиқ дар солҳои охирин истиқлолият ба чашм мерасад. Барои халқи тоҷик на он қадар ин падидаи нав аст, зеро оиди ин соҳа, агар дониши ҳақиқӣ ба даст овардани шавем, ҳанӯз дар гузаштаи хаёти инсонӣ низ бахусус дар ҳаёти иҷтимоии мардуми шарқ соҳибкорон, корчалонҳо, савдогарон роҳҳои такмили соҳаи ҳаётбахши инсони иқтисодӣ-иҷтимоиро меҷустанд.

Дар давраи навин низ инсонҳо дар идоракунии нави иҷтимоӣ бо фаъолияти бо шууронаи хеш, меҳнати оқилона ва маҳорати баланди касбӣ мавқеи худро устувор намуда, баҳри ноил шудан ба комёбиҳои дилхоҳ кушишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Дар ин маврид вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеашиносону иқтисодчиён муҳиммияти гузаштан ба муносибатҳои нави бозоргониро ба ҷомеа фаҳмонданд. Ташаккули шаклҳои гуногуни молӣ, хариду фурӯш, муомилоти бозоргонӣ, додугирифт ва монанди инҳо мақсаду мароми сиёсати идоракунии иҷтимоӣ-иқтисодиро ифода мекунад. Аз ин лиҳоз, дар асоси низомнома ва қонуну қоида бояд ин рукнҳо риоя шаванд.

Бо пайдошавии муносибатҳои нави иқтисодӣ-иҷтимоӣ, алалхусус бозоргонӣ фаъолияти кори одамон дар ин ё он корхона, идора тез мегардад, ки дар натиҷа рақобатро ба вуҷуд меорад.

Рақобат бошад, дар навбати худ қувваозмоиро, ки он бешак фаъолияти нави кори одамонро ба вуҷуд меорад, яъне инсон дар ҳама ҷабҳаҳои идоракунии ҷомеа пайвастагии ҷиҳатҳои иқтисоди бозоргонӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷамъиятро нишон медиҳад.

Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба сохтори иҷтимоӣ таъсири худро расонид, ки боиси ба миён омадани шаклҳои нави моликиятдорӣ, хоҷагидорӣ гардид.

Хулоса инсон дар ҳама давру замон дар шаклҳои мухталифи идоракунӣ дорои мавқеи устувор буда дар такмили идоракунии иҷтимоӣ саҳми босазое мегузорад.

Ҳамин тариқ, инсонҳо дар идора бояд манфиатовар бошанд ва танҳо дар ҳамин ҳол иштироки бевоситаи онҳо дар ислоҳоти ҷанбаҳои мухталифи ҷомеа дар тадбиқи нақшаю чорабиниҳои иҷтимоии ҷоннок мегардад.

Инсон ва табиат, инсон ва ҷомеа, инсон ва муҳити зист, мақоми таълим, тарбия, илм, маърифат дар фаъолияти инсон ва боз масоили дигар муҳити зистро ташкил медиҳад, яъне ҷараёни зиндагии ҷомеаро таъмин менамоянд.

Агар инсон - дорандаи хусусиятҳои гуногун бошад, шахсият - хусусияти асосии ӯ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти иҷтимоии инсон дар ӯ зоҳир мегардад. Чуноне, ки дилхоҳ идоракунии иҷтимоӣ ин идоракунии инсон мебошад, барои ҳамин идоракунии ҳайати кормандон, бо тамоми таърихи идоракунӣ ҷудонопазир аст. Бо вуҷуди ин, дар давоми асрҳо, аслан то оғози асри ХХ., идораи ҳайати кормандон ҳамчун вазифаи мушаххас аз идоракунии иҷтимоӣ ҷудо набуд ва дар асоси ақидаҳои солим, таҷриба ва анъанаҳо асос ёфта буд. Меҳнат бештар хислати инфиродӣ дошт, ва рукни асосии фаъолияти истеҳсолӣ оила, ки сарвари он одатан вазифаи роҳбарӣ ва истеҳсолиро иҷро менамуд.

Дар қадим аҳамиятнокии роҳбарии кормандон якбора бо идоракунии гурӯҳи зиёди одамон: қушунҳо, бунёди иморатҳои бузург (аҳромҳо, биноҳо, каналҳо ва диг.) боло рафт. Аммо дар ин ҳолат ҳам идоракунии одамон аз идоракунӣ дар маҷмуъ ҷудо намешуд.

Қадамҳои намоён дар роҳи таснифоти вазифаи идоракунии кормандон дар иттиҳодияҳо ва коргоҳҳои асри миёна, косибон ва ҳунармандон: гилкорон, чармгарон, дуредгарон мутаҳид намуд. Дар ин мутаҳидӣ ғамхорӣ нисбати беҳтар намудани шароити меҳнат, музди меҳнат ва зиндагии кормандон, оид ба зиёд кардани таҳсил- хонандагон инчунин пайваста зина ба зина пешравӣ дар мансаб дар корхонаҳо амалӣ мешуд. Таҳаввулоти саноатӣ ва рушди капитализм дар маҷмӯъ боиси аз байни бурдани цехҳои ва ташкилотҳои он кишварҳое, ки рушдёбанда буданд, гардид. Ба ҷойи мануфактура ва устохона, корхонаҳои бо шумораи зиёди кормандон, ки хислати меҳнати коллективӣ, тақсимкунии устувор ва муфассали ӯ, аз он ҷумла дар як сатҳи муайян ҷой доштани вазифаи идоракунанда ва иҷрокунанда. Ин дигаргуниҳо ба афзоиши шиддатнокии ва истифодаи меҳнатӣ оварда, баланд бардоштани бегона кардани кормандони оддӣ аз соҳибони ва роҳбарон, ба шиддат гирифтани муноқишаҳои иҷтимоӣ дар корхонаҳо ва умуман ҷомеа. Бо ибораи сиёсии низоъҳои истеҳсолӣ

ба ҳаракати коргарӣ табдил ёфт, ки пешниҳоди иттифоқҳои касаба ва ҳизбҳои коргарон гардида буд.

Дар соли 1900 соҳибкори амрикоӣ Б.Ф. Гудриг дар дохили ширкати худ аввалин оҷонсии ҷалби қувваи кориро таъсис дод. Дар соли 1910 ширкати «Plympton Рқess» шӯъбаи кадрҳоро таъсис дод. Дар соли 1912 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико як шӯъбаи махсус таъсис дода шуд, ки вазифаи он миёнаравӣ байни коргарону кордиҳандагон (маъмурияти ташкилотҳо) ва таъмини мусолиҳати иҷтимоӣ дар дохили ширкат буд.

Дар корхонаҳо, муассиса, ширкатҳо, ташкилотҳо ё коллектив чун қоида, тақсимкунии муносибатҳои маъмурӣ вуҷуд дорад. Субъекти идоракунӣ дар аксар вақт роҳбари коллектив мебошад. Дар илми идоракунӣ, фарқият байни роҳбар ва сарвар гузошта шудааст. Роҳбар ҳамеша бо ҳокимият алоқаманд аст., ва сарварӣ зодаи ё маҳсули низоми ғайрирасмӣ (муносибатҳои гайрирасмӣ) мебошад. Роҳбар чун қоида аз берун таъин мешавад, мақоми болоӣ (инстансияи болоӣ), аз ҷониби онҳо ваколатҳои омирона гирифтан аз ҷумла ҳуқуқ ба истифодабарии таҳримҳои мусбӣ ва манфӣ. Сарварӣ худ ба худ дар инсон такмил меёбад ва пешниҳод карда мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар сарварӣ- феномени психологӣ-иҷтимоӣ мебошад.

Ба фарқияте, ки миёни роҳбар ва сарвар равшан маълум аст, аммо онҳо хусусиятҳои умумӣ доранд. Р.Л.Кричевский се сифатҳои умумии онҳоро пешниҳод намудааст:

1. Роҳбар ва сарвар нақши ташкилкунандагони узви гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд;
2. Роҳбар ва сарвар таъсири иҷтимоӣ бо коллективро ба воситаи гуногун иҷро мекунад;
3. Роҳбар ва сарвар муносибатҳои мартаботиро истифода мебаранд, гарчанде дар сурати аввал ба таври равшан ба қоида дароварда шуда, дар сурати дуюм- пешаки ба назар нагирифта шудааст.

Се консепсияи пайдоиши хислатҳои хоси раҳбар ва сарвар вуҷуд дорад. Мувофиқи иттилои аввал – истеъдоди худодод, инсон бо нишонаҳои истеъдодии раҳбар таваллуд меёбад, ба вай роҳбарӣ ба мардум таъин шудааст. Мувофиқи иттилои дуюм - «назарияи хислат» шахс худаш ҷамъи хислатҳои сарвариро – зеҳни баланд,

дониши васеъ, фикри солим, ташаббускорӣ, қавиирода, худбоварӣ, мақсаддор будан ва ғайра соҳиб мешавад.

Тибқи ин назария, самаранокии идоракунии на хислатҳои шахсии роҳбар муайян мешавад, чунон ки тарзи рафтори ӯ нисбат ба тобеъонаш. Беҳтарин тарзи роҳбарӣ вобаста ба вазъият ва навъи фаъолият тағийр меёбад. Аён аст, ки мардум дар низоми назоратӣ ва сохтори муассисаҳои маъмурӣ - яке аз омилҳои муҳим дар раванди истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Омили инсонӣ муайянкунандаи хусусияти тамоми истеҳсолот дар низоми идоракунии давлатӣ, унсурҳои сохтории он аз хизматрасонии моддӣ ва ғайримоддӣ ба шумор меравад. Аз тарафи дигар маънои инсон ҳамчун яке аз омилҳои равиши фаъолияти идоракунӣ нақши пешбарии худи инсон, фаълияти босамари ӯ дар раванди идоракунӣ қайд мешавад. Бинобар ин, дар маркази баррасии ин масъала, шахс меистад, на ин ки раванди фаъолияти меҳнати абстрактӣ.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Боголюбов Л. Н. Человек и общество. Обществознание. Учеб. для учащихся 10-11 кл. общеобразоват. учреждений. / Под ред. Л. Н. Боголюбова, А. Ю. Лазебниковой. - М.: Просвещение, 2006. – С. 22-23.).
2. Боголюбов Л. Н. Обществознание: учеб. для 10 кл.: профил. уровень / Л. Н. Боголюбов, А. Ю. Лазебникова, А. Т. Кинкулькин и др.; под ред. Л. Н. Боголюбова и др. - М.: Просвещение, 2008. – С. 47.).
3. Идиев Х.И. Фалсафаи иҷтимоӣ. Душанбу-2013.
4. Идиев Х. У., Самиев Б. Ч., Гиёев Қ. Ҳ. Социология. Муҳаррири масъул: д. и. стс., проф. Шоисматуллоев Ш. – Д.: Деваштич, 2006. – 159 с. —
5. Каверин Б. И. Обществознание: учеб. пособие для абитуриентов и студентов вузов / Б. И. Каверин, П. И. Чижик. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – С. 46.).
6. Леонтьев А. Н. Индивид и личность. Избр. психол. произв. Т.1 / А. Н. Леонтьев. - М.: Просвещение, 1983. С.385.
7. Лутфуллоев М. Педагогикаи аҷам. – Душанбе, 1997. 574с.
8. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001.

9. Подрасный И.Т. Педагогика. – М., 2000.
10. Раҳимов Х. Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2000.
11. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: «Ҳумо», 2007.
12. Рубинштейн С. А. Человек и мир. Методологические и теоретические проблемы педагогики. – М., 1969.
13. Скаткин М. А. Школа и всесторонние развитие детей. – М., 1980.
14. Филонов Г.Н. Формирование личности в процессе комплексного подхода в процессе воспитания школьников. – М., 1978.

§ 14. БУНЁДИ ГУРӮҲ ВА ТИМИ (ДАСТАИ) БОСАМАР

Дар даҳсолаи охир дар муҳити истеҳсолӣ талабот дар корпоратсияҳо ва ҳамкории дар ҷойҳои корӣ зиёд шудааст. Дар мувофиқа бо ин таваҷҷуҳ нисбат ба омӯзиши гурӯҳ, махсусан дар солҳои 70-80-ум зиёд шуд.

Имрӯз, дар давраи рақобати шадиди ҷаҳонӣ ва пайдоиши технологияи навин махсусан кори даста нақши роҳбариро дар музаффариятҳои эҳсосшавандаи ташкилотҳо мебинад ва ин барои дастгирии имтиёзи рақобати тим (даста), ки василаи паст намудани мухолифат ва нафрат миёни одамон мебошад, мусоидат мекунад.

Табаддулот ин меъёр дар тиҷорат аст. Дар баробари табоддули ташкилот зарурати мутобиқшавии одамон, ки бо гурӯҳҳои бомаърифат аз нав ташкилшуда кор кунанд ва метавонанд тезтар дар вазъияти нав ворид шаванд. Дар ташкилот одамоне даркор аст, ки аз оғози тағйирёбӣ корро босифат анҷом диҳанд, ва ба дигарон кӯмак расонанд, тезтар фазои хуби ҳамкориро ва рӯхбаланд кардани дигаронро, ки боиси беҳтар анҷом додани кор мебошад, тавонад. Ба ғайр аз ин, муҳити муосири корчалонӣ маҳдудкунии маблағро тавсиф мекунад, кам кардани буҷа, пасткунии хароҷотҳои иловагӣ ва истифодаи ёрии муваққатӣ. Дар ин шароитҳо дастаҳо ва аъзоёни он омили асосӣ ва занҷираҳои сабук (осон) кардани мушкилиҳои дар пешомада ва дастоварди муваффақиятҳои ташкилот ба шумор меравад. Кори даста дар ин ҷиҳат аломати муҳимми муваффақият ба шумор рафта, яъне хусусияти хоси аъзоёни даста чобукӣ, уҳдабароӣ ва қобилияту хоҳиши ҳалли тамоми корҳои заруриро анҷом дода тавонад.

Истифода аз кори даста бо тағйирёбии сифати хуби қувваи корӣ меорад, зеро ҳамкорӣ худидоракунӣ ва ниҳоят маълумотдиҳии фарохи аъзоёни дастаро талаб менамояд. Одамон дар гурӯҳ аз рӯйи синну сол, ҷинс, маълумот, фарҳанг, эътиқод мухталифанд. Афзоиши фарҳанги мухталифи кормандон талаби инкишоф додани донишу малакаҳои муҳимми аъзоёни дастаро тақозо менамояд, чӣ гуна қобилияти бо одамон кор кардан, ки тамоман шабеҳи онҳоро надорад. Ба ғайр аз ин пешрафти таълим ва технология талаб менамояд, ки дар кор дониш ва меҳнати

бисёрҷабҳаро дошт, на танҳо қобилияти аз иҷрои як-ду кори мушаххас баромадан.

Моҳият ва мафҳуми тим (даста)

Бо суръати баланди талаботи кори даста нигоҳ накарда, то инҷониб иқтидори имконияти даста дар фаъолияти ташкилотҳои калон амалан иҷро намешавад. Яке аз сабабҳои ин гуна омили парадоксалӣ, (ғайриоддӣ) ин маълумот надоштани роҳбар оид ба мафҳуми даста ва чӣ гуна ташкил ва истифода кардани он мебошад.

Истифода аз мафҳуми «даста», бо маъноҳои гуногун фаҳмида ва истифода мешавад.

Дар забони русӣ мафҳуми «команда» бо ду маъно истифода мешавад: команда ҳамчун фармон ва команда ҳамчун гурӯҳи одамон ки барои мақсадҳои муайян ташкил шудааст. Барои мо таҳлили дуюми паҳлӯи он аҳамият дорад. Аммо зери маънои ин ибора «даста» дар худ маъноҳо ва одамони мухталифро мегирад. Баъзеҳо бо шунидани ин ибора танҳо варзиш ва тамринро мефаҳманд, қисми дигаре дар бораи фаъолияти муштарак, ки бо кумаку ҳамкориҳои якдигар алоқаманданд, қисми сеюмин фикр мекунанд, ки дилхоҳ гурӯҳ, ки кори муштарак доранд - даста аст, баъзе бар он андешаанд, дилхоҳ гурӯҳи идоракунӣ- даста мебошад.

Дар маҷмӯъ даста гуфта, ҷамъияти одамоне, ки фаъолияти муштарак дар иҷрои кадом як коре ё фаъолияте мебошад. Маънои дигари «даста» - ин ҷамъи фардҳо, ки байни худ тақсими иҷрои кореро ба уҳда дошта, барои натиҷаи мушаххаси он муваззаф шудаанд. Аъзоёни даста дар иҷрои кор ба ҳам вобастаанд, яъне барои дастоварди мақсадҳои алоҳида дар кор ба аъзоёни дигар низ эҳтиёҷ доранд.

Дар таҳлили фавқи зикршуда се ҳолатҳои муҳим, ки ба даста марбут мебошад, чунин аст:

1. **Бо ҳам вобаста будан**. Ҳар як аъзои даста дар кори гурӯҳӣ саҳми худро мегузорад. Дигар аъзоёни даста аз кори якдигар вобаста мебошанд. Дар даста тамоми ахбори корӣ бо ҳамдигар мубодила мегардад. Аъзоёни даста инчунин дар раванди фаъолият баробарҳуқуқ буда, имконияти баҳамтаъсиррасониро доранд.

2. **Тақсимкунии масъулият.** Масъулият барои мақсади даста ҳама якхела фаҳмида ва тақсим мешаванд.
3. **Натиҷа.** Масъулият барои натиҷаи даста ба ҳама аъзоёни гурӯҳ тақсим ва манбаи фаъоли гурӯҳ мансуб меёбад.

Бо ҳамин мазмун, даста - гурӯҳи одамоне, ки дорои мақсади умум, иловакунии дониш ва малакаи ҳамдигар, сатҳи баланди вобастагии дуҷониба ва тақсимшавии масъулиятҳо барои бадастоварии натиҷаи охирин мебошанд.

Тафовути асосии даста аз шакли анъанавии гурӯҳи корӣ мавҷуд будани самаранокии фаъолияти тарафайн мебошад.

Шаклҳои даста

Муҳаққиқон то ҳоло ба шакли ягонаи даста наомадаанд. Ба андешаи Д.Макинтош Флетчер, ду шакли асосии даста вуҷуд дорад: дастаи байнифункционалӣ (кросс-функтсионали) ва дастаи яккачин (интакти).

Дастаи байнифункционалӣ аз намояндагони ташкилотҳои мухталифи расмӣ ташкил ёфта, манфиатҳои онҳоро ифода мекунад. Барои ин навъи даста мавҷудияти вазифаҳои мушаххаси якбора хос аст, ки ифодаи натиҷа, мушкилот ва имкониятҳо мебошад. Муддатҳо арзи вуҷуд доштани даста ин возеҳии вазифаҳо ва супоришҳоро муайян мекунад. Барои аъзоёни даста вазифаҳо ва супоришҳо дар мувофиқа бо кори асосӣ дуюмдараҷа ҳисоб меёбад. Сарвари даста метавонад расман таъин шавад ё бо интихоби аъзоёни даста.

Дастаи яккачин ҷузъи истеҳсолӣ ё муддати дароз вуҷуд доштани гурӯҳи корӣ, ки маҳсули муайян ва хизматрасониро дорад. Гурӯҳҳои устувори ширкат омӯзиши рушди роҳбариро гузаштаанд. Сарвари даста метавонад аъзои даста набошад, танзим ва мутобиқати корро таъмин кунад, ки ин аъзоёни дастаро имконият медиҳад саъю кӯшишҳо ва вазифаҳои гузошташудаи назди дастаро муттаҳид намояд. Дар мавриди дигар сарвари даста метавонад шахсе аз аъзои даста бошад, ки ҷаласа доир кунад ва робитаи мутақобилаи дастаро бо гурӯҳҳои дигар мутобиқ кунад. Дар баъзе мавридҳо нақши роҳбар метавонад аз тағйирёбии аъзоёни ҳайат бо андозаи такмили малакаи сарварӣ ё аз вобастагии шароит иҷро шавад.

Ҳар даста мақсадҳои хешро ҷорӣ мекунад. Мақсадҳо барои иҷрои супоришу вазифаҳо бунёд мегардад, ки дар назди даста барои дастгирии маъмуриятии таблиғотӣ меистад. Ҷидду ҷаҳди даста ва мақсадҳои он ба се қисм тақсим мешавад:

- равиш ва ҳалли муайянии кор, мутобиқи диди ташкилот мукаммал мешавад;
- коркарди тавсияҳо оид ба иҷрои ин ҷараён, ҳалли масъалаҳо ва ворид кардани навигариҳо;
- иҷрои ин тавсияҳо.

Даста метавонад бо ҳар мақсад бунёд гардад. Дар баъзе мавридҳо даста мақсадҳои ба ҳам вобаста буданро дорад: як даста қисми кори хешро баъд аз оне, ки чӣ хел дигарон қисми кори худро иҷро менамояд, анҷом медиҳанд.

Дар илми сотсиологияи идоракунӣ 4 навъи категорияҳои даста вобаста ба мақсадҳои гузошташуда ифода шудааст:

Машваратӣ (машварат, «мизи мудаввар», гурӯҳҳо, банди ҷалб кардани кормандон дар самти роҳбарӣ);

Истеҳсолӣ (бригадаи истеҳсолӣ, дастаи шахтиёрон, бригадаи таъмирӣ, гурӯҳҳои бо коркарди нишондодҳо);

Лоиҳавӣ (гурӯҳи тадқиқотӣ, гурӯҳи банақшагирӣ, гурӯҳи муҳандисӣ, гурӯҳи мақсаддор);

Гурӯҳи амалиётӣ (дастаи варзишӣ, гурӯҳи барои вақтхушӣ, экспедитсия, даста барои музокирот, бригадаи ҷарроҳон, қисми ҳарбӣ).

Ҷ.Катсенбах ва Д.Смит дар мувофиқа аз фаъолияти авлодӣ, ки ташкилкунии гурӯҳҳоро иҷро мекунад, дигар навъҳои дастаро ҷудо мекунад:

- додани тавсияҳо;
- дастаи истеҳсолӣ;
- дастаи идорӣ-маъмурӣ.

Дар баробари ин, ҳар як даста метавонад яке аз ин сатҳи инкишофи гурӯҳҳои фаъол вобаста аз саъю кӯшиши даста-ҳамкории босамари аъзоёни гурӯҳ ҷой гирад:

- гурӯҳи корӣ;
- дастаи ботил (дурӯғ);
- дастаи иқтидор;
- дастаи воқеӣ;

- дастаи пурсамар.

Гурӯҳи корӣ - ин гурӯҳест, ки талаботи баланд бардоштани меҳнати муштараки босамарро надорад, ё ин ки имконияти даста шудан надорад. Аъзоёни гурӯҳ пеш аз ҳама барои мубодилаи маълумот, таҷрибаи корӣ ё муайян кардани оянда ва қабули қарорҳо барои кӯмак ба ҳар як шахс дар доираи масъулиятҳои худ ҳамкорӣ мекунанд. Дар ин навъи гурӯҳ мақсади ягона ва масъулияти тарафайн вуҷуд надорад. Дар фарқият аз даста гурӯҳи корӣ такя ба ҷамъи «афзалияти шахсӣ», барои иҷрои корҳо зарур аст. Онҳо мақсади истеҳсоли масолеҳи коллективонаро, ки талаботи саъю кӯшиши якҷоя муттаҳидкунандаро дорад, намегузоранд.

Интихоби роҳи даста, на гурӯҳи корӣ, одамон ба худ хавфи ихтилофро гирифта, тамоми нерӯро муттаҳид намуда, барои истеҳсоли навъҳои маснуот ё хизматрасонӣ ва кори коллективонаро истифода намуда, зарурияти барои самти ягонаи муайян, мақсади фаъолият ва муносибат ба кор ва масъулияти баробарро мегиранд.

Дастаи ботил (дурӯғин)- ин гурӯҳ дар худ талаботи баланд бардоштани меҳнати якҷоя ва самаранокро дорост, имконияти дастаро шудан дорад, аммо вай барои иҷрои корҳои коллективона равона нашуддаст, ва талаби иҷрои онро ҳам надорад. Аъзоёни гурӯҳ дар ҳоле, ки таваҷҷуҳ ба муайянӣ ва тасвияи хусусияти умумӣ ва фаъолияти бомақсадро намоянд, пас гурӯҳ метавонад дар ин сурат худро даста номад.

Дастаи ботил дар худ натиҷаи фаъолияти пастро нишон медиҳад, чунки истифодаи усулҳои кории онҳо самаранокии шахсии ҳар як аъзоро паст намуда, аз муттаҳидии онҳо самара намедиҳад. Дар дастаи ботил синергияи манфӣ (негативӣ) – маблағи умуми кам аст, нисбати иқтидори қисмҳои шахсӣ.

Дастаи иқтидор- гурӯҳест, ки дорои талаботи асосӣ дар баланд бардоштани меҳнати якҷояи самаранокӣ мебошад ва барои инро амалӣ кардан мекӯшад. Бо вуҷуди ин, ҳамчун қоида, ин гуна даста норавшанӣ дар хусуси самт, мақсад ва ҷараёни иҷрои корҳо дида мешавад. Ин гурӯҳ ҳоло масъулияти коллективиро барқарор накардааст, аз вай интизом ва тартиби сатҳи баланд талаб карда мешавад. Ин гуна дастаҳоро иқтидорӣ мегӯянд, ҳамин тавре ки аъзоёни он таваккалӣ карда, кӯшиш мекунанд монеаҳое, ки дар ин роҳ ба вуҷуд меояд, ҳатман муқобил истанд.

Дастаи воқеӣ – ин гурӯҳи хурди одамоне мебошад, ки малакаҳои иловагӣ доранд, ки ба як самт, мақсад ва муносибати кор содиқанд, ва онҳо масъулияти якдигарро ҳис мекунанд. Одамон пурра расму қоида ва ҷараёни фаъолияти якҷояро барои ноил ва муваффақ шудани мақсадҳои муттафиқона (якҷоя) муайян намудаанд. Онҳо дарк мекунанд, ки ҳар яке онҳо барои иҷрои кори самаранок заруранд (муҳиманд), лекин онҳо ба пуррагӣ худашонро дар амал татбиқ накардаанд.

Дастаи пурсамар - ин дастаи воқеист, ки аъзоёнаш нисбати иҷрои корҳои даста уҳдадориҳои олиро соҳибанд. Усулҳои кор ва таъсири ҳамдигар дар гурӯҳ ба инкишофи шахсият ва муваффақиятҳои даста мусоидат мекунад. Ин гуна гурӯҳҳо аз ҳад зиёд бо самаранокии фаъолияти якҷоя ва ба даст овардани натиҷаҳои афзалиятнок, ки атрофиён интизоранд, соҳибанд.

Талаботи муайян дар кори даста

Рушди истеҳсолот ва технологияҳо инъикоси худро дар тағйирёбии консепсияи сохти кори муштарак дар ташкилот ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, агар дар ИМА ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ то солҳои 60-ум қисми зиёди кор аз тарафи одамони алоҳида иҷро мешуд, ихтисосмандони барои иҷрои навъҳои махсуси кор ва корҳои онҳо асосан аз кори дигарон вобаста набуд, акнун солҳои 70-ум гурӯҳи корӣ эҳтиёҷ ба ҳамкории гурӯҳ ва мубодилаи иттилоот дучор шуд. Афзоиши истеҳсолот дар солҳои 80-ум ба рушди худидоракунӣ ва мухторияти даста дучор гардид. Иттилооти муҳимми солҳои 90-ум аз ташкилотҳо қабули консепсияи тақсимкунии дастаҳоро талаб мекунад. Ин консепсия тасмими кори якҷояро натанҳо байни аъзоёни даста, инчунин бо дигар дастаҳо ва қисмҳои муассисаҳо дорад.

Кори гурӯҳӣ (даста) дар ҷаҳони муосир ҳамаҷониба истифода бурда мешавад, лекин дар ташкил ва инкишофи даста дар ташкилотҳо ҷидду ҷаҳди мукаммал талаб менамояд. На ҳама вақт ин кӯшишҳо натиҷабахш аст. Барои ҳамин истифодаи даста пурра мувофиқ ҳамон вақте мегардад, ки кор фаъолияти якҷояро тақозо кунад, ва иҷрои самаранокии он дар кори инфиродӣ иҷро намегардад.

Барои муайянкунии зарурият дар кори даста мумкин аст 3 сатҳи навъи таъсисдиҳии гурӯҳро истифода намуд.

Сатҳи А. - муттаҳидкунии кори гурӯҳ вақте ташкил мегардад, ки камтарин талабот ба кори якҷоя карда шавад. Дар ин сатҳ одамон дар як гурӯҳ фаъолият мекунанд, аммо кори онҳо аз ҳамдигар вобастагӣ надорад.

Сатҳи В. - самаранокии кори даста ҳамон вақт ташкил мегардад, ки кори аъзоёни гурӯҳ аз ҳамдигар вобаста буда, тақозои кори худидоракунии дастаро дорад.

Сатҳи С. - самаранокии комплекси ташкилотӣ вақте ташкил мегардад, ки барои комёбшавии мақсадҳои ташкилот ҳамкории чандин дастаҳоро талаб мекунад. Дар ин сатҳ ҳар як даста аз кори дигар даста вобаста мебошад.

Дар сатҳи А.- муттаҳидкунии кори гурӯҳ, аъзоёни даста худашонро аъзои як гурӯҳи корӣ шуморида, аммо асосан кори онҳо аз якдигар вобастагӣ надорад. Барои ҳамин талаботи тақсимкунии кор байни худ пайдо намешавад. Одамон аъзоёни гурӯҳ барои он мансуб мешаванд, ки саҳми муайянро дар натиҷагирии кори ин қисматҳо даровардаанд. Барои ин гуна гурӯҳҳо хос аст:

- мавҷуд будани тақсими мақсадҳои ҳамаҷониба;
- ҳар як касе, ки худро шомили гурӯҳ меҳисобад, имконияти ба дигарон таъсир расониданро дорад.

Муттаҳидкунӣ кори гурӯҳро ба талаботҳои аъзоёни алоҳидаи он равона мекунад.

Ба сатҳи В.- самаранокии кори даста, таваҷҷӯҳ ба вусъатдиҳии маҳсулнокиро равона мекунад. Аъзоёни онҳо аз ҳамдигар вобаста мебошанд, барои ҳамин пеш омадани зарурияти ба тартиб даровардани корро барои комёбию мақсадҳои ҳамагон ба вуҷуд меорад. Айнан ҳамин тавре, ки муттаҳидкунии кори гурӯҳ, самаранокии кори даста:

- худмухторияти қисматҳои дар ташкилот амал кардан;
- аъзоёни гурӯҳ иттилооти кориро бо ҳам мубодила мекунанд;
- дорои ҳадаф ва вазифаҳои ба ҳама муҳим ва даркшавандааст.

Самаранокии кори даста ба вусъат додани самараноки бо пешравии вазифаи коргарон ҳамчун худташкилкунанда ва худидоракунандаи даста равона шудааст.

Ба сатҳи С- самаранокии маҷмӯии ташкилотӣ ба талаботҳои муассиса дар умум равона мегардад. Мафҳуми комплекс барои тавсифи даста бо фисади зиёди одамон ва дастаи фаръӣ истифода мешавад, ки дорои вазифа ва зинаҳои мухталифи корро иҷро мекунанд. Самаранокии ташкили ҷамъиятӣ дорои чунин нишонаҳои муттаҳидкунии гурӯҳи корӣ ва самаранокии кори дастаҷамъӣ мебошад:

- ҳар як даста бо дигар дастаҳои муассиса алоқа дорад ва ё уҳдадориҳо барои иҷрои лоиҳаҳои мухталиф;
- захираҳои даста, хоҳ инсонӣ ва хоҳ моддӣ, бо дигар дастаҳои муассисаҳо ва вазифаҳои онҳо тақсим карда мешаванд;
- даста ба сиёсат ва стратегияи ташкилот таъсиррасон аст;
- дар мувофиқа бо тақозо ва муҳлати лоиҳа ва ҷараёни кор одамон ворид ва хориҷ аз даста мешаванд.

Маҷмӯи самаранокии ташкилот кори дастаҳои алоҳидаи муассисаҳои калонро муттаҳид мекунад, байни онҳо тарзи ҳамкорӣ ва тарзи ҷудо ва кор карда тавонистани ҳамаи дастаро ҷудо мекунад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАҚВИЯТИ ДОНИШ

1. Нақши кори даста дар ташкилот аз чӣ иборат аст?
2. Мафҳум ва моҳияти дастаро шарҳ диҳед.
3. Шаклҳои дастаро муайян кунед.
4. Талаботи муайян дар кори даста аз чӣ иборат аст?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ:

1. Бабосов Е.М. Социология. Мн., 1998. Гл. 32. Социальное управление.

2. Бабосов Е.М. Социология управление: Учебное пособие для студентов вузов. - 4-е издание. –Мн.: ТетраСистемс, 2004.-288с.

3. Беляева Н.Ю. Гражданские ассоциации и государство. //Социологические исследования. 1995.№11.

4. Блау П. Исследование формальных организаций. //Американская социология. Перспективы, проблемы, методы. М., 1972.

5. Бобышев Д.Н., Семенцов С.П. История управленческой мысли. М., 1985.

6. Богданов А.А. Тектология. Всеобщая организационная наука. М., 1989. Кн. 1 и 2.

7. Гвашиани Д.М. Организация и управление. М., 1972.

8. Комаров М.С. Формальная организация. Феномен бюрократии в современном обществе. // Введение в социологию. М., 1994.

9. Мескон М.Х., Альберт М., Хедоури Ф. Основы менеджмента. М., 1992. Гл.1. Организация, менеджеры и успешное управление; Гл.22. Управление производительностью: комплексный подход.

10. История менеджмента. Учебное пособие. Под ред. Д.В. Валового. М., 1997.

11. Кунц Г., О Доннел С. Управление: системный и ситуативный анализ управленческих функций. М., 1981. Т. 1,2.

12. Мертон Р. Явные и латентные функции.// Американская социологическая мысль. Тексты. М., 1996.

13. Месарович М., Мако Д., Такахара И. Теория иерархических многоуровненых систем. М., 1973.

14. Мескон М.Х., Альберт М., Хедоури Ф. Основы менеджмента. М., 1992.Гл.2. Эволюция управленческой мысли.

15. Парсонс Т. Функциональная теория изменения. // Американская социологическая мысль. Тексты. М., 1996.

16. Тэйлор Ф. Научная организация труда. // Управление-это наука и искусство. М., 1992.

§ 15. МАДАНИЯТИ ТАШКИЛИИ ШАХСИЯТ

Маданияти ташкилии (ташкилотчигии) шахсият

Шахсият дар шароити демократикунонии ҷомеа, аз ҷумла зимни татбиқи принсипҳои либералии идоракунӣ мавқеи хосаро соҳиб мебошад. Маҳз шахсият боис гардид, ки дар илми идоракунӣ тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд ва фанҳои гуногуни иҷтимоӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи васеъ қарор дода шуданд.

Шахсият дар сурати аҳамиятнок буданаш ё мавқеи муҳим доштанаш барои ташкилот ва пешрафти он беҳамто ба шумор меравад. Беҳамтоӣ ва ё арзишмандии шахсият пеш аз ҳама ба ирсӣ / хос будани хусусиятҳои маънавӣ ва иҷтимоии ӯ рабт дода мешавад.

Дар амал се хусусияти мутаносиби шахсиятро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд:

1. Афзалиятнокии манфиатҳои шахсӣ нисбат ба ҷамъиятӣ – аҳамиятнокии қоида, меъёр ва арзишҳои гурӯҳӣ аз ҷониби шахс эътироф ва эҳсос карда намешавад, зимнан байни шахс ва ҷомеа ихтилофот ва мушкилоти зиёд ба миён меояд;
2. Афзалиятнокии манфиатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба шахсӣ – шахс ба зарурати тобеият ба арзишҳои муайяни гурӯҳӣ эътимод / бовар мекунад ва бо ихтиёри худ риояи қоида ва меъёрҳои муқарраршударо таъмин месозад;
3. Афзалиятнокии манфиатҳои умумии шахсият ва гурӯҳ - шахс аҳамиятнокии арзишҳо, меъёрҳо ва қоидаҳоро дарк мекунад ба истиснои ҳолатҳое, ки шахсро барои зиддият ба онҳо (маҳбас, ғуломӣ ва ғайра) водор месозад.

Баъзе хусусиятҳои барои таъсири мусбии шахсият ба ташкилот мусоидаткунанда инҳо мебошанд: ростқавлӣ ва бовиҷдонӣ; назари (муносибати) мусбӣ ба шахсони ҳукмфармо / ҳокимиятдор; кӯшиш ба кори эҷодӣ, маҳорати бовар (муътақид) кунонидан; кӯшиши сарвари ғайрирасмӣ будан; сабру таҳаммул ба кори техникӣ ва ташкилии карахтшуда.

Идоракунии маданияти ташкилӣ дар ташкилот мавқеи муҳимро соҳиб мебошад. Маъумриятро зарур аст, ки барои самаранокии фаъолияти идоракунии бомаром маданияти ташкилиро ба роҳ монад. Аз ҷумла, барои маданияти ташкилӣ

афзалиятҳоро муайян созад, меъёр ва қоидаҳои умумиҷамъиятиро бо меъёрҳои дохилиташкилотӣ муқоиса намояд, мунтазам чорабиниҳои хусусияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ доштаро барои таҳкими муносибатҳои маданӣ ба роҳ монад, ҷузъҳои нисбатан босифати муайянкунандаи (муаррификунандаи) услуби ташкилотро, ба монанди рамз, либос ва дигар мавод таҳия намуда, мавриди истифодаи доимӣ қарор диҳад.

Нақши вазифавии шахсият дар идоракунӣ

Нақши вазифавии шахсият дар идоракунӣ ба расмикунонии муносибатҳо дар доираи ташкилот асос меёбад. Нақши вазифавии шахсият ба муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо мешавад. Гурӯҳҳо дар натиҷаи фаъолияти сохторҳои ташкилии муайян ва тақсимоти меҳнат дар ташкилот ташаккул меёбанд. Ҷараёни ҳамгироии / муттаҳидии аъзои ташкилот дар гурӯҳҳо метавонад дар раванди фаъолияти якҷоя ва мутобиқ ба зинабандии технологӣ – *зарурати муттаҳидии шахс ба гурӯҳҳо дар роҳи амалӣ намудани мақсади умумӣ, вобастагии мутақобила ва робитаҳои доимӣ* - ташкил ёбад.

Гурӯҳҳо одатан тибқи нақшабандии қаблӣ ташкил дода мешаванд, вале ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки онҳо дар шакли ғайрирасмӣ бо назардошти нишондиҳандаҳо ва ё мақсаду манфиатҳои умумӣ ташкил меёбанд. *Мисол: гурӯҳи ронандагон, гурӯҳи устоҳо, гурӯҳи диндорон ва ғайра*. Гурӯҳҳоро дар ташкилот мебояд дар ду самт, расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо ва баррасӣ намуд.

Гурӯҳҳои расмӣ

Гурӯҳҳои расмӣ – гурӯҳҳое, ки барои ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои муайян бошуурона ташкил меёбанд. Ин гурӯҳҳо вазифаҳои расмиро (иҷрои кори мушаххас, нигоҳ доштани робита ва ғ.) дар роҳи расидан ба мақсад ва манфиатҳои гурӯҳӣ ба амал мебароранд. Хусусиятҳои муҳими (фарқкунандаи) гурӯҳҳои расмӣ: вазифаҳои аз ҷониби роҳбари аввал дар назди гурӯҳ гузошташуда, аз ҷумла расмикунонидашуда, низоми меъёрикунонидашудаи қоидаҳои рафтор, муҷозотҳо, талаботи нақшофарӣ ва ғайра мебошад.

Тибқи назари Д. Ҷексон ҳар як нақши / вазифаи расмӣ тартиб ва ҷараёнҳои муайян ва маҷмӯи супоришҳоро фаро мегирад. Дар робита ба ин, сифатҳои зерини хос ба мақоми расмӣ ва вазифаҳои гурӯҳҳоро номбар кардан мумкин аст:

- салоҳияти расмикунонидашуда дар доираи сохтори зинабандишудаи ташкилот;
- номи мансаби расмӣ ва мавқеи он дар байни дигар мансабҳои ташкилот;
- ҳавасмандӣ, туҳфаҳо ва муҷозот, ки ба субъекти мазкур мувофиқ ба мақоми ӯ татбиқ карда мешаванд;
- ҳавасмандӣ, туҳфаҳо ва муҷозот, ки аз ҷониби субъекти мазкур мутобиқи салоҳдид нисбат ба дигар кормандон татбиқ карда мешаванд;
- ҷойгиронии субъект (корманд) дар дохили ташкилот ва таъмини дастрасии ӯ ба иттилоот.

Гурӯҳҳои ғайрирасмӣ

Гурӯҳҳои ғайрирасмӣ ба вазифаҳо ва ҳадафҳои расмӣ робита надошта, дар асоси арзишҳои умумӣ, муносибатҳои мутақобила ва барои қонеъгардонии талаботи психологӣ-маънавӣ ташкил меёбанд. Дар ин ҳолат аъзои гурӯҳҳо ба нақш ва мақоми расмии иҷтимоӣ майл надошта, онҳоро муносибатҳои ибтидоии иҷтимоӣ пайваст месозад.

Гурӯҳои ғайрирасмӣ одатан аз байни худ якеро сарвар интихоб менамоянд ва ба ӯ дар доираи татбиқи манфиатҳои умумӣ итоат мекунанд.

Хусусиятҳои – шахсияти сарвар

Шахсияти сарвар дар идоракунӣ нақши хеле муҳим дорад.

Конфутсий (551-479 то м.) ба сифати ҳокими идеалӣ шахсеро медонад, ки ӯ бояд сифати олии ахлоқӣ ва дониши воло дошта бошад ва бо ҳама тавоноии худ бояд одил ва бо ин хислат барои зертобеони худ намуна бошад.

Ф. Тейлор ва А. Файол ба сифати хусусиятҳои асосӣ, ки бояд идоракунанда, роҳбар ва ё сарвар дошта бошад, чунин нишондиҳандаҳоро ҷудо менамоянд:

- тандурустӣ;
- андешаи солим;

- маълумот (соҳибихтисос, соҳибкасб);
- таҷриба;
- хушфаҳмӣ (зиракӣ);
- одоб;
- хирад;
- ростқавлӣ;
- қувва / тавоноӣ (энергия).

Дар баробари ин, Файол 6 вазифаи асосии роҳбарро муайян менамояд: техникӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, суғуртавӣ, баҳисобгирӣ ва маъмурӣ.

Яъне, ҳар шахс наметавонад роҳбарии ин ва ё он гурӯҳ ё ташкилотро дошта бошад, агар сифатҳои муайяни хоси роҳбариро соҳиб набошад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Шахсият дар илми идоракунӣ ба чӣ боис гардид?
2) Афзалиятнокии манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ тафсир карда шавад.
3) Афзалиятнокии манфиатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба шахсӣ тафсир карда шавад.
4) Афзалиятнокии манфиатҳои умумии шахсият ва гурӯҳ тафсир карда шавад.
5) Нақши вазифавии шахсият дар идоракунӣ ба чӣ асос меёбад?
6) Гурӯҳҳои расмӣ дар ташкилот чӣ тавр ташаккул меёбанд?
7) Гурӯҳҳои ғайрирасмӣ дар ташкилот чӣ тавр ташаккул меёбанд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
2. Политические партии Таджикистана [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
3. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
4. Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

§ 16. МАДАНИЯТИ МУТТАҲИДӢ (ГУРӮҲӢ) ЗИМНИ ИДОРАКУНӢ

16.1. Мафҳум, моҳият ва ҷараёнҳои ташаккулёбии маданияти муттаҳидӣ

Мафҳуми маданияти муттаҳидӣ тибқи маълумотҳои умумиқабулшуда охирҳои асри XIX дар муносибатҳои ҳарбӣ-низомӣ пайдо шудааст. Маданияти муттаҳидӣ аз меъёрҳои умумии иҷтимоӣ ва урфу одатҳои дар ҷамъият ташаккулёфта манша гирифта, ба низоми расмии ҳуқуқӣ ва адолат (қонуният, суд ва ғайра) вобастагии бевосита надорад, яъне он ҷамъиятӣ мебошад ва дар асоси муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Аз кинофилмҳои марбут ба ҳаёту фаъолияти ҷамъиятӣ дар саддаҳои гузашта хуб дарк кардан мумкин аст, ки дар низоми ҳарбӣ дар баробари меъёрҳои оинномавӣ ва судӣ меъёрҳои иҷтимоӣ низ, ба монанди дуел, тарзи муносибат, рафтор ва гуфтор ба ҷинси латиф-зан, эҳтироми атрофиён ва ғайра ҳукфармо буданд.

Маданияти муттаҳидӣ маҷмӯи рафторҳое мебошад, ки (аз ҷониби ташкилот) дар ҷараёни мутобиқат ба муҳити беруна ва ҳамгироии дохилӣ бо назардошти самаранокӣ ва қабул гаштани онҳо аз ҷониби аксари аъзои ташкилот / гурӯҳ ташаккул ёфтаанд.

Маданияти муттаҳидӣ ба якчанд қисматҳои зерин ҷудо мешавад:

- қабули низоми сарварӣ;
- татбиқи тарзу усулҳои ҳалли низоҳо;
- низоми амалкунандаи муошират ва робитаҳо;
- вазъи / мавқеи фард дар ташкилот;
- хусусиятҳои гендерӣ ва байналмилалӣ дар муносибатҳои мутақобила;
- қабули бренди (рамз, нишон ва ғ.) ташкилот: шиорҳо, урфу одатҳо ва анъанаҳои дохилиташкилотӣ.

Умуман маданияти муттаҳидӣ ба монанди маданияти ташкилӣ падидаи мураккаб буда, дар байни кормандон ва ташкилот бе талаби исботи зарурати он ҷорӣ ва мақбул мебошад.

Маданияти муттаҳидӣ ба фаъолияти гурӯҳӣ (коллективизм) дар ташкилот ҳамбастагии зич дорад. **Коллективизм зарурат ва арзишмандии гурӯҳро пеш гузошта, бар муқаррароти иҷтимоӣ – ҳифзкунандаи манфиатҳои гурӯҳ, на фард асос меёбад**.

Аз рӯи маданияти муттаҳидӣ дар роҳи таҳияи моделҳои гуногуни мусоидаткунанда ба рушди муносибатҳои идоракунӣ олимон корҳои зиёдро ба анҷом расонидаанд.

Тибқи назари Г. Трайса ва Ҷ. Бейера ҷузъҳои маданияти муттаҳидӣ иборат мебошанд аз: а) тартиботи дар ташкилот ташаккулёфта, ба монанди расму русумҳо, маросимҳо ва оинҳо, б) робитаи ташкилӣ – ҳикояҳо, таърих, асотир, афсонаҳо ва шиорҳо, в) зоҳир намудани дастгирии моддӣ, аз қабили музди меҳнат, иловапулӣ, поддош ва иштирок дар идоракунии молиявӣ, г) фароҳам овардани фазои муттаҳидӣ ва д) забони муошират.

Э. Берн тарбияи маданияти муттаҳидиро марбут ба амалҳои мутақобилаи касбии гурӯҳҳо ба се ҷузъҳои асосӣ 1) конститутсия, 2) қонунҳо ва 3) маданиятҳо ҷудо намудааст. Олим маданияти муттаҳидиро ҳамчун қоидаи гурӯҳӣ муайян месозад. Тибқи **конститутсия** ном, мақсад, сохтор, меъёрҳо ва шароитҳои тағйирдиҳии хусусии ташкилот муқаррар карда мешаванд. **Қонунҳо** бошанд, низоми меъёр ва қоидаҳои рафтор ва муоширатро ҳамчун татбиққунандаи мазмуни конститутсия фаро мегиранд. **Маданият** ҷабҳаи техникиро фаро гирифта, ҳамчун василаи фаъолият ва этикети (одоби муошират) гурӯҳӣ истифода бурда мешавад.

Умуман маданияти муттаҳидӣ маҷмӯи василаҳоеро ташкил медиҳад, ки бо истифодаи онҳо нерӯи кадрии ташкилот таҳким ёфта, имкониятҳои ташкилӣ-психологӣ, руҳӣ, ҳавасмандсозӣ, шавқангезӣ, маҳсулнокӣ ва манфиатбахшии фаъолияти ташкилот вобаста ба меҳнати истеҳсолӣ ва шахсияти фард дар гурӯҳ ё ташкилот таҳким меёбанд. Дар шароити демократикунонии муносибатҳо ва идоракунии иҷтимоӣ маданияти муттаҳидӣ ҷузъи муҳими фаъолияти ташкилот маҳсуб мегардад.

16.2 Маданияти муттаҳидӣ ва нақши он дар идоракунӣ

Маданияти муттаҳидӣ дар Тоҷикистон дар баробари бадастории истиқлолияти давлатӣ ташаккул ёфт, вале амалигардии

он аввалҳои солҳои 2000-ум пас аз анҷом ёфтани низоҳои дохиликишварӣ ба таври мунназам шуруъ гардид. Албатта боиси зикр аст, ки маданияти муттаҳидӣ дар даврони Шӯравӣ низ дар шакли коллективизм амал менамуд, аммо хусусиятҳои хоси сотсиализмро соҳиб буд, муовфиқан табдил додан ё мутобиқ гардонидани он ба шароити нави идоракунӣ-демократӣ номумкин буд.

Дар гузашта маданияти муттаҳидӣ тибқи анъана ва урфу одатҳои миллӣ низ роиҷ буд ва ҳаст. Яке аз чунин маданияти муттаҳидӣ «**гаштак**» мебошад, ки байни кормандони ташкилот дар шакли зиёфат (оростани дастархон, пешниҳоди хӯрок) ва барномаи фарҳангӣ амалӣ гардонида мешавад. Мафҳуми гаштак ба он асос меёбад, ки аъзои гурӯҳ / ташкилот бо навбат дар муҳлатҳои муайян бе ягон намуди расмиёт – ҳамчун меъёри иҷтимоӣ барои дигар аъзои ташкилот зиёфат ташкил менамояд. Зиёфат метавонад танҳо як хӯроки нисфирӯзӣ (одатан) ё шомро фаро гирад, метавонад васетар бо фарогирии барномаи фарҳангӣ бошад.

Дигар намуди маданияти муттаҳидӣ «**саёҳат**» буда, бо мақсади фароғат ва саёҳат ба мавзеҳои истироҳатӣ ташкил карда мешавад. Барои ташкили саёҳат аъзои гурӯҳ / ташкилот – дар бисёр ҳолатҳо бо пешбарии иттифоқҳои касаба бе расмиёти муайян маблағ ҷамъ намуда, барои анҷом додани корҳои омодагии ташкилӣ гурӯҳи хурдеро аз ҳисоби кормандон масъул мегардонанд. Саёҳат бештар дар фасли баҳор амалӣ гардонида мешавад.

Инчунин, дигаре аз шаклҳои маданияти муттаҳидӣ, ки бештар хоси ҷамоатҳои худидоракунии маҳаллӣ – «**маъракa**» мебошад. Маъракa асосан дар манзилҳои хусусӣ ташкил карда шуда, ҳамсоягон ва хешу ақрабо ба он даъват карда мешаванд. Намудҳои маъракa гуногун буда, ҳамчун маросимҳои анъанавии миллӣ роҳандозӣ мегарданд. Метавон яке аз намуди анъанавии маъракаро дар шакли «**таробеҳ**» зикр намуд, ки ҳамасола дар моҳи шарифи рамазон аз ҷониби қисми зиёди шаҳрвандон-аъзои ҷамоатҳои худидоракунӣ бо навбат давоми як моҳ бо тарзи пешниҳоди хӯроки шом ташкил карда мешавад.

Маданияти муттаҳидӣ дар бисёр ҳолатҳо асоси мавҷудияти ташкилот ва рушду равнақи онро ташкил медиҳад. **Маданияти намунавии** аз ҷониби ҳайати корӣ қабул ва аз худ карда шуда ба

салоҳиятҳои ҳукмфармоӣ ё идоракунӣ, назорат ва муносибатҳои меҳнатӣ таъсири васеъ расонида, робитаҳои дохилигурӯҳӣ ва байнигурӯҳиро муайян месозад. Маҳз маданияти муттаҳидӣ ҷараёнҳои иҷтимоии ҳамгироиро, аз ҷумла муттаҳидшавиро муқаррар намуда, хусусиятҳои муносибатҳои нақшофариро (ролӣ) ташкил медиҳад. Таҳлилҳо собит сохтаанд, ки ҳайат бояд маданияти намунавии ташкилотро аз худ кунад ва мутобиқи он амал намояд, дар ҳолати баръакс боиси вайроншавии муносибатҳо дар ташкилот мегардад ва намегузорад, ки ташкилот фаъолияти муваффақ дошта бошад.

Тарбияи маданияти муттаҳидӣ ин марҳилае мебошад, ки дар он воҳидҳои корӣ на танҳо фаъолияти касбӣ доранд, балки барои дастёбӣ ба муваффақияти (кори) умумӣ ҳавасманд (манфиатдор) мебошанд.

Маданияти муттаҳидии ташкилот мавриди таҳқиқи олимони гуногун қарор гирифтааст. **Беннис У. ҷараёни маданияти муттаҳидиро ҳамчун ҷавоб (посух) ба тағйиротҳои берунӣ ва стратегияи мураккаби идоракунӣ маънидод намудааст.** Ба назари Френч У. ин муносибат кӯшиши давомдор дар самти беҳтар гардонидани имкониятҳои ташкилот вобаста ба ҳалли вазифаҳои дарпешистода мебошад.

Новобаста аз таърифҳои гуногун маданияти муттаҳидӣ ба идоракунии иҷтимоӣ робитаи зич дошта, ба таъмини амалисозии самараноки сармояи иҷтимоии (инсонии) ташкилот равона гардидааст. Дар ин росто метавон чанде аз омилҳои иҷтимоии ташаккулдиҳандаи маданияти муттаҳидиро баррасӣ намуд.

Якум, - омили **тағйирдиҳандаи шароитҳои фаъолияти ташкилот** бо таъсири сармояи иҷтимоии (инсонии) дар шароити пешрафти илму техника ташаккулёфта мебошад. Дар шароити демократикунонии ҷомеа муносибатҳои идоракунӣ низ тағйир ва рушд ёфтанд, ки барои ташкилот таъсири берунӣ маҳсуб мегарданд. Дар ин вазъият зарур буд, ки ташкилотҳо ба талаботи муносибатҳои бозоргонӣ, рушди шахсият, иштироки корманд дар ҷараёни идоракунӣ ва дигар тазодҳо мутобиқ шаванд. Ҳамчун василаи муносиб дар ин раванд – ин ташкили тренингҳо, бозӣ дар нақшҳо ва омӯзишҳои гуногуни равонасозанда барои ташкили муносибатҳои мутақобила рӯи кор омад.

Дуюм, - омили иҷтимоӣ ин **муносибатҳои рақобатнок дар муҳити бозор** ва зарурати рушд додани даромаднокии ташкилот за ҳисоби фаъолгардонии сармояи инсонӣ мебошад. Дар ин самт солҳои 50-уми асри гузашта гурӯҳи олимон (К. Левин, К. Бенном ва ғ.) масъалаҳои идоракуниро аз ҳаёти воқеӣ бо ҷалби психолог ҷамъоварӣ ва ҳал (озмоиш) намуданд. Дар охири солҳои 50-ум тренингҳои (омӯзишҳои) озмоишӣ (лабораторӣ) на танҳо барои омодасозии фаъолияти гурӯҳӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ истифода карда мешуданд.

Сеюм, - омили таъсиррасон ин **маданияти касбӣ** мебошад. Муносибатҳои идоракунӣ дар шароити ҷомеаи муосир дар баробари маданияти муттаҳидӣ таҳқиқи масъалаҳои касбиятро тақозо менамояд. Ин омил дар шароити кунунӣ бисёр возеҳ мебошад, ки маҳз шахсият ва ё ҷомеаи касбӣ метавонад ба ҳама гуна тазодҳо ва таҳдидҳо истодагарӣ намоянд ва ба манфиатҳои умумиташкилотӣ дастёб гарданд.

Маданияти муттаҳидӣ ҳамчун стратегияи рушд зимни идоракунии робитаҳои дохилиташкилотӣ ва ҷараёнҳои иттилоотӣ аз сиёсати давлат нисбат ба муносибатҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад.

Стратегияи ташкилот аз мақсадҳои фаъолияти амалии ташкилот манша мегирад. Мақсадҳо метавонанд миқдорӣ ва сифатӣ бошанд. Мақсадҳои миқдорӣ ба фаъолияти натиҷаноки ташкилот вобаста буда, аз рӯи арзиши ташкилот, фоиданокӣ, даромаднокӣ, саҳм дар бозор ва ғайра муайян (андоза) карда мешаванд. Маданияти муттаҳидиро мақсадҳое муайян мекунанд, ки андозагирии онҳо бо ченакҳои миқдорӣ имконнопазир аст, ба монанди: шуҳрати кории ташкилот, сатҳи тахассуснокии ҳайат, робита ва муносибатҳо байни роҳбарият ва кормандон, этикаи рафтор ва ғайра, ки ҳамчун сармояи инсонӣ дар ташкилот ба ҳисоб меравад. Яъне, ин навъи мақсадҳо мақсадҳои сифатии ташкилот ба ҳисоб мераванд.

Механимзҳои муосири амалисозии маданияти муттаҳидӣ ба сохтори сезинавӣ: ҷаҳонӣ ё ин ки байналмилалӣ, миллӣ ва воҳидӣ (сатҳи ташкилот) ҷудо мешаванд.

1) Маданияти муттаҳидии ҷаҳонӣ – бо ҳуҷҷатҳо ва санадҳои байналмилалӣ тасдиқ гардидаанд ва рӯи амал қарор дода

шудаанд. Ин таҷрибаро мумкин аст ба Аврупо рабт дод, ки соли 2001 «Китоби сабз» ва соли 2003 «Китоби сафед» оид ба масъулияти муттаҳидии иҷтимоиро қабул менамояд. Ин санадҳо масъулияти чӣ соҳибкорони дар сатҳи байналмилалӣ фаъолиятдошта ва чӣ иттиҳодияҳои кормандон ва ҳайатро яклухт баррасӣ менамояд. Ҳамаи кишварҳои аъзо вазифадоранд, ки змини сиёсати идоракунӣ муқаррароти ин санадҳоро ба инобат гиранд ва зидди онҳо баромад накунанд.

2) Маданияти муттаҳидии байналмилалӣ – ба кишварҳое алоқаманд мебошад, ки ба санадҳо ва меъёрҳои байналмилалии маданияти муттаҳидӣ аъзо набуда (қабул накарда), онро - маданияти муттаҳидиро дар доираи қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатии худ роҳандозӣ намудаанд.
3) Воҳидӣ – ба ҳар як ташкилот дар алоҳидагӣ хос буда, дар самти таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолии ташкилот бо назардошти қонунгузории миллӣ ба роҳ монда мешавад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Маданияти муттаҳидӣ чист?
2) Коллективизм ба кадом муносибатҳо асос меёбад?
3) Назари У. Беннисро оид ба ҷараёни маданияти муттаҳидӣ тавзеҳ диҳед.
4) Механизмҳои амалисозии маданияти муттаҳидӣ ба кадом се зина ҷудо мешавад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
2. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
3. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
4. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 17. НАҚШИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАҲКИМИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ

17.1 Заминаҳои назариявии ҷомеаи шаҳрвандӣ

Шарикии иҷтимоии фарогирандаи бевоситаи манфиатҳои хусусии одамон буда, масъалаҳои марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиро баррасӣ менамояд. Ҳамин манфиатҳо низ дар навбати худ, хоси талаботи ҷамъият ва давлат мебошанд, яъне дар ин ҷо ҳамгироии муносибатҳо барои дастёбӣ ба ҳамон як гурӯҳи мақсадҳо ифода меёбад. Дар ин ҷо шарикии иҷтимоӣ аз рӯи муносибатҳои хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда мешавад, ки ба сифати субъектҳои шарикӣ гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қишрҳо, ассотсиатсияҳо ва ғайра баррасӣ мегарданд.

Чун Тоҷикистон давлати демократӣ мебошад, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз рукнҳои муҳими давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Мебояд иброз намуд, ки назари олимон нисбат ба мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ гуногун аст, вале мутобиқи шакли умумиқабулшуда **ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин доираи худизҳории (худфаъолиятии) шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ихтиёран ташкилёфтаи ғайритиҷоратӣ, мустақил аз мудохилаи бевосита ва батартибоварии озод (беасос) нисбат ба ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорон мебошад.** Яъне, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти озодона ва мустақил доранд, ба фаъолияти онҳо бе асоси қонунӣ на ҳокимияти давлатӣ ва на бахши хусусӣ (дар мисоли соҳибкорон) дахл карда наметавонанд.

Д. Истон ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун обполои (филтри) талабот ва дастгирии ҷомеа нисбат ба низоми сиёсӣ маънидод намудааст.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин ҷамъиятест, ки дар он шакли инкишофёфтаи муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ байни аъзоёнаш ба назар мерасад ва онҳо (муносибатҳо) бе дахолати давлат, вале бо ҳамоҳангии он амалӣ мегарданд.

Дар воқеъ яке аз институтҳои демократия ин ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё сектори (соҳаи) сеюм муқаррар гардидааст, яъне **демократияи идеалиро бе ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта тасаввур кардан номумкин аст**.

Дар навбати худ тавлиди ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ ва демократӣ аз якдигар ҷудонашавандаанд, зеро ҳарду ҷараён ба маҳдудкунии ҳокимияти мутлақ сарбаста мебошанд.

Ду нуқтаеро мебояд иброз намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандиро дар роҳи демократисозии ҷомеа соҳаи муҳим арзёбӣ менамоянд.

1. Ҷомеаи шаҳрвандӣ майдоне мебошад, ки дар он ташкилотҳои мустақил амал мекунанд.
2. Ҷомеаи шаҳрвандӣ майдони амалиёбии ҷараёнҳои демократӣ ба ҳисоб меравад. Ин муносибат ифодакунандаи он аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар як заврақ буда, амалисозандаи унсурҳои умумии демократия ва дар ин роҳ пешбарандаи якдигар мебошанд.

Дар ин ҷо якчанд сабабҳои ташаккулёбӣ ва зарурати ҷомеаи шаҳрвандиро баррасӣ менамоем.

Аввал ин ки, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми идоракунӣ на ҳамчун васила ва ё воситаи амалисозии вазифаҳои муайян, балки ҳамчун зарурат барои татбиқ ва таҳкими муносибатҳои демократии ҷамъиятӣ, яъне дар роҳи ташаккули заминаҳои идоракунии демократии ҷомеа ба вуҷуд омадааст.

Дуюм, ташкилдиҳандаи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ институтҳо ё ин ки ҳокимияти давлатӣ мебошад, на аҳли ҷомеа. Давлат дар роҳи ташаккулдиҳии сохти демократии (нави) идоракунӣ, зимнан ҳал намудани низоҳо ва ихтилофоти мутақобила бо ҷомеа (ки дар ин ҷараён пайдо мегарданд) ба хулосае меояд, ки дар ҷараёни таҳия, баррасӣ, қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бояд намояндагони ҷомеа аз ҳисоби шаҳрвандон иштирок намоянд. Мувофиқан дар раванди амалисозии ин робитаҳо ташаккули муносибатҳои ташкилию ҳуқуқӣ пеш меоянд, ки он ба пайдо гардидани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ дар симои иттиҳодияҳо, ташкилотҳо, ҳизбҳо ва ғайра пеш меоянд.

Сеюм, ин ки принсипи демкоратикунонии муносибатҳо худ ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун институти фаъол ва қисми ҷудонопазир тақозо менамояд, зеро демократия ин иштироки бевосита ва бавоситаи шаҳравандон дар идоракунии давлат мебошад, пас, ҷомеаи шаҳрвандӣ ин василаи таъмикунанда ва ё

татбиққунандаи иштироки шаҳрвандон дар ин ҷараён арзёбӣ мегардад.

Яъне, демократия наметавонад бидуни ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дошта бошад; дар кадом мамлакате ва ҷамъияте демократия ҳукмфармо бошад, пас, дар ҳамон мамлакат ҷомеаи шаҳрвандӣ ногузир ҷой дорад (Ҷадвали 12).

Ҷадвали 12



17.2 Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳкимбахши шарикии иҷтимоӣ

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати худ, дорои институтҳои гуногун, аз қабили оила, муассисаҳои хоҷагӣ, иттифоқҳои касаба, ҳимоячиёни ҳуқуқ, муассисаҳои эҷодӣ, марказҳои тадқиқотӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра мебошад.

Дар ин ҷо барои маълумотнокӣ, яке аз институҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ - иттиҳодияи ҷамъиятиро ҳамчун василаи муносиб дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳама муносибатҳо дар қатори мақомоти давлатӣ

масъул мебошад. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд баробар ба мақомоти давлатӣ фаъол бошанд ва дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ширкат варзанд.

Дар ҷомеаи тозаистиқлоли мо саволу пурсишҳои зиёде мавҷуданд, ки фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро зери шӯбҳа мегузоранд, гарчанде мутобиқи маълумоти боло рушди фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои давлати демократӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ҳамин мақсад дар поён кӯшиш мекунем, ки ба масъалаҳои гузошташудаи баҳсталаб, албатта дар алоқамандӣ ба иштироки ин ҳаракат дар рушди иҷтимоии ҷомеа посух биёбем.

Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ногузир арзёбӣ мегардад. **Иттиҳодияи (ташкилоти) ҷамъиятӣ ин гузаргоҳ ва ё пулест байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатӣ ё ин ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои мардум воситае мебошад, ки татбиқи мушкилоти рӯзмараро бо ҳамоҳангӣ ва иштироки мақомоти давлатӣ таъмин месозад**.

Тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ одамон дар шакли гурӯҳи идорӣ метавонанд дар амалисозии мушкилоти ҳамарӯзаи худ бевосита ва мустақил аз давлат иштирок намоянд, барои пешбурди вазъи зиндагӣ ва навовариҳо ба ҳокимияти давлатӣ ташаббусҳои худро пешниҳод намоянд ва албатта ҷараёни дастгирии онҳоро назорат ва арзёбӣ созанд. Дар ин раванд ташкилотҳои ҷамъиятӣ мустақил мебошанд, яъне аз мақомоти давлатӣ гирифтани иҷозат зарурат надорад (ба ҷуз ҳолатҳое, ки мувофиқа ва ё маълумотноксозӣ талаб менамоянд).

Ҳамзамон ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки тибқи қонунгузорӣ аз гурӯҳи одамон иборат мебошанд, бо ташаббуси бевосита метавонанд ҳамчун иҷрокунанда дар татбиқи вазифаҳои махсуси давлатӣ ширкат варзанд, аз ҷумла дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ободонӣ, ниҳолшинонӣ, обгузаронӣ дар маҳалҳо, бартараф сохтани ҳолатҳои фавқуллода, кӯмак ба гурӯҳҳои осебдида ва ғайра. Дар умум масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба онҳо дасти мақомоти ҳокимияти давлатӣ намерасад ва маъмулан (дар кишварҳои демократӣ) аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешаванд. Албатта ҳамаи ин муносибатҳо дар доираи қонунгузории муайян танзим карда

мешаванд, ки чунин шароит дар Тоҷикистон маҳфуз гардонида шудааст.

Зимнан, фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ хусусияти хайриявӣ дошта, манфиати молиявии аъзои худро бевосита фаро намегирад ва маблағгузории барномаҳои онҳо аз ячанд манбаъ, аз ҷумла саҳмгузорӣ ва хайрияи шаҳрвандон, буҷети давлатӣ, саҳмгузории соҳибкорон ва ғайра сурат мегирад. Соддатар агар, иброз намоем, ин ҳамон фаъолияти эҳсонкорие (хайриявие) мебошад, ки мунтазам аз ҷониби одамон ба амал бароварда мешавад, танҳо дар шакли мутташакилона (тариқи амалиёти бонкӣ, назорати дастрасӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва ғайра), ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд.

Дар баробари ин, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо масъулияти ташаккули муносибатҳои ҷамъиятиро доранд, балки дар таҳкими муносибатҳои сиёсии давлат низ нақши муҳим дошта метавонанд. Барои мисол, солҳои ҷангҳои ҷаҳонӣ давлатҳои абарқудрат барои талқини идеяҳои сиёсии худ ташкилотҳои махсуси ҷамъиятиро таъсис дода буданд, ки вазифаи онҳо пешбурди манфиатҳои давлат ва робита бо дигар қишри ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сатҳи байналмилалӣ буд. Ҳамчунин, ин қабил ташкилотҳо (ба монанди, САҲА, ЮСАИД, ҶОҲБ ва ғ.) имрӯз низ фаъолият доранд, вале бо мақсаду ҳадафҳои фарқкунанда. Дар ин ҷодда дар самти татбиқи сиёсати идеологии ҷавнон ва ташаккули робитаҳои байналмилалии ҷавонон Интернатсионали коммунистии ҷавонон (1919), Кумитаи ташкилотҳои ҷавонон Шӯравӣ (1956), Федератсияи умумиҷаҳонии демократии ҷавонон (1945) ва ғайра фаъолият кардаанд.

Ҳамин тариқ, агар Тоҷикистонро аз рӯи низоми муносибатҳои ташкилӣ-демократӣ ба се шоха ҷудо намоем, пас, якеро метавон ҳокимияти давлатӣ, дигареро доираи соҳибкорон ва савумиро бошад, ҷомеаи шаҳрвандӣ ном гузошт.

Ҷадвали 13



Тасвири мазкур (ҷадвали 13) ҷусаи бутунеро монанд месозад, ки аз набудани яке дигар узви он наметавонад ба таври комил фаъолият ва ё умуман арзи вуҷуд дошта бошад. Зеро дар ин ҷо Тоҷикистон ҳамчун кишвари демократӣ бо институтҳо ва ё зерсохторҳои ногусастанӣ ва ҷудонопазири худ тасвир ёфтааст, ки онҳо дар якҷоягӣ, зимни фаъолияти муштарак ва ҳамоҳангшуда дастгоҳи устувори татбиққунанда ва рушдиҳандаи соҳаҳои сиёсӣ-ташкилӣ, иҷтимоӣ-маънавӣ ва иқтисодии ҷомеа ва давлатро ташкил медиҳанд.

Вале, мутаассифона айни замон яке аз ин институтҳои муҳими ташкилӣ – ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши худро бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ (баъзе сабабҳо дар поён нишон дода мешаванд) ба таври муносиб иҷро карда натавониста истодааст, ки зимни ин масъала таваҷҷуҳи идоракунандагон ва муҳаққиқон ҷалб карда мешавад.

Дар инҷо зикр кардан бамаврид аст, ки бахши хусусӣ ва ё доираи соҳибкорон низ, дар як вақт ҳамчун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад, ин институтҳоро танҳо ҳолатҳои муайяни марбут ба манфиатнокии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷудо менамояд.

17.3 Иқтидори (потенсиали) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шароити Тоҷикистон

Мутаассифона имрӯз иқтидорнокӣ ва ё потенсиали иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ вобаста ба амалисозии фармоишҳои барномавии давлатӣ нокифоя мебошад, ки онро якчанд сабабу омилҳо пеш мегузоранд, аз ҷумла:

а) Теъдоди ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таносубнокӣ ба талаботи ҷомеа ва шароити минтақа дар кишвар хеле кам, ҳамагӣ 2800 адад мебошад, дар ҳоле, ки ҳамин рақам дар Қазоқистон 30000 ва Қирғизистон 10000 ададро ташкил медиҳад. Ин муносибат аз рӯи коэфисиент (ба 10 ҳаз. аҳолӣ) дар Тоҷикистон 3,5 адад, Қазоқистон 20 адад ва ба Қирғизистон 22 адад рост меояд;

б) Ташкилотҳои ҷамъиятӣ асосан манбаи устувори даромади молиявӣ надоранд (айни замон), мувофиқан воҳидҳои кории доимӣ, яъне потенсиали кадрӣ дошта наметавонанд;

в) Потенсиали кадрии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз лиҳози касбият ва ихтисосмандӣ хеле паст мебошад, кормандони қисми зиёди онҳо малакаи зарурии идоракунии фаъолиятро, аз қабили идораи молиявӣ, банақшагирӣ, ҷалбсозии маблағ, мониторинг ва баҳодиҳӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва андозбандӣ, танзими муносибатҳо ба мақомоти давлатӣ надоранд;

г) Ташкилотҳои ҷамъиятӣ асосан дар шаҳрҷойҳо фаъолият дошта, бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамоянд, яъне бо шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ ҳамкории онҳо хеле кам ба назар мерасад;

д) Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ ва имконияти худро вобаста ба маблағгузорӣ гардидани фаъолият аз ҷониби шаҳрвандон ва соҳибкорон истифода наменамоянд;

е) Қисми зиёди ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба мақомоти давлатӣ эътимоди қавӣ надоранд ва ҳамкориро низ дар самти таҳия ва татбиқи стратегияҳои давлатӣ ба роҳ намондаанд;

ж) Дар кишвар механизми муайяни таълиму омодасозии кадрӣ, такмили ихтисоси мутахассисони кор бо ҷамъият (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) маҳфуз гардонида нашудааст;

з) Меъёрҳои андозбандии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар робита ба рисолати асосӣ ва бо мақсади фаъолноксозии онҳо таҷдиди амиқро тақозо менамоянд;

и) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷалби онҳо барои татбиқи фармоишҳои давлатӣ дар сатҳи паст татбиқ мегардад, аз ҷумла дар ин раванд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хеле кам фаъолият ва таъсир доранд.

17.4 Манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа аз истифодаи иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ

Бо истифода аз иқтидори ташкилотҳои ҷамъиятӣ масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла сохторҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-идеологии кишвар тариқи бозравонии вазифаҳо сабук мегардад, дастрасии хизматҳо ба шаҳрвандон таъмин мегардад, механизми амалии расонидани кӯмакҳо ва хизматҳои унвонӣ ба қишри эҳтиёҷманд ташаккул меёбад, ҳазорҳо ҷойҳои корӣ ташкил мегарданд, сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҷомеа баланд мегардад, тарзи ҳаёти солими шаҳрвандон хусусияти маъмулӣ касб мекунад ва як қатор дигар масъалаҳо, ки хусусияти ҷамъиятӣ доранд, имкони дар сатҳи хуб татбиқ шуданро пайдо мекунанд. Яъне, нишондиҳандаҳои муҳими иҷтимоӣ, ки айни замон татбиқи аксари онҳо бинобар зиёд будани сарбории хизматӣ номукаммал мебошад, таъмин мегарданд.

Зимнан, истифодаи иқтидори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имконият фароҳам меорад, ки субъектҳои андозсупоранда ва ба ин восита маблағи андоз зиёд гардад, сармоя ва маблағҳои грантӣ ба кишвар ба даҳҳо баробар зиёд ворид гарданд, низоми эҳсонкории соҳибкорон ташаккул ёбад ва бо ин роҳ маблағҳои барои эҳсонкорӣ равонагардидаи буҷетӣ сарфа карда шаванд, маърифати иқтисодии доираи соҳибкорон баланд гардад ва лоиҳаҳои зиёди хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодидошта амалӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, истифодаи иқтидори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳам ба нафъи иқтисодӣ ва ҳам ба нафъи иҷтимоии давлат ва ҷомеа мебошад, ҳамзамон он имкон медиҳад, ки нуфузи Тоҷикистон ҳамчун кишвари татбиққунандаи принсипҳои демократӣ дар арсаи ҷаҳонӣ баланд гардад.

17.5 Иштироки соҳибкорон дар рушди ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ

Дар шароити идоракунии муосир яке аз масъалаҳои ҷолиб ва муҳим ин худситоӣ ва фаъолияти маҳдуд ё камаҳамиятии соҳибкорон дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи шаҳравндӣ ҳамон ниҳодест, ки қобили тағйир додани чунин муносибатҳои қолабӣ ва маҳдудшуда буда, онҳоро ба самти фарох ва ҳамгироии иҷтимоӣ нигаронида метавонад.

Ин тағйирдиҳӣ дар навбати худ, имкон медиҳад, ки соҳибкорон ба низоми шарикии иҷтимоӣ ворид гарданд ва бо ин васила на танҳо иштирокчии ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар кишвар бошанд, балки иқтидори иқтисодии худро бо роҳи баланд бардоштани маданияти ташкилӣ ва маданияти муттаҳидии идоракунӣ таҳким бахшанд. Аз ҳама муҳим бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта ин падида (фаъолнокии соҳибкорон дар татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ) барои соҳибкорон манбаҳои нави сармоягузориро фароҳам меоранд. Дар ин раванд мақсад саҳеҳии (дуруст кардани) арзишҳо ва муқаррароти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ҳамгироии (созишномаи) ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳукумат ва соҳибкорон мебошад, ки ин **яке аз принсипҳои** муҳими шарикии иҷтимоӣ марбут ба меъёрҳои иҷтимоии амалҳои мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

17.6 Шарикии иҷтимоӣ ташаккулдиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва василаи устувори ҳалли низоҳо

Яке аз самтҳои муҳим дар рушди шарикии иҷтимоӣ ин ташаккулдиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ созгори фароҳам овардани имкониятҳо дар самти ташкили муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ бо принсипи консенсус (ҳамфикрӣ) мебошад. Низоҳо дар баробари муқаррароти ҳуқуқӣ бо тартиби созиш ҳал карда мешаванд. Ин чаҳорчӯба шарикии иҷтимоиро ҳамчун механизми ҳалли низоҳо пешниҳод менамояд, аз ҷумла дар таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ усулҳои гуфтушунид ва машваратиро истифода мебарад. Принсипҳои баробарӣ дар ҳалли низоҳо тибқи қонунгузорӣ ва меъёрҳои рафтории мавҷуда дар соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин карда мешаванд. Вазифаи батанзимдароварандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ

тарафҳоро уҳдадор месозад, ки муносибатҳоро дар асоси баробарии воқеӣ, шарикии мутақобила, бисёрдалелӣ ва ҳалли робитавии низоҳо ба роҳ монанд. Ба қавли дигар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли низоҳои байни тарафҳо ҳамчун кафили муносибатҳои баробар ва гуногунандешӣ баромад менамояд.

Ба назари олимон, ки дар тадқиқотҳои зиёд баррасӣ кардаанд – гуногунандешӣ асоси ҳастии демократия мебошад. Дар ҳамбастагӣ ба ин Тоҷикистон, ки мамлакати демократӣ мебошад, муносибатҳои гуногунандешӣ ва озод будани инсонро дар ироаи ақидаи хеш дар Конститутсия овардааст ва дар низоми идоракунии иҷтимоӣ онро мавриди амал қарор додааст.

Ба назари олимон ин муносибат – гуногунандешӣ чунин маъно дорад: имконияти интихоб мавҷуд аст, то ин ки талқин намудани манфиатҳои хусусӣ ва ҳокимияти давлатӣ бо қарорҳои худ роҳ дода нашавад ва имконияти табдил додани иттилоот ба предмети савдо фароҳам нагардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ усулҳои «чандир (мулоим)» ва «моделҳои ҷубронӣ (компенсаторӣ)»-и танзимкунандаи низоҳои иҷтимоиро таъмин месозад.

Зимнан баҳодиҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ҳалкунандаи низоҳои иҷтимоӣ бо назардошти манфиатҳои тарафҳо ва барқароркунии муносибатҳои ҳамкорӣ дар шароити баробарӣ ва шарикӣ самти сеюм – рушди назарияҳои шарикии иҷтимоиро муқаррар менамояд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Ҷомеаи шаҳрвандӣ чист?
2) Ҷомеаи шаҳрвандиро мутобиқи назари Д. Истон ин шарҳ диҳед.
3) Институҳои (сохторҳои) ҷомеаи шаҳрвандиро номбар кунед.
4) Иттиҳодияи ҷамъиятӣ чи гуна ташкилот аст?
5) Хусусиятҳои фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро тафсир диҳед.

АДАДБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: к 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
2. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
5. Политические партии Таджикистана [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://www.quickiwiki.com/ru/
6. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
7. Тилли, Ч. Демократия [Матни аслӣ]. – М.: 2007. – 263 с.
8. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
9. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

БОБИ III. УСУЛҲОИ ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ

§ 18. ТАДҚИҚОТҲОИ СОТСИОЛОГӢ ДАР ИДОРАКУНӢ: НАМУДҲОИ ТАҶРИБАВӢ ВА АМАЛИИ ОН

Нақши тадқиқотҳои сотсиологӣ дар идоракунӣ хеле муҳим ва таъсирбахш мебошад, зеро ҳар як низом дар ҳолате ба муваффақият ноил мегардад, ки агар нишондиҳандаҳои калидии фаъолиятро, ба монанди самт, ҳадаф ва вазифаҳои муайян, нақшаҳои стратегии амалисозӣ, захира ва таъмини (интихоб, ҷобаҷогузории) кадрӣ, механизми назорат, таҳлилу иттилоот, натиҷагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳии иҷтимоӣ дошта бошад.

Дар Тоҷикистон фаъолияти қисми муайяни ташкилотҳо, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории миёна ва бузург ва ташкилотҳои муқими байналмилалӣ дар доираи нишондиҳандаҳои калидӣ ҳамчун талаботи устуворӣ ба роҳ монда шудааст, аммо гурӯҳи зиёди ташкилотҳо аҳамиятнокии ин ҷузъи идоракуниро ба инобат нагирифта, қисми ками нишондиҳандаро асоси амал қарор додаанд, мувофиқан иқтидорашон заиф буда, дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ рақобатпазирии устувор надоранд.

Воситаи муътамади дастрасӣ ба ин нишондиҳандаҳо дар шароити муосири идоракунӣ, бахусус таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ, ин тадқиқоти сотсиологӣ мебошад.

Тадқиқот як навъи фаъолиятест, ки барои таҳлил ва баҳогузории вазъияти (мушкилоти) муайян, мутаносибан пешниҳоди (таҳияи) тавсияҳо ва тарзу усулҳои ҳалли он амалӣ гардонида мешавад. **Тадқиқот як соҳаи махсус ва мустақили илм буда, омӯзиш ва дарки амиқи самтҳо ва муносибатҳои муайяни ҳаёт ва фаъолияти инсониро талаб менамояд**.

18.1 Намудҳои тадқиқот: тадқиқоти таҷрибавӣ

Тадқиқотҳо дар айни замон ба**ду шакл: таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ва амалӣ**ҷудо мешаванд.

Тадқиқотҳои таҷрибавӣ омилҳои иҷтимоиро бо роҳи бақайдгирии бевосита ва ё бавоситаи амалҳои рухдодаи мансуб ба падидаҳои иҷтимоӣ, объектҳо ва ҷараёнҳои омӯхташаванда муайян ва ҷамъбаст (хулоса) менамоянд.

Ё ин ки маълумотҳои заминавӣ, ибтидоиро оид ба объекти омӯхташаванда ҷамъоварӣ менамоянд. Ин намуди тадқиқотҳо дар соҳаи идоракунӣ матлаби нисбатан васеъ дошта, ҳамаи ҷузъҳои идоракуниро зимни баррасӣ ва омӯзиш қарор медиҳанд, аз ҷумла таҳқиқи:

- муносибатҳои субъективии субъектҳо;
- қарорҳои идоракунӣ, пешбинии оқибатҳо ва таваккалҳои онҳо;
- банақшагирии рушди фаъолияти ташкилот;
- манбаъҳои иттилоотонӣ;
- роҳбарият ва ҳайат ҳамчун объекти таъсиррасони идоракунӣ;
- робитаи бозгашт ҳамчун шароити зарурӣ барои амалисозии муносибатҳои таъсиррасонӣ;
- омилҳои таъсиррасон ҳамчун натиҷаи фаъолияти идоракунӣ.

Маълумотҳои ҷамъовардашуда тибқи қоидаҳои илмӣ-хулосавӣ коркард мегарданд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои таҷрибавӣ иттилооти репрезентативӣ (намояндагӣ) ҳосил мегардад, ки барои санҷиши вазъиятҳои (ҳолатҳо, ақидаҳо, далелҳои) назариявии зимни назарияи махсуси сотсиологӣ муайяншуда равона карда мешавад, ҳамчунин барои таҳияи назариёти оянда заминаи таҷрибавиро ташкил медиҳад.

Объекти тадқиқоти таҷрибавӣ - ин масъала, падида ва ё зуҳурот, ҷараён ва рӯйдоде мебошад, ки воқеан (ҳақиқатан) новобаста аз тафаккури инсон дар фазо ва вақти муайян мавҷуд мебошад.

Гурӯҳҳои воқеии иҷтимоӣ бо назардошти маҳал, вақт ва фазои муносибатҳо, ҷамъиятҳо, гурӯҳҳо ва ҷараёнҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

18.2 Тадқиқоти амалӣ, объект ва предмети он

Тадқиқотҳои амалӣ – намуди тадқиқотҳои илмие мебошанд, ки барои ҳалли амалии мушкилоти хусусияти техникӣ ва иҷтимоӣ дошта равона мегарданд.

Тадқиқотҳои амалӣ дар доираи сотсиологияи идоракунӣ ба сифати омӯзиши масъалаҳои зерин гузаронида мешаванд:

- омӯзиши қисмати (порчаи) алоҳидаи фаъолият;

– омӯзиши омил ё падидаи алоҳидаи иҷтимоӣ;
– омӯзиши аксуламали муҳити (доираи) кор(чаллонӣ) [бизнес] нисбат ба амали муайян;
– бо мақсади муайян намудани пешомадҳо (дурнамо).

Вазифаҳои тадқиқотҳои амалӣ иборатанд аз:

– дарёфти сабаби зуҳуроти аниқ;
– ҷараён ё вазъияти додашуда (муайян) ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мутобиқгардонии фаъолияти объекти идоракунӣ нисбат ба (дар) вазъияти таҳқиқшаванда.

Тадқиқот бо роҳу усулҳои гуногуни техникӣ – таҳияи тартибҳои интихобкунӣ (хостагирӣ), пурсишномаҳо, муайян намудани усулҳои миқдорӣ ва сифатии тадқиқоти ҳамаи ҷузъҳои ҷараёни идоракунӣ ва таҳияи усулҳои мувофиқи тадқиқот – гузаронида мешавад. Тадқиқот дар умум барномаеро ташкил медиҳад, ки аз сохтори хоси муносибатҳо иборат мебошад.

Сохтори барномаи тадқиқот аз ду қисмат: методологӣ ва тартибӣ иборат мегардад.

Қисмати методологии сохтори барномаи тадқиқот иборат аст, аз:

– ташреҳи (муайян кардани) мушкилот, объект ва мавзӯи (предмети) тадқиқот;
– муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот;
– аниқ ва тафсир намудани мафҳумҳои асосии тадқиқот;
– ташреҳи фарзияҳо (гипотезаҳо)-и корӣ.

Қисмати тартибии сохтори барномаи тадқиқот иборат аст, аз:

– тартиб додани нақшаи методии (принсипиалии) тадқиқот;
– асосноккунии низоми интихобкунии (хостагирии) воҳидҳои мушоҳидавӣ;
– муайян намудани тартибҳои асосии ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти сотсиологӣ (ҷамъиятӣ);
– тартиб додани нақшаи кории тадқиқот.

Тибқи барномаи тадқиқот баъзан мафҳумҳои доимоистифодашаванда рӯи кор меоянд, ки онҳоро мебояд шарҳ дод, аз ҷумла:

- Мушкилоти иҷтимоӣ нуқтаи оғози ҳар як тадқиқот буда, бо худ ихтилофоти иҷтимоии дар объекти мушаххаси иҷтимоӣ ба

вазъияти ҳалталаб (проблемавӣ) табдилёфтаро ифода менамояд. Яъне, мушкилоти иҷтимоӣ дар натиҷаи мухолифати иҷтимоӣ ва табдили объекти муайян ба проблема (мушкилот) пайдо мегардад, ки ҳалли он хоси омӯзишҳои сотсиологӣ мебошад.

- **Вазъияти ҳалталаб (проблемавӣ)** падидаи воқеиест, ки дар ҷараёни инкишофи мухолифатҳо байни дониш оид ба (донистани) талаботи одамон ба ягон кирдори назариявӣ ё амалӣ ва надонистани роҳ, восита ва усулҳои зарурии татбиқи ин кирдорҳо пайдо мешавад. Надонистани усулҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар навбати худ, сабабаш надоштани донишҳо оид ба қонунияти фаъолият ва рушди ҳамон объектҳое мебошад, ки барои ҳалли вазъият мусоидат менамуданд.

Вазъияти проблемавиро метавон ба ду ҷанба ҷудо намуд: а) омӯзиши ҳар як соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ - то ин ки таъсир расонидан ба ҳалли мухолифатҳои иҷтимоӣ, ки хосият ва табиати нофаҳмо доранд ва танзимнашаванда мебошанд, имконпазир гардад; б) татбиқи чораҳои амалӣ (мавзӯӣ) – зарур аст, ки барои ҳалли мухолифатҳои иҷтимоӣ кирдорҳои / амалҳои таъсиррасони иҷтимоӣ-ташкилии мақсаднок ба роҳ монда шаванд.

Объекти тадқиқоти амалӣ ҳама гуна муносибате мебошад, ки зимни омӯзиши мухолифати иҷтимоӣ вазъияти ҳалталабро (проблемавиро) боло мебарорад ва муносибатест, ки ба он ҷараёни воқифият (омӯзиш) равона гардидааст.

Предмети тадқиқоти амалӣ – сифат ва хусусиятҳои (аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалии) нисбатан муҳими объекти иҷтимоиро, ки мавриди бевоситаи омӯзиш қарор дода мешавад, фаро мегирад.

Агар мазмуни объекти тадқиқот аз субъект вобастагӣ надошта бошад, пас предметитадқиқот натиҷаи дарки амалҳои мутақобилаи субъект ва объектро ташкил медиҳад. Предмет дар сотсиологияи идоракунӣ ин маҷмӯи мафҳумҳо ва мушкилоти асосии мусоидаткунанда ба дарёфти қонунияти умумии фаъолияти иҷтимоӣ мебошад, ки таҳқиқи онҳо сохтори сотсиологияи идоракуниро муайян менамояд.

Ташаккулдиҳии мавзӯи (предмети) тадқиқот ҳам аз сифатҳои объект ва ҳам аз хусусиятҳои мушкилот иборат мебошад, ки ҳалли онҳо дар пеш меистад. Мавзӯи тадқиқот ҳамчун объект дар назар

дошта (омӯхта) мешавад, аммо ба он мувофиқат намекунад, яъне сарҳадҳоеро пеш мегузорад, ки дар ҳудуди онҳо объект мавриди омӯзиши амиқ қарор мегирад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Тадқиқот чист?
2) Ду шаклҳои тадқиқотро номбар кунед?
3) Тадқиқоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ) чиро меомӯзад?
4) Объекти тадқиқоти таҷрибавӣ чист?
5) Тадқиқоти амалӣ чист?
6) Роҳу усулҳои гузаронидани тадқиқотро номбар кунед.
7) Объекти тадқиқоти амалиро тафсир намоед.
8) Предмети тадқиқоти амалӣ чиро фаро мегирад?
9) Мавзӯи тадқиқот ҳамчун объект чӣ гуна ифода мегардад?

АДАДБИЁТ ВА МАНБАЪҲОИ ДИГАРИ МАЪЛУМОТ

1. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/logika_-_karamisheva_nv/obyekt_doslidzhennya_suchasnoyi_nauki.htm
2. Прикладные исследования. [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
3. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
4. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 19. ТАФСИРИ (ШАРҲИ) ТАДҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ

19.1 Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқоти сотсиологӣ

Аслан **ҳадафи тадқиқот, ин тасаввуроти инсон оид ба натиҷаҳои умумӣ ва ё фосилавии ҷустуҷӯ (кашфиёт, ихтироъ) мебошад**. Аммо ин муаққаррарот хусусяити умумӣ дошта, нисбат ба тадқиқотҳо аз рӯи намуд ва самтнокӣ тавзеҳ мегардад.

Ҳадафи тадқиқоти сотсиологӣ – ин тағйирдиҳии (тағйироти) вазъ ва ҳолати объекти омӯхташаванда, рушди низоми сохторӣ ва беҳтаргардонии шароитҳои амали (фаъолияти) он мебошад. Инчунин, ҳадафи тадқиқот ифодакунандаи самти умумии он буда, бо роҳи инкишофдиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ ба натиҷаҳои интизорӣ мерасад. Ба қатори ҳадафҳои тадқиқот метавон: баланд бардоштани сифати кории кормандон; паст намудани сатҳи шиддати нокомии маҳсулот, баланд бардоштании самаранокии истеҳсолот, рушди нерӯи зеҳнӣ, қобилиятнокии воҳидҳои корӣ ва ғайраро дохил намуд.

Вазифаи тадқиқот маҷмӯи қоидаҳои мушаххас ва мақсаднокест, ки талаботи асосӣ ва иловагиро барои таҳлил ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ташкил медиҳад; он бо воқеияти иҷтимоӣ робита дошта, таъсири омилҳои зиёди мутақобиларо имтиҳон (эҳсос) мекунад.

Вазифаи тадқиқоти сотсиологӣ ба ду қисм: асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешавад.

1) **Вазифаи асосӣ** мушкилоти хусусияти умумидоштаро фаро мегирад. *Мисол: муайян намудани омилҳое, ки ба паст гардидани сатҳи истеҳсолот дар ташкилот таъсир мерасонанд;*
2) **Вазифаи иловагӣ** ба ҳалли таркиби мушкилот равона мегардад. *Мисол: муайян намудани гурӯҳи камфаъоли кормандон, ки ба паст гардидани сатҳи истеҳсолот сабаб шудаанд.*

19.2 Роҳу усулҳои тафсири тадқиқот

Дар таҷриба се намудҳои тафсири тадқиқот мавҷуд мебошанд:

1) назариявӣ – кушодани мазмуни мафҳумҳо ба воситаи мафҳумҳои умумияташон кам;
2) таҷрибавӣ – муайян намудани нишонаҳои таҷрибавӣ, ки мазмуни мафҳумҳои асосиро мушаххас мегардонанд;
3) амалиётӣ (оператсионӣ) – тавассути амалиёти муайян андозаи (ченаки) нишонаҳои таҷрибавӣ бароварда шуда, нишондиҳандаҳои тафсири амалии (мушаххасгардонии) мафҳумҳо муқаррар карда мешаванд.

Мушаххасгардонии мафҳумҳо ду давраи пайдарҳамиро фаро мегирад: 1) давраи тартибдиҳии нишондиҳандаҳо, ки ба мушоҳида ва андозагирӣ хос мебошад ва 2) тавсифи мафҳуми нисбатан умумии ниҳоӣ ба воситаи нишондиҳандаҳо.

Барои мисол тартиби тафсири (шарҳи) яке аз мафҳумҳоро – «Шароитҳои иҷтимоӣ-истеҳсолии гурӯҳи корӣ (коллектив)» – иборат аз 6 сатҳ ё зина баррасӣ менамоем:

Якум, - мафҳуми *«Шароитҳои иҷтимоӣ-истеҳсолии гурӯҳи корӣ»* ***шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ,*** *ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, демографӣ, этникӣ, касбӣ, таълимӣ, иҷтимоӣ-гурӯҳӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ-психологиро* ифодамекунад.

Дуюм, - *«Шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ»* ифодакунандаи ***шароитҳои меҳнатӣ*** *ва истеъмолӣ* мебошад.

Сеюм, - *«Шароитҳои меҳнатӣ»* ифодакунандаи *мавқеи респондент (гурӯҳи мақсаднок) дар соҳаи меҳнат ва* ***муносибати респондент ба меҳнат*** мебошад.

Чорум, - *«Муносибати респондент ба меҳнат»* ифодакунандаи чунин қисматҳо мебошад: *қаноатмандӣ аз ҷузъҳои алоҳидаи ҳолати иҷтимоӣ-истеҳсолӣ (худбаҳодиҳӣ); баҳодиҳии аҳамиятнокии тағйиротҳо дар соҳаи меҳнат дар 2-3 соли охир; хоҳиши тағйир додани ҷойи корӣ;* ***воқеан тағйир додани ҷойи корӣ дар 4-5 соли охир.***

Панҷум, - *«Тағйир додани ҷойи корӣ дар 4-5 соли охир»* ифодакунандаи ***сабабҳои гузариш бинобар сабабнокии (далелнокии) шароити хуби меҳнатӣ*** мебошад;

Шашум, - *«Сабабҳои гузариш бинобар сабабнокии (далелнокии) шароити хуби меҳнатӣ»* ифодакунандаи ***амалигардонии мақсадҳои***

/ сабабнокии гузариш ҳамчун қарори самаранок оид ба ҳалли вазъияти проблемавӣ марбут ба меҳнат мебошад.

Ин мисол тақвият ба тартиби тафсири тадқиқот буда, асосан фарогири **нишонаи таҷрибавӣ** мебошад. Тафсири мазкурро метавон бо роҳи гузаронидани пурсиш ва гузоштани саволҳои муносиб амалӣ гардонид.

19.3 Фарзияҳои (гипотезаҳои) тадқиқот

Асоси тахминҳо ва ё фарзияҳои тадқиқот дар сарҳади байни мушоҳидаҳои рӯйдодҳои воқеӣ ва тарзу усулҳои шарҳи ин рӯйдодҳо ташаккул меёбад.

Сараввал таҳлили объекти тадқиқот овардани фарзияҳои умумиро нисбат ба мавзӯи тадқиқотталаб менамояд. Яъне, вобаста ба мавзӯи интихобгардида дар ибтидои тадқиқот мебояд фарзияҳои он коркард карда шаванд, сипас дигар қадамҳоро метавон татбиқ намуд.

Фарзияҳои ниҳоӣ бояд пай дар пай бо тартиби «аз кулл ба ҷузъ» («аз умумият ба ягонагӣ») мавриди коркард қарор дода шаванд.

Ҳангоми таҳияи фарзияҳо мебояд умумият ва мушаххасоти мафҳумҳо ба инобат гирифта шаванд. Зеро санҷиши фарзияҳои хулосавӣ танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, агар ҳамаи мафҳумҳои дар он истифодашаванда аз тафсири таҷрибавӣ (интерпретатсияи эмпирикӣ) гузаронида шуда бошанд (ниг. ба 17.2).

Фарзияҳо барои он ки мувофиқ ва нишонрас гарданд, бояд хусусияти пайдарҳамӣ ва робитавӣ дошта бошанд. Дар самти таъмини далелнокӣ ва мақбул гардидан мебояд ҳарчи **теъдоди зиёди фарзияҳои ба ҳам робита дошта пеш гузошта** (таҳия карда) шаванд, инчунин бисёр муҳим аст, ки **барои ҳар як фарзия теъдоди зиёди нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ** оварда шаванд.

Фарзияҳои тадқиқот ба якчанд гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- аз рӯи вазифаҳои тадқиқот - асосӣ ва иловагӣ;
- аз рӯи зинаи коркард/таҳиясозӣ ва асноккунӣ - аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа;
- аз рӯи таркиби тахминҳои марбут ба мавзӯи мушкилоти тадқиқот – тахминҳои тасвирӣ(тасаввурот) оид ба таркиби асосии объектҳо дар ҳамбастагӣ ба ҷузъҳои алоҳидаи

объекти омӯхташаванда (**сохторӣ**) ва тахминҳои шарҳдиҳанда фарогирандаи зинаи робитаҳои зичи амалҳои мутақобила;

- аз рӯи зинаи умумият – асосҳо ва оқибатҳо (натиҷаҳо).

19.4 Давраҳои татбиқи тадқиқоти амалӣ дар объектҳои идоракунӣ

Дар қисмати мазкур тарзу усулҳои ташкили тадқиқоти сотсиологӣ дар объектҳои идоракунӣ баррасӣ карда мешаванд, ки барои самаранокии фаъолияти ҳар як ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Барои ташкилотҳо ҷиҳати танзим ва рушди фаъолият ва муайян намудани муносибатҳои хоси иҷтимоӣ ташкили тадқиқоти амалӣ хос мебошад, зеро таркиби он ба муносибатҳои идоракунӣ мувофиқ буда, натиҷаҳои дастрас ва дидашавандаро пешниҳод менамояд.

Тадқиқоти амалӣ ба якчанд давраи ташкилӣ ҷудо мешавад, ки он дар шакли ҷадвал манзур мегардад (Ҷадвали 14).

Ҷадвали 14

Давраҳои ташкилӣ	**Тарзу усулҳо (тавсияҳо)**
Давраи якум	1) Бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ бо назардошти иттилооти мавҷуда вазъи ташвишангези ташкилот таҳлил карда шавад. 2) Рӯйхати умумии мушкилот тартиб дода шуда, дар он мушкилоти нисбатан ҳасос, муҳим ва аввалиндараҷа ҷудо карда шаванд. 3) Мушкилот ва ё проблемаҳои ҷудокардашуда дар асоси робита ва ҳамбастагии умумӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд. 4) Объекти тадқиқот бар асоси мушкилоти гурӯҳбандишуда муайян карда шавад.
Давраи дуюм	Таҳияи нақша ва ё барномаи амалиёти тадқиқот бо тарзу усулҳои зерин: 1) Ҷустуҷӯи таҷрибаҳои пешрафта; 2) Ҷамъбаст кардани маълумоти дар давраи якум дастрас гардида; 3) Ташхиси маълумоти ҷамъбастшуда тавассути мусоҳиба (гуфтушунид, вохӯриҳо) бо мутахассисони ботаҷриба; 4) Муҳокима намудани мақсаднокии чорабиниҳои имконпазир бо усулҳои интерактивӣ: фокус-гурӯҳҳо, ҳуҷуми фикрҳо, кор дар гурӯҳҳои хурд ва ғайра; 5) Муайян намудани масъулон аз рӯи корҳои ташкилӣ: самтҳо, вазифаҳо ва усулҳои амалисозӣ, василаҳои амалиёт, таъмини захираҳо ва ғайра; 6) Ташхиси фарзияҳо (муносиб будани натиҷаҳои интизорӣ) тавассути суҳбат (пурсиш) бо зертобеон (сохторҳо) ва гирифтани назари онҳо бобати объекти тадқиқот ва натиҷаҳои он.
Давраи сеюм	Амалисозии қарорҳо ё пешниҳодҳои тавсияшуда дар натиҷаи тадқиқот бо тартиби зерин:

	1) Озмоиши (омӯзиши) қарори тавсияшуда барои татбиқ дар яке аз зерсохторҳо (воҳидҳои сохторӣ); 2) Амалисозии қарори тавсияшуда (ҳамчун замина) дар яке аз зерсохторҳо (ҳамоне, ки аз (давраи) озмоиш гузашт); 3) Амалисозии пурраи қарори тавсияшуда дар тамоми низоми идоракунии ташкилот (агар дар зинаҳои озмоишӣ ва заминавӣ муваффақиятро соҳиб гардида бошад).

Дар тадқиқоти амалӣ таваҷҷуҳи махсус бояд ба асосноксозӣ ва ё баҳогузории сатҳи таъсиррасонии (манфиатоварии) қарорҳои пешниҳодгардида зоҳир карда шавад. Масъалаеро бояд ба инобат гирифт, ки таъсиррасонӣ набояд фарогири танҳо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бошад, чуноне ки одатан рух медиҳад. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муҳим мебошанд, вале дар тадқиқоти мазкур онҳо хусусияти дуюмдараҷа доранд.

Дар ин росто масъалаи муҳим таъсиррасонии иҷтимоӣ мебошад, ки он бояд ба навовариҳо, ба монанди шаклҳои нави идоракунӣ, кор ва хизматрасонӣ асос ёбад. Илова бар ин, дастоварди муҳим на теъдоди навовариҳо, балки натиҷанокӣ ва сифати навовариҳо бояд бошад. Барои ин зарур аст, ки сатҳи таъсиррасонии иҷтимоии навовариҳо зимни **тадқиқоти назоратӣ** қарор дода шавад. Дар ин тадқиқот низ усулҳои қаблиро, ба монанди баҳогузории коршиносон, пурсиш, мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, иттилооти мавҷуда ва ғайра метавон истифода бурд.

Барои тадқиқоти назоратӣ зарур нест, ки тамоми объект аз нав мавриди омӯзиш қарор дода шавад; кифоя аст, ки он аз рӯи ҳиссаҷудокунӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои муҳим, намояндагии гурӯҳҳои мақсаднок, қишрҳои аҳолӣ, маҳаллаҳои зист ва ғайра амалӣ гардонида шавад.

Зимни баҳогузории таъсиррасонӣ мебояд ба таркиби сохтории қаноатмандии умумӣ таваҷҷуҳ кард, чунки маҳз дар ҳамин ҷо метавон тағйироти куллиро пайдо / ошкор намуд.

Нуқтаи муҳим он аст, ки таъсиррасонии иҷтимоӣ дар ҷойивазкунии мушкилот - аз як доира ба доираи дигар ва ё аз як

сатҳ ба сатҳи дигар - пай бурда (мушоҳида) мешавад, на ин ки он (мушкилот) пурра бартараф мегардад.

19.5 Баъзе тавсияҳо барои ҷомеашиносон

Ҷамъиятшиносӣ касбест, ки ҳамбастагии бевосита ба ҷамъият дошта, дар роҳи ҳифзи манфиатҳо ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мегардад. Агар табиб ба саломатии ҷисмонии инсон сару кор дошта, масъулияти ҳифзи ҳаёти инсонро бар душ дошта бошад, пас ҷомеашинос бо саломати рӯҳӣ ва ё равонии инсон сару кор дошта, масъулияти танзим, инкишофдиҳӣ ва ба самти муносиб равона намудани муносибатҳои маънавӣ-касбии инсонро бар уҳда дорад. Инчунин, дар ҳолате ки масъулияти табиб ба як нафар ва дар як вақт паҳн мегардад, масъулияти ҷомеашинос гурӯҳи одамонро дар як вақт фаро мегирад, яъне аз табиб дида масъулияти ҷомеашинос зиёдтар ва васеътар мебошад.

Ҷомеашинос, аз ҷумла тадқиқотчӣ дар амалӣ намудани корҳои тадқиқотӣ на ҳуқуқи маънавӣ ва на ҳуқуқи касбии хато карданро надорад. Ҳамзамон, тадқиқотчӣ набояд, ки ба фаттонат ва найранги фармоишгар (дар баъзе ҳолатҳо) моил гардад (дода шавад) ва дидаву дониста самти тадқиқотро ва ё натиҷаҳои онро дигар созад ё ин ки тағйир диҳад.

Дар ин ҷараён ҳамчунин таҳдиди (тариқи пешниҳоди маълумоти нодурст ва бофта) ВАО дар баробари дастгирӣ метавонад таъсиррасон бошад, ки тадқиқотчиро мебояд рӯ ба далелҳои ошкоргардида биёрад ва ба ингуна таҳдидҳо истодагарӣ (муқовимат) намояд.

Барои эмин будан аз ҳамагуна хатокорӣ ва анҷом додани матлаб ва қарзи касбӣ зарур аст, ки:

1) дар доираи нақша ва ҷузъҳои воқеии илмӣ-назариявӣ ва методии тадқиқот фаъолият намуд ва набояд ба назарҳо ва тавсияҳои берунӣ нисбат ба муайян намудани масъалаҳои тадқиқот роҳ дод;
2) ҳангоми таҳияи пурсишномаҳо ҳамеша барои дур шудан аз саволҳои мушкил ҷой гузошта (вазъият фароҳам оварда) шавад, ба монанди «намедонам», «ба ҷавоб мушкилӣ мекашам» ва ғайра;

3) талаботи интихоби намояндагиро (репрезентативиро) ва ё дигар шаклҳоро ҷиддан бояд риоя намуд;
4) дар ҳисобот ё гузориш ҳиссаҳои эҳтимолии хатошавиро дар ҳадди муайян, вале на беш аз 4-5% бояд тавзеҳ дод;
5) маълумоти тадқиқот ва шарҳи он дар алоҳидагӣ оварда шавад, ҳеҷ мумкин нест, ки онҳо ба якдигар омехта карда шаванд, зеро маънӣ ва мантиқи масъалагузорӣ коста ва душворфаҳм мегардад;
6) мавриди пешниҳоди натиҷаи тадқиқот ба ВАО бояд сатҳи фаҳмиши омма ва интизории онҳо аз маълумоти калидӣ ба инобат гирифта шавад, эҳтимол натиҷаи тадқиқотро зарур мегардад, ки ба ду қисм ҷудо намуд: касбӣ ва оммавӣ;
7) натиҷаи тадқиқот на ҳамеша қобили қабули ҳамаи субъектҳои асосӣ мегардад ва метавонад норозигиро ба миён биёрад, вале тадқиқот илм аст ва он ба далелҳо ва нишондиҳандаҳо асос меёбад, яъне ҳеҷ мумкин нест, ки натиҷаи бадастоварда дар шакли мувофиқ ба табъи гурӯҳи муайяни субъектҳо тағйир дода шавад;
8) пешбинии бонизом ва дақиқ барои ҷамъиятшинос обрӯй, эътибор ва нуфуз мебошад, ки дар ниҳоят ба қаноатмандии субъектҳо ва пешрафти ҷомеа / ташкилот боис мегардад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Ҳадафи тадқиқотро шарҳ диҳед.
2) Вазифаҳои тадқиқоти сотсиологӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
3) Се намудҳои тафсири тадқиқотро номбар кунед.
4) Асоси фарзияҳои тадқиқотро тавзеҳ диҳед.
5) Фарзияҳои ниҳоии тадқиқот кадомҳоянд?
6) Ҷамъиятшиносӣ чӣ гуна касб аст?

АДАДБИЁТ ВА МАНБАЪҲОИ ДИГАРИ МАЪЛУМОТ

1. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/
2. Прикладные исследования. [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
3. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
4. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 20. УСУЛҲОИ ИНТИХОБ (ХОСТАГИРӢ) ДАР ТАДҚИҚОТИ ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНӢ

20.1 Усулҳо, гурӯҳҳои мақсадноки тадқиқот ва воҳидҳои интихоб

Пеш аз ҳама зарур аст, ки ба мафҳуму моҳияти интихоб ё хостагирӣ сарфаҳм равем. Интихоб ба маъноҳои хоста гирифтан, хосташуда, писанддидан, мақбул, мунтахаб, барҷаста, бартаридошта, ҷудо карда гирифтан, чида гирифтан, гулчин, якачин ва ғайра фаҳмида мешавад.

Ҳангоми ба масъала ва ё мушкилоти муҳиме дучор омадан ин тарзи амал истифода карда мешавад, яъне интихоб ҳамчун усули ҳалли афзалиятноки мушкилот ба кор бурда мешавад.

Усулҳои интихоб (хостагирӣ), ин тарз, роҳ ва равишҳои ҷудо кардани намояндагии субъектҳо ва ё объектҳо дар ҷараёни баргузории тадқиқот мебошад.

Ба сифати мавзӯи асосии (предмети) тадқиқот теъдоди зиёди объектҳо ва субъектҳо мавриди омӯзиши қарор дода мешаванд, ки дар умум онҳоро **«маҷмӯи умумӣ»** ё ин ки **«гурӯҳҳои мақсаднок»** метавон ном гирифт.

Гурӯҳҳои мақсаднок дар ҷараёни тадқиқот аз рӯи нишонаҳои махсус аз байни одамон (донишҷӯён, кормандон, занон ва ғ.) ва ташкилотҳо ҷудо карда мешаванд, ки байни онҳо метавон ба осонӣ фарқ гузошт.

Дар ҷараёни тадқиқот якчанд принсипҳои муайян ҷорӣ карда мешаванд, ки яке аз онҳо ин мавриди омӯзиш қарор додани танҳо намояндагӣ ё аъзои гурӯҳҳои мақсаднок мебошад. **Интихоби намояндагии** гурӯҳҳои мақсаднок бояд тавреба роҳ монда шавад, ки зимни омӯзиши (таҳқиқи) ҳар қадар (теъдоди) ками онҳо (намояндаҳо) кафолати фаро гирифтани манфиатҳои ҳамаи (теъдоди зиёди) аъзои гурӯҳҳои мақсаднок таъмин карда шавад. Яъне, интихоби дуруст имкон медиҳад, ки бо масрафи ками вақт, маблағ ва қувваи зеҳнию ҷисмонӣ натиҷаи зиёд ва босифат ба даст оварда шавад.

Гурӯҳҳои мақсаднок дар тадқиқот аз **воҳидҳои интихобӣ** ва **мушоҳидавӣ** иборат мебошанд, ки онҳоро ҷузъҳои маҷмӯи умумӣ низ меноманд.

Воҳидҳои интихобӣ зимни татбиқи тарзу усулҳои хостагирӣ ҳамчун воҳидҳои ҳисоб истифода мешаванд, яъне вазифаи асосии онҳо ба танзим даровардани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ мебошад.

Мисол: Зарур аст, ки сатҳи дониши донишҷӯёни соли таҳсили дуюми Донишгоҳи миллӣ, ки 500 нафар мебошанд, дар муҳлати то ду рӯз муайян карда шавад. Мушкилӣ дар он аст, ки дар ин муҳлати кам омӯзиши сатҳи дониши ҳар як донишҷӯ имконнопазир аст. Зимнан, бо усули хостагирӣ аз рӯи чор нишондиҳанда, ба монанди "ҷинс", "аълохон", "сустхон" ва "фаъол" ва аз ҳар гурӯҳ 4 нафар (як нафар/ нишондиҳанда) намоянда интихоб карда шуда, зимни пурсиш/омӯзиш қарор дода мешаванд.

Дар ин ҷо нақши калидиро ҳисоб мебозад, яъне, аз рӯи воҳидҳои ҳисоб аз байни 500 нафар барои гузаронидани пурсиш 80 нафар донишҷӯ интихоб карда мешаванд, ки тадқиқот ва натиҷанокии онро дар муҳлати муқарраршуда имконпазир мегардонад.

Воҳидҳои мушоҳидавӣҷузъҳои интихоби намояндагӣ буда, бевосита зери мушоҳидаи оморӣ қарор дода мешаванд.

Мисол: Зарур аст, ки сатҳи дониши донишҷуёни соли таҳсили дуюми Донишгоҳи миллӣ, ки 500 нафар мебошанд, дар муҳлати то ду рӯз муайян карда шавад. Мушкилӣ дар он аст, ки дар ин муҳлати кам омӯзиши сатҳи дониши ҳар як донишҷӯ имконнопазир аст. Аммо оид ба ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва рафтории ҳар як донишҷӯ дар сохторҳои муайяни Донишгоҳ маълумот ҷамъоварӣ мегардад. Зимнан, омор ва ё маълумоти омории ҳар як донишҷӯ аз рӯи "ташриф (иштирок дар дарсҳо"), "муваффақият (натиҷаҳои имтиҳонӣ)" ва "рафтору кирдо"р дар муҳлати ду соли охир ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, хулосаҳои зурурӣ бароварда мешаванд.

Дар ин усул нақши асосиро мушоҳида – мушоҳидаи ҷараёни донишандӯзии гурӯҳи мақсаднок аз рӯи маълумоти оморӣ / фардӣ мебозад, ки он зарурати вақти зиёд сарф кардан - бо донишҷӯён бевосита робита доштанро аз байн мебарад.

Воҳидҳои интихобӣ ва мушоҳидавӣ дар якҷоягӣ **объектҳои иҷтимоиро** ташкил дода, хусусиятҳои хоси идоракуниро, ки барои мавзӯи (предмети) тадқиқоти махсусгардонидашуда хеле муҳиманд, соҳиб мебошанд.

Дар тадқиқот тамоми маълумот бо усули интихоб (хостагирӣ) ба роҳ монда мешавад ва дар баъзан ҳолатҳо хатогиҳои гуногуни хусусияти оморидошта пайдо мегарданд, ки **хатогиҳои сабтӣ** ном гирифта мешаванд. Сабаби хатогиҳо бошад, асосан бинобар пешниҳод гардидани маълумоти нодуруст аз ҷониби пурсидашаванда (респондент) ё субъект ва сабти (коркарди) нодурусти маълумоти қабулкардашуда мебошад.

Хатогиҳои сабтиро метавон ба ду намуд: систематикӣ ва тасодуфӣ ҷудо намуд.

Хатогии систематикӣ хатогие мебошад, ки байни воҳидҳои интихобӣ ва мушоҳидавӣ фарқият мегузорад.

Мисол: дар натиҷаи пурсиш маълум карда шуд, ки дар шаҳри Душанбе ба ҳисоби миёна ба ҳар як оила 5-6 аъзо рост меояд, вале омори расмӣ (барӯйхатгирӣ) нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ҳар як оила 7 аъзо дорад. Хатогӣ дар он аст, ки пурсидашудагон ба саволҳо нодуруст посух додаанд.

Хатогии тасодуфӣ асосан дар натиҷаи саҳвҳои гуногуни оморӣ дар ҷараёни мушоҳида ташкил меёбад ва ба низоми сабт ё бақайдгирӣ ва гурӯҳҳои мақсаднок вобастагӣ надорад. Саҳв дар воҳидҳои алоҳидаи мушоҳидавӣ гуногунсамт буда, ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои сабт якдигарро мутақобилан ҷуброн мекунанд (мепӯшонанд).

Дар баробари ин, зимни тадқиқот бо усулҳои хостагирӣ **хатогиҳои амалӣ** низ ҷорӣ мебошанд, ки одатан ҳангоми риоя накардан ва ё дур шудан аз нақшаи хостагирӣ пайдо мегарданд.

Яке аз чунин ҳолатҳо ин **иваз кардани воҳидҳои мушоҳидавии нақшавӣ бо дигар воҳидҳои нисбатан дастрас, содда, оддӣ** ва ғ. (берун аз нақша) мебошад, ки дар натиҷа камсифатии онҳо (нисбат ба воҳидҳои нақшавӣ) ба вуҷуд меояд. Ин намуди хатогӣ хусусияти дохилӣ дошта, метавонад бинобар интихоби нодурусти мусоҳибон, омода набудани кадрҳо, омӯзиши дуруст нагирифтани мусоҳибон ва ғайра ба вуқуъ пазирад.

Мисол: вазифа гузошта шуда буд, ки мусоҳибон барои муайян кардани сатҳи дониши се гурӯҳҳои хонандагони синфҳои 9, 10 ва 11 пурсиш гузаронанд, вале мусоҳибон пурсишро танҳо дар байни се гурӯҳи синфҳои 9 мегузаронанд.

Яъне, дар ин ҷо танҳо яке аз нишондиҳандаҳо, миқдор, фаро гирифта мешавад, аммо нишондиҳандаи дигар – намояндагӣ, синнусол, қобилият ва ғ., ки хусусиятҳои сифатии гурӯҳи мақсаднокро муайян менамуд, фаро гирифта намешавад. Дар натиҷа, бинобар ба инобат нагирифтани талаботи асосӣ ҷамъбасти пурсиш нисбат ба гурӯҳи мақсаднок ғайриимкон гардида, тадқиқот номуваффақ баҳогузорӣ мегардад.

Дигар ҳолати хатогӣ, ин **фарогирии нопурраи гурӯҳҳои мақсадноки интихоб(шуда)ӣ мебошад**, яъне саҳви тадқиқот аз рӯи воҳидҳои мушоҳидавӣ.

Мисол: Гирифтани назари шаҳрвандон ҷиҳати ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ тариқи пурсиши фосилавӣ (интернет) ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа маълумоти ҷамъоваригардида (тибқи пурсишномаҳои зимни коркард қарор дода шуда) имконпазирӣ, муносиб будан ва зарурат доштани ин шакли таҳсилотро тасдиқ менамояд. Мувофиқан бо назардошти натиҷаи тадқиқот шакли таҳсилоти фосилавӣ дар низоми маориф ҷорӣ карда мешавад. Аммо ҳадафи асосӣ - истифодабарандагони (таълимгирандагони) таҳсилоти фосилавӣ бояд камаш 10 ҳазор нафарро ташкил медод – амалӣ намегардад, таълимгирандагони фарогирифташуда ҳамагӣ 3 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

Дар ин ҷо хатогӣ дар он буд, ки: 1) тадқиқот танҳо назари қисми шаҳрнишини аҳолиро фаро мегирад, яъне намояндагии гурӯҳҳои мақсаднок пурра фаро гирифта намешавад, чунки дастрасӣ ба интернет танҳо 70% аҳолии шаҳрнишин доштанд, мардуми деҳот бошад, аз ин навъи хизматрасонӣ дар канор буданд; 2) ҳангоми таҳлили (коркарди) пурсишномаҳо имконият ё дастрасии шаҳрвандон ба алоқаи интернет ва ё аҳамиятнокии назари аҳолӣ аз рӯи намояндагии ҳам шаҳру ҳам деҳот ба инобат гирифта нашуда буданд.

Дар ин сурат низ, новобаста аз анҷом ёфтан ва зимни амал қарор дода шудани натиҷаҳо, тадқиқот номуваффақ арзёбӣ мегардад.

20.2 Интихоб ё хостагирии намояндагӣ (репрезентативӣ)

Хостагирӣ ё интихоб аз рӯи намояндагӣ хусусиятҳои асосии маҷмӯи гурӯҳҳои мақсаднокро ташкил медиҳад.

Таркиби интихобе, ки хусусиятҳои асосии маҷмӯи гурӯҳҳои мақсаднокро инъикос менамояд, намояндагӣ ном мегирад.

Қоидаи (принсипи) асосии ташкили хостагирӣ, ин фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи ҷузъҳои гурӯҳҳои мақсаднок ҷиҳати интихоб шудан ҳамчун намоянда мебошад. Яъне, ҳангоми ташкили самараноки тадқиқот тамоми шароитҳо фароҳам оварда мешаванд, то ин ки намояндагии ҳамаи гурӯҳҳои мақсаднок имконияти интихоб гардидан доштабошанд. Вале, новобаста аз эҳтиёткорӣ ва риояи пурраи ин принсип эҳтимолияти ҷой доштани таҳриф (ғалатнокӣ) зимни интихоб боқӣ мемонад, ки он ба усул ва тарзи ташкили интихоб хос мебошад. Ин хатогӣ барои он ба миён меояд, ки ҳангоми хостагирӣ на ҳамаи воҳидҳои (аъзои) гурӯҳҳои мақсаднок таҳқиқ карда мешаванд, балки танҳо интихобшудагон. Ин муносибатро хатогии тасодуфӣ низ меноманд.

Ҳамин тариқ, интихоб аз рӯи намояндагӣ аз ду хатогӣ: **хатогӣ аз рӯи сабт** (бақайдгирӣ) ва **хатогии тасодуфӣ** иборат дониста мешавад.

Зимнан тадқиқот бо ду усул 1) **яклухт** ва 2) **интихоби (хостагирии) намояндагӣ** ташкил карда мешавад. Ҳар ду усул низ эҳтимоли хатогиҳо доранд. Дар усули яклухт, яъне зимни тадқиқот қарор додани ҳамаи аъзои гурӯҳ(ҳо)и мақсаднок эҳтимолияти хатогии тасодуфӣ кам мегардад, вале бинобар ҷалб намудани воҳиди зиёди корӣ эҳтимолияти хатогии сабт зиёд мегардад.

Тадқиқот аз рӯи интихоби намояндагӣ бештар ба тадқиқотҳои таҷрибавӣ хос мебошад. Хусусияти тадқиқоти таҷрибавӣ дар он аст, ки он танҳо ба ҷамъоварии маълумоти оморӣ асос намеёбад, зеро он қоидаи илмӣ мебошад, мувофиқан истифодаи усулҳои махсуси интихоби иттилоот, инчунин технологияҳои сотсиологиро ба монанди хостагирӣ амалӣ мегардонад.

Шаклҳои интихоб дар тадқиқот иборатанд аз:

- **Интихоби тасодуфӣ ё эҳтимолӣ** - барои дастёб гардидан ба маълумоти нисбатан дақиқ мусоидат менамояд ва ин усул барои ҳамаи аъзои гурӯҳи мақсаднок имконияти баробари интихоб шуданро ба сифати иштирокчии тадқиқот (пурисдашаванда) фароҳам меорад.

- **Интихоби муайяншуда (детерминавӣ)** – бар асоси далелҳои мушаххас ташкил меёбад ва муайян менамояд, ки - кӣ пурсида мешавад, кай ва дар куҷо. Ин усул ба гурӯҳҳои машғул ва касбӣ,ки ҳаракат ёфаъолияти мунтазами муайян доранд хос мебошад;зеро бояддақиқ карда шавад, ки ки(ҳо) дар кадом вақт / рӯз дар куҷо ҷамъ меоянд, то бо онҳо пурсиш гузаронида шавад.
- **Интихоби тасодуфии ниҳоят баланди (максималии) дақиқ** – аз рӯи рӯйхати намояндагиҳои гурӯҳ(ҳо)и мақсаднок, ки танҳо фарогири ному насаб мебошад, гузаронида мешавад.

Се намудҳои асосии хостагирӣ дар тадқиқот мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба принсипҳои хос асос меёбанд.

1) **Хостагирии номуташаккил** – аз рӯи принсипи ихтиёрӣ ва дастрасӣ ташкил мегардад ва каммасраф мебошад. Аз ин рӯ, ин усул дар таҷриба бештар истифода мегардад, аммо таъмини сифати намояндагӣ (интихоб аз рӯи намояндагии гурӯҳҳои мақсаднок) дар ин усул имконнопазир мебошад;
2) **Хостагирии тасодуфӣ (эҳтимолӣ)** - барои ҳар як намояндаи гурӯҳҳи мақсаднок имконияти баробари интихоб шуданро ба сифати иштирокчии тадқиқот (пурсидашаванда) фароҳам меорад. Мутаносибан усули муфид ва муносиб арзёбӣ мегардад, аммо заҳмати зиёд талаб менамояд;
3) **Хостагирии ҳиссавӣ** – аз рӯи нишондиҳандаҳои синнусолӣ, ҷинсӣ, аққалиятӣ, қишрӣ ва ғайра ташкил карда мешавад. Ин усул низ самаранок ба ҳисоб меравад, вале имконияти иштироки баробари аъзои (намояндагии) гурӯҳи мақсаднокро дар тадқиқот фароҳам намеорад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Усулҳоиинтихобӣваёхостагириротафсирнамоед
2) Гурӯҳҳоимақсаднокдартадқиқотазкиҳо иборатанд?
3) Воҳидҳои интихобӣ чӣ гуна истифода мешаванд?
4) Воҳидҳои мушоҳидавиро тафсир диҳед
5) Хатогии систематикӣ дар тадқиқот чист?

6) Хатогии тасодуфӣ дар тадқиқот чӣ гуна ташкил меёбад?
7) Интихоби тасодуфӣ барои кадом амалҳо муосидат менамояд?
8) Интихоби муайяншуда чист?

АДАДБИЁТ ВА МАНБАЪҲОИ ДИГАРИ МАЪЛУМОТ

1. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/logika_-_karamisheva_nv/obyekt_doslidzhennya_suchasnoyi_nauki.htm
2. Прикладные исследования. [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
3. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
4. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 21. ПЕШБИНӢ ВА ПЕШГӮИИ ИҶТИМОӢ: УСУЛҲОИ ТАТБИҚ ВА АМАЛИСОЗӢ

21.1 Заминаҳои назариявии пешбинӣ ва пешгӯӣ

Ҳаёту фаъолияти инсон бисёр мураккаб ва печутобдор аст. Барои ҳар як шахс пеша намудани ҳаёту фаъолияти худ ба самти муайян, мақсаднок ва эмин будан аз ҳар гуна нокомӣ ва ногувориҳо осон нест. Барои ин, ба шахс қобилият, серҳаракатӣ, кӯшишу талош ва илму дониши кофӣ зарур мегардад, аммо ин хусусиятҳоро низ на ҳар кас соҳиб мебошад ва ё соҳиб шуда метавонад, ба ҷуз шахсони соҳиби иродаи қавӣ, хирад, маънавиёти комил, рӯҳияи устувор ва ахлоқи ҳамидаю нексиришт.

Шахсони қобилиятнок ва хирадманд на танҳо дар ҳаёту фаъолияти шахсӣ пешраванда ва муваффақ мегарданд, балки пешбаранда ва рушддиҳандаи ҳаёти ҷамъиятӣ низ мебошанд. Дар амалӣ намудани ин матлаби насибгашта ҳамчун рукни фаъолият барои инсон, ин падидаи “пешбинӣ” ва “пешгӯӣ” мебошад, ки он дар шаклҳои гуногуни илмию амалӣ дар муносибатҳои ҳаррӯзаи ҷомеа, аз ҷумла зимни идоракунии ҳаёти шахсию касбӣ дида мешавад.

Пешбинӣ яке аз шаклҳои муҳим ва аҳамиятноки инъикоси пешрафтаи воқеият мебошад, ки барои муайян кардани падидаҳои иҷтимоии оянда ё ҳозираи номаълум нигаронида шудааст. Яъне, пешбинӣ барои инсон вазъияти воқеии ҳаёти ҳозира ва ё ҷараёнҳои ояндаро дар зиндагӣ тасвир (намоён) менамояд.

Ҳамчунин, **пешбинӣ - ин муайян кардани падидаҳои табиӣ ва ҷамъиятии алоқаманд ба оянда ва ё дар ҳолати ҳозира номаълум, ки ошкор кардани онҳо низ имконпазир аст, мебошад.**

Пешбинӣ дар ҷамъият ҳамчун пешгӯии муқаррарӣ ва пешбинии марбут ба хосиятҳои таҷрибаи ҳаётӣ ё халқӣ ташаккул гардида, баъдан ба шаклҳои гуногуни дуруғбофӣ ба сифати фолбинӣ, ғайбгӯӣ, дурбинӣ, валигӣ ва ғайра табдил ёфта, рушд мекунад. Бинобар роиҷ будани дуруғбофӣ, пешбинӣ дар байни кулли ҷомеа нақши воқеии худро гум кардааст ва ба он, чӣ аз назари ақоиди динӣ ва чӣ аз назари меъёрҳои дунявӣ муносибати

манфии ҷамъият ҳамчун сифати ғайриинсонӣ хос гардидааст. Дар ҳақиқат дар ҷамъияти эътиқодмандон, аз ҷумла мусулмонон рукнҳои асосии ҳаёту фаъолият ва муайянсозии тақдири инсон хоси Худованд - Офаридгор замину осмон мебошад ва тамоми илму ҳаводиси дунёӣ низ аз Ӯст ба ҷуз баъзе қисматҳо, ки ба инсон дар шакли ақл ва хираду инсонӣ (сураи «Оли имрон», Қуръони Карим) вогузор шудааст. Дар ин мавзуъ маҳз ҳамин қисмати илму маърифат ва хираду тавоноии инсонӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ баҳри таҳкими ҳаёти ояндаи ҷомеа қарор дода мешавад ва умедворем, ки он зимни истифодаи босамар барои ҳаёти инсон ва муносибатҳои идоракунии ӯ дар фаъолияти касбию шахсӣ таъсирбахш мегардад.

Аммо воқеият ва асли хирад ин аст, ки **пешбинӣ ҳамчун рукни илм солҳои 585 п.м. падид омада, ҳамагӣ дар асри XX дар шакли соҳаи махсус илм «футурология»** ташаккул меёбад. Мафҳуми «футурология» соли 1943 аз ҷониби олими немис О.Флехтхейм бо маънии фалсафаи оянда пешниҳод гардидааст. Дар солҳои 1960-ум ин илм равнақ ёфта, ҳамчун «таърихи оянда» ва «илм дар бораи оянда» шинохта мешавад. Дар охирҳои солҳои 60-ум бинобар ҷой доштани бисёр номуайяниҳо ин илм ҳамчун «тадқиқоти оянда» номгузорӣ мегардад. Дар натиҷа пешбинии иҷтимоӣ ҳамчун сохткории (моделикунонии) асосноккардашуда ва мантиқан ба вазъияти ояндаи ҷамъият, ҷараёнҳо ва падидаҳои алоҳида мухолифат надошта ифода меёбад.

Аз инҷо бармеояд, ки пешбинӣ, ин фолбинию дуруғбофӣ ва ё хурофотгароӣ набуда, як ҷузъи илми иҷтимоию сиёсиест, ки баҳри беҳбуди ҳаёти инсон нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, тадқиқотҳои ояндаи ҷомеа дар як чанд самт ҳамчун натиҷаи усули “пешбинӣ” сурат мегирад:

- солҳои 60-ум назарияҳои техникӣ аз ҷониби Г. Кан, Р. Арон, Ж.Фурасте ва ғайра марбут ба рушд ёфтани ҷомеа дар самти техникӣ-иқтисодӣ ба амал мебароянд;
- қисме аз олимон (Д. Белл, Ф. Бааде ва ғ.) мушобеҳ шудани капитализм ва сотсиализмро хулоса менамоянд;
- гурӯҳе аз олимон ногузир будани фалокати ҷаҳониро ба тараққиёти Ғарб марбут ба таҳаввулоти илмӣ-техникӣ пешбинӣ менамоянд.

Яъне, новобаста аз он ки пешбинии муҳаққиқон ва олимони асрҳои гузашта татбиқи худро наёфтаанд ё ёфтаанд дар илми идоракунӣ пешбинӣ ҳамчун рукни аҳамиятнок барои бисёр соҳаҳо истифода мегардад ва натиҷаҳои хуб ба бор меорад.

21.2 Пешбинии иҷтимоӣ

Пешбинии илмӣ асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: 1) табиӣ-илмӣ ва 2) иҷтимоӣ.

Пешбинии табиӣ-илмӣ дурнамои (ояндаи) рушди табиат ё падидаҳои алоҳидаи онро меомӯзад, ба мисоли пешгӯии обу ҳаво, хуруҷи вулқон, омадани туфон ва ғайра.

Пешбинии иҷтимоӣ ояндаи рушди фард (шахсият) ва ҷамъиятро меомӯзад, ба мисоли пешравӣ дар мансаб, интихоб шудан ё эътироф гардидан дар ҷамъият ва ғайра.

Пешбинӣ дар бисёр ҳолатҳо ба ду маъно тафсир мегардад: 1) **пешгӯии** рӯйдодҳо ва 2) **дониши** бартаридошта оид ба рӯйдодҳо ва падидаҳои мавҷуда, ки дар амалия татбиқи худро наёфтаанд.

Мухолифати байни ин ду мафҳум (дар маънии дуюм) ба он асос меёбад, ки дар ҳаёт рӯйдодҳое воқеан ё эҳтимол вуҷуд доранд, ки мавҷудияти онҳо эътироф нагардидаст ва ин шакли ғайриилмии пешбиниро, ки ба ҳисси беихтиёр ё гувоҳӣ (интуитсия) ва мушоҳидаҳои ҳаётӣ асос меёбанд, ба вуҷуд меорад.

Мисол: Дар нуҷумшиносӣ бо назардошти сабти рӯйдодҳои такрорӣ дар фазои осмонӣ - аз рӯи муайян намудани ҷойгоҳи ситораҳо – таҷрибаи пешгӯӣ ҷорӣ гардидааст. Аммо аломатҳои бурҷи дувоздаҳгона, ки ба тариқаҳои (вариантҳои) гуногун ва зиёди тақдири инсонӣ рабт дода шудаанд, имкониятҳо ва тарзу роҳҳои рушди рӯйдодҳоро то андозае фароҳам овардаанд, ки шарҳи мавҷудии илмӣ ва бо ном «илмӣ» (квазиилмӣ) на танҳо имконпазир, балки рақобатпазир мегардад.

Албатта, тақдири инсон бо ин ва ё ягон усул муайян ва ҳал карда намешавад, аммо омори сабти рӯйдодҳои такрории ҷурмҳои осмонӣ ба наздик муайян намудани баъзе ҳолатҳо ё воқеаҳои ҳаёти инсон мусоидат менамояд, инро бо забони имл тасодуфи амал ё ҳолат меноманд.

Дар таҷриба чор намуди пешбинии иҷтимоӣ маъмул гардидаанд:

1) **Ҳисси пешакӣ (эҳсос) – падидаи хусусияти биологӣ, психологӣ ва физиологидошта буда, ҳудудан ба ҳамаи сиришҳои (организмҳои) зинда хос мебошад ва ҳамчун падидаи иҷтимоӣ барои одамон ба интизории рӯйдодҳои эҳтимолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ рабт дода мешавад**;
2) **Дарки пешакӣ (пай бурдан) – хоси инсон ва намуди фаъолияти зеҳнии ӯ буда, ҳамчун андеша (мулоҳиза) оид ба рӯйдодҳои оянда (тассавурот оид ба тақдири шахсӣ, касбу меҳнати худ, наздикон ва пайвандони худ) дар асоси таҷрибаи шахсӣ хулоса карда мешавад**;
3) **Пешбинии илмӣ – ифодгари хулосаи мантиқӣ аз рӯи қонуниятҳои инкишофи падидаҳои муайяни табиӣ ва ҷамъиятӣ буда, сабабнокии ташкил ва татбиқи он бо назардошти алгоритми (амалиёти) муайяни инкишофдиҳанда маълум мебошад.** Яъне, ҳангоми дида шудани зарурати таҳқиқи илмии мушкилоти муайян бо мақсади муқаррар кардани ояндаи муносиби он ва ё ҳалли он ба роҳ монда мешавад.
4) **Муайян кардани тағйиротҳои оянда – шакли олии пешбинии иҷтимоӣ буда, дар доираи ҳаёту фаъолияти аҳли ҷомеа марбут ба инсон ва ё соҳаҳои асосии он интизор (муайян) мегардад**.

Дар ин ҷо, вазифаи муҳими пешбинии илмӣ, ин пешниҳоди (таъмини) иттилоот оид ба андоза ва дараҷаи мушаххасоти (параметрҳои) номуайян ва идоранашавандаи таъсиррасон ба ҷараёнҳо ва оқибатҳои идоракунӣ мебошад.

Сабабҳои мухталиф боиси ташкил ёфтани номуайянӣ мегарданд, аз ҷумла тасаввуроти нопурра ва носаҳеҳ нисбат ба аҳамиятнокии мушаххасоти гуногуни оянда. **Номуайяниро** дар ҳамбастагӣ бо сабабҳо метавон ба ду гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

Якум,- номуайянӣ натиҷаи дониши нопурра оид ба равандҳои воқеӣ ва қонуниятҳои мусоидаткунанда ба рушди ҷараёнҳо мебошад;

Дуюм, - номуайянӣ хусусияти тасодуфӣ дорад, яъне тасодуфан ва вобаста ба шароити муайян ташкил меёбад.

Маълум аст, ки номуайянии гурӯҳи якум бо мурури замон кам гардида, вазъи муътадилро ба вуҷуд меорад. Вале номуайянии хусусияти тасодуфидоштаро, ки ба воқеият рабт дорад, бартараф кардан номумкин мебошад, мутаносибан ҳангоми омӯзиш ин намуди номуайяниро метавон танҳо ба инобат гирифт.

Номуайянии гурӯҳи дуюм дар навбати худ, ба се намуд ҷудо мешавад (Тощенко Ж. Т. Социология управления. 2011):

1. Номуайянии дар натиҷаи таъсири омилҳои тасодуфӣ пайдошаванда, ки ба қонунҳои маълуми воқеӣ вобастагӣ дорад. Ин намуди номуайяниро метавон бо усули оморӣ ба инобат гирифт;
2. Номуайянии дар шароити таъсири омилҳои тасодуфӣ пайдошаванда, ки ба қонунҳои номаълуми воқеӣ вобастагӣ дорад. Ин намуди номуайянӣ бо усули мутобиқати бартарият ва камбудии ҳар як тадбири ҳаммонанд (алтернативӣ) баррасӣ карда мешавад;
3. Номуайянии дар шароитҳо ва ё ҳолатҳои низоъ пайдошаванда, ки як тараф дар роҳи расидан ба мақсадҳои муайян ба тарафи дигар монеъ мегардад. Ин намуди номуайяниро бо усули ба инобат гирифтани фарзияҳо оид ба рафтори фаъоли тарафҳои муқовиматкунанда мавриди омӯзиш қарор додан мумкин аст.

Бартарафкунии ҳамаи ин маҳдудиятҳо бо роҳи таъмини истифодаи самаранокӣ ва эътиборнокии усули пешбинӣ амалӣ гардонида мешаванд. Ҳамзамон далеле низ ҷой дорад, ки дониши мо аз рӯи надонистан ба асосноккунии нисбатан сифатноки қарорҳои қабулшавандаи идоракунӣ боис мегардад. Аммо номуайяниҳоро танҳо дар ҳолати ташхиси масъала ва ҳамгироии илму амал муайян карда мешаванд ва ба манфиати инсон истифода бурда мешаванд.

21.3 Усулҳои пешбинии иҷтимоӣ

Одатан пешбинӣ худ ҷамъиятӣ мебошад, зеро бо иштирок ва барои пешрафти ҷомеа истифода карда мешавад. Дар таҷриба усулҳои гуногуни пешбинӣ коркард шудаанд, вале на ҳамаи онҳо ба муваффақият ноил гардидаанд.

Пешбинии иҷтимоӣ бо якчанд усулҳои муайян ва санҷидашуда амалӣ гардонида мешавад.

1) **Таҳлил ва тавсифи** омилҳои намоён ва муносибатҳое, ки суръати инкишофи рӯйдодҳоро вайрон мекунанд, шакли онҳро тағйир медиҳанд ё ин ки баръакс ба фаъолнокии қуввахое мусоидат мекунанд, ки ҳоло зарурати онҳо ба вуҷуд наомадааст, аммо таъсири онҳо зиёд гардида истодааст. Яъне, таҳлилу муайян намудани тарзи ошкорсозии омилҳо ва муносибатҳои воқеӣ ва тарзи ниҳон (пинҳон) нигоҳ доштани худ дар ҷараёнҳо, падидаҳо ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ.
2) **Ташхис** – барои ошкор кардани раванди асосӣ, муайян кардани дурнамои рушди ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва муқаррар (ҷорӣ) намудани самтҳои умумӣ, ки хусусиятҳои вазъи ҷомеа, самт ва соҳаҳои алоҳидаи онро муайян месозад, ба роҳ монда мешавад. *Мисол: соли 1915 бо истифода аз ин усули пешбинӣ – муайян намудани дурнамои истеҳсолот – Г. Форд оид ба истеҳсоли автомобилҳои камархиш бо теъдоди зиёд қарор қабул менамояд ва бо ин васила кормандони худро ба харидорони ояндаи худ табдил медиҳад.*
3) **Нишондиҳандаҳои асосӣ** – ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳое, ки расидани (омодагии) тағйиротҳои сифатиро инъикос менамоянд, на амалҳои камаҳамиятнокро. Яъне, пешбинӣ бояд барои баррасии нишондиҳандаҳои сифатӣ истифода гирдида, ба падидаҳои камаҳамият равона нагардад. *Мисол: дар солҳои 80-уми асри XIX вазъи ояндаи нақлиёти ҷамъиятӣ дар Москва пешбинӣ карда мешавад. Аз ҷумла, нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳр чӣ гуна бояд намуди зоҳирӣ дошта бошад, чанд нафар одамкаш бояд омода гардад, чанд адад аспароба ташкил гардад ва ғайра. Аммо нуқтаи муҳимро олимон ба инобат нагирифтаанд – пешрафти илму техника ва имкониятҳои барқию нафтӣ.* Яъне, бинобар он ки олимон ба нишондодҳои камаҳамият таваҷҷуҳ карданд, мувофиқан пешбинии (фарзияи) онҳо хато хурд; баъди солҳо на аспароба, балки автомобилҳо, автобусҳо ва тролейбусҳо ва на садҳо одамкашон, балки ҳазорҳо ронандаҳо лозим гардиданд.

4) **Принсипи мувофиқати (якҷоякунонии) мулоҳизакорӣ (оқилӣ), ҳиссиёт ва гувоҳнокӣ (ҳисси пешакӣ)**. Дар инҷо оқилӣ нақши пешбарандаро бо татбиқи принсипҳои маҳдудгардонӣ аз тахаюлҳои бесарҳад, ки ба гумонҳо, хоҳиши осмонӣ ва бофтаҳо асос меёбад, соҳиб мебошад. *Мисол: дар назар дошта шуда буд, ки давлати Шӯравӣ (собиқ) дар фазои худ коммунизм ташкил намуда, зиндагии шоистаи мардумро таъмин менамояд. Аммо дар ин нуқтаи назар таъсирҳои берунӣ ва тавоноии онҳо ба инобат гирифта нашуда буданд, мутаносибан аввалҳои солҳои 90-ум он барҳам хӯрд.* Дар ин ҷо сабаб он аст, ки принсипи мувофиқати пешбинӣ ба пуррагӣ истифода нагардида буд, танҳо ба як намуди пешбинӣ «ҳиссиёт» такя мекарданд.
5) **Хусусияти хос** – ягон аз ин усулҳо наметавонанд мутлақ бошанд, ба якдигар мухолифат дошта бошанд ва ё баръакс аз ҳисоби гум кардани хусусиятҳои сифатии муайян ба дигаре мувофиқат намоянд. Яъне, ҳар як усул вазифаи махсус ва ё хусусияти хоси худро дорад ва дар ҷойи худ аҳамиятнок мебошад.
6) **Ҳадди баланди (максималии) иттилоот** – асоси пешбинии иҷтимоиро ташкил медиҳад. Пешбинӣ маълумоти мустақим ва ғайримустақими (бевоситаи ва бавоситаи) ба падидаҳо ва ҷараёнҳои оянда алоқаманд бударо талаб мекунад. Аммо он (дар танҳоӣ) ҳангоми назар кардан ба ояндаи дур, зимнан пешбинӣ намудани ҳодисаҳо ва падидаҳо дар замонҳои тассавурнашаванда дастрас (мавҷуд) буда наметавонад. *Мисол: дар асрҳои XIX пешбинӣ мекарданд, ки дар оянда (яъне, имрӯзҳо) одамизод қодири обёрӣ намудани даштҳо, сохтани иқлими сунъӣ, тайёр намудани хӯрок дар шакли ҳаб ва ғайра мегарданд, аммо пешбинӣ карда натавонистанд, ки одамизодро ҷаҳиши технологӣ, фатҳи кайҳон, барқ аз об, офтоб, бод, аслиҳаи ҳастаӣ (атомӣ) ва кушодани рамзи (коди) генетикӣ дар пеш аст.*
7) **Таҷрибаи андухта оид ба таҳия ва амалигардонии мақсадҳои пешомад (дурнамо)** барои пешбинии иҷтимоӣ ҳамчун такягоҳ хизмат мекунад. Аммо ин маънои ба таври механикӣ истифода намудани таҷрибаро надорад. Дар ин ҷо,

шароити маҳал, урфу одатҳо, омодагии ҷамъият, имкониятҳои зарурӣ бояд ба назар гирифта шаванд. *Мисол: Ҷумҳурии халқии Хитой сохти сотсиалистии идоракуниро пеш гирифтааст, аммо дар таркиби он ҷузъҳои либералӣ, ки хоси сохти демократӣ мебошад, дида мешавад. Ин ҳамгироиро сотсиализм бо демократияи принсипи Хитоӣ меноманд.* Яъне, новобаста аз гуногунии принсипҳо ва мухолифати идеологияҳо ҳамгироии онҳо дар як вақт ва дар якҷоягӣ имконпазир гардид.

Консепсияи пешбинии иҷтмоиро дар шакли модели амалҳо чунин тасвир кардан мумкин аст (Ҷадвали 15).

Ҷадвали 15



Новобаста аз санҷишҳо ва озмоишҳои гуногун усулҳои пешбинии иҷтимоӣ то ҳол пурра омӯхта нашудаанд ва омӯзишу ҷустуҷӯи онҳо идома дорад. *Мисол: солҳои 1950-ум пешгӯи шуда буд, ки Хитой соли 1972 ба Делҳӣ ва Сингапур зарбаи ҳастаӣ (ядроӣ)*

мезанад, аммо амалӣ нагардид. Инчунин, ҳеҷ як олим / муҳаққиқ барҳам хӯрдани давлати Шӯравиро пешгӯӣ накарда буд.

21.4 Ҳисси пешакӣ (интуитсия)

Ҳаёт худ чунин офарида шудааст, ки дарки пурраи он қобили зеҳни инсон нест ва маҳз дар ҳамин роҳ – кашфи донишҳои омӯхтанашуда, илм ва амалҳои тадқиқотӣ ташаккул ёфтаанд. Дар ин росто ҷараёнҳо ва падидаҳои эҳсосшавандае низ ҳастанд, ки иқтидори зеҳн ба кушодани онҳо ҳоло нарасидааст, яъне дар ин ҷо танҳо иқтидори ҳиссиёт ва гувоҳӣ рӯи амал бароварда шудаанд.

Шахсони қобилияти «ҳисси пешакӣ» доштаро, пешгӯй ва ё пешбин ном мегузоштанд ва дар байни ҷомеа эҳтироми хоса пайдо мекарданд. *Яке аз чунин шахсиятҳои таърихӣ Мишел Нострадамус (1503-1566) буд, ки хуруҷи ваборо дар Фаронса пешгирӣ намуд. Китобе иборат аз 900 пешгӯиҳоро соли 1555 ба чоп расонид, ки то имрӯз мавриди истифода қарор дорад.*

Дар илми муосир чанде аз назарияҳо рӯи кор омадаанд, ки ҳисси пешакиро, мазмун, таркиб ва моҳияти онро баррасӣ намудаанд. Назарияҳои муосири илмӣ мавҷудияти ҳисси пешакиро ҳамчун **имконияти «доштани воқеияти лаҳзавӣ» инкор намекунанд, вале онро ҳамчун лаҳзаи муҳими мураккаб ва тасаввурношавандаи бо худ механизми амалҳои мутақобилаи ҳиссиёт, шуур ва таҷрибаро ташкилдиҳанда** маънидод менамоянд.

Ҳисси пешакӣ дар пешбинии иҷтимоӣ ба **тафаккури бомулоҳиза** асос меёбад. Яъне, дониши (маълумоти) осмонӣ ё қобилияти худодод (ғайриилмӣ) худ ба худ пайдо намешавад, он дар шакли махсуси дарки воқеият, донистани миқдори зиёди иттилоот ба вуҷуд меояд. *Чӣ тавре, ки ба А. Розӣ, сипас Д. Менделеев ин ҳолат ҳангоми кашфи системаи навбатии ҷузъҳо (элементҳо) пайдо гардид.*

Ҳамчунин, ҳисси пешакӣ ба баъзан маҳдудиятҳо асос меёбад, ки барои он ҳамчун усули даркнамоӣ / фаҳмравӣ истифода мегардад. Ҳисси пешакӣ метавонад ба таассуб (хурофот) ва гумроҳӣ боис гардад, агар барои як ҷараёни иҷтимоӣ манфиатовар бошад.

Ҳисси пешакӣ агар ба иттилооти муайян ва маълумоти дақиқ такя накунад ё асоси наёбад, одатан ба фиребгарӣ табдил меёбад ва одамонро ба гумроҳӣ мебарад.

Дар идоракунӣ ҳисси пешакӣ ҳудудан дар ҳамаи субъектҳо, аз ҷумла роҳбарон дида мешавад, бахусус дар қабули қарорҳои дурнамо ва мушкилоти амалии рушди ташкилот. Мутаносибан ҳар қадар, ки роҳбар арзишмандӣ ва маҳдудияти ҳисси пешакиро эҳсос намояд, то ҳамин андоза ӯ дар идоракунӣ маваффақ мегардад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Пешбинӣ чист?
2) Пешбинӣ ҳамчун рукни илм бо номи «футурология» кай ташаккул ёфтааст?
3) Дар охирҳои солҳои 60-ум пешбинӣ чигуна номгузорӣ мегардад?
4) Пешбинии илмӣ ба ду қисмат ҷудо мешавад, кадомҳо?
5) Пешбинии табиӣ-илмӣ чиро меомӯзад?
6) Пешбинии иҷтимоӣ чиро меомӯзад?
7) Ҳисси пешакӣ чист?
8) Пешакӣ фаҳмидан (пай бурдан) хоси кист / чист?
9) Пешбинии илмӣ чиро ифода мекунад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
2. Глисина В. И. Социология управления [Матни аслӣ]: Учебное пособие. Стандарт третьего поколения. – СПб.: Питер, 2013. – 368 с.
3. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.

4. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
5. Предвидение - одна из форм предвосхищения будущего. [Электронный ресурс]. / Тарзи дастрасӣ: http://skravchenko.ru/Prediction_Kravchenko.htm

§ 22. ПЕШГӮИИ ИҶТИМОӢ ВА УСУЛҲОИ ТАТБИҚИ ОН

Пешгӯӣ ба монанди пешбинӣ асри ХХ ҳамчун илм равнақ ёфта, таваҷҷуҳи олимонро бевосита ҷалб сохтааст.

Фарқияти пешгӯӣ аз пешбинӣ дар он аст, ки вазифаи он асосноксозии илмии нақшаҳо ва барномаҳои рушд мебошад. Зимни пешгӯӣ асосноксозии маҷмӯи роҳу усулҳои имконпазир ва муносиби амалисозии нақша ва ё барномаи дилхоҳ муайян карда мешавад.

Пешгӯӣ – ин нуқтаи назар, андешаи асоснокшудаи илмӣ оид ба ҳолати эҳтимолии ояндаи объект ва роҳу усулҳои ҳаммонанд (алтернативӣ) ва муҳлати ба вуқуъ омадани (татбиқи) он мебошад.

Пешгӯиро мумкин аст ҳамчун тасдиқи ояндаи эҳтимолӣ бо ифодаи нисбатан дараҷаи баланди дақиқнокӣ маънидод намуд.

Дигар назар (В. Бестужев-Лада) он аст, ки пешгӯӣ ояндаро дар шаклҳои алтернативӣ (ҳаммонанд) ва имконпазир пешниҳод менамояд.

А. Шмидт ва Д. Смит бар он назаранд, ки пешгӯӣ одатан ба сифати пешбинии миқдорӣ фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат, **пешгӯӣ** агар баҳогузории миқдории оянда бошад, пас **пешбинӣ** - баҳогузории сифатии оянда фаҳмида мешавад.

Моҳияти пешгӯӣ ба се зинаи асосӣ ҷудо мешавад:

1. Ошкорсозии қонуниятҳо ва омилҳои ба тағйиротҳои имконпазир мусоидаткунанда – **зинаи тадқиқот**;
2. Ошкорсозии роҳу усулҳои ҳаммонанди рушд ва динамикаи онҳо, ки дар натиҷаи қабули қарорҳои муайян ба даст оварда мешаванд – **зинаи асосноккунии қарорҳои идоракунӣ**;
3. Баҳогузории ҷараён ва оқибатҳои амалисозии қарорҳои идоракунӣ, тағйиротҳои диданашавандаи беруна ва ҳолатҳое, ки барои муайянсозии амалҳои зарурӣ мусоидат менамоянд – **зинаи назорат ва ислоҳот**.

Пешгӯӣ аз рӯи намудҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) **Ҷустуҷӯӣ** (кашфкунӣ, пайдарпайӣ, генетикӣ), ки тарзу усулҳо ва муҳлатҳои бадастории ҳолати (вазъи) дилхоҳи

объект, ҷараён ва ё падидаҳоро муайян менамояд. Он дар асоси ҷадвали имкониятҳо тартиб дода шуда, сипас дараҷаи эҳтимолияти бадастории ҳолати пешгӯишуда муқаррар карда мешавад.

2) **Меъёрӣ** (мақсаднок ва танзимкунанда) – ин усул, баръакс (нисбат ба усули ҷустуҷӯӣ) аз вазъияти дода шуда ба равандҳои мушоҳидашудаистода равона мегардад. Ин пешгӯӣ инъикоси эҳтимолии роҳҳои ҳаммонанди бадастории ҳолати дилхоҳро бо назардошти таҳия ва амалисозии чораҳои дахлдор фаро мегирад.

Аз рӯи вақт пешгӯӣ ба кутоҳмуддат (рӯз сол), миёнамуҳлат (3-5 сол) ва дарозмуҳлат (даҳсолаҳо) ҷудо мешавад.

Аз рӯи хусусиятнокӣ пешгӯӣ метавонад **амалӣ** (бо тасвири яке аз ҷузъҳо) ва ё **маҷмӯӣ** (бо таҳлили ҳар як объект, раванд ва ё ҷараён) бошад.

Боиси зикр аст, ки ин усулҳо барои пешгӯии объектҳои табиӣ ва техникӣ (заминҷунбӣ, туфон, сӯхтор) хеле заиф мебошанд. Дар ин сурат илм одатан ба пешбинӣ ва тавсияҳо такя мекунад.

Пешгӯии иҷтимоӣ ҳудудан 40 амалиёти муттаҳидшуда ва пайдарпайиро соҳиб мебошад, ки дар умум алгоритми ҷараёни пешгӯиро ташкил медиҳанд.

1) Пешгӯии қаблии (пешакии) вазъият – муайян намудани объект, предмет, мушкилот, мақсад, вазифаҳо, сохтор, фарзияҳо, усулҳои тадқиқот ва ғ. Пешгӯии намуди мазкур хоси тадқиқоти илмию таҳлилӣ мебошад, ки ба худ якчанд амалиётро соҳиб мебошад – пурсиши коршиносон, омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили маълумоти оморӣ, натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ, таҳлили санадҳо ва ғ.
2) Тартиб додани модели заминавии объект – ошкорсозии равандҳои рушдёбии объект, муайян намудани нуқтаҳои рушд ва таназзулёбӣ дар объекти дар гузашта инкишофёфта, аниқ намудани ҳудуди мушкилот, ташаккул додани тарзҳои алтернативӣ, муайян намудани дараҷаи таъсиррасонии омилҳои берунӣ. Асоси модели заминавиро нишондиҳандаҳои намояндагӣ, мукаммал ва таҳлили муқоисавии таҷрибаҳо ташкил медиҳанд.

3) Ҷустуҷӯ ва коркарди нишондодҳои (параметрҳои) модели заминавӣ – муайян намудани роҳҳои имконпазири вусъати (расидани) объекти додашуда ба / дар оянда бар асоси тамоюлҳои ошкоршуда. Дар ин усул мушкилоти дар ҷараёни вусъатёбии объект бо таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна пайдогардида муайян карда мешаванд. Модели объект дар шакли тариқаҳои имконпазир дар намуди сенариявӣ, шабакавӣ, мантиқӣ ва дигар тартиб дода мешаванд.
4) Нишондодҳои (параметрҳои) меъёрии модели заминавӣ – муайян намудани роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилоте, ки бо пешгӯии ҷустуҷӯӣ ошкор карда шудааст ва оқибатҳои қарорҳои дарпешистодаро фаро мегирад. Пешгӯии меъёрӣ баъзан нишонаҳои ояндаи имконпазирро муайян менамояд, аз қабили: вазъи олии (идеалии) объект; вазъи воқеӣ – бо назардошти маҳдудиятҳои тахминӣ; вазъи меъёрии объект – воқеан дастрасбуда дар ҳамбастагӣ ба ҳолати мавҷуда (имрӯза).
5) Мутобиқати маълумоти ҷамъовардашуда – ташхис ва баҳогузории мустақили маълумоти ҷамъовардашуда. Таҳияи тавсияҳо барои истифода зимни асосноккунии лоиҳаҳо, барномаҳо, нақшаҳо ва татбиқи қарорҳои ҷорӣ.

Консепсияи пешгӯии иҷтмоиро дар шакли модели амалҳо чунин инъикос кардан мумкин аст (Ҷадвали 16).

Ҷадвали 16



САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Фарқияти пешгӯӣ аз пешбинӣ дар чист?
2) Пешгӯӣ чист?
3) Пешгӯӣ аз рӯи намуд ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, кадомҳо?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
2. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.

§ 23. БАНАҚШАГИРӢ ВА ЛОИҲАСОЗИИ ИҶТИМОӢ

23.1 Банақшагирии иҷтимоӣ

Тамоми ҳаёту фаъолияти инсон аз нақша ва нақшабандӣ ва ё нақшагирӣ иборат аст. Инсон доимо хоҳ дар ҳаёти шахсӣ хоҳ дар фаъолияти касбӣ машғули нақшагирии ин ва ё он ҳадаф, амал ва вазифа мебошад. Моҳияти асосии банақшагириро дараҷаи дақиқнокии таҳия ва ё ба талаботи асосӣ ва воқеӣ ҷавобгӯйбудани он, инчунинмувофиқ ва самаранок будани усулҳои истифодашаванда ва амалисозандаи онташкил медиҳад.

Банақшагирӣ ҳамчун бахши муҳими идоракунӣ солҳои 20-30-уми асри гузашта мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Нахустин таҷрибаи банақшагирӣ дар давраи собиқ давлати Шӯравӣ соли 1920 дар самти рушди соҳаҳои алоҳида ба роҳ монда мешавад, ки бар асоси он баъдтар бори аввал нақшаи панҷсола қабул мегардад. Дар ҳошияи муваффақиятҳои индустриалии давлати Шӯравӣ дар баъзе кишварҳои Аврупо, ба монанди Фаронса, Шветсия ва Германия мақомоти давлатии банақшагирӣ ташкил меёбанд.

Банақшагириҳои панҷсола дар шароити Шӯравӣ асосан (то солҳои 60-ум) ба сифати вазифаи афзалиятнок ва аввалиндараҷа зиёд намудани истеҳсолотро, сипас, қонеъгардони талаботи инсонро муқаррар намуда буд. Ин номураттабӣ дар солҳои 90-ум барои кишварҳои пасошӯравӣ хеле равшан намоён шуд, оқибат ин низоми банақшагирӣ ба шикст дучор гардида, ба пуррагӣ барҳам хурд.

Имрӯз нақши аввалиндараҷаи инсон дар идоракунӣ на танҳо дар низомҳои ташкилии иқтисодии идоракунӣ, балки дар доираи муносибатҳои сиёсии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии фарҳангии идории давлат ифода ёфтаанд. Чуноне ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст «*Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд.*», инчунин дар ҷои дигар «*Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.*». Инҳо муқаррароте мебошанд, ки хоси ҷомеаи демократӣ буда, бо принсипҳои идоракунии иҷтимоӣ ташкил меёбанд. Бо ин шакли идоракунӣ имрӯзҳо аксари кишварҳои ҷаҳон

фаъолият доранд, зимнан дар низомҳои идоракунии онҳо ва ташкилоту муассисаҳо сохти идоракунии иҷтимоӣ ҳукмфармо мебошад.

Моҳияти банақшагирии иҷтимоӣ якчанд хусусиятҳои хоси худро соҳиб мебошад:

1) Банақшагирии иҷтимоӣ ба татбиқи мақсадҳое равона мегардад, ки аз равандҳои воқеии ташкили ҳаёти инсон манша гирифта, талаботи ҳамарӯза ва расидашудаи шахсроқонеъ мегардонад. *Мисол: барои инсон рӯзи нав оғоз мегардад, ӯро дар ин рӯз амалисозии ҳадаф ва ниятҳои расидашуда ё муайян дар пеш ҳамчун тахаюл аст, вале барои табдил додани хаёл ба воқеият тадбирҳои пайдарпай, имконпазир ва бо вақт ченшавандаро бояд андешид. Тарз ё тартиби табдил додани хаёл ба воқеиятро нақша ташкил медиҳад, яъне танҳо ба воситаи тартиб додан ва амалӣ намудани нақшаи тадбирҳо метавон ба ҳадаф ва тахаюлоти худ расид.*

2) Дар доираи банақшагирӣ нишондиҳандаҳое мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки бар асоси онҳо самаранокии мақсадҳои гузошташуда баррасӣ мегарданд, ба монанди: муҳлат, ҳаҷм, сатҳ ва зинаи бадастории ҳадҳо. *Мисол: тибқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ.Нишондиҳандаи асосии он – <u>сатҳи камбизоатии аҳолӣ</u> аз 83% - соли 2000 то ба 31% (дар соли 2015) расонида (коҳиш дода) шуд.*

3) Банақшагирии иҷтимоӣ сараввал корҳои таҳиясозиро, сипас, дигар василаҳои дастёбӣ ба мақсадҳои гузошташударо (воситаҳои молиявӣ, моддиро ҳамчун имтиёз ва ё баръакс ба сифати маҳдудият) зимни татбиқ қарор медиҳад. *Мисол: Охирҳои соли 2016 дар Тоҷикистон Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки он таҳия ва амалигардонии теъдоди зиёди барномаҳо ва нақшаҳои мақсаднокро пеш мегузорад.*

4) Банақшагирии иҷтимоӣ ҷараёни бефосилаи мувофиқат (мувофиқасозӣ) ва табдилдиҳии фаъолияти маърифатиро фаро мегирад, ки якдигарро доимо пур мекунанд ва рушд медиҳанд. Ин имконият медиҳад, ки дар роҳи дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда захираҳо ва имкониятҳои нав дарёфт гарданд. *Мисол: аввалҳои саддаи ҷорӣ гузариш аз низоми механикии иттилоот ба низоми технологӣ ва автоматизатсияшуда дар байни ҷомеа ихтилофоти*

зиёде ба бор овард, аммо бо дарк намудани имкониятҳои нави робитавию иттилоотӣ ва дарёфт намудани захираҳои нави нерӯ ва тавоноии инсонӣ - дар шакли зуд (бо суръати тез) баанҷомрасонии вазифаҳои иттилоотӣ ва робитавӣ бо сарфа кардани вақт, маблағ ва роҳат додани асаб (аз нуқтаи назари психологӣ) - он бо қаноатмандии зиёд қабул гардид.

Банақшагирии иҷтимоӣ асосноксозии илмии мақсадҳо, нишондиҳандаҳо, вазифаҳои рушди ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои асосии табдил додани онҳоро ба ҳаёт ва ба манфиати ҳамаи ҷомеа муайян месозад.

Нисбат ба ҷомеа дар умум нақшаҳои дурнамои ҳалли мушкилоти муҳим ва аввалиндараҷа таҳия карда мешаванд.

Дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа, чун иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳал намудан ва ё банақшагирии ҳалли мушкилот, ба монанди: беҳтар гардонидани шароити меҳнатӣ, омодасозии кадрӣ, сохтори вақти корӣ ва озод ва ғ. фаро гирифта мешаванд.

Дар сатҳи ҳудуд ва минтақа бошад, банақшагирӣ ҳамчун шакли батанзмидарорандаи ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар кишвар ва воҳидҳои ҳудудӣ истифода карда мешавад.

Дар сатҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ, банақшагирӣ, амалисозии мақсадҳои аввалиндараҷа ва пешбарандаро пеш мегузорад – чун ҷалби (водорсозии) инсон ба корҳои эҷодӣ, таъмини шароити мусоиди меҳнатӣ ва фаъолияти ҳамарӯза ба якчанд принсипҳои хос асос меёбад.

Якум, - талаботе пеш гузошта мешавад, ки қобилият ва саҳми инсон дар пешрафти ташкилоти худ муайян карда мешавад ва он ки худи ӯ дар ин раванд то кадом дараҷа тағйир меёбад ва саҳм мегузорад.

Дуюм, - воқеият ва амали нақшаҳои рушди иҷтимоӣ аз шароитҳое вобастагӣ доранд, ки барои корманд дар шакли афзалиятҳои мушаххаси моддӣ ва маънавӣ фароҳам оварда мешаванд.

Сеюм, - ҷараёни амалҳои мутақобилаи инсон ва ташкилот набояд номуташаккил бошад, бояд, ки онҳо ба самтҳои оқилонаи фаъолият равона карда шаванд.

23.2 Шаклҳо ва усулҳои банақшагирии иҷтимоӣ

Шаклҳои банақшагирӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) **Банақшагирии суроғавӣ** – таҳия ва асосноккунии маҷмӯи вазифаҳо аз рӯи ҳисса(ҷудокунӣ), ки манзури ҳамаи иштирокчиёни раванди идоракунӣ пешниҳод шуда, муҳлати амалисозии мақсадҳои гузошташударо муайян месозад. Зимни мақсадҳои мураккаб муҳлати тулонии асосноккунии илмӣ, ташкили нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ ва қабули қарори дахлдор талаб карда мешавад. Камбудии ин низом дар он аст, ки он усулҳои ҳукмфармоиро зиёд мегардонад, таваҷҷуҳро ба ҷузъҳои камаҳамият равона сохта, бюрократикунонӣ ва инкорнамоии асосҳои илмии рушди тамоюлҳои иҷтимоиро пеш мегузорад. *Мисол: фаъолияти ҳамарӯзаи одатшудаи аксари ташкилоту муассисаҳо дар раванди амалисозии ҳадаф ва мақсадҳои муайяни худ; асосан дар таҷрибаи идоракунии кишварҳои пасошӯравӣ, ки ба амалия ва ҳукфармоӣ бештар афзалият дода мешавад.*

2) **Банақшагирӣ ба воситаи фишангҳои ғайримустақими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** – шароитҳо, имкониятҳо ва талаботи мушаххасро меомӯзад. Ҷузъҳо ва қисматҳои танзимнашаванда муайян карда шуда, мутаносибан вазифаҳо оид ба андозагирии миқдорӣ ва пешгӯии вазъият ҷиҳати бартараф намудани онҳо ва қабули қарорҳои мувофиқ мадди аввал гузошта мешаванд. Вазифа бояд чунин муқаррар карда шавад: ҳаҷми меҳнати зиёдатие ихтисор карда шавад, ки такмили ихтисос талаб накунад (яъне, пурра нолозим бошад), инчунин барои азнавсозии техникӣ зарур мегардад, ки сатҳи касбияти кормандон баланд бардошта шуда, намудҳои меҳнати нолозим (бинобар рушди имкониятҳои техникӣ ва дигар сабабҳои воқеӣ) аз низоми идоракунӣ гирифта шаванд. *Мисол: дар шароити автоматизатсиякунонии муносибатҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот бештар воҳидҳое ихтисор карда мешаванд, ки хусусияти техникии ҷисмонӣ дошта бошанд. Яъне, акнун ихтисос ва ё касби ҳуруфчин дар ташкилотҳо лозим намегардад, чун ҳар як корманд компютери махсуси худро дорад. Ё ин ки, дар хати истеҳсоли консерва воҳиди маҳкамбанди даҳони қуттиҳо лозим намегардад, чун ин корро мошинаи истеҳсолӣ бевосита ба анҷом мерасонад.* Яъне, зимни ислоҳоти идоракунӣ, мувофиқан ихтисори кадрӣ зарур аст, ки таҳлил гузаронида шуда, маҳз ҳамон касбу ихтисосҳое

(воҳидҳое) ихтисор карда шаванд, ки дар ояндаи наздик барои фаъолияти истеҳсолӣ лозим намегарданд.

3) **Банақшагирии бомувозина (даврӣ)** – ба нақшаҳои мутақобила ва мувофиқашудаи бахши давлатӣ-ҷамъиятӣ ва хусусӣ (соҳибкорон) асос меёбад. Ин модели муносибе мебошад, ки тарафҳоро барои фаъолияти бомаром ҳавасманд месозад ва аз якдигар дастгирӣ ёфтанро кафолат медиҳад. *Мисол: дар шароити иқтисоди бозоргонӣ хоҳ нохоҳ имконияти молиявию амалии мақомоти давлатӣ барои таъминоти пурраи иҷтимоии аҳолӣ, ба монанди: сохтмони мактабҳо, беморхонаҳо, расонидани кӯмакҳои хайрхоҳона ва ғайра маҳдуд мегардад. Аммо дар ин шароит имконият ва иқтидорнокии молиявии доираи соҳибкорон хеле зиёд гардида, бо ҷомеа фурсати васеи ташкили робитаҳои фоидаоварро пайдо мекунанд. Дар ин ҷо, манфиати умумӣ робита бо ҷомеа мебошад, мувофиқан амалисозии нақшаҳои бомувозинати муштарак бо саҳми мазмунан (аз рӯи таркиб) баробар ва кафолатноки ҷонибҳо метавонад ба татбиқёбии манфиатҳо, яъне расидан ба мақсадҳои гузошташуда боис гардад.*

Хусусиятнокии **усулҳои умумии банақшагирӣ** ба муайян кардани роҳҳои имконпазири амалисозии мақсадҳо, ки дар навбати худ, заминаи қонунҳои воқеии рушди ҷамъиятро ташкил медиҳанд, асос меёбанд.

Яке аз ин усулҳо - **усули мувозинатӣ** ба сифати воситаи таъминкунандаи робитаҳо байни талаботи ҷомеа ва имкониятҳои он зимни маҳдудияти захираҳо пайдо шудааст. Ин усул шабеҳи банақшагирии бомувозинат буда, манфиатибаробари тарафҳоро зимни мувофиқати талабот ва шароитҳои ҳакморӣ байни институти давлатӣ ва хусусӣ таъмин менамояд.

Усули меъёрӣ – ба рушди заминаҳои илмии банақшагирӣ мусоидат менамояд. Ин усул талаботи он заминаҳоро барои таҳия ва асосноккунии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногуни ҷамъият ташкил медиҳад. Меъёр имконият медиҳад, ки воқеияти вазифаҳои нақшавӣ ба ҳисоб гирифта шуда, асоснок карда шуда ва тамоюли рушди ҷараёнҳои ҷамъият муайян карда шаванд.

Усули таҳлилӣ фарогири муносибатҳои таҳлилӣ ва хулосавӣ / ҷамъбастӣ мебошад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои иҷтимоӣ ба қисматҳои алоҳида ҷудо карда шуда, зимни таҳлилу

омӯзиш қарор дода шуда, самтҳои нисбатан дақиқи мақсади гузошташуда муайян карда шаванд.

Усули тариқаҳо (вариантҳо) – дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ якчанд роҳу равишҳои имконпазирро бо назардошти маълумоти пурра ва дақиқ муайян менамояд. Вазифаи ин усул дарёфти роҳҳои муносиб ва мувофиқи ҳалли масъалаи муайяни иҷтимоӣ буда, бо тариқаи «аввал роҳҳои наздик», «сипас каме дуртар» ва ғайра амалӣ гардонида мешавад.

Усули маҷмӯӣ – таҳияи нақшаро бо назардошти тамоми омилҳои асосӣ: моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инчунин муҳлат ва иҷрокунандагон фаро мегирад.

Усули ҳисобшуда фарогири талаботи ҷорӣ ва оянда буда, ба роҳу равишҳои қонеъгардонии онҳо доимо ҳамбаста мебошад. Ин усул хоси принсипи демократии банақшагирӣ низ мебошад, ки низоми таҳиясозии нақшаро «аз поён ба боло» инъикос менамояд.

Усули математикӣ – фарогири таҳлили миқдорӣ бо назардошти усулҳои муқарраргардидаи банақшагирӣ мебошад.

Зимни банақшагирӣ мавқеи муҳимро **нишондиҳандаҳо** соҳиб мебошанд. Маҳз нишондиҳандаҳо имконпазирии амалигардонии мақсади гузошташударо дар қиёс ба имкониятҳо, захираҳои мавҷуда ва оянда муайян месозанд.

Нишондиҳандаҳо дар бисёр мавридҳо бо арқоми оморӣ асос меёбанд, вале барои дастрасӣ ба маълумоти амиқ тадқиқоти сотсиологӣ баргузор карда мешавад.

Нишондиҳандаҳо метавонанд миқдорӣ ва сифатӣ, наздик ва дур, имконпазир ва мураккаб бошанд, ки мувофиқан василаҳои дастрасӣ ба онҳо таҳия карда мешаванд.

23.3 Лоиҳасозии иҷтимоӣ

Лоиҳасозӣ заруратест, ки дар раванди гузариш ба сохти муосири идоракунӣ, мутобиқшавӣ ба талаботи сифатан нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаётӣ ташаккул ёфтааст.

Лоиҳасозӣ яке аз шаклҳои пешгузории (пешбинии) инъикоси воқеият ва ташкил ё бунёди тимсоли (намунаи) объектҳо, падидаҳо ва ё ҷараёнҳои дарназардошташуда ба воситаи татбиқи усулҳои махсус мебошад.

Лоиҳасозии иҷтимоӣ дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- таъсис ва ё ташкили объектҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳои нав;
- амалӣ ё инки ворид намудани муносибатҳо, тартибот ва ҷузъҳои нави принсипиалӣ дар / ба сохторҳои мавҷуда, ки ба тағйирдиҳии (дигаргунсозии) куллӣ ниёз доранд;
- ислоҳоти пурраи соҳа – азнавсозӣ ва ё азнавташкилдиҳии робитаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ҳангоми (дар ҷараёни) тағйир ёфтани аксари низоми идоракунӣ дар роҳи дастёбӣ ба мақсадҳои гузошташуда.

Лоиҳасозӣ дар идоракунӣ яке аз шаклҳои муҳими таҳия ва қабули қарор буда, бо амалисозии ҷараёнҳои ислоҳотдорӣ ва инноватсионӣ робита дорад.

Лоиҳасозии иҷтимоӣ, ин фаъолияти махсуси алоқаманд ба муқаррароти илман асоснокшудаи тариқҳои (вариантҳои) рушди объектҳо, ҷараёнҳо, падидаҳои нав ва ҷадиди (навшавандаи) иҷтимоӣ; вобаста ба тағйиротҳои мақсадноки заминавии хосиятҳои иҷтимоии онҳо (тариқҳо) мебошад.

Фарқият байни лоиҳасозӣ ва банақшагирӣ дар он аст, ки лоиҳасозӣ метавонад дар шакли пешниҳодот ё тахминҳо дар якчанд тарз ва хос ба якчанд модел мавҷуд бошад, аммо банақшагирӣ танҳо маҷмӯи вазифаҳои муқарраршударо (додашударо) амалӣ мегардонад. Яъне, лоиҳасозӣ имконияти фаррох ва муносибест барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои фасеҳ ва муосир дар роҳи мутобиқат ба талаботи воқеии бозори муносибатҳо.

23.4 Усулҳои лоиҳасозӣ

Талаботи асосӣ ва ё методологии лоиҳасозӣ дар он аст, ки онҳо ҳамеша барои дастёбӣ ба натиҷаи ниҳоӣ равона гардида, муносибатҳои ба вазифаҳои гузошташуда бегонаро (ба тарафи дигар ҷалбкунандаро) инкор мекунанд ва принсипи камкунии уҳдадориҳоро дар мадди мегузоранд.

Лоиҳасозӣ албатта ба роҳу усулҳои таъмини илмию тадқиқотӣ робита дорад.

Усули беҳтаргардонии вазифаҳои асосии субъектҳои иҷтимоӣ дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг, ки ба фароҳам

овардани шароитҳо ва такмили фаъолият дар ин соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардидааст, муҳим арзёбӣ мегардад.

Дигар усул он аст, ки **лоиҳасозӣ ба ҳалли мушкилоте** равона гардидааст, ки онҳо аз рӯи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ фарқкунанда мебошанд. Мувофиқан лоиҳаҳо одатан барои фарогирии ҳудуди муайян (шаҳр, ноҳия, вилоят) ва қишри алоҳидаи ҷамъият таҳия ва амалӣ гардонида мешаванд.

Инчунин, усули муҳими лоиҳасозӣ, ин **бадастории натиҷаҳои иҷтимоӣва пешгӯии оқибатҳои / рӯйдодҳои иҷтимоӣ** дар ояндаи наздик ва ё алоҳида мебошад.

Лоиҳасозӣ ба якчанд зинаҳои фаъолият асос меёбад:

1) Ҷустуҷӯи талаботи асосӣ ва муайян кардани мақсади лоиҳа;
2) Ҷамъоварии маълумот бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои муносиб – илмӣ, амалӣ, оморӣ ва таҷрибавӣ;
3) Вазифагузорӣ ба маълумоти ҷамъоваришуда такя карда, роҳҳои қонеъгардонии талаботи / мақсади гузошташударо фаро мегирад (вазифаҳои лоиҳаро беҳтараш дар шакли ҷадвал бо фарогирии нишондиҳандаҳои муҳлат ва захираҳои молиявӣ, моддӣ ва меҳнатӣ тартиб дод);
4) Қабули қарор, ки роҳу усулҳо, муҳлат ва тартиби амалисозии вазифаҳоро фаро мегирад.

Лоиҳасозӣ талаботи ҷомеаи муосир буда, барои Тоҷикистон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз дар шароити Тоҷикистон ин падида таҷриба шуда истодааст, ки он дар раванди ташаккули муносибатҳои дипломатӣ – бо ворид гардидани барномаҳои гуногунсоҳаи истеҳсолии хориҷӣ рӯи кор омадааст. Низоми лоиҳасозиро дар мамлакат қонунгузории бахши танзими муносибатҳои байналмилалӣ, конвенсияҳои хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштаи аз ҷониби Тоҷикистон қабулшуда, сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои дипломатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои гуногуни муқими байналмилалии Тоҷикистон, инчунин марказҳо ва гурӯҳҳои идоракунии лоиҳавии соҳавӣ ташкил медиҳанд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Банақшагирӣ ҳамчун бахши муҳими идоракунӣ кай мавриди истифода қарор дода мешавад?
2) Аз рӯи вақт дар замони собиқ давлати Шӯравӣ банақшагириҳо дар чӣ шакл таҳия ва татбиқ мегардиданд?
3) Банақшагирии иҷтимоӣ чист?
4) Дар сатҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ банақшагирӣ кадом мақсадҳоро пеш мегузошт?
5) Намудҳои нишондиҳандаҳоро номбар кунед.
6) Лоиҳасозӣ чист?
7) Фарқият байни лоиҳасозӣ ва банақшагирӣ дар чист?
8) Талаботи асосии лоиҳасозӣ дар чист?
9) Шаклҳои банақшагирӣ ба кадом се гурӯҳҳо ҷудо мешавад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
2. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
3. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
4. Глисина В.И. Социология управления [Матни аслӣ]: Учебное пособие. Стандарт третьего поколения.– СПб.: Питер, 2013– 368 с.
5. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2016

6. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
8. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm

§ 24. ТЕХНОЛОГИЯ ВА ТАРЗИ БАРНОМАСОЗИИ ИҶТИМОӢ

24.1 Заминаҳои ташаккулёбии барномасозии иҷтимоӣ

Матлаби асосии барномасозии иҷтимоӣ ин хостагирии вазифаҳои нисбатан муҳими иҷтимоӣ, тақдирсоз ва муайянкунандаи ояндаи рушди иҷтимоӣ мебошад.

Барномасозии иҷтимоӣ дар баробари банақшагирӣ ва лоиҳасозӣ яке аз шаклҳои асосии татбиққунандаи талаботи пешгӯии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо, агар: **банақшагирӣ** батанзимдарории мақсадноки ҳамаи ҷузъҳои рушди иҷтимоии ҳар як объектро фаро гирад; **лоиҳасозӣ** ба ташкил ё коркарди тимсоли (прототипи) объект, ҷараён ва падидаи иҷтимоии дарназардошташуда равона гардида бошад, пас мақсади **барномасозии** иҷтимоӣ, ин **ҳал намудани мушкилоти барои ҷомеа муҳим ва аҳамиятноки иҷтимоӣ ва ё барои субъекти дахлдор нисбатан мубрам ва ояндадори иҷтимоӣ мебошад**.

Барномасозӣ дар шароити гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари идоракунии ҷамъиятӣ дар шакли интихоб ва ҳал намудани масъалаҳои нисбатан муҳим ва тақдирсоз пайдо шудааст. Равнақи он асосан дар асрҳои XIX ва XX ба назар мерасад, ки кишварҳои ҷаҳон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, яке сохти капитализм ва дигаре сотсиализмро интихоб намуданд, мувофиқан ҳалли масъалаҳои зиёде ба миён омада буд, ки интихоб ва ҷобаҷогузории ботартиби амалисозӣ онҳро ногузир буд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барномасозӣ дар шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ охирҳои солҳои 90-ум ташаккул ёфт. То имрӯз баъзе аз барномаҳои дар ҳамон солҳо қабулшуда табиқ ёфта истодаанд, яъне татбиқи вазифаҳои интихобшуда ҳоло ҳам идома доранд – Стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон, Стратегияи миллии рушд ва ғайра.

Аз ин ҷо бармеояд, ки асоси барномасозиро муайян намудани мушкилоти иҷтимоӣ, моҳият ва хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории он ташкил медиҳад.

Дар ин замина, қадами аввал **мушкилоти муҳим ё аввалиндараҷаи иҷтимоӣ** ва сабабҳои пайдоиши он муайян карда

мешавад, ба монанди мушкилоти воқеӣ, ки ба рушди ҷомеа ҳамчун ҳашароти зараррасон монеагӣдошта бошад.

24.2 Хусусиятнокии мушкилоти иҷтимоӣ

Мушкилоти иҷтимоӣ, ин мухолифати байни воқеият ва зарурат, зоҳирӣ ва ниҳонӣ, дилхоҳ ва зарурӣ, созгорӣ ва вайронкорӣ мебошад, ки бартараф ва ё ҳал нагардидани он ба маҳрум кардани ҷомеа аз рушди муътадил, бомувозинат, пай дар пай ва устувор боис мегардад.

Мушкилоти иҷтимоӣ гуногунсохт буда, дар вазъиятҳо ва ҳолатҳои гуногун пайдо мешавад. Хусусиятҳои мушкилоти иҷтимоиро метавон ба намудҳои зерин ҷудо намуд.

Мавҷудияти мухолифат байни мақсадҳои дилхоҳ ва шароитҳое, ки одамон ба онҳо талош меварзанд. Дар ин сурат номуносибӣ ва пуртазодии мақсадҳо метавонад ба шиддат гирифтани ихтилофот боис гардад, ки дар натиҷа ба амалҳои беасос ва роҳи бе бозгашт оварда мерасонанд, агар мувофиқати онҳо ба даст оварда нашавад.

Мисол: шахси наврас аслан хоҳиши зиёди хондан, зимнан рафтан ба мактабро надорад, вале низом ва зарурати ҳаётӣ донишандӯзии ӯро талаб мекунад. Агар чунин мақсад ё майлу хоҳиши наврасро амалӣ намоем, пас, бо гузашти вақт - танҳо як даҳсола сатҳи бесаводӣ дар ҷомеа афзоиш ёфта, бозпас гаштан ба вазъияти аввала имконнопазир мегардад. Чун шахси наврас дар ин давра аллакай ба шахси ҷавон (калонсол) ва комилҳуқуқ, мувофиқан камсавод табдил меёбад; зимнан умри инсон гузаранда аст, на бозгарданда.

Ноқисӣ доштан ва нопурра будани воситаҳои ҳалли вазифаи гузошташуда, ки пурра кардани онҳо ба нақша гирифта нашудааст ва агар, онҳо бартараф карда нашаванд боиси шиддатнокии вазъият гардида, номусоидии муносибатҳоро ба вуҷуд меорад.

Мисол: барои рушди сатҳи истеҳсолот ба ҳайати ёрирасони ташкилот то 100 нафар қувваи иловагӣ ҷалб карда мешавад, аммо пас аз сипарӣ гаштани як моҳи фаъолият мушкилоти норасоии маоши кормандон пайдо мегардад. Асли воқеа он аст, ки зимни ҷалби қувваи иловагӣ ташкилот зиёд кардани фонди музди меҳнат ва ё имконияти

худро оид ба пардохти музди меҳнати қувваи иловагӣ ба ҳисоб нагирифта буд.

Афзоиш ёфтани ҷараёнҳои бенизом – бетартибиҳо, ки рафти бонизом ва пайдарпайии рушдёбии рӯйдодҳоро вайрон месозанд.

Мисоли ин намуди мушкилот ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум дар Тоҷикистон шуда метавонад, ки дар натиҷа низоми идоракунӣ вайрон гардида, бесарусомонӣ ва ноороми ҷомеаро ба нобудӣ таҳдид мекард.

Сабабнокӣ (далелнокӣ) дар ҷустуҷӯи ғояҳо ва роҳу усулҳои нави идоракунӣ (дар баъзе ҳолатҳо) – дар сурати гузариш ва ё азнавсозии низоми идоракунӣ ташкилотҳо маҷбур мегарданд, ки роҳу усулҳо ва идеяҳои муносиб ва мувофиқи пешбарии ташкилотро дарёфт намоянд; яъне дар ин вазъият мушкилот сабаби рушдёбии муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад.

Мисол: Дар марҳалаи гузариши Тоҷикистон ба сохтори демократии идоракунӣ то як муҳлат фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат дар шакли собиқ колхозҳо ва совхозҳо боз монд, чунки ин шакли идоракунӣ ба сохтори нави – демократии идоракунӣ мутобиқат намекард. Мувофиқан он ба шакли нави хоҷагидорӣ – фермерӣ табдил ёфта, як хоҷагӣ ба даҳҳо ва садҳо хоҷагиҳои автономӣ / мустақил ҷудо гардид. Тибқи низоми нави идоракунӣ хоҷагиҳо на аз боло ба поён (аз кулл ба ҷузъ), балки аз поён ба боло (аз кулл ба ҷузъ) ташкил меёфтанд.

Аксуламал ва муносибати субъект – дар бисёр мавридҳо аксуламал ва муносибатҳои ихтилофдоштаи (роҳу усулҳои ҳал) субъект ба мушкилоти мавҷуда боиси худ ба худ бартараф гардидани он мегардад. Дар шароити нави муносибатҳои идоракунӣ василаҳои мубориза низ дигаргун шуда истодаанд. Агар солҳои пешин объекти муносибатҳо танҳо мушкилот ба ҳисоб мерафт ва тамоми қувва барои мубориза, зимнан бартараф сохтани он равона мегардид, пас, усулҳои нави идоракунӣ ба сифати объект ҳам мушкилот ва ҳам худи ташкилотро баррасӣ менамояд. Василаи бартарафсозӣ бошад, акнун на бо принсипи мубориза, балки дар шакли муқовимат, истодагарӣ, ҳамкорӣ ва ҳатто дастгирӣ ба роҳ монда мешавад.

Мисол: дар шароити электроникунонии муносибатҳои идоракунӣ дар Тоҷикистон дар назди бисёре аз ташкилотҳо масъалаи аз кор озод

намудани кормандоне меистод, ки малакаи кор бо компютерро надоштанд ва албатта ин хоҳиши худи маъмурон набуда, тақозои сохти муосири идоракунӣ ба ҳисоб мерафт. Баръакс маъмурон бинобар аз даст додани кормандони ботаҷриба ва босалиқа роҳу усулҳои гуногуни нигоҳ доштани онҳоро меҷӯстанд. Акнун дар доираи илми идоракунӣ роҳи муносиби ҳалли мушкилот ин дастгирии он гардид, ки дар назди кормандон вазифа гузошта шуд: такмили дониш, ихтисос ва касб дар робита ба омӯзиши малакаи кор бо компютер. Мутаносибан касоне, ки вазифаи гузошташударо иҷро намуданд, ҷойи кори худро истодагарӣ карда тавонистанд ва касоне, ки натавонистанд, ногузир (бо теъдоди хеле кам) аз кор рафтанд.

Дар ин ҷо, усули «аксуламал» - дастгирии мушкилот (на мубориза) ба он оварда расонид, ки мушкилот худ ба худ бидуни дучор омадан ба буҳрони кадрӣ ва истеҳсолӣ бартараф гардад.

22.3 Моҳияти барномасозии иҷтимоӣ

Барномасозии иҷтимоӣ ба дақиқ намудани объектҳо ва тадбирҳои худ дар роҳи бартарафсозии мухолифатҳо байни зарурати воқеӣ ва вазъияти дилхоҳ ва ҳақиқӣ равона мегардад.

Барномаҳо, ки маҳсули асосии барномасозии иҷтимоӣ мебошанд, ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

- аз рӯи субъект, ки талаботи он(ҳо) (гурӯҳҳо, шахсият, қишрҳо, ҷамъият) бояд қонеъ гардонида шаванд;
- аз рӯи мавзуъ / предмет – демографӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғ.;
- аз рӯи давомнокӣ – ҷорӣ, кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат;
- аз рӯи ҳаҷм – ҷаҳонӣ, минтақавӣ, миллӣ / ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, шахсӣ, ташкилотӣ ва ғ.;
- аз рӯи мутобиқат ба талаботи ҷамъиятӣ – зарурӣ / эҳтиёҷдор, таъҷилӣ, ояндадор.

Ин гурӯҳбандӣ шартӣ мебошад, зеро барномаҳо метавонанд дар як вақт бо фарогирии як ё якчанд хусусиятҳои мушкилоти муайяни иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки маҳдуд кардани хусусиятнокии барнома аз рӯи талабот ва вазъияти баамаломада метавонад самаранокӣ ва натиҷанокии онро зиёд намояд.

Ҳамчунин, барои ҳал намудани дилхоҳ мушкилоти иҷтимоӣ метавон якчанд барномаи махсусгардонидашуда – аз рӯи гурӯҳи масъалаҳо ва хусусиятнокии муайян рӯи кор оварда шаванд. Барномаҳо аз рӯи мундариҷа ва ё мазмун чунин ҷанбаҳоро фаро мегиранд:

1) муайян намудани вазифаи идоракунӣ бо назардошти таҳлили мушкилоти иҷтимоӣ дар / нисбат ба вазъияти воқеӣ;
2) имконияти ҷудо намудани мушкилот ба қисмҳои таркибии бо ҳам пайваста ва мутақобила, муайян намудани афзалиятҳо;
3) ошкор сохтани шартҳо ва маҳдудиятҳо зимни амалисозии вазифаҳои гузошташуда;
4) асосноккунии тарзу усулҳои имконпазири дастёбӣ ба мақсади гузошташуда ва аз миёни онҳо интихоб намудани усули нисбатан муносиб;
5) муайян намудани механизми ташкилии татбиқи вазифаҳо;
6) баҳогузорӣ намудани натиҷаҳои интизорӣ / ниҳоӣ аз рӯи амалиёбии ҳар як вазифаи гузошташуда.

Дар баробари ин, зимни барномасозии иҷтимоӣ мушкилоти муқарраргардида бояд зинаҳои зерини тафсирро фаро гирад:

1. Таҳлил ва ташхиси мушкилот ва муҳимияти ҳалли он;
2. Муайян намудани мақсад ва вазифаҳои идоракунии аввалиндараҷа, таъҷилӣ ва дарёфти воситаҳо ва усулҳои таъсиррасон;
3. Таҳия намудани тариқҳои (вариантҳои) амалҳои ҳаммонанд (алтернативӣ);
4. Баҳогузории ҳар як амали ҳаммонанд (алтернативӣ);
5. Андозагирӣ ва баҳогузории натиҷаҳои (оқибатҳои) татбиқи мушкилот.

Барномасозии иҷтимоӣ якчанд хусусиятҳои хосро соҳиб мебошад:

А) Инкишофи иҷтимоии ҷомеа на як, балки баррасии якчанд мушкилотро дар якҷоягӣ афзалият медиҳад. Дар ин ҷо мебояд 2-3 масъалаи мубрамеро, ҷудо намуд, ки татбиқи онҳо ба ҳалли бомуваффақи дигар мушкилот ба мисли таъсиррасонии шабакавӣ мусоидат намояд. Дар ин маҷмӯи амалҳо роҳи ҳал - таҳлили амиқи мухолифатҳои мавҷуда ва вазъияти воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Мисол: худкоргардонӣ ё рақамикунонии истеҳсолот ҳал намудани силсилаи мушкилотро тақозо мекунад, ба монанди 1) ихтисор намудани воҳидҳое, ки ҷойи онҳоро автотехника мегирад, 2) бо ҷойи корӣ таъмин намудани кормандоне, ки ихтисор мешаванд, 3) ба кор даъват намудани мутахассисони кор бо автотехника, 4) коркард намудани механизмҳои нави ҳавасмандгардонӣ ва муносиб ба кормандони техникӣ.....

Б) Мебояд донист, ки пас аз ҳалли ҳар як масъала, мушкилоти дигар ва ё ҷанбаҳои дигари он пайдо мегардад, ки барои қабули қарорҳои (амалҳои) идоракунӣ душвории муайян ва нисбатан мураккаб пеш меорад.

В) Мувофиқи талаботи илмӣ зимни барномасозии иҷтимоӣ набояд ба ҳамон як муқаррароти мақсадӣ маҳдуд гардид, зеро онҳо азнавсозии доимӣ, аниқсозӣ ва тағйирдиҳиро талаб мекунанд.

Г) Мушкилоти иҷтимоӣ одатан мушаххас аст ва гузаронидани (кӯчонидани) роҳу усулҳои ҳалли он(ҳо) аз як мамлакат ба дигар наметавонад кафили муваффақият бошад.

Д) Барномаҳои иҷтимоии навовар одатан дар байни субъектҳо хуб қабул намегарданд, чунки онҳо аз иҷрокунандагон тағйир додани шакл ва усулҳои қолабгаштаи кориро талаб мекунанд.

УСУЛҲОИ БАРНОМАСОЗӢ

Барномасозӣ ба якчанд тартибҳои пайдарпай – алгоритми зерини амалҳо асос меёбад:

1) **Таҳлил ва ташхиси мушкилот** – таҳлили сотсиологии вазъияти мушкилотро ба вуҷуд оварда, ҳолати иҷтимоии ҷамъиятро дар ҳамбастагӣ ба мушкилоти баррасишаванда меомӯзад; тадқиқи рафтори гурӯҳҳои мақсаднок-иштирокчии ҳалли мушкилотро аз рӯи манфиатҳо ба роҳ мемонад. Дар натиҷа бояд масъала бо назардошти ҳаҷм, ҷиддият, таъсирнокӣ ва аҳамиятнокӣ муайян карда шавад.
2) **Хостагирии мушкилоти баррасишаванда** (зимни барномасозӣ қарор гирифта). Зимни хостагирӣ аҳамиятнокӣ, муҳимият ва сатҳи зарароварии масъала (проблема), дараҷанокии дастоварди мақсадҳо дар сурати ҳалли муваффақи он, зарурати муттаҳидӣ ва ҷалби имкониятҳои

ҳамаи иҷрокунандагон / субъектҳо ва сатҳи навоварии масъала муайян карда мешавад.

3) **Муайян кардани мақсад**. Мақсад бояд мушаххас ва дастрас бошад, ҳамчун стратегияи рушд, инъикоскунандаи манфиатҳои ҳам субъекти муайян ва ҳам ҷомеа дар умум мушаххас карда шавад.
4) **Амалисозии усулҳои захиравӣ**. Муайян намудани имкониятҳои воқеии субъект бо назардошти тамоми захираҳо, на танҳо моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ. Вақтҳои охир дар ин раванд имкониятҳои илмӣ ва иҷтимоӣ ба таври васеъ ҷолиби истифода қарор дода мешаванд.
5) **Ташкили механизми амалисозии мақсади гузошташуда**. Дар ин усул зарур аст, ки тамоми воситаҳои муносиб ва мусоидаткунандаи татбиқ муайян карда шаванд.
6) **Таҳлили мунтазами рафти амалисозии барнома ва ислоҳоти он.** Барнома набояд шахшуда ва роҳу усулҳои карахти амалисозиро соҳиб бошад. Дар ҷараёни дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва талаботи бозори муносибатҳо – таъсири беруна ҳолатҳои зиёде пайдо мегарданд, ки самти татбиқи барнома ва вазифаҳои он бояд тағйир дода шаванд.
7) **Баҳогузории натиҷаи бадастовардашуда**. Мутобиқати натиҷаи ноилгардида бо мақсади гузошташуда ва бо ин восита муайян намудани мақсади нав.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Матлаби асосии барномасозии иҷтимоӣ ба чӣ асос меёбад?
2) Барномасозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кай ташаккул ёфт?
3) Мушкилоти иҷтимоӣ чист?
4) Барномасозӣ ба чанд тартибҳои пайдарпайӣ – алгоритми амалҳо асос меёбад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
2. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
3. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
4. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2016
5. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
7. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

§ 25. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ АМАЛИИ ИДОРАКУНӢ ВА ИҶТИМОӢ

25.1 Технологияҳои идоракунӣ ва иҷтимоӣ: мафҳумҳо

Муносибатҳои идоракунӣ аз амалҳои муайяне иборатанд, ки дар таъмини самаранокии онҳо бо назардошти талабот ва шароитҳои пешомада роҳу усулҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Дар маҷмуъ **роҳу усулҳо ва тарзу тартиби амалисозии ҷараёнҳои идоракуниро технологияҳои идоракунӣ меноманд**.

Таркиби технологияи идоракуниро амалиёти ташкилӣ, мантиқӣ, иттилоотӣ ва баҳисобгирӣ, ки аз ҷониби маъмурон ва мутахассисон бо тартиби муайян ба иҷро расонида мешаванд, ташкил медиҳад.

Технологияи иҷтимоӣ бошад, ба идоракунии ҷомеа ва объектҳои мушаххаси иҷтимоӣ хос мебошад, ки дар ҷараёни дастёбӣ ба муваффақиятҳо, он дар шаклҳои гуногун – **таҳия ва татбиқи лоиҳа, барнома, нақшаи чорабиниҳо, ташкили воҳидҳои кадрӣ, такмили ихтисоси кормандон** ва ғайра истифода карда мешавад.

Олимон зимни тадқиқотҳои илмӣ исбот кардаанд, ки татбиқи технологияи иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи пурраи нерӯ, қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кормандон метавонад ба афзоиш ёфтани иқтидори истеҳсолии ташкилот то 25% ва ҳангоми амалисозии пурраи захираҳо то 60% мусоидат намояд(А. Уткин).

Мисол: Дар Ҷопон афзоишёбии саноат дар ҳолате ба даст омад, ки ҳукуматдорон ба истифода намудани иқтидори илмӣ зимни омӯзиши маҷмӯии мушкилоти иҷтимоии корманд ва ташкилот афзалият доданд. Ин кишвар, ки чун Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ тангҳол аст, принсипи «боигарии мо – захираҳои инсонӣ»-роафзалият додааст, мувофиқан тамоми шароитҳоро ҷиҳати истифодаи босамар ва рушди ин захираи муҳими иҷтимоӣ фароҳам овардааст.Барои расидан ба нуқтаҳои баланди иқтисодӣ Ҷопон роҳи мустақили худ – барномасозии иқтисодиро пеш мегирад. Соли 1945 иқтисодиёти Ҷопон дар ҳоли харобшавӣ қарор дошт, вале он дар соли 1980 аз рӯи истеҳсолот дар ҷаҳони капиталистӣ ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Рушди иқтисодиёти Ҷопон аз таваҷҷуҳи ҳукуматдорон ба тарзи идоракунии ташкилот, идоракунии иҷтимоӣ бо назардошти фарҳанг

ва урфу одатҳои миллӣ оғоз мегардад. Зимнан асоси иқтисодиётро дар баробари нерӯи зеҳнӣ саноат, аз ҷумла саноати нақлиёт ташкил медиҳад. Дар солҳои 70-ум новобаста аз он ки имкониятҳои иқтисодии Ҷопон зери таваҷҷуҳи Ғарб қарор надошт, ба бандарҳои ИМА ҳаррӯз 5-6 ҳазор автомобилҳо ворид мегардиданд. Дар соли 1975 ба ИМА 800 ҳазор автомошинаи истеҳсоли Ҷопон ворид гардида, ин рақам соли 1981 ба 1,9 млн. адад (дар як сол) баробар мешавад. Баъди ин дастоварди саноатӣ олимон ва мутахассисони америкоӣ ва аврупоӣ барои омӯзиши таҷрибаи ҷопонии саноати автомобил ва табдили он дар кишварҳои худ кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд, аммо ба муваффақият ноил намегарданд. Зеро маҳаки комёбии Ҷопон дар технологияи иҷтимоии хосияти фарҳанги меҳнатӣ дошта инъикос меёфт; ҷомеаи Ҷопонро ҷомеаи пешбин низ меноманд.

Технологияи иҷтимоӣ маҷмӯи амалиёти пайдарпай, қоидаҳои мақсадноки таъсиррасон ва амалисозандаи нақшаҳои қаблан муайяншуда буда, барои бадастории натиҷаҳои муносиби иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Яъне, технологияи иҷтимоӣ василаи муҳимест дар механизми идоракунӣ, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташударо ба амалия табдил медиҳад.

25.2 Шаклҳо ва намудҳои технологияҳои иҷтимоӣ

Технологияҳои иҷтимоӣ дар ду шакл, **лоиҳа** ва **фаъолият** амалӣ гардонида мешавад.

Лоиҳа фарогири маҳсулоти барномавӣ мебошад, ки барои беҳгардонии вазъи идоракунӣ тартиб дода мешавад.

Фаъолият бошад, барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои қаблан муайяншуда ба роҳ монда мешавад. Яъне, барои ҳал намудани масъалаи хосташудаи иҷтимоӣ бо фарогирии тартибу усулҳои (ҳадафу вазифаҳои) муайян лоиҳа таҳия карда шуда, аз рӯи он – татбиқи ҳадафу вазифаҳои муайяншуда (таҳияшуда) фаъолияти самтнок амалӣ гардонида мешавад.

Технологияҳои иҷтимоӣ аз рӯи намудҳо ба соҳаи фаъолияти идоракунӣ вобаста буда, ба чор самтҳои **иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ** ҷудо мешаванд.

1. **Самти иқтисодӣ** – ба ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии меҳнат ва истифодаи он ҳамчун меъёри амалии баҳодиҳии иқтидори корӣ (корчалонӣ) ва эҷодии ҳар як корманд равона

мегардад. Вазифаи ин технология беҳтар гардонидани шароити меҳнатӣ ба воситаи такмил додан ва истифодаи самараноки нерӯи зеҳнии корманд мебошад. Инчунин, дар ин ҷараён иштироки бевоситаи корманд дар идоракунии истеҳсолӣ ҳамчун василаи муҳим ба инобат гирифта мешавад. *Мисол: ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии корманд ва ташкилот ба воситаи музди меҳнат, дараҷаи ихтисосмандӣ, касбият, қобилияти меҳнатии истеҳсолӣ ва эҷодӣ, фаъолнокии истеҳсолӣ ва идоракунӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ ва моддӣ*. Дар ин ҷо музди меҳнат, дараҷаи ихтисосмандӣ ва касбият, қобилияти меҳнатии истеҳсолӣ ва эҷодӣ, фаъолнокии истеҳсолӣ ва идоракунӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ ва моддӣ ҳамчун василаҳои самти иқтисодии технологияи иҷтимоӣба ҳисоб мераванд.

2. **Самти иҷтимоӣ** –таъмин намудани кафолатҳои иҷтимоӣ, адолат ва мувофиқасозии чораҳои меҳнат ва истеъмолиро фаро мегирад. Ин технология ба таҳияи чаҳорчӯбаҳои муайяни танзимкунандаи масъалаҳои муҳими ҳаётии кормандро, ба монанди саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва истироҳат афзалият медиҳад. *Мисол: суғуртаи иҷтимоӣ, суғуртаи тандурустӣ, таъмини бехатарӣ, рухсатии музднок, рухсатии эҷодӣ, рухсатӣ барои барқароркунии саломатӣ ва ғ.*
3. **Самти сиёсӣ** – фаъолияти бомароми низомҳои сиёсӣ – институтҳои давлатӣ (ҳокимият), ҳизбҳо, ниҳодҳои дипломатӣ, парламент ва ғайраро бо назардошти иштироки фаъоли ҷомеа дар ҷараёни ташаккулёбии онҳо, ҳуқуқ, боварӣ ва эътимоди одамон ба онҳо фаро мегирад. Зеро сиёсат на танҳо илм аст, балки ҳунари махсус ва маҳоратест, ки дар шароитҳои мушаххаси ҷамъиятӣ мавқеи хоси худро соҳиб буда метавонад, мувофиқан барои технологияҳои сиёсӣ ҳисси пешакӣ ва санъати пешгӯии сиёсӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷаи меҳнати зиёд ба даст оварда мешаванд. *Мисол: аъзогӣ дар ҳизби сиёсӣ, иштирок дар чорабиниҳои давлатӣ, дастгирии манфиатҳои сиёсии давлат, иштирок ва саҳмгузорӣ дар маъракаҳои сиёсии давлатӣ ва ғайра.*

4. **Самти маънавӣ** – вазъи рӯҳӣ, ошкорсозии равандҳо ва пешбинии тағйиротҳои имконпазирро дар идоракунӣ ва азхудкунии арзишҳои маънавӣ таҳлили амиқ менамояд. Ин технология ба ташкили шароитҳои муносиб барои истифодаи самаранок, рушди дархостҳо ва рағбати фарҳангии ҳар як фард баҳри қонеъгардонии пурраи манфиатҳои онҳо мусоидат менамояд. *Мисол: ҳавасмандсозии маънавӣ, этикаи рафтор ва гуфтор, эҳтиром ба маданияти шахсӣ ва ҳуқуқи корманд ба эътиқоди динӣ, таваҷҷуҳ ба фарҳанги эҳтироми ҷинсӣ ва ғайра.*

Таҳия ва амалисозии технологияҳои иҷтимоӣ дар се зинаҳои зерин сурат мегиранд:

1. Назариявӣ – муайян кардани мақсад, объект, гурӯҳбандии пешрафти иҷтимоӣ ва ошкорсозии робитаҳо байни онҳо;
2. Таҳлили методӣ – интихоби усулҳо, василаҳои дарёфти иттилоот, таҳлил ва коркарди он, принсипҳои табдилдиҳии он ба хулоса ва тавсияҳо;
3. Тартиботӣ – амалӣ гардонидани фаъолият марбут ба талаботи технологияҳои иҷтимоӣ.

25.3 Маданияти технологӣ

Истифодаи технологияҳо роҳу усулҳои муайянро соҳиб мебошад, ки он ба саволи «Чӣ тавр бояд технологияи иҷтимоӣ дар идоракунӣ истифода шавад?» посух медиҳад. Маданияти технологӣ маҳз фарогирандаи тарзи истифодаи технологияи идоракунӣ нисбат ба ҷараёнҳои иҷтимоӣ мебошад.

Маданияти технологӣ на ба мавҷудият ва зарурати чорабинӣ (ва ё амал(ҳо)и муқаррарӣ), ки яке аз ҷараёнҳои асосии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, афзалият медиҳад, балки тарзи таъмини самаранокӣ, татбиқи саривақтӣ ва бомаром, усулҳои натиҷагирӣ, таъсирбахшӣ ва аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ манфиатнокии чорбиниро (амалро) баррасӣ менамояд.

Қимат ва ё арзишмандии (нархи) ҳар як чорабинӣ, бахусус чорабинии идеологӣ дар муносибатҳои идоракунӣ яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунанда, эҳсосӣ ва доимо баррасишаванда мебошад.

Бо ҳамин мақсад ҷиҳати таҳлили амиқи масъала дар инҷо

технологияи ташкилии яке аз намудҳои чорабинии идеологӣ - «семинари омӯзишӣ»-ро аз рӯи вақт, нафар, хизматрасонӣ ва дигар нишондиҳандаҳо мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ҳамзамон, сифатнокии чорабинӣ дар ҳамбастагӣ ба (доираи) тартиботи мувофиқ ва муносиби амалисозӣ — Модели ташкили чорабинӣ (ниг. ба пайванди зерин - https://miraliev.com/2015/06/30/модели-ташкили-чорабиниҳои-идеологӣ/), иштироки хизматчии давлатӣ аз рӯи сарборӣ ва ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз рӯи имкониятҳои фароҳамбуда таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешаванд, то ин ки технология ва принсипҳои таъмини самаранокӣ ва таъсирбахшии фаъолият, сарфаи вақт ва маблағ бо назардошти ҳамкории иҷтимоӣ ба роҳ монда шаванд.

Мисол: бигузор ҳаҷми маблағ барои баргузории як чорабинӣ - семинари дурӯза, ки 25 нафарро фаро мегирад, муайян карда шавад.

Барои ин, сараввал баъзан нишондиҳандаҳои муҳимро, ки сифати семинарро таъмин мекунанд, дар доираи Модели чорабинӣ (ниг. ба: маводи таълимӣ «Идеологияи миллӣ ва ҷавонон», https://miraliyon.page/) дар шакли зайл муайян месозем:

- *ВАҚТИ ХИЗМАТРАСОНӢ - камаш ду моҳ ё инки 44 рӯзи корӣ;*
- *ҲАҚҚИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҲАЙАТ– 27,2 сомонӣ/рӯз ё ин ки 3,4 сомонӣ/соат [тибқи омори расмӣ музди моҳона ба ҳисоби миёна 600 сомонӣ мебошад];*
- *ҲАҚҚИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУТАХАССИСИ КАСБӢ (КОРШИНОС) - 81,6 сомонӣ/рӯз ва ё 10,2 сомонӣ/соат [хизмати мутахассиси касбӣ тахминан 3-4 маротиб зиёд мебошад];*
- *ИҶОРАИ ТОЛОР – 100 сомонӣ/соат [иҷораи толор ва асбоби садошунавӣ дар ш.Душанбе аз 100 то 3000 сомонӣ/соат мебошад].*

Акнун, моро зарур аст, ки харочоти ибтидоиро (заминавиро) ба инобат гирем, аз ҷумла:

Номгӯи харочот	*Нарх/воҳид*	*Ҳамагӣ*
Хизмати ҳамоҳангсоз/роҳбари лоиҳа/чорабинӣ	*600 сомонӣ * 2моҳ*	*1200 сомонӣ*
Масъули молиявӣ	*27,2 сомонӣ*10рӯз*	*272,2 сомонӣ*
Хизмати маърӯзачӣ /тренер	*81,6 сомонӣ *2рӯз*2нафар*	*326,4 сомонӣ*

Андози иҷтимоӣ	*25% аз ҳаққи хизмати ҳайати лоиҳа*	*450 сомонӣ*
Иҷораи толор/дастгоҳи садо	*100 сомонӣ*16 соат*	*1600 сомонӣ*
Маводи дафтардорӣ	*10 сомонӣ*25 нафар*	*250 сомонӣ*
Хӯрока	*30 сомонӣ*2 рӯз* 25 нафар*	*1500 сомонӣ*
Ҳамагӣ		***5598,6 сомонӣ***

Ҳамзамон, дар сурати истифода бурдани манбаҳои иловагӣ, яъне ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикии иҷтимоӣ ин маблағро метавон ***то 50% кам намуд****, аммо ин аз малака ва қобилиятнокии шахси маъсул ва хусусияти чорабинӣ вобастагӣ дорад.*

Акнун, тибқи технологияи иҷтимоӣ, агар семинарро ташкил намоем, яъне семинарро бо роҳи ҳамкорӣ ва шарикӣ амалӣ созем, зимнан аз манбаъҳои гуногуни дастрас истифода намоем, пас маблағи мо то 2800 сомонӣ сарфа мегардад. Мутаносибан, имконияти иқтисодӣ ва иҷтимоии ташкилот васеъ гардида, самарабахшии амалҳои татбиқшуда ба ҷомеа зиёд мегардад.

Яъне, технологияи иҷтимоӣ на танҳо самарабхшӣ, ҳамчунин сарфаи зиёди маблағро зимни амлисозии дилхоҳ чорабинии ташкилию маънавӣ, фарҳангию омӯзишӣ ва ғайра имконият медиҳад.

Маданияти технологӣ бештар ба маҳорати амалисозии тарзу усулҳои ҳамаҷониба ва бонизом (системавӣ), ки аз дониши амиқи ҷараён ва тартиботи таъсиррасонӣ вобастагӣ дорад, асос меёбад. Аммо дар ҳоли ҳозир бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ худихтиёрдории маъмурӣ ҳукмфармо мебошад, ки дар натиҷа сатҳу сифати идоракунӣ дар ҳамбастагӣ ба талаботи ҷомеаи муосир самти устувори рушд надорад.

Ҳамин тариқ, дар ин ҷода ду навъи маданияти технологӣ рӯи кор қарор дорад, ки яке ба олимон, дигаре ба амалисозон рабт дода мешавад. **Олимон** вазъиятро тадқиқ мекунанд, барои татбиқ пешниҳод ва тавсия медиҳанд, **амалисозон** бошанд, бидуни эътибори натиҷаҳои илмӣ фаъолият мекунанд. Дар ин ҳолат технологияҳои идоракунӣ самти амалиёбӣ ва нақши воқеии худро гум мекунанд ва идоракунӣ бошад, зери таҳдиди нокомӣ ва номуваффақӣ қарор мегирад.

Вазифаҳои технологияи идоракунӣ, ба монанди батанзимдарорӣ, дастгирӣ, нигаҳдорӣ ва такмилдиҳии ҷараёни ташкилӣ ниҳоят муҳим мебошанд. Дар сохтори ҳар як ташкилот муносибатҳои ташкилӣ ва беамалӣ (зиддиташкилӣ) вуҷуд доранд, ки пайдарпайии дастгирӣ ва риояи меъёрҳои қабулшуда метавонад ин муносибатҳоро ба танзим дарорад. Дар ин раванд амалиёт ва қоидаҳои дахлдор чӣ фишангҳои иқтисодиро, ба монандӣ даромад, маош, нарх ва ғайра ва чӣ ҳуқуқиро истифода менамоянд. Дар ҳама ҳолат ин технология ба дониш, рафтор ва кирдори инсон ҳамбастагии зич дорад, ки дар ниҳоят – бо истифодаи босамари нерӯи инсонӣ ташкилот метавонад равнақ ёбад.

Маданияти технологӣ ҳамчун ҷузъи маданияти инсонӣ дар ду шакл ба вуқӯъ меояд: 1) омода мегардад ё сабзиш меёбад (тариқи таҳаввулот, пайдарпай), 2) аз таҷриба бармеояд ва ё ба таври сунъӣ ташаккул меёбад (тариқи пайваст кардани илм ва амал). Дар ин муносибат технологияҳои иҷтимоӣ, аз як тараф зимни тағйиротҳо, таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва шароитҳои ҷомеаи муосир, ба монанди рушди воситаҳои робитавӣ, иттилоотнокӣ, компютерикунонӣ, таҷрибаҳои таълимӣ, рушди вобастагиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ғайра истифода мегарданд, аз тарафи дигар бинобар рушди хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии ҷомеа, асосҳои тарзи ҳаёти одамон, анъанаҳо ва урфу одатҳои ҳамзистӣ ва ғайра мавриди омӯзишу корбарӣ қарор дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, **маданияти технологӣ қисмати маҳдуди фарҳанги умумӣ мебошад, ки дар таркиби худ ҳамгироии дастовардҳои илмии гуманитарӣ ва техникиро ташкил медиҳад, принсипҳои илман асоснокшударо на танҳо дар омӯзиши фазои иҷтимоӣ, балки ташкили фаъоли он дар ҳамбастагӣ ба рушди низомҳои иҷтимоӣ ба роҳ мемонад**.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Технологияи идоракунӣ чист?
2) Татбиқи технологияҳои иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи пурраи нерӯ (потенсиал) ва қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кормандон метавонад ба афзоиш ёфтани иқтидори истеҳсолоти

ташкилот то чанд фисад ва ҳангоми амалисозии захираҳо то чанд фисад боис гардад?
3) Технологияи иҷтимоӣ чист?
4) Таҳия ва амалисозии технологияҳои иҷтимоӣ ба кадом се зинаҳо асос меёбад?
5) Вазифаҳои технологияи идоракуниро номбар кунед?
6) Маданияти технологӣ ҳамчун ҷузъи маданияти инсонӣ дар ду шакл ба вуқӯъ меояд, кадомҳо?
7) Маданияти технологӣ чист?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАИ МАЪЛУМОТ

1) Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
2) Понятие технологии управления. Основные требования к технологии административного управления. [Маводи электронӣ] – Тарзи дастрасӣ: http://mybiblioteka.su/1-66388.html
3) Особенности японского менеджмента [Маводи электронӣ] – Тарзи дастрасӣ: http://historic.ru/books/item/f00/s00/z0000006/st024.shtml

БОБИ IV. ИРТИБОТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИДОРАКУНӢ

§ 26. МАДАНИЯТИ ИРТИБОТӢ ДАР ИДОРАКУНӢ

26.1 Муошират ва арзишҳои он зимни иртибот (робита)

Маданияти иртиботӣ барои ҳар як ташкилот ва узви он дар шароити ҷомеаи муосир асоси муваффақиятҳо, комёбиҳо, нуфуз, рақобатпазирӣ, эътироф ва пайдо кардани мавқеи хоса дар байни ҷомеа ба шумор меравад. **Асоси маданияти иртиботиро талаботи умумиқабулшудаи муошират ташкил медиҳад,** ки он ба 6 намуди арзишҳои шахсият вобастагӣ ва пайвастагии зич дорад:

1) **Боназокатӣ / хушмуомилагӣ** – муносибати боэҳтироми шахс нисбат ба дигарон, эътибор ва эътирофи шахсияти онҳо. Боназокатии инсон ҳангоми лутф, салому дуруд ва изҳори таманниёт, зимни вазни (садои) овоз ва имлову ишора имконпазир мебошад. *Тибқи таҳлилҳои мавҷуда муайян карда шудааст, ки дар натиҷа ва ё таъсири дағалрафторию маъмурият / роҳбарият (ки хилофи боназокатӣ мебошад) нисбат ба кормандон ҳаҷми истеҳсолот дар ташкилот то 17% талафот мебинад.*
2) **Дурустрафторӣ** – худро нигоҳ доштан, худдорӣ кардан дар ҳама ҳолатҳои номуносиб, бахусус вазъиятҳои баҳсбарангез ва низоангез.
3) **Боодобӣ** – эҳсос ва дарк намудани сарҳадот ва андозаи (вазни) муомила ва муошират, зимнан зиёдаравӣ накардан – нигоҳ доштани ҳади гуфтору кирдор, то ин ки ҳамсуҳбат дар ҳолати ноҳинҷор ва хиҷолатовар гузошта нашавад.
4) **Хоксорӣ** / **фурӯтанӣ** – ботамкин ва ботаҳаммул будан зимни баҳодиҳии рафтору кирдори шахсони дигар, эҳтиром гузоштан ба табъу завқ ва майлу вобастагии онҳо.
5) **Саҳеҳият** / **дақиқият** – риоя намудани ченаки вақт ё ин ки вақти муайяншуда зимни муносибатҳо, иҷро намудани ваъдаҳои додашуда ва уҳдадориҳои вобасташуда дар ҳама ҳолату вазъиятҳои ҳаёту фаъолият.

6) **Боилтифотӣ** / **хушхизматӣ** – маҳорати меҳрубонӣ, кӯшиши аввалин шуда хизмат расонидан бо мақсади ҳамсуҳбатонро аз нороҳатӣ, нохушӣ ва ногуворӣ дур кардан.

Ҳамин тариқ, **маданияти иртиботӣ ин дониш, маҳорат ва малакаи шахс оид ба ташкили муносибатҳои мутақобила буда, барои: барқарор кардани робитаи психологӣ-маънавӣ бо шахсони дигар, аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти касбӣ; фаҳмиш ва дарки дақиқи ҳамсуҳбатон дар ҷараёни муошират; пешгӯии рафтори шарикон ва ҳамкорон ва равона сохтани он(ҳо) ба самти дилхоҳ мусоидат менамояд**.

Сатҳи маданиятнокии иртиботии фард аз рӯи якчанд хусусиятҳои хоси шахсият муайян мегардад, аз ҷумла хайрхоҳӣ, ҷаҳонбинӣ, самимият, ташаббуснокӣ, аниқӣ, кушодагӣ, худшиносӣ ва ғайра.

Инсон қобили дарк намудани дигарон шуда метавонад, агар: талабот ва тамоюлҳои арзишманди худ ва услуби фаъолияти меҳнатии худро донад; малакаи дарк ва қабул намудани дигаронро бидуни зарароварӣ (расонидани таъсири манфӣ) дошта бошад; ба қабули навовариҳо ва тағйиротҳои берунӣ омода бошад; имкониятҳои худро дар муносибат ба шинохти арзишҳо ва меъёрҳои гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ ва фарҳангҳои бегона пеш гузошта тавонад; ҳиссиёт ва вазъи психологии худро дар робита ба омилҳои таъсиррасони муҳити беруна идора карда тавонад; тарзу усулҳои хусусигардонӣ ва ё моилгардонии муҳити берунаро ба худ донад.

Барои ташаккули маданияти иртиботӣ инсон бояд маҳорати зерини иҷтимоӣ-психологиро соҳиб бошад:

- ҳангоми муошират шароити фароҳамбудаи ҷорӣ ва муҳити психологиро ба назар гирад – *дар сурати мотам доштани шахсе бо ӯ оиди тӯю тамошо ва фароғат суҳбат кардан нодуруст аст*;
- аксуламали ҳамсуҳбатро бо амалҳои худ пешгӯӣ намояд (ангезиш диҳад) – *агар ба ҷое саросема ҳастед, вале ҳамсуҳбати Шумо анҷоми суханаш дур аст, пас бо амалҳои худ, ба монанди зуд зуд нигоҳ кардан ба соат ва дар ҷойи нишаст ба ҳар тараф назар кардан метавонед вазъиятро ба нафъи худ гардонед*;

- ба суханронии лаҳни (тарзи) эҳсосотии ҳамсуҳбат омода бошад – *табиати аксари шахсон сард аст, бинобар ин суҳбати озоди онон низ эҳсосӣ мебошад, мувофиқан барои тезу тунд накардани вазъият қаблан бояд ба ин гуна суҳбатҳо омодагӣ дид ва бо эҳсос сухан нагуфт*;
- аксуламали ҳамсуҳбатро барои муошрати хосташуда ангезиш диҳад (тақвият бахшад) - *агар бо мақсади баррасии масъалаи истеҳсоли мол бо шахсе мулоқот мекунед, аммо ӯ атрофи ҳаёти шахсӣ суҳбат дорад, пас мебояд ӯро аз паҳлӯҳои молу мулкии шахсӣ пурсон шуд ва бо тамкин ба баррасии мақсади гузошташуда ҷалб намуд*;
- муоширатро бо ҳамсуҳбат дастгирӣ намояд, ӯро ба фаъолнокӣ завқманд созад – *табиати инсонист бо якдигар суҳбат намудан, аммо ҳолатҳое дучор меоянд, ки бо шахси бо шумо гуногунақида ва самти фаъолияти гуногундошта ҳамсуҳбат мешавед, пас мебояд, сараввал рағбати ӯро муайян сохт ва бо ӯ атрофи масъалаҳои (ба ӯ) завқманд суҳбат намуд, сипас дар ҳолати пайдо намудани манфиати умумӣ суҳбатро ба самти дигар (барои ҳар ду ҷониб мувофиқ) метавон равона сохт*;
- ҳар чи зиёд хусусиятҳои психологӣ-иҷтимоии робитавии талқиндиҳандаи муоширатро истифода барад – *агар хоҳиш доред, ки дар мавзӯи коркарди матоъ суҳбат кунед, пас дар раванди суҳбат бояд ҳамеша аз хосиятҳои матоъ иқтибос овард. Мисол: ҳамсуҳбати шумо майл дорад, ки оиди автомобил сухан кунад, пас аз ӯ мебояд дар бораи матои барои истеҳсоли автомошина истифодашаванда, арзиш ва технологияи коркарди он ва ғайра пурсон шуд*;
- барои баланд бардоштани табъи ҳамсуҳбат ҷиҳати муошират шароити иҷтимоӣ-психологӣ фароҳам биёрад – *ҳамеша шахс ниёзи таваҷҷуҳ дорад ва дар бисёр ҳолатҳо пурсон шудан аз дастовардҳои шахсӣ, ҳаёти ошлавӣ ва фарзандон табъи инсонро беихтиёр баланд мебардорад, инчунин агар шавқу рағбати ҳамсуҳбат қаблан муайян карда шуда бошад, пас суҳбат хеле бомуносиб арзёбӣ мегардад*;
- монеаҳои психологиро ҳангоми муошират бартараф созад ва худро мутаносибан озод ҳис кунад – *дар суҳбати гурӯҳи*

дӯстдорони шоҳмот мебояд атрофи шоҳмот суҳбат намуд, агарчӣ маҳорати бозӣ кардани онро низ надошта бошед, ин амал имкон медиҳад, ки шумо худро дар муҳити бегона ноҳинҷор ҳис накунед ва мавзуи суҳбат дошта бошед;

- зимни суҳбат тарзи истодан ва имлову ишоратро муносиб истифода намояд – *мавриди ҳар як суҳбат хоси инсон аст истифода намудани имлову ишораҳои муайян, аммо агар суҳбат фарогири мавзӯи футбол бошад, наметавон дар ҷараёни он имлову ишораи гӯштинро истифода бурд*;
- таваҷҷуҳро то ҳадди имконпазир ба ҳал намудани масъалаи хосташуда равона созад – *мушкилоти марбут ба фурӯши мол пеш омадааст ва бо харидоре мулоқот таъин намудед, аммо вақти зиёди суҳбатро мавзӯи дастовардҳои мағозаи ӯ гирифта истодааст, пас бо пурсон шудан аз муштариёни ӯ ва сифати маҳсулоти онҳо, ки боиси дастовардҳо шудааст метавон самти суҳбатро ба мақсади хосташуда наздик намуд* ;
- бо назардошти вазъияти психологии фароҳамгардида қисмати интиҳоии суҳбатро муайян намуда, сипас ба он хотима бахшад – *ҳеҷ мумкин нест, ки суҳбатро аз нисфи сухани ҳамсуҳбат қатъ гардонид, мебояд суҳбатро то охир гӯш намуд, сипас бо ишора ба соат ва бо якчанд сухани дигар онро хотима бахшид, дар ҳолати зарурӣ идома додани онро дар суҳбатҳои оянда баён намуд.*

Мавриди муошират мақоми муҳимро маҳорат ва маданияти суханварӣ ва сухандонӣ ишғол менамояд. Маҳорат ва ё фаъолияти сухануариро ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Таркиби суханварӣ** – пурғановат, аҳамиятнок ва собитшаванда будани ақидаро (зеҳнро) фаро мегирад;
2. **Пурмаъноии (фасоҳати) суханварӣ** – тарзи эҳсосотӣ, рангинӣ ва ҷолибии изҳори ақидаро фаро мегирад. Тарзи баёни сухан бояд диққатҷалбкунанда, нишонрас ва бомаром бошад, то ин ки таваҷҷуҳ ва андешаи ҳамсуҳбат(он) ба он равона гардад.
3. **Талқинкунанда будани суханвар** – тарзу усул ва услуби таъсиррасониро ба тафаккур, ҳиссиёт ва иродаи шунаванда фаро мегирад.

Суханварӣ аз рӯи таркиб, фасоҳат ва талқинкунандагии он сатҳи аз худ кардани маълумотро аз ҷониби шунаванда ва натиҷанокӣ муайян менамояд.

26.2 Муносибат бо ҷомеа ва робитаҳои таблиғотию ташвиқотӣ (рекламавӣ)

Дар шароити ҷомеаи муосир яке аз усулҳои беҳтарини дастёбӣ ба муваффақият ин таблиғ, ташвиқ, таъриф ва тавсифи молу маҳсулоти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва робита бо ҷомеа дар муносибатҳои идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

Нақши муносибат ва ё робита бо ҷомеа (ки дар сатҳи ҷаҳонӣ бо номи «Public Relations» ё «PR» маъруф мебошад) дар ҷараёнҳои идоракунӣ зимни банақшагирӣ хеле муҳим мебошад. **Иртибот (робита) бо ҷамъият бо мақсаде ба роҳ монда мешавад, ки ҳадаф ва самтҳои пешгирифтаи ташкилот ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ ва талаботи воқеии ҷомеа мутобиқат намояд**, зеро дар ҳолати баръакс фаъолияти пурсамари ташкилот ғайриимкон мегардад, ҳатто масъалаи барҳам додани он пеш меояд.

Дар воқеъ имрӯз дар муносибатҳои идоракунӣ ду шакли банақшагирии фаъолият мавҷуд мебошад: 1) бо назардошти вазъияти воқеӣ ва талаботи ҷомеа; ва 2) бидуни (бе назардошти) вазъияти воқеӣ ва талаботи ҷомеа.

Ҳолати дуюм, мутаассифона нисбатан маъмул мебошад, ки сабабҳои он ба: надоштани дониш ва маълумоти кофии ташкилкунандагон оид ба тарзу усулҳои идоракунӣ; дарк накардани нақши ҷомеа нисбат ба ташкилот ва вобастагии ташкилот аз ҷомеа; надоштани (ва ё робита надоштан бо) мутахассисони ботаҷриба дар самти муносибат бо ҷомеа, асос меёбад.

Имрӯз муносибат бо ҷомеа дар фаъолияти ташкилотҳои азими Ғарб бисёр возеҳ дида мешавад, ҳатто онҳо ин тарзи фаъолиятро ҳамчун қисми ҷудонопазири сиёсат ва стратегияи ташкилоти худ муқаррар намудаанд. Собити ин тавсифот маълумотнокии ҷомеаи Тоҷикистон оид ба фаъолият ва маҳсулоти истеҳсолӣ, ҳатто сифати молу хизматрасонии онҳо – автомобили тамғаи «Мерседес», нӯшобаи «Кокакола», равғани механикии «Петрол», барномаи

компютерии «Интел», шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» ва ғайра – арзёбӣ мегардад, ки куллан маҳсулоти хориҷӣ мебошанд.

Мутаносибан дар шароити мамлакат яке аз сабабҳои нокомӣ дар идоракунӣ ин надоштани иқтидорнокӣ, маҳорат ва малакаи муносибат бо ҷомеа, бахусус ташвиқу таблиғи муносиби молу маҳсулот ба ҳисоб меравад. *Мисол: ҳолатҳое мавҷуданд, ки як намуди мол бо як сифат дар як вақт аз ҷониби истеҳсолкунандагони гуногун бо арзиши фарқкунанда пешниҳод мегардад. Воқеан маҳсулоти истеҳсолкунандаи ватанӣ бо нархи арзон, хориҷӣ бошад, бо нархи қимат ба бозор бароварда мешавад, илова бар ин харидор бештар моили маҳсулоти хориҷӣ мебошад.*

Дар ин ҷо муаммо на камаҳамиятӣ ва ё масрафкории харидор, балки каммаълумотии харидор ва заифии соҳибкори ватанӣ мебошад; зеро ҷомеа имрӯзҳо дар бораи маҳсулоти хориҷӣ, сифат ва ҳатто арзиши он маълумот дорад, дар ҳоле, ки оид ба мавҷудияти маҳсулоти ватанӣ - арзон, дастрас ва кафолатнокии он иттилооти муътамад надорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки робита бо ҷомеа на танҳо фурӯши маҳсулотро афзоиш медиҳад, балки рақобатпазирии молро боло бардошта, сатҳи иқтисодиёти ташкилотро устувор мегардонад.

Дар низоми идоракунӣ якчанд усули ҷорӣ намудани фаъолияти мансуб ба муносибат ё робита бо ҷомеа мавҷуд мебошанд:

1) **Ҳамоҳангсозии муттаҳидии муносибатҳо бо ҷамъият** ҳамчун василаи калидии идоракунӣ дар шаклҳои таблиғу ташвиқ (рекламаи молу маҳсулот), маркетинг (пешниҳоди молу маҳсулоти рақобатпазир ба бозор), робита бо ҷомеа (мутобиқ гардонидани фаъолият ба талаботи бозор), робита дар дохили ташкилот ва ғайра. *Барои амалисозии ин усули муносибат ба ҳар як ташкилот тавсия мегардад, ки фаъолияти идоракуниромутбиқи сохтори амалӣ ва ё амалӣ-амудӣ ба роҳ монад (ниг. ба параграфи 7). Яъне, ташкилотро мебояд якчанд маъмурони худро ба самтҳои алоҳидаи муносибат бо ҷомеа масъул гардонид ва бо ин мақсад чанде воҳидҳои сохтории махсусгардонидашуда ташкил намуд. Илова бар ин, яке аз воҳидҳоро ҳамчун Бахш оид ба робита бо ҷомеа ва яке аз муовинонромасъули бевосита муқаррар намуд. Бахши мазкур дар як вақт вазифаи ҳамоҳангсозии дигар воҳидҳоро дар самти робита бо ҷомеа бояд пеш барад;*

2) **Ҳамгироии муносибатҳо бо ҷамъият.** Дар ин усули ташкили идоракунӣ ҳамаи шаклҳои робитавӣ дар як сохтор ҷамъ оварда шуда, бо тартиби муайян амалӣ гардонида мешаванд. *Мисол: воҳиди зерсохтори ташкилот оид ба робита бо ҷомеа бо назардошти талаботи дигар воҳидҳои соҳавӣ нақшаи ягонаи ташкилотро оид ба кор бо ҷомеа тартиб дода, татбиқи онро бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ таъмин менамояд;*

3) **Фаъолияти мустақил ва ё ташкили воҳиди махсуси муносибатҳо бо ҷамъият**. Ин намуди фаъолият ҳамчун агентӣ ва ё шуъбаи / воҳиди махсуси ташкилот дар шакли мустақил бо фарогирии якчанд воҳидҳои зерсохтории худ ба роҳ монда мешавад. *Мисол: дар ширкати Гулф шуъбаи таблиғ ва муносибатҳо бо ҷамъият бо фарогирии 80 корманд амал мекунад ва ба тамоми масъалаҳои марбут ба робита бо ҷомеа масъул мебошад.*

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Асоси маданияти робитавиро чӣ ташкил медиҳад?
2) Талаботи умумиқабулшудаи муошират ба чанд намуди арзишҳои шахсият вобастагӣ ва пайвастагии зич дорад?
3) Маданияти робитавӣ чист?
4) Сатҳи маданиятнокии робитавии фард бо доштани якчанд хусусиятҳои хоси шахсият муайян мегардад, кадомҳо?
5) Мақсади ташкилот зимни ба роҳ мондани муносибат бо ҷомеа ба чӣ асос меёбад?
6) Фарқияти байни мафҳумҳои «муносибат бо ҷомеа» ва «робита бо ҷомеа» тафсир дода шавад.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
2. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm

3. Кибернетика [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
4. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
5. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
6. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php
7. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
8. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.

§ 27. УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ ИТТИЛООТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИДОРАКУНӢ

Иттилоот дар ҷараёнҳои идоракунӣ нақши ҳалкунанда дорад, чун тамоми муносибатҳо маҳз аз ҳамин рукни ҳаётӣ манша мегирад. Дар ин росто гуфтори – *Касе дар ихтиёр иттилоот дорад, ҷаҳонро идора мекунад!* – мувофиқ аст, зеро дар воқеъ иттилоот калиди дари бисёр муаммоҳо мебошад ва дар идоракунӣ мавриди таҳлил, баррасӣ, баҳогузорӣ, хулосабарорӣ, танзим ва пешбурди муносибатҳо ба таври васеъ истифода карда мешавад.

Чунончӣ дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк оварда шудааст: «*Бояд доимо аз рӯи корҳои амалдорон (мақомоти молия ва андоз) ва вазирон* ***бохабар*** *буд. Агар онҳо тибқи муқаррароти дахлдор (таъмини адолат) кор бурда истода бошанд, пас дар мансабҳои худ боқӣ монанд, агар не, пас онҳоро бо дигар шахсони сазовор иваз бояд кард*».

Яъне, оғоз аз даврaҳои пешин то имрӯз нақши иттилоот дар идоракунии давлатӣ, аз ҷумла таъмини низом ва адолати иҷтимоӣ хеле баланд мебошад.

Дар илми идоракунӣ усулҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва ё ташкили иттилоот истифода мегарданд, ки дар ин ҷо 5 намуди мутаносибан маъмули онҳоро манзур мегардонем.

1) Пурсиш

Пурсиш усули нисбатан маъмул буда, бо роҳи муроҷиати шифоҳӣ ва хаттӣ ба гурӯҳҳои мақсадноки мавриди тадқиқот қарор дошта ва ё пурсидашавандагон аз рӯи масъалаҳои муайян ба амал бароварда мешавад.

Муроҷиати шифоҳӣ намуди пурсише мебошад, ки тариқи мусоҳиба, яъне суҳбат бо фард ё гурӯҳи мақсаднок аз рӯи мушкилоти муайян ташкил карда мешавад. Барои ин, қаблан рӯйхат ва тартиби саволҳои дахлдор таҳия карда шуда, онҳо аз ҷониби мусоҳиб бо навбат ба фард ё гурӯҳи мақсаднок манзур гардонида (хонда) мешавад, мувофиқан посухҳои пурсидашудандагон сабт карда мешаванд. Сабти суҳбат аз ҷониби мусоҳиб метавонад дар рӯи қоғаз оварда шавад ва ё тариқи дастгоҳи сабти овоз ба роҳ монда шавад.

Муроҷиати хаттӣ бошад, тариқи саволнома роҳандозӣ мегардад, ки он дар шакли рӯйхати саволҳои дахлдор ва ҷавобҳои (дуруст ва нодурусти) монанд (тест) тартиб дода шуда, барои хонапурӣ ба фард ё гурӯҳи мақсаднок пешниҳод карда мешавад. Пурсиш тариқи саволнома метавонад дар шаклимустақим ё ғоибона амалӣ гардонида шавад.

Шакли мустақим (рӯбарӯ) – дар ҳузури мусоҳиб (тадқиқотчӣ) саволнома аз ҷониби фард ё гурӯҳи мақсаднок дар муҳлати муайян пур карда шуда, дарҳол бозпас гирифта мешавад. Ҳамзамон, мусоҳиб (тадқиқотчӣ) дар ҳолати зарурӣ метавонад ба фард ё гурӯҳи мақсаднок ҷиҳати пур кардани саволномаҳо кӯмак мерасонад.

Шакли ғоибона – саволномаи дахлдор тариқи ВАО, телефон, почта ва ғайра ба фард ё гурӯҳи мақсаднок дастрас гардонида шуда, посухи онҳо ҷамъоварӣ мегардад.

Дар ҳар ду ҳолат / шакл ҳам саволнома аз ҷониби пурсидашаванда мустақилона пур карда мешавад. Ҳангоми тартиб додани саволнома муҳим аст, ки дар он а) қисматҳои пешгуфтор – фарогирандаи мақсад ва тарзи пур кардан; б) мундариҷа (асосӣ) – рӯйхати саволҳо бо ҷавобҳои мувофиқ (дуруст ва нодуруст); ва в) ниҳоӣ – минатдорӣ ва таъкиди он ки маълумоти саволнома махфӣ (маҳрамона) боқӣ мемонад, оварда шаванд.

2) Мусоҳиба

Мусоҳиба усули дигари ҷамъоварии иттилооти сотсиологӣ буда, дар шакли саволу ҷавоб амалӣ гардонида мешавад. Мусоҳиб-шахси соҳиби маълумоти махсус ва ё омӯзонидашуда тариқи шифоҳӣ савол мегузорад ва фард ё гурӯҳи мақсаднок ба саволҳои гузошташуда посух медиҳад. Рӯйхати саволҳо тибқи барномаи тадқиқотӣ қаблан омода карда шуда, сипас ба мусоҳиб барои гузаронидани мусоҳиба таъмин карда мешавад.

Дар таҷриба якчанд намуди мусоҳибаҳо вуҷуд доранд:

- оддӣ ва ё расмӣ - ба воситаи рӯйхати саволҳо ва тартиби муқарраршуда амалӣ мегардад, то ин ки мақсади гузошташуда амиқан ба даст оварда шавад;
- ғайрисамӣ – озод, бидуни тартиб ва мавзӯи муайян дар шакли суҳбат амалӣ мегардад;

- фардӣ ва гурӯҳӣ – мустақим бо фардё гурӯҳи одамон ташкил карда шуда, саволҳои қаблан барои суҳбат муайянгардида пешниҳод карда мешаванд;
- қисман расмӣ – саволҳо муайян шудаанд, аммо тартиби пешниҳоди онҳо озод мебошад;
- бавосита – мусоҳиба ба воситаи дастгоҳи сабти овоз ва ё видео ташкил карда мешавад;
- ихтисосӣ – ба сифати фард ё гурӯҳи мақсаднок коршиносони соҳаи муайян (мутахассисон, косибон ва ғ.) ҷалб мегарданд.

3) Мушоҳида

Дар усули мушоҳида ҷараёнҳо, ҳодисаҳо ва падидаҳои муайян аз ҷониби тадқиқотчӣ бевосита аз назар гузаронида (муоина) шуда, воқеаҳои мувофиқ ба қайд гирифта мешаванд. Бақайдгирии воқеаҳо ҳангоми мушоҳида дар шаклҳои гуногун: ҷадвали қайдҳо, навори видеоӣ, сабти аудиоӣ, расмгирӣ ва ғайра сурат мегирад. Яъне, тадқиқотчӣ ҳар як ҳолати муносибро ба назар ва ё ҳисоб ё навор ё қайд мегирад ва онро барои коркард дароянда пешниҳод менамояд.

Усули мушоҳида ба ду намуд: дохилӣ ва берунӣ ҷудо мешавад. Зимни усули *дохилии*мушоҳида тадқиқотчӣ дар як вақт ҳамчун фард ё гурӯҳи мақсаднок дар ҷараёни фаъолияти муайян иштирок менамояд, ҳамзамон вазифаи худро оид ба қайди воқеаҳо ва ҷараёнҳо амалӣ мегардонад. *Берун* аз гурӯҳи мақсаднок - тадқиқотчӣ маълумотро тариқи мушоҳидаҳои озмоишӣ ва саҳроӣ, оддӣ / расмӣ ва ғайриоддӣ, систематикӣ ва тасодуфӣ ба даст меорад.

4) Таҳлили ҳуҷҷатҳо

Дар ин намуди ташкил ё ҷамъоварии иттилоот манбаи асосӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣмуқаррар мегарданд. Ба сифати ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, мактубҳо, рӯзномаҳо, ВАО, саҳифаҳои интернетӣ, адабиёт ва ғайра чӣ дар шакли хаттӣ, сабтӣ ва чӣ электронӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

5) Сотсиометрӣ

Усули мазкур муносибатҳои дар байни гурӯҳҳои хурд, ба монанди оилаҳо, бахшҳои соҳавии ташкилотҳо, аққалиятҳо ва ғайра ҷараёндоштаро меомӯзад. Омӯзиш тибқи ин усул бо роҳи ташкили

тадқиқотҳои гуногун оид ба таҳлил ва баҳогузории низоми муносибатҳои байнишахсӣ ва байниаъзогӣ амалӣ карда мешавад. Чунин таҳлилҳо – оид ба мавҷудият, шиддатнокӣ, хосташуда будани робитаҳо ва фаъолияти якҷоя - имкон медиҳанд, ки тарзи бавуҷудоӣ ва баҳогузории муносибатҳои воқеӣ аз ҷониби одамон ба қайд гирифта шаванд. Дар натиҷа нақшаи муносибатҳои ҷамъиятии одамон-аъзои гурӯҳҳо тартиб дода шуда, дар он ченакҳои субъективӣ оварда мешаванд. Дар навбати худ, ин ченакҳо имкон медиҳанд, ки муносибатҳо ва робитаҳо дар байни ҳайати корӣ тақвият дода шаванд ва ба ҳар як корманд муносибати мувофиқ ба роҳ монда шавад.

Барои самаранокии фаъолият дар самти ҷамъоварии иттилоот тадқиқотчиро зарур мегардад, ки нақшаи фаъолияти худро бо фарогирии як ё якчанд усулҳои тадқиқотӣ ва вақти мувофиқ тартиб диҳад. Дар ин нақша ҳамчунин мебояд гурӯҳҳо ва ё фарди мақсаднокро муайян/интихоб намуд, то ин ки ҳангоми таҳияи усулҳои пурсиш имконият, шахсият ва иқтидорнокии онҳо ба инобат гирифта шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Усулипурсишҳамчунташкилкунандаиитилоотбокадомтарз бароҳмондамешавад?
2) Шакли усули мусоҳибаро тавзеҳ диҳед.
3) Усули мушоҳида чӣ тарз амалӣ гардонида мешавад?
4) Усули сотсиометрӣ бо кадом мақсад пеш гузошта мешавад?
5) Таҳлили ҳуҷҷатҳо кадом муносибатҳоро фаро мегирад?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

2. Кибернетика [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
3. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
4. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
6. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/logika_-_karamisheva_nv/obyekt_doslidzhennya_suchasnoyi_nauki.htm
7. Прикладные исследования. [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

§ 28. ИШТИРОК ВА ШАРИКӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИДОРАКУНӢ

28.1 Давраи ташаккулёбии иштирок ва шарикӣ дар муносибатҳои идоракунӣ

Иштирок ва шарикӣ зимни идоракунӣ дар ҷараёни рушди муносибатҳои иҷтимоӣ оид ба беҳтар ва васеъ гардонидани шароити истеҳсолӣ-меҳнатӣ ва боло бурдани имкониятҳои амалии истеҳсолӣ ва рақобатпазир ба вуқуъ пазируфтааст.

Объекти асосии иштирок / шарикӣ корманд буда, ҳамчун василаи беҳтарсозии вазъи иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавии инсон ташаккул ёфтааст.

Иштирок дар идоракунӣ асосан дар ду шакл **бавосита** ва **бевосита** сурат мегирад, зимнан таркибу тартиби ин муносибатҳо дар поён ба таври возеҳ оварда мешаванд.

Ҷанбаҳои назариявии иштирок ва ё иштироки корманд дар муносибатҳои идоракунӣ солҳои 1930-уми асри гузашта ташаккул ёфта, инҷониб, дар истеҳсолот ва дигар муносибатҳои идоракунӣ зимни истифода қарор дода шудааст.

То ин давра аз як тараф, муносибати коргар ба меҳнат ҳамчун «заҳмат ё хизмати бегона» ва ё «некии хуҷаин», яъне на барои худ ё сифати кори худ ба роҳ монда мешуд, аз тарафи дигар кордиҳанда кормандро танҳо барои як самти фаъолият – истеҳсолоти меҳнатӣ ба сифати «хизматгор» истифода мебурд. Мутаносибан корманд худро ҳамчун инсони комилҳуқуқ, аҳамиятнок эҳсос намекард, зеро дар ҷомеа ӯ ба «гурӯҳи шахсони дуюмдараҷа» ё дар асрҳои охир «синфи коргар» рабт дода мешуд. Шахсони гурӯҳи аввалиндараҷаро бошад, кордиҳандагон, соҳибмулкон, сарватмандон ва ашрофиён ташкил медоданд. *Мисол: дар асрҳои гузашта қоидаи ғайрирасмие ҷорӣ буд, ки духтар аз оилаи ашрофиён ба писари оилаи оддӣ ба шавҳар дода намешуд (намебаромад), зеро ин амал, гуё, боиси паст гардидани шаъну шараф ва обрӯй (барои ашрофиён) мегардид. Ҳамчунин, дар ин давраҳо барои инсон аз оилаи оддӣ омӯхтан ва аз худ кардани маълумоти олӣ бисёр душвор буд, мутаносибан дар зинаи роҳбарӣ дар ташкилотҳо танҳо шахсони аз оилаи муваффақ (ашрофӣ, молик ва ғ.) роҳ меёфтанд.*

Иштироки корманд дар идоракунӣ, ки маҳсули муносибатҳои нави идоракунӣ мебошад, шароите ба миён меорад, ки басинфчудокунии инсон аз рӯи фаъолияти меҳнатӣ аз байн меравад ва тамоюли хариди қувваи корӣ ба ҷалби қувваи корӣ табдил меёбад. Яъне, муносибатҳои меҳнатӣ-хизматгорӣ, ки танҳо барои қонеъгардонии талаботи моддӣ амалӣ мегардид ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо назардошти қонеъгардонии талаботи маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-маъмурӣ тадбил дода мешавад. Ин муносибат иштирок дар идоракунӣ номида шуда, ҳавасмандӣ ва шавқмандии кормандро дар фаъолият бедор мекунад.

Дар ин конспесия – иштирок дар идоракунӣ – корманд мавқеи хоса пайдо карда, ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеа пазируфта мешавад, ҳатто муносибат ва рафтори кордиҳанда бо ӯ ба сифати шарик ба роҳ монда мешавад, зеро корчалонӣ, оқилӣ ва фаъолияти содиқонаи корманд муваффақияти кордиҳанда мебошад.

28.2. Ғояҳо ва таҷрибаҳо оид ба иштироки корманд дар идоракунӣ

Дар самти иштироки корманд дар идоракунӣ назарияҳо ва ғояҳои зиёде мавҷуданд, вале се тои онҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд.

Якум, - **ҳамроҳ кардани одамон ба ташкили меҳнат ва ё дар ҷараёни ташкили муносибатҳои меҳнатӣ** (Ш. Фуре ва Р. Оуэн).

Дар замони шӯравӣ бо назардошти назарияҳои К. Маркс идеяи иштироки одамон дар идоракунии ҷамъият ва истеҳсолот таблиғ ва дастгирӣ карда мешуд, гарчанде бисёре аз низомҳо ба ин ғоя мухолиф буданд. Амалӣ намудани ин назар ба якчанд муваффақиятҳо оварда расонид, аз ҷумла падидаҳои зарбдор (меҳнаткаш), ҳаракати стахановӣ, сохтмони зарбдори комсомолӣ ва ғайра ба амал баромаданд. Дигар идеяи марбут ба назарияи ҷалб намудани одамонро метавон ба ташкили меҳнат рабт дод, аммо натиҷанокии он хеле кам буд, зеро ба низоми мухолифистода рақобат карда натавонист.

Дуюм, - **пайдоиши назарҳо ё андешаҳои идоракунӣ дар ИМА ва дигар кишварҳо**, ки олимон дар ин самт / давра корҳои

зиёд ва гуногунҷабҳаи фарогири муносибатҳои меҳнатӣ-истеҳсолӣ ва иҷтимоии одамонро дар идоракунӣ ба анҷом расонидаанд.

Дар марҳилаи аввал мактаби идоракунии Ф. Тейлор, Ф. Гилберт ва Г. Гант танҳо ба имкониятҳо ва қобилиятнокии роҳбар зимни идоракунӣ такя мекард. Назари онҳо бар он буд, ки машғулияти идоракунӣ ихтисоси махсусе мебошад, ки ташкилотро пеш мебарад, агар кормандон таваҷҷуҳи худро ба он равона созанд ва тамоми супоришҳои роҳбариятро иҷро намоянд. Назари мазкур аз мактаби классикӣ танҳо бо он фарқ мекард, ки моликиятдор на ҳамавақт метавонад идоракунанда бошад, зимнан идоракунанда метавонад ваколатдор ё масъули сармоя бошад. Яъне, идораи ташкилот набояд танҳо бар уҳдаи кордиҳанда бошад, ба он метавонад корманд, ки соҳиби дониши идоракунӣ аст, машғул гардад. Зимни пайравӣ ба ин назария дар таҷрибаи идоракунӣ мафҳуми «менеҷер» пайдо мегардад. Менеҷер шахси ихтисосманд буда, малакаи идоракуниро соҳиб мебошад ва ба ӯ моликиятдор беш аз пеш ваколатҳои идоракуниро вогузор менамуд, ба ғайр аз назорати умумӣ ва қабули нуктаи ниҳоии қарорҳои муайян.

Аз ин лаҳза идоракунӣ ба касб табдил ёфта, таваҷҷуҳи зиёди олимон ва таҷрибадорону моликиятдоронро ҷалб менамояд. Бо гузашти солҳо ин муносибат – касбишавии идоракунӣ - ба он боис мегардад, ки менеҷерон бо дастёбӣ ба саҳмияҳои зиёд ба моликиятдорон табдил меёбанд. Яъне, стратегияи муайян намудан, роҳбарӣ ва ё пешбарии сиёсати идоракунӣ, ки хоси моликиятдорон буд тағйир меёбад, акнун самти рушди истеҳсолот, муваффақиятҳо ва рақобатпазирии онро шахсоне муайян менамуданд, ки на дорои сарват ва на моликият, балки соҳиби дониш, ихтисос ва касби идоракунӣ буданд, мувофиқан малакаи қабули қарорҳои самараноки иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникиро, инчунин қобилияти ҳалли мушкилоти пешомадаро доштанд.

Ҳамин тариқ, тибқи тадқиқоти А. Берлӣ ва Г. Минз (соли 1940) беш аз нисфи корхонаҳои бузурги ИМА таҳти роҳбарии менеҷерон қарор мегирад.

Сеюм, - **шарикӣ дар идоракунӣ**, ки ба ташаккули муносибатҳои инсонӣ боис мегардад, яъне самти идоракунӣ ба корманд, ташаббусҳо ва қобилияти дахлпазирии ӯ ба корҳои истеҳсолотии ташкилоти худ равона мегардад.

Назарияи муносибатҳои инсонӣ тавлиди олим Э. Мэйо мебошад, ки он ба тадқиқоти хоторнии ӯ ба давраи солҳои 1920-1930 рабт дода мешавад. Мэйо муайян менамояд, ки банақшагирии амиқ ва маоши хуб на ҳамеша ба муваффақияти истеҳсолотии ташкилот оварда мерасонад. Падидаҳо ва ҷараёнҳое мавҷуданд, ки дар умум ҳавасмандӣ ва садоқатмандии кормандро ба иҷрои кори худ дар сатҳу сифати беҳтар бедор менамоянд ва аз пул (маош) дида, пурқувваттар ва таъсирнок мебошанд, ба монанди: имконияти корманд ба нишон додани хусусиятҳои шахсии худ; имконияти шарикӣ дар муносибатҳои идоракунӣ – идоракунии истеҳсолот; дарки аҳамиятнокӣ ва фоидаоварии худи корманд ба ташкилот, на танҳо ба худ.

Бо ҳамин, дар баробари василаҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ба воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва шавқангезии иҷтимоӣ ва психологӣ бартарият дода мешавад, ки акнун ба сифати олоти таъсиррасони меҳнатӣ-истеҳсолотӣ на танҳо кормнад, балки муносибатҳои ӯ, қобилият ва хусусиятҳои шахсии маънавӣ-эҷодии ӯ ба ҳисоб гирифта мешуд.

Тибқи тадқиқот ва озмоишҳои Э. Мэйо муайян карда шудааст, ки **одамон фаъолияти хуб ва самараноки меҳнатиро ба амал мебароранд, агар онҳо машғули амалисозии қароре бошанд (гарданд), ки худ дар ҷараёни баррасӣ ва қабули он иштирок намуда бошанд, вале на оне (қароре) ки ба онҳо (кормандон) бор карда мешавад**. Маълум карда шуд, ки (*зимни пурсиши кормандоне, ки ба онҳо амалисозии кори муайянро бор менамуданд*) кормандон идеяҳои хуби баланд бардоштани сатҳи истеҳсолотро доранд, мувофиқан татбиқи ин усул – ҷалби кормандон ба қабули қарорҳои идоракунӣ – ба муваффақиятҳои пайдарпайии ташкилотҳо боис мегардад.

Дар ин самт консепсияи «Х», «У»-и Д. Макгрегор дар идоракунӣ мавқеи хоса дорад.

Назарияи «Х»-и ӯ ба усулҳои Ф. Тейлор асос ёфта, онро тасдиқ менамояд, ки корманд танбал аст, ӯро бояд доимо ба кор маҷбур сохт ва бо муҷозотҳои гуногун таҳдид намуд. Тибқи ин назар одамон ҳамеша аз масъулият роҳи гурез меҷӯянд, ба онҳо набояд бовар кард, зеро хоҳиш доранд, ки касе ба онҳо доимо роҳбарӣ намояд ва онҳо танҳо ба дарёфти маблағ манфиатдор мебошанд. Ин

усул **тарзи авторитарии идоракунӣ** – идоракунии сахт, ҷаҳолатпазир ва маҷбурсозанда дониста мешавад, ки хоси ҷомеаи башардӯст ва таҳаммулпазир намебошад.

Тибқи назарияи «У» меҳнат муҷозот нест, балки дар як вақт зимни фаъолияти (меҳнати) ҳаловатовар истироҳат ва фароғат мебошад. Одамон ба фаъолияти мустақилона ва ҳамгироии мақсадҳои худ ба мақсади ташкилот моил мебошанд, инчунин қобилияти дарккунӣ, эҷодкорӣ ва истеъдодмандиро соҳибанд. Ба кормандон бояд таваҷҷуҳ намуд, фикру андешаҳои онҳоро бобати пешрафти ташкилот гӯш бояд кард ва мебояд имконият дод, ки онҳо дар ҷараёни идоракунии ташкилот иштирок намоянд. Ин усули идоракунӣ – **тарзи идоракунии демократӣ** ном дорад, ки иштироки кормандро дар тамоми муносибатҳо ва ҷараёни қабули қарорҳо таъмин менамояд, кормандро ҳамчун шахси фаъол ва қувваи таъсиррасонии воқеӣ муаррифӣ менамояд.

28.3 Иштирок ва ё шарикӣ дар идоракунӣ

Солҳои 50-60-уми асри XX бо назардошти зарурати гузариш аз чорабиниҳои тасодуфӣ ба амалҳои нақшавӣ ва ҳамоҳангшуда, ки кормандро барои ҳалли аксари мушкилоти истеҳсолотӣ ҷалб менамуд корҳои тадқиқотӣ-илмӣ бештар мегарданд. Дар ин росто на танҳо ба худи корманд таваҷҷуҳ равона шуда буд, балки иштироки ӯ дар тамоми ҷараёни идоракунии истеҳсолии ташкилот зимни тадқиқот қарор дода мешуд.

Иштироки кормандон дар идоракунӣ ин ҳавасмандгардонӣ бар асоси далелнокии (сабабнокии) амалҳои онҳо дар доираи уҳда**дориҳои (ба онҳо) вогузоршудаи хос мебошад.** Яъне, уҳдадориҳое, ки бо ташаббуси худи онҳо ба амал бароварда мешаванд ё шудаанд.

Дар умум бо назардошти таҷрибаҳои ҷаҳонӣ консепсияи шарикӣ ва ё иштироки кормандро дар ҷараёни идоракунӣ метавон ба 9 қисмҳо ҷудо намуд.

1) **Иттилоотонии пайдарпай, мунтазам ва пурраи кормандон**. Зимни тадқиқотҳо муайян шудааст, ки каммаълумотӣ ва ё умуман иттилоотнок набудани кормандон оид ба вазъи ташкилот онҳоро аз корҳои истеҳсолотӣ дур мекунад.

Мисол: дар мамлакатҳои истеҳсолкунандаи пахта дар минтақа бинобар надоштани маълумот оид ба аҳамиятнокии воқеӣ, тарзи коркард ва манфиати иқтисодии истеҳсолотӣ на танҳо ҳаҷми истеҳсоли пахта (дар шакли ашёи хом) дар даҳсолаҳои охир кам гардид, балки майдони кишти он ба ҳазорҳо гектар ва шавқи машғулияти ҷомеа ба он кам гардида, бар ивази он дигар зироатҳо корида мешаванд. Новобаста аз он ки, аз нуқтаи назари иқтисодӣ дар шароити кишоварзии минтақа пахта яке аз маҳсулноктарин ва манфиатноктарин зироат ба ҳисоб меравад.

2) **Муҳокима ва ё баррасии иттилоот – вазъи ташкилот** дараҷаи шарикии кормандро ба ташкилот ва корҳои истеҳсолӣ баланд мебардорад. Иттилоот барои корманд ниҳоят нақши муҳим дорад, корманд онро на танҳо барои маълумотнокӣ ва корбарӣ истифода мекунад, балки ҷузъиёти онро аз худ намуда, ба сифати сабабнокӣ ва муайянкунандаи самти ояндаи фаъолияти меҳнатии худ қабул менамояд. Доштани иттилоот ба шахс боварӣ, эътимод ва аҳамиятнок будани ӯро барои ташкилот, ҳайати корӣ ва роҳбарият таҳким мебахшад, ки нишондиҳандаи хеле муҳими психологӣ-иҷтимоӣ дар идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

3) Аз тарафи дигар таъмини иттилоот ба корманд яке аз усулҳои **талқини иштироки ӯ дар ҷараёни идоракунӣ** мебошад, ки барои ташкилот ҷиҳати пешгирӣ намудани дуршавии корманд аз истеҳсолот ва нигоҳ доштани низоми идоракунӣ ҳамчун стратегияи фаъолият муҳим маҳсуб мегардад.

Мисол: дар шароити Тоҷикистон гузаштан аз низоми хоҷагидории коллективӣ ба фермерӣ-деҳқонӣ ва ташаккул ёфтани низоми нави ташкилӣ-ҳуқуқии соҳибкорӣ дар шакли ҷамъияти саҳомӣ имконият дод, ки муносибатҳои нави ташкилӣ-истеҳсолӣ ва шарикӣ-меҳнатӣ ташкил гардида, ҳазорҳо объектҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ зимни истифода тавлид ёбанд.

4) **Баҳисобгирӣ ва ҳавасмандсозии ғояҳои пешбаранда ва рушддиҳанда**. Зимни муошират, муҳокима ва баррасии масъалаҳо бо иштироки бевоситаи кормандон хоҳ нохоҳ ғояҳо ва таклифу пешниҳодҳои зиёд ба вуқӯъ мепазиранд. Мувофиқан вазифаи роҳбар гӯш кардан – имконияти сухан гуфтан ва посух додан ба ҳамаи масъалаҳои гузошташуда мебошад.

<u>Мисол</u>: Дар ду корхонаҳои азими ИМА «Тексас инструментс» ва «Эттлборо» бо фарогирии 1500 кормандон ва устоҳо дар давоми ду сол пурсиш гузаронида мешавад. Пурсиш саволҳои мушаххасро атрофи технологияҳои ташкили меҳнат фаро гирифта буд. Дар натиҷа дар ҷараёни пурсиш аз ҷониби кормандони қаторӣ идеяҳое ворид мегарданд, ки аз таклифҳои устоҳо (мутахассисон) бартарӣ доштанд, аз ҷумла беҳтар гардонидани шароитҳои меҳнатӣ, нигаҳдории таҷҳизоти корӣ, танаффус, сифати маҳсулот ва ғайра. Ҳатто кормандон қисман зери назорат гирифтани сифати маҳсулот ва фаъолиятро пешниҳод намуданд. Аҷиб он аст, ки кормандон устоҳои навкорро минбаъд бо омӯзиш – омӯзонидан бо малакаҳои дахлдори идоракунӣ фаро гирифтанд.

Таҷрибаҳои оянда бар он шаҳодат медиҳанд, ки ба муваффақият ва дастовардҳои истеҳсолии ташкилот танҳо дар ҳолате метавон ноил гардид, агар ба корманд дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ (дар баробари масъулияти истеҳсолӣ) ҳуқуқ ва ваколати иштирок дар идоракунӣ фароҳам оварда шавад, фикру андешаҳои ӯ шунавида шуда, дар амал татбиқ карда шаванд.

5) **Ҷалби иттиҳодияҳо ва сохторҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва худфаъолият дар ҳалли мушкилоти истеҳсолӣ-идоракунӣ**. Новобаста аз он, ки иштироки бевоситаи корманд дар ҷараёнҳои идоракунӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки ин муносибатро имконнопазир мегардонанд. Бахусус дар ташкилотҳои азим дар як вақт ҳазорҳо кормандон машғули меҳнат мебошанд, мувофиқан таъмини иштироки ҳар яки онҳо дар муносибатҳои идоракунӣ ҷисман имконнопазир мебошад. Аммо ин муносибат ё стратегия метавонад тариқи принсипи намояндагӣ, яъне ба воситаи ташкили гурӯҳҳо, сохторҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худфаъолият ба роҳ монда шавад. Мутаносибан роҳбар ва ё яке аз (ё якчанд) узви иттиҳодия метавонад гурӯҳи зиёди кормандонро дар назди роҳбарияти корхона намояндагӣ намояд, манфиатҳои онҳоро пеш гузорад ва аз номи онҳо баромад намояд. Дар шароити муосири идоракунӣ ин нақшро бештар иттифоқҳои касаба соҳиб мебошад, ки он бо принсипи шарикии иҷтимоӣ фаъолият менамояд.

<u>Мисол</u>: дар шароити Тоҷикистон дар аксари ташкилоту корхонаҳо кумитаи иттифоқи касаба амал мекунад, ки ваколати

баробари идории кормандонро дар як вақт бо маъмурияти ташкилот соҳиб мебошад. Муҳим он аст, ки ягон нафар аз маъмурият наметавонад, ки ба ҳайси роҳбари кумитаи иттифоқи касаба интихоб гардад ва роҳбари ташкилот ҳамчун узви кумитаи иттифоқи касаба дар ҷаласаҳои он иштирок намуда, баробар ба дигар кормандон як овоз дорад.

6) **Мувофиқа намудани манфиатҳо ва таъмини ҳамкориҳо дар идоракунӣ.** Маълум аст, ки дар корхонаҳо аз рӯи соҳаҳо ва ё самтҳои фаъолият кормандон ба гурӯҳҳои гуногуни касбӣ ҷудо мешаванд. Дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ хоҳ нохоҳ байни ин гурӯҳҳо ҳолатҳои муайяни низоъ ва ихтилофот пайдо мегарданд, мувофиқан ҳалли чунин нофаҳмиҳо ва мухолифатҳо танҳо дар сурати гуфтушунид ва ба мувофиқа омадани тарафҳо ба даст оварда мешавад. Ба мувофиқа расидани тарафҳо дар навбати худ, дар сурате ба даст оварда мешавад, ки агар дар ҷараёни он тамоми кормандон ва ё намояндагони онҳо иштирок намоянд, зеро талаботи гузошташуда метавонад ба ҳамаи узви гуруӯҳҳо дахл дошта бошад.

Мисол: нуқтаи назари маъмурон, ки асосан фаъолияти намуди назариявӣ доранд наметавонад ба нуқтаи назари кормандони саҳроӣ, ки фаъолияти намуди амалии истеҳсолӣ доранд, мувофиқат намояд, чун яке дар назария соҳибтаҷриба ва дигаре дар амалия собиқа дорад. Ҳал ва ё бартарафсозии ин ихтилофот танҳо дар сурати ба мувофиқа (кампрамис) омадани тарафҳо тариқи ба роҳ мондани татбиқёбии принсипи «иштироки корманд дар идоракунӣ» дар ташкилот метавонад амалӣ гардад.

7) **Ваколатдории доимӣ.** Имконият ва ё муносибате мебошад, ки мақоми болоӣ қисме аз ваколатҳои худро оид ба қабули қарорҳо ва ҳал намудани масъалаҳои дахлдори идоракунӣ ва корӣ ба мақоми поёнӣ вогузор менамояд. Принсипҳои демократии идоракунӣ, ки аз қатори беҳтаринҳо ва самаранок ба ҳисоб меравад тақозо менамояд, ки роҳбар ваколати қабул ва ҳал намудани масъалаҳои муҳим ва стратегиро бо худ гузошта, дигар ваколатҳоро, бахусус хусусияти истеҳсолидоштаро ба мақомоти поёнӣ, ҳатто то ба сохтори ибтидоӣ вогузор ё тақсим намояд. Ин принсипи идоракунӣ имконият медиҳад, ки масъулияти зертобеон бинобар эҳсос намудани аҳамиятнокии худ зиёд гардида,

фаъолияти истеҳсолии ташкилот беҳтар шавад ва аз ҳама муҳимаш байни роҳбарият ва кормандон муҳити солими рақобатпазирӣ ва боварӣ ташаккул ёбад.

Ин принсип дар сохтори намунавии идоракунии амалӣ ва амалӣ-амудӣ хуб ба назар мерасад, ки зимни он масъулияти роҳбарии ташкилот байни муовинон ва ё директорони иҷроия аз рӯи соҳаҳо / самтҳои муайяни фаъолият тақсим карда мешавад. Мутаносибан ҳар кадом дар назди роҳбари аввал аз рӯи соҳаи ваколатдоршудаи худ масъул мебошад.

Мисол: дар сатҳи маҳалҳо (шаҳру ноҳияҳо) дар кишвар масъули соҳаи кишварзӣ - муовини раис оид ба кишварзӣ, иқтисод - муовини раис оид ба иқтисод ва илму маърифат ва иҷтимоиёт - муовини раис оид ба идеология муқаррар шудааст. Мутаносибан корманди як соҳа тобеи бевоситаи роҳбари дигар соҳа ба ҳисоб намеравад ва супоришҳои танҳо раиси ноҳия ва муовини соҳавиро итоат менамояд.

8) **Ҷорӣ намудани ваколатҳои кормандон дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ.** Таҷрибаҳо шаҳодати онро пеш мегузоранд, ки ҳангоми ивазшавии роҳбар(ият)и ташкилот низоми ваколатгузорӣ низ тағйир меёбад. Новобаста аз он ки як роҳбар принсипи идоракунии демократиро пеш гузошта, тамоми ваколати дахлдорро то ба сатҳи мақомоти ибтидоӣ тақсим мекунад, роҳбари дигар метавонад онро қабул надошта бошад. Яъне, бо иваз шудани роҳбар низоми идоракунии ташкилот низ метавонад тағйир ёбад, агар низоми аксуламал ба мисли тақсимоти ваколатҳо ва ё ваколатдор сохтани ҳар як маъмур / корманд бо принсипи амалкардаи он (ваколат) новобаста аз тағйир ёфтани роҳбар(ият) ҷорӣ нашуда бошад.

Мисол: дар шароити кишварҳои пасошӯравӣ ҳангомӣ тағйирёбии роҳбар(ият)и ташкилот ба ҳукми анъана он нукта даромадааст, ки: 1) низоми муттамаркази идоракунӣ ташкил дода мешавад, яъне бозгашт аз тарзи идоракунии демократӣ ба авторитарӣ ва 2) тими (командаи) худи роҳбар асосан дар зинаи маъмурият аз нав ташкил дода мешавад.

Аҳамиятнокии ин намуди шарикӣ дар он аст, ки корманд худро дар / барои ташкилот ва муваффақиятҳои он дигар бегона ҳис намекунад ва талош меварзад, ки фаъолияти самаранок дошта бошад, зеро фоидаи зиёди ташкилот – фоидаи ӯст.

Аз ин рӯ, низоми тақсимот ва ё ваколатгузорӣ бояд бо тарзе ба роҳ монда шавад, ки зимни иваз гардидани роҳбар(ият) он тағйирнопазир боқӣ монад. Дар ин ҷодда махсусгардонӣ (ғасбкунонӣ) ва вобастакунонии ҳуқуқ ва ваколатҳои кормандон яке аз роҳҳои муносиб ба шумор меравад. Вогузоркунии ваколати тағйирнопазир ин вобаста кардани он ба мансаби (воҳиди) хизматӣ мебошад. Албатта дар ин ҷо низ таваккали тағйирёбии низом ё ин ки гирифтани ваколатҳо вуҷуд дорад, – *ихтисор кардани воҳид / мансаб, иваз кардани шахси мансабдор* – аммо хеле душвор ва барои мақомоти давлатӣ имконнопазир мебошад.

9) **Шарик ва соҳибмулк гардидани корманд.** Ин муносибате мебошад, ки тавассути бадастории саҳмияҳои ташкилот аз ҷониби корманд ба амал бароварда мешавад. Тибқи ин муқаррарот, сараввал корманд ҳуқуқи шарикиро соҳиб гардида, сипас метавонад соҳибмулки ташкилот гардад, мувофиқан дар идоракунии он шарик шавад. Дари ин сурат, корманд дар як вақт ҳам объект - идорашаванда ва ҳам субъект – идоракунанда ба ҳисоб меравад.

<u>Мисол</u>: тибқи модели америкоии шарикии иҷтимоӣ ҳар як корманд, агар аз даромади худ саҳмия харидорӣ намояд, пас он (даромад [ҳаҷми маблағи равонашуда]) то 50% аз андоз аз даромад озод мегардад. Бо мусоидати ин модел дар ИМА корхонаҳои халқӣ ташкил ёфтанд ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии гурӯҳи коргари аҳолӣ рушд ёфт.

Мебояд иброз намуд, ки ин стратегия солҳои 60-уми асри гузашта дар Фаронса ташаккул ёфта, сипас солҳои 70-ум ба тамоми ҷаҳон паҳн гардидааст. Имрӯз тибқи таҳлилҳо ҳудудан 30% кормандон барои шарикӣ дар фоидаи корхонаҳо ҷалб карда мешаванд.

10) Иштирок дар тағйиротҳои воқеӣ. Барои иштироки кормандон, зимнан таъсиргузорӣ ба тағйиротҳои воқеӣ дар самти рушдёбии ташкилот зарур аст, ки назари онҳо ҳанӯз дар давраи банақшагирии мақсад ва стратегияҳои фаъолият ба инобат гирифта шавад. Ин усул масъулияти кормандро дар ташкилот ва истеҳсолот зиёд гардонида, имконият медиҳад, ки сатҳи дуршавии ӯ паст карда шавад (Лайкерт). Ҳар як инсон ташвиши ояндаи худ, болидахотирии оила ва такмили шахсияти худро дорад ва кӯшиш

менамояд, ки ба ин арзишҳои муҳими шахсӣ дастёб гардад. Мувофиқан ҳангоми иштирок дар ҷараёни банақшагирӣ ва ҳадафгузорӣ ин арзишҳо аз ҷониби худи корманд ба инобат гирифта мешавад, ки дар навбати худ, фаъолнокии ӯро дар татбиқи онҳо минбаъд таъмин месозад.

<u>Мисол</u>: дар Тоҷикистон имрӯз ду қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» (2010) ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) амал мекунанд, ки ҳар ду бо иштироки бевоситаи шаҳрвандон муҳокима, баррасӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида қабул шудаанд. Ин қонунҳо тағйироти кулиро дар ташкилоти оила ба вуҷуд оварда, зимнан як низоми нави баргузории маросимҳо ва тӯйю маъракаҳои анъанавӣ, ифодакунандаи сарфаи маблағҳо, мувофиқан рушди вазъи иқтисодии оилаҳо ташаккул ёфт. Татбиқи босамари ин меъёр ба он асос меёбад, ки дар ҷараёни таҳияи он объекти бевоситаи иҷрокунанда – халқ ширкат варзид ва дар тартиб додани маҳдудиятҳо ва принсипҳои танзимкунандаи муносибатҳо худи мардум ва ё институти оила саҳмгузор буд, мутаносибан стратегия ё тағйироти пешгирифта самара дода истодааст.

Ҳамин тариқ дар ҳар як ташкилот, бахусус корхонаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоту муассисаҳои иҷтимоӣ низ метавон қарорҳои стратегӣ ва тағйиротпазирро таҳия, баррасӣ, қабул ва татбиқ намуд, ки албатта самараи зиёд метавонад ба бор орад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Объекти асосии иштирок, ҳамчунин шарикӣ дар идоракунӣ кӣ мебошад?
2) Тибқи тадқиқот ва озмоишҳои Мэйо дар кадом ҳолат муайян карда шудааст, ки одамон фаъолияти хуб ва самараноки меҳнатиро ба амал мебароранд?
3) Тарзи авторитарии идоракунӣ ба кадом назарияи Д. Макгрегор хос мебошад?

4) Тарзи демократии идоракунӣ ба кадом назарияи Д. Макгрегор хос мебошад?
5) Консепсияи шарикӣ ва ё иштироки корманд дар ҷараёни идоракунӣ ба кадом 9 қисм ҷудо мешавад?
6) Шарик ва соҳибмулк гард(он)идани корманд чӣ тавр – дар таҷриба - имконпазир мебошад?
7) Иштироки корманд дар идоракунӣ чист?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Баренбойм П. Д. Правовое государство как партнер гражданского общества: К 150-летию опубликования концепции «Государство как произведение искусства» // Законодательство и экономика. 2010. № 9
2. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с
3. Дар бораи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 26, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод. 545, мод. 549; соли 2011, №3, мод. 151; №12,мод.842; соли 2012,№8, мод.817;соли 2013, №7, мод.509
4. Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №7-8, мод 616
5. Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6, мод.428; соли 2008, №6, мод. 448; соли 2010, №7, 568
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
7. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

8. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
9. Тилли, Ч. Демократия [Матни аслӣ]. – М.: 2007. – 263 с.
10. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 29. НЕРӮИ (ПОТЕНСИАЛИ) ЭҶОДИИ МЕҲНАТӢ-ИСТЕҲСОЛИИ ИНСОН ЗИМНИ ИДОРАКУНӢ

29.1 Заминаҳои ташаккулёбии фаъолияти эҷодии меҳнатӣ-истеҳсолии инсон

Одатан зери мафҳуми меҳнати эҷодӣ ё эҷодкорӣ амал ва ё фаъолиятеро мефаҳманд, ки соҳаҳо ва ё машғулиятҳои илмӣ, нависандагӣ, рассомӣ, санъат ва ғайраро фаро мегирад. Меҳнати ғайриэҷодӣ бошад, кор – амали ва ё фаъолияти ҷисмонӣ фаҳмида мешавад. Гарчанде, ҳама намудҳои меҳнат хусусиятҳои хоси эҷодкорӣ дошта, бавосита ва ё бевосита аз ҷониби шахс / корманд дар фаъолияти меҳнатӣ (дар ташкилот) ва дар ҳаёти шахсӣ ба амал бароварда мешавад.

Фаъолияти эҷодии меҳнатӣ оғоз аз солҳои 50-уми асри гузашта нуфузи хоса пайдо намуда, ҳамчун ҷузъи фаъолияти истеҳолотии ташкилот зимни омӯзиши васеи илмию амалӣ қарор дода мешавад.

Фаъолияти эҷодӣ ё эҷодкорӣ мафҳуми бисёрҷабҳа буда, хусусияти сифатии амалҳои меҳнати фардӣ ва гурӯҳиро инъикос менамояд, ки он (сифат) аз рӯи дараҷаи навоварии таркибӣ, усулҳои истифодашаванда ва натиҷаҳои бадастоварда муайян мегардад. Нишондиҳандаи навоварӣ эҷодкориро ҳамчун фаъолияти меҳнати зеҳнии инсон муайян менамояд, ки мақсади он бунёди арзишҳои нави маънавӣ ва моддӣ мебошад.

Нерӯи эҷодии инсон аз ҳамбастагии ду намуди фаъолият: аз нав бавуҷудоварӣ (тавлидотӣ) ва тағйирдиҳӣ (созандагӣ / эҷодӣ) манша гирифта, ҳамчун ченаки мувофиқат ва фарқияти байни онҳо ташкил меёбад. Яъне, ченак ва ё андозаи мувофиқат ва фарқияти фаъолияти меҳнати тавлидотӣ ва созандагӣ нерӯи эҷодии инсонро ташкил медиҳад.

Новобаста аз камаҳамиятӣ ба ин навъи муносибат, он бо қувва ва нерӯи ҳалкунандаи худ шарти зарурии рушди ҳар як соҳаи фаъолият ба ҳисоб меравад. Фаъолияти эҷодии инсонро аз рӯи соҳаҳо ба се гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд:

1. Соҳаҳои анъанавии (маъмулшудаи) эҷодӣ – илм, маориф, санъат ва фарҳанг;

2. Соҳа ва ё фаъолияте, ки дар он мувофиқати (якҷоякунонии) эҷодиёт бо кори амалӣ аз рӯи натиҷаи он (бинобар натиҷанокӣ) ба роҳ монда мешавад. Иштироккунандагон ва ё субъектҳои асосии ин намуди фаъолият маъмурони ташкилотҳо, ки масъулияти қабули қарорҳоро доранд, ба ҳисоб мераванд;
3. Соҳаи (фаъолияти) марбут ба амалисозии бевоситаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ. Иштироккунандагони асосӣ кормандон буда, бо ташаббуси шахсӣ баҳри пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ машғули эҷодиёти амалию таҷрибавӣ мегарданд; онҳоро ихтироъкорон ва такмилдиҳандагон низ меноманд.

Тавлиди идеяҳои нав дар ҳар се соҳаҳо дар навбати худ**, ба ду гурӯҳҳо**и ҷараёнҳо муттаҳид мешаванд:

1) **Андешаронии бомулоҳиза** – мушкилоти муайянро бо назардошти вазъи он зимни омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳад. Ин гурӯҳ аз се ҷараёнҳои 1) хотира ва ё ёддошт *(ба инобат гирифтани таҷрибаҳои гузашта ва идеяҳои қаблан пешниҳодшуда)*, 2) муроқиба ва ё мулоҳиза *(такя намудан ба идеяҳое, ки айни замон дарк мегарданд)* ва 3) мушоҳида *(муқоиса намудани мушкилоти интихобшуда бо мушкилоте, ки қаблан ҳал карда шуда буданд)* иборат мебошад.
2) **Андешаронии эҷодӣ** – ду ҷараёнҳои 1) тасаввурот ва 2) рӯҳбаландиро фаро мегирад. Тасаввурот имконият медиҳад, ки дар рафти мулоҳиза услуби нави идеяҳо ташкил дода шавад. Рӯҳбаландӣ ва ё илҳоми шахс дар сурати бедор шудани шавқмандӣ ва ё ташаккул ёфтани падидаи нави талқиндиҳанда ба вуҷуд меояд ва имконият медиҳад, ки идеяҳои нав коркард гарданд.

Дар ҷараёни эҷодкорӣ яке аз стратегияҳои муносиб ин иштироки корманд дар идоракунӣ ба ҳисоб меравад, ки худи рафти ҳамин ҷараён ба тавлид ёфтани идеяҳои таҳкимдиҳанда ва методию технологии истеҳсолӣ боис мегардад.

Натиҷаҳои хуби истеҳсолӣ бо истифодаи технологияи якҷоякунонӣ ё ҳамгироии нерӯи олимон, мутахассисон ва таҷрибадорон / кормандон ба даст оварда мешавад. Ин технология имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти эҷодӣ таъмин карда

шавад; шароитҳое фароҳам оварда шаванд, ки навовариҳои эътирофшуда дар амал татбиқи худро ёбанд.

Инчунин, эҷодкорӣ аз маҷмӯи қобилиятҳо ташкил меёбад, аз ҷумла аз нерӯ ё иқтидори зерин:

1. Маърифатӣ – имконият медиҳад, ки инсон аз сатҳи дарки падидаҳо ба сатҳи дарки моҳияти онҳо гузарад, навовариҳоро эҳсос кунад, мушкилоти пешомада ва роҳу усулҳои ҳалли онҳоро ошкор созад;
2. Табдилдиҳӣ (мавзӯӣ) – маҳорат ва малакаи инсонро оид ба ҳалли бомароми масъала ва гузоштани (муайян намудани) масъалаҳои нав бедор месозад;
3. Аксиологӣ – тамоюли арзишмандест, ки ба инсон барои гузариш аз сатҳи баҳодиҳии таҷрибавӣ ба сатҳи баҳодиҳии (ҳаматрафа ва бонизоми) омилҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамояд;
4. Иртиботӣ – сифати ахлоқии психологии инсонро ташкил медиҳад, ки барои муошират эҷодӣ бо соҳибкасбони гуногун кӯмак мерасонад;
5. Бадеӣ – маҳорати зебоишиносии инсон, ки ба тавъами (пайвастсозии) бадеият ва меҳнат мусоидат менамояд.

Шахсони эҷодкор хусусиятҳои хоси худро соҳиб мебошанд, аммо ҳолатҳое мавҷуданд, ки зидди эҷодиёт баромад менамоянд. Се ҳолатҳои таъсиррасони манфӣ ва хусусияти шахсидошта мавҷуданд:

1) Ҷонибдории ҳаловатпарастӣ (конформизм), беҳавсалагӣ, бепарвоӣ ва надоштани хоҳиши дарёфти (машғул гардидан ба) мушкилоти нав ё ин ки заифии тафаккур, ки бар асоси зиддияти тасаввуроти ташаккулёфтаи қаблӣ нисбат ба назарҳои нав ва фавқулодда ба вуҷуд меояд (песимизим);
2) Камбаҳодиҳии (нодидагирии) муошират эҷодӣ ва кундфаҳмӣ нисбат ба танқид – рафторест марбут ба худбоварӣ, худпарастӣ, надоштани хоҳиши гӯш кардани назари дигарон ва тағйир додани назари худ;
3) Тарси нокомӣ – рафторест марбут ба ҳасад (бухл) ба ҳамкорони муваффақгардидаи худ, инчунин беасос ва напурсида (сарфаҳм нарафта) рад намудани ҳама намуди назарҳо, пешниҳодҳо ва идеяҳо.

Албатта ҳамаи ин рафтору кирдори манфиро метавон бо роҳи ташкил ва баргузории омӯзишҳои эҷодӣ-психологӣ бартараф намуд, вале омӯхтан ё истодагарӣ кардани бар зидди онҳо асосан дар ҷараёни таълиму тарбия, ҳанӯз аз давраи кӯдакӣ дар оила ва мактаб ибтидо мегирад. Яъне, дар вуҷуди инсон парвариш додани маҳорати эҷодкорӣ ва ҳунармандӣ ҳанӯз аз давраи кӯдакӣ бояд оғоз гардад, то ин ки дар давраи бавоярасӣ ва калонсолӣ он такмил ва таҳким ёбад.

Зимни баррасии усулҳои ташкили фаъолияти эҷодӣ мебояд ба тафаккури эҷодӣ такя намуд, ки онро бо якчанд роҳ (тарз) метавон таҳким бахшид:

1. Табодули тафаккур – маҳорати ибрози теъдоди ками калимаҳо бо муҳтаво ва маънои зиёди андешаҳо. *Чунончӣ дар урфият омадааст*: «*Сухане чанд (кам) бигӯй, вале дониста бигӯй*»;

2. Татбиқи таҷриба - маҳорати амалисозӣ ё табдили таҷрибаи аз натиҷаи ҳалли як вазифа бадастовардашуда ба вазифаи дигар.

<u>Мисол</u>: меъёри хостагирии шахси ботаҷриба барои кор дар ташкилот дар шароите ва ё бинобар талаботе ташаккул ёфтааст, ки фарди ботаҷриба озими иҷрои оқилона ва самараноки вазифаҳои муайян шуда метавонад, зеро бо хосият ва равиши онҳо аллакай шинос мебошад;

3. Пайвастсозӣ – маҳорати пайвандсозии маълумотҳои нав бо донишҳои қаблан ба даст оварда.

<u>Мисол</u>: ташкили амалҳои таҷрибаомӯзӣ, такмили касб ва ихтисос, омодасозии касбӣ ва омӯзиши малака ва донишҳои нав, ки бо мақсади баланд бародоштани сатҳи маҳсулнокии фаъолияти меҳнатӣ-истеҳсолии шахс ба роҳ монда мешавад;

4. Тафаккури яктарафа – маҳорати баррасии масъала аз нуқтаи назар дигарон.

<u>Мисол</u> «*Танқид меваи коммунизм аст» мегуфтанд дар гузашта. Ин маҳз ҳамон шароитест, ки шахс имконияти ҳақиқатан баҳо додани қобилият ва амалҳои худро дорад, яъне дар фаъолияти худ мебояд назари дигаронро ба инобат гирифт*;

5. Муттаҳидсозӣ – маҳорати муттаҳидсозӣ ва ё ҳамгироии мафҳумҳо ва мушкилот бо назардошти дараҷанокии ҷудогардӣ ва мушаххасгардии моҳият.

Мисол: дар таҷрибаи истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва табодулии Тоҷикистону Хитой раванде ҷой дорад, ки зимни он талаботи рӯзмараи як маданият (тоҷикистонӣ) омӯхта шуда, василаҳои қонеъгардонии он аз ҷониби дигар маданият (хитоӣ) дар шаклҳои муосир ва муносиб табдил дода мешаванд: саддаҳои зиёд аст, ки мардуми тоҷик қурутро курашакл кор карда, дар намуди холис ба фурӯш мебароранд, аммо бо вуруд гардидани маданияти хитоӣ он (қурут) акнун дар шаклҳои гуногун – хурду, бузург, чоркунҷа, секунҷа ва дар намуди бастабандӣ манзури одамон шудааст;

6. Фасеҳии тафаккур – маҳорати дарҳол рад карда тавонистани фарзияҳои номуносиб ва бадномкунанда.

Мисол: маънии масали «ҷаҳондида бошу, ҷаҳонхӯрда не» он аст, ки инсон агар ҳарчӣ зиёд маълумот дошта бошад, хубу бадро бояд дарк карда тавонад, аз табиати серталабӣ, пургӯӣ, носипосӣ ва камкории инсон бархурдор бошад, сипас, ӯ метавонад новобаста аз таҳдидҳои берунӣ қарори мувофиқ ва санҷидашуда қабул намояд;

7. Фасеҳӣ зимни падидаҳои худрӯйдиҳанда – маҳорати зуд гузаштан аз як гурӯҳи падидаҳо ба дигар гурӯҳи падидаҳои гуногунтаркиб.

Мисол: дар даҳсолаи охир бо суръати хеле зиёд технологияи иттилоотӣ дар муносибатҳои идоракунӣ ҳукмфармо гардид, акнун ҳеҷ имкон надорад, ки бидуни истифодаи дастгоҳи компютерӣ худро ҳамқадами ҷомеаи муосир муаррифӣ намуд, зимнан фаъолияти касбии худро пурсамар баҳо дод. Дар ин вазъият, инсонро бо истифода аз маҳорати эҷодии худ, мебояд зуд марҳалаи табдилёбиро – аз маданияти классикӣ ба муосир гузарад;

8. Тавлиди сабуки идеяҳо – маҳорати тавлиди теъдоди зиёди идеяҳо, мувофиқан интихоби сабуки онҳоро ба вуҷуд меорад.

Мисол: ҷалбгардӣ ва таҳия шудани якчанд тариқҳои суруди миллӣ имконият дод, ки яке аз беҳтаринҳо – Гимни Тоҷикистон – интихоб карда шавад, дар сурати баръакс, яъне набудани имконияти интихоб; эҳтимол имрӯз мо суруди беҳтарини миллиро намедоштем;

9. Мушоҳидакорӣ – маҳорати пай бурдани хусусиятҳои камаҳамияти падида, объект ва ё низоми омӯхташаванда.

Мисол: усто дар назди дастгоҳи қуттибарорӣ рост истода кор мекунад. Бо мурури вақт пай мебарад, ки агар ӯ ҳамон кори худро дар ҷой нишаста амалӣ гардонад, фосилаи мондашавии ӯ кам мегардад, мувофиқан ҳаҷми истеҳсоли қуттӣ ва музди ӯ зиёд мегардад;

10. Тасаввуроти фазоӣ (васеъ) – маҳорати ҷамъбаст кардани ҷузъҳои алоҳида ба / дар тимсоли (тасвири) ягона.

Мисол: ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки имрӯз дар ҷаҳон забони англисӣ ҳукмфармо мебошад, зеро донишандузӣ дар кишварҳои хориҷ ва ҳуруфчинӣ дар дастгоҳҳои муосири техникӣ ва технологӣ бо ҳамин забон роиҷ гардидааст, пас, аз миёни забонҳои хориҷӣ мебояд маҳз бо ҳамин забон бештар сарукор бурд.

Дар баробари тавсияҳои боло шарти асосии тафаккури эҷодӣ ин маҳорати дидан ва эҳсос кардани мушкилот дар ҳамбастагӣ ба вазъияти падида ва ҷараёнҳои омӯхташаванда мебошад.

29.2 Намудҳо ва шаклҳои меҳнати эҷодӣ

Меҳнати эҷодии шахс калиди басо муҳимест дар роҳи муваффақияти ҳар як ташкилот.

Чӣ тавре дар боло муқаррар гардид, **маҳорати эҷодӣ ин қобилияти зеҳнии инсон мебошад. Тибқи маълумотҳои таҳлилӣ беш аз 50% қобилияти зеҳнӣ меросӣ буда, 30% ба муҳит ва 20% дигар ба амалҳои мутақобилаи ирсӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ рабт дода мешавад (Ҷадвали 17).**

Ҷадвали 17

Қобилияти меросӣ – нерӯи зеҳниест, ки аз падару модар ва гузаштагон ба инсон мегузарад. Ин намуди қобилиятро ирсӣ ва ё модарзодӣ низ мегӯянд.

Қобилияти ба муҳит вобаста – тавоноии зеҳние мебошад, ки дар шароити таъсири бевоситаи муҳит: ҳангоми бакамолрасӣ, дониш омӯхтан, шиносоӣ пайдо кардан бо атроф, эҳсос кардани муносибатҳо, аз худ кардани малака, маҳорат, таҷриба ва ғайра ташаккул меёбад.

Амалҳои мутақобилаи ирсӣ / муҳит - маҷмӯи муносибатҳо ва робитаҳое мебошанд, ки дар ҳамбастагӣ ва вобастагии ирсияти инсон бо муҳити ӯро иҳотакарда пайдо мегарданд. Дар ин ҳолат қобилияти ирсии инсон доимо дар муқовимат ва ё бо таъсири муҳит ташаккул меёбад, агар ӯ дар иҳотаи муҳити солим бошад, пас қобилияти ӯ устувор ва самаранок мегардад, вале агар ба рафтору кирдори ӯ муҳит таъсири манфӣ расонад, пас қобилияти эҷодии ӯ хусусияти манфӣ касб мекунад.

Мисол: шахс лаёқати хуби суханвариро аз гузаштагони худ мерос гирифтааст, аммо таҳсили ӯ ва касби ояндаи ӯ дар қувваҳои мусаллаҳ (ки талабот асосан бозу – қуввои ҷисмонӣ на зеҳнӣ мебошад)

мегузарад. Мутаносибан бо таҳдиди муҳит лаёқати мавҷудаи ӯ на рушд, балки таназзул меёбад ва нолозим мегардад.

Фаъолияти эҷодии меҳнатӣ ба се давраи таърихӣ ҷудо мешавад. Давраи аввал ба **солҳои 30-уми асри гузашта** рост меояд, ки онро метавон марҳалаи рушди меҳнати эҷодӣ ном гирифт. Давраи дуюм ба **солҳои 50-ум** рост меояд, ки он ҳалли масъалаҳоро зимни эҷодиёти гурӯҳӣ фаро мегирад ва ин давра эҷодиёти технологӣ ном гирифтааст. Дарваи сеюм бошад, **солҳои 60-ум оғоз гардид**, ки дар ин марҳала ҳамгироии эҷодиёти фардӣ ва гурӯҳӣ бо илм ба вуқӯъ пазируфт. Солҳои 70-ум бошад, якҷояшавии корҳои илмӣ-тадқиқотии меҳнати эҷодӣ бо қарорҳои идоракунӣ, яъне бо амалия роҳ меёбад, ки ин падида муваффақияти хуб ба ҳисоб меравад.

Дар шароити кунунӣ корманд набояд танҳо ба ҳавасмандгардӣ таваҷҷуҳ дошта бошад, балки ӯ бояд фаъол, нақшасоз ва мушоҳидакор бошад ва талош варзад, ки ба мақсадҳои муайяни натиҷадор бирасад, яъне, фаъолияти меҳнатии ӯ на хусусияти вақтгузаронӣ, балки тавлидотӣ ва эҷодиётӣ дошта бошад.

Хусусиятҳои эҷодии инсон аз имкониятҳои эҷодӣ вобастагӣ доранд, ки онҳо дар навбати худ ба қобилиятҳои модарзодӣ ва маҳсулшуда, инчунин маълумотҳои психологӣ, физологӣ ва иҷтимоӣ асос меёбанд. Тибқи маълумотҳои таҳлилӣ **дар ҳар як ташкилот ҳудудан 7-8%** кормандон маҳорати таҳия кардан, навовар ва ташаббускори идеяҳои наву созандаро доранд ва дар навбати худ, нерӯи эҷодӣ ва ё захираи зеҳнии такшилот ба ҳисоб мераванд (**гурӯҳи эҷодкорон**). **30-35%** кормандон бошанд, соҳиби малакаи воридсозӣ ва коркарди идеяҳо мебошанд, ки дар ҷараёни баррасӣ бо дониш ва имкониятҳои зеҳнии худ метавонанд ба ҳар як идея саҳми муносиб гузоранд (**гурӯҳи воридсозон**). **60% кормандон** бошад, идеяҳои тавлидшуда ва пешниҳодшударо зимни татбиқ қарор медиҳанд, яъне иҷрокунандагони бевосита мебошанд (**гурӯҳи амалисозон**) (Ҷадвали 18).

Ҷадвали 18

Ҳамин тариқ, нерӯи эҷодӣ ва таъсири он ба ҳар як нафар / корманд бавосита ва ё бевосита мерасад, танҳо дар ин ҷо намояндагии ҳар се гурӯҳ: тавлидгарон, воридсозон ва амалисозон бояд мавҷуд бошад, то ин ки мувозинатӣ ва муътадилии рушди ташкилот таъмин бошад.

Воқеан зиёд будани гурӯҳи эҷодкорон кафили пешрафти истеҳсолии ташкилот ба ҳисоб меравад, аммо маҳз ҳамин нишондиҳанда дар фазои кишварҳои рӯ ба инкишоф чун Тоҷикистон паст мебошад. Дар ин мамлакатҳо (дар айни замон) гурӯҳи амалисозон теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд, мувофиқан раванди рушди муносибатҳои истеҳсолӣ-меҳнатӣ бе мувозинат ва бисёр заиф арзёбӣ мегардад.

29.3 Усулҳои ташкили меҳнати эҷодӣ

Эҷодиёти инсон гарчанде бештар вобастагии меросӣ дорад, дар ҷараёни ҳаёту фаъолият қисми дигари он тавассути шавқангезӣ, ташвиқу талқини зеҳн ва равонасозии имкониятҳои зеҳнӣ ташкил меёбад.

Дар таҷриба якчанд усулҳои бедорсозӣ ва ё шавқангезии эҷодиёти инсон вуҷуд доранд, ки онҳо гуногунҷабҳа буда, доимо тағйир ва такмил меёбанд.

1) **Пайдо кардани шахсони соҳиби малакаи эҷодӣ ва аз байни онҳо интихоб намудани беҳтаринҳо – эҷодкорон**. Василаҳои муносиби ин усул ташкили озмуну мусобиқаҳои гуногуни меҳнатӣ-эҷодӣ дар шакли пешниҳоди лоиҳаҳои навовар, муқоисаи маҳсулоти меҳнат ва ғайра шуда метавонанд. *Мисол: дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ корманд – хизматчии давлатӣ тариқи озмун интихоб карда мешавад, зимнан номазадҳо мутобиқи нишондиҳандаҳои махсус (ба мисли: доштани маълумоти олӣ, таҷрибаи корӣ ба муҳлати муайян, малакаи забондонӣ ва ғ.) қабул гардида, бо онҳо комиссия дар ҳайати маъмурон (тибқи рӯйхати қаблан омодашудаи саволҳо) суҳбат мегузаронад. Ҳамчунин, сатҳи дониши номзадон оид ба кор бо компютер, таърих, соҳа ва ғайра ба таври мустақим санҷида мешавад.*

Бо ин усул ҳар як ташкилот метавонад, ки нишондиҳандаҳои махсус ва муносиби худро омода сохта, ба кор номзадон – кадрҳои болаёқатро интихоб (ҷалб) намояд. Яъне, усули мазкур дар интихоби кадр вазифаи обполоро (филтрро) иҷро менамояд, ки аз он танҳо беҳтаринҳо мегузаранд.

2) **Донистани сабабнокӣ ва ё далелҳое, ки эҷодкорон ба онҳо такя мекунанд**. Василаи ин усул мушоҳида ва даъвои мағруронаи корманд ҷиҳати беҳтар кардани вазъи корӣ мебошад. Кормандоне ҳастанд, ки тавлидгари эҷодиёт мебошанд, онҳо наметавонанд бидуни пешниҳоди ягон идея фаъолияти оромона дошта бошанд. Ин гуна корманд ҳадаферо (ихтироотеро) пеш мегузорад, ки бояд худро дар назди дигарон муаррифӣ (худнамоӣ) намояд. Барои ин қабил эҷодкорон дар мадди аввал на манфиати пулӣ, балки нуфуз ва қаноатмандӣ аз фаъолияти эҷодӣ меистад.

<u>Мисол</u>: барои дарёфти ин гурӯҳи эҷодкорон кифоя аст, ки ҳар як идеяи таҳкимбахши зертобеъ зери таваҷҷуҳ қарор дода шавад. Барои ин, ташкилотро мебояд мунтазам байни кормандон озмуни «идеяи беҳтарин», «лоиҳаи беҳтарин» ва ғ. эълон намуда, барои ғолибон на мукофот, балки татбиқи кори муаллифиро (кори эҷодиро) дар амал муқаррар намояд. Ин усул худ ба худ эҷодкорони болаёқатро аз байни кормандон ҷудо менамояд, зеро

барои эҷодкори асил - на молу пул, балки нуфуз ва симо афзалиятноктар мебошад.

3) **Собиқа ва таҷрибаи истифодаи қобилиятҳои эҷодӣ набояд беҳуда ва ба таври худҷорӣ сарф карда шавад**. Василаи ин усул, ба омӯзиш фаро гирифтан ва омода сохтани кормандон ба фаъолияти эҷодӣ мебошад. Корманд бояд аз ҷиҳати технологияи муносибатҳо саводнок бошад, сатҳи муайяни донишро соҳиб бошад, то ин ки идеяҳои худро тавонад бо сифати баланд пеш барад ва ҳимоя (исбот) созад. *Дар ҳақиқат лаёқати меросӣ / ирсӣ наметавонад худ ба худ дар амал татбиқ ёбад, чун талаботи муҳит монеаҳои зиёди мутобиқшавиро пеш мегузорад.*

Мисол: нафаре лаёқати олии барномасозӣ дорад, аммо барномаҳои таҳиякардаи ӯ дар шакли лоиҳа боқӣ мондаанд. Чун барои татбиқи онҳо лаёқати баҳогузории бозор, таблиғ ва ба истифодаи васеъ баровардан низ лозим мебошад, ки ба онҳо (ин амалҳо) шахси эҷодкор моил намебошад. Дар ин сурат, роҳи ҳал ин омӯзонидани эҷодкор ба тарзи мутобиқнамоӣ, бозоргузар ва оммавӣ гардонидани эҷодиёти худ мебошад. Дар шароити Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир маҳз ҳамин муаммо боиси карахт мондани эҷодиёти техникии ҷавонони соҳиблаёқат гардидааст, дар ҳоле, ки эҷодиёти начандон мураккаби ҷавонони хитоӣ дар бозори мо кайҳо боз ҳукмфармо мебошад.

Қадами дуюм баъд аз дарёфти эҷодкорон барои ташкилот ин омӯзонидани онҳо оид ба аз худ кардани малакаҳои дар амал татбиқ намудани лаёқати худ мебошад.

4) **Ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи истеҳсолот барои навовариҳои эҷодӣ** - ин василаи татбиқи мушоҳида ва ҷудо намудани кормандони эҷодкор ва бо ин восита қадрдонӣ кардани онҳо мебошад. Инчунин зарур аст, ки идеяҳои эҷодшуда дарҳол ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро ҳолатҳои зиёде мавҷуданд, ки идеяҳо рабурда шуда, аз номи дигар шахсон пешниҳод карда мешаванд. Ин омил на танҳо ба беадолатӣ, ҳамчунин рӯҳафтодагии эҷодкорон боис мегардад. Бинобар ин мушоҳида, интихоб, баҳисобгирӣ ва қадрдонии суроғавии идея ва тавлидгари он ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мисол: Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии ихтироот мақомоти махсуси давлатӣ «Маркази патентӣ» амал мекунад,

ки мунтазам машғули бақайдгирии корҳои эҷодии шаҳрвандон мебошад. Аммо айни замон фаъолияти он ба нишондиҳандаҳои мутаносибан кам маҳдуд гардонида шудааст, ки на ҳамаи соҳиблаёқатонро, аз ҷумла эҷодиёти соҳавиро фаро гирифта метавонад.

5) **Суроғавӣ ва ё мақсаднок будани ҳавасмандгардонӣ**. Василаҳои ин усул аз муайян намудани самтҳои муҳим ва мувофиқи истеҳсолот, интихоб кардан, зимнан қадрдонӣ намудани муаллифони идеяҳое, ки бештар рӯи равишҳои мушаххас кор кардаанд, мебошад. Дар баробари ин, набояд воридсозони идеяҳо фаромӯш карда шаванд, зеро идея ва коркади он оғози кор аст, марҳалаи охири он воридсозӣ буда, ба таври худкор ба амалисозии он низ мусоидат менамояд.

<u>Мисол</u>: дар коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ эҷодиёти ҳамон корманде қадрдонӣ мегардад, ки агар он ба баландгардии сатҳи фурӯши шир мусоидат намояд. Дар ин ҷо объекти қадрдонӣ на танҳо эҷодкор, балки мутахассиси бозори шир низ муайян мегардад, зеро агар таҳия ва пешниҳоди идея маҳсули корманд бошад, пас таъмини рақобатпазирии он дар бозори фурӯш аз сатҳи дониш ва касбияти мутахассис вобастагӣ дорад.

6) **Омили вақт дар ҷараёни ҳавасмандгардонӣ**. Василаи татбиқи усули мазкур, сари вақт ҳавасманд гардонидани шахси эҷодкор мебошад. Бо гузашти вақт илҳом, шавқмандӣ ва талошу ҳаракати эҷодкории корманд бинобар рӯҳафтодагӣ заиф мегардад ва эҳтимол аз давом додани кори эҷодӣ даст кашад. Дар баробари ин, ҳар як идея бо гузашти вақт кӯҳна мешавад ва нолозим мегардад. Яъне, вақт ду ҷанбаи муҳими манфии эҷодиёти идоракуниро фаро мегирад – дасткашии корманд аз кори эҷодӣ ва кӯҳнашавии идея, ки ба инобат нагирифтани он боиси таназзулёбии истеҳсолоти ташкилот мегардад.

<u>Мисол</u>: гурӯҳе аз кормандон дар баробари корҳои ташкилии ҳамарӯза барои рақобатпазир гардонидани маҳсулоти корхона ба фаъолияти эҷодӣ машғул мегарданд (ташаббус мекунанд). Албатта эҷодкори асил бештар ба тавлиди эҷодиёт завқ дорад, вале ҳавасмандгардонии пулию молӣ ва маънавӣ шавқу рағбати ӯро зиёд гардонида, ба воридсозии идеяи эҷодшуда дар ояндаи наздик мусоидат менамояд. Аммо агар, ин ташаббус аз ҷониби

маъмурон дастгирӣ наёбад, пас он кӯҳна шуда, боиси рӯҳафтодагии кормандон ва таназзулёбии ташкилот мегардад.

7) **Омӯзиши талаботи такмилдиҳандагон ва ихтироъкорон**. Василаи ин усул ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои шахсии эҷодкорон, ниятҳои ғоявӣ ва тамоюлҳои эҷодии онҳо мебошад.

Мисол: ҳар як инсон арзишҳо ва мушкилоти муайянеро соҳиб мебошад, ки дар давоми фаъолияти меҳнатӣ-истеҳсолӣ таваҷҷуҳи ӯро аз кори асосӣ дур месозад, ба монанди додани қарзи бонкӣ, пардохт намудани маблағи таҳсили фарзанд, истеъмол намудани дору ва ғайра. Мувофиқан бартараф сохтан ва ё қисман ҳал намудани мушкилоти маишии шахси эҷодкор таваҷҷуҳои ӯро ба ташкилот ва манфиатҳои иқтисодию ташкилии он зиёд менамояд.

8) **Иштироки кормандони эҷодкор дар ҷараёни қабули қарорҳои идоракунӣ**. Ин васила моили ҷалби эҷодкорон зимни баррасӣ ва қабули қарорҳои марбут ба рушди фаъолияти ташкилот мебошад. Ин имконият ва таваҷҷуҳ ҳавасмандии шахси эҷодкорро баланд бардошта, ба ӯ эътимоди қаввӣ таъмин менамояд, мутаносибан боиси рушд ёфтани амалҳои эҷодии ӯ мегардад.

Мисол: баррасӣ намудани барномаи рушди истеҳсолоти ташкилот бо иштироки шахси эҷодкор имкон медиҳад, ки: 1) ӯ аз тағйиротҳо ва талаботи гузошташудаи ташкилот барои рушди истеҳсолот бархурдор гардад; 2) фаъолияти эҷодии корманд ба самти актуалӣ равона гардад; 3) қарорҳои ташкилот бо назардошти таҷриба ва назарҳои илмӣ – эҷодӣ қабул карда шаванд.

Дар ҷараёни тавлид, коркард, пешниҳод, воридсозӣ ва татбиқи идеяҳо баъзан мушкилоти иҷтимоӣ-истеҳсолӣ ногузир мебошад ва дар бисёр ҳолатҳо маҳз ҳамин гурӯҳи мушкилот боиси даст кашидан ва ё қатъ кардани воридсозии идеяи муайян (новобаста аз созандагии он) мегардад.

Мисол, бо ворид сохтани тағйироти техникӣ ё технологӣ ба низоми истеҳсолотии ташкилот, зимнан масъалаҳои рушд додани иқтидории истеҳсолии он хоҳ нохоҳ кам ё зиёд кардани воҳиди корӣ, кам ё илова кардани сарборӣ, иваз ва ё дастрасӣ ба дастгоҳи нави

истеҳсолӣ ва такмили ихтисоси кормандонро пеш мегузорад, ки на ба ҳамаи узви коллективи меҳнатӣ хуш меояд.

Бинобар ин, пеш аз қабул ва татбиқи идеяҳои муайян зарур аст, ки ҷараён ва оқибати онҳо зимни омӯзиши амиқ қарор дода шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Фаъолияти эҷодии шахс тафсир дода шавад.
2) Нерӯи (потенсиалӣ) эҷодии инсон аз ҳамбастагии ду намуди фаъолият маншаъ мегирад, кадомҳо?
3) Тавлиди идеяҳои нав ба гурӯҳҳои ҷараёнҳо муттаҳид мегардад, кадомҳо?
4) Чанд фисади қобилияти зеҳнӣ меросӣ мебошад?
5) Чанд фисади қобилияти зеҳнӣ ба муҳит вобастагӣ дорад?
6) Чанд фисади қобилияти зеҳнӣ ба амалҳои мутақобилаи ирсӣ-муҳит вобастагӣ дорад?
7) Фаъолияти эҷодӣ-меҳнатӣ ба се давра ҷудо мешавад, кадомҳо?
8) Дар ҳар як ташкилот чанд фисади кормандонро гурӯҳи эҷодкорон ташкил медиҳад?
9) Дар ҳар як ташкилот чанд фисади кормандонро гурӯҳи воридсозон ташкил медиҳад?
10) Дар ҳар як ташкилот чанд фисади кормандонро гурӯҳи амалисозон ташкил медиҳад?
11) Дар таҷриба чанд усулҳои бедорсозӣ ва ё шавқангезии эҷодиёти инсон вуҷуд доранд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с
2. Дар бораи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340;

соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод. 545, мод. 549; соли 2011, №3, мод. 151; №12,мод.842; соли 2012,№8, мод.817;соли 2013, №7, мод.509

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
5. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
6. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
7. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров – Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 30. ИМКОНИЯТҲО ВА ЗАХИРАҲОИ ИҶТИМОӢ - ПСИХОЛОГИИ ИДОРАКУНӢ

30.1 Назарияҳо ва ташаккулёбии муносибатҳои иҷтимоӣ-психологии идоракунӣ

Воситаҳои мусоидаткунанда ба рушду такомулёбии муносибатҳои идоракунӣ дар ду ҷанба вазифаҳои худро амалӣ месозанд: 1) **намоён**, ки мавриди истифодабарии доимӣ қарор дода мешавад ва 2) **ниҳонӣ**, ки новобаста аз аҳамиятнокӣ ва натиҷабахшӣ хеле кам ба роҳ монда шудааст.

То ин мавзуъ аксаран воситаҳои намоёни рушдиҳандаи идоракунӣ зимни омӯзиш қарор дода шуда буданд, акнун воситаҳои дигари идоракунӣ, ки хусусияти ниҳонӣ доранд – *захираҳои иҷтимоӣ–психологӣ* - ва нақши онҳо дар таҳкими муносибатҳои идоракунӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки бинобар сабаби хусусияти ниҳонӣ доштани захираҳои иҷтимоӣ - психологии идоракунӣ таъсир, натиҷанокӣ ва самарабахшии онҳо низ нопадид боқӣ мондааст.

Новобаста аз ин, дар баробари дигар воситаҳои идоракунӣ омӯзиши амиқи заминаҳои илмии захираҳои иҷтимоӣ - психологии идоракунӣ солҳои 30-уми асри гузашта оғоз мегардад. Яке аз олимони шинохта Э. Мэйо ба ин ҷанбаи идоракунӣ таваҷҷуҳ карда, таъкид менамояд, ки: «*баландбардории маҳсулнокии меҳнат дар ҳолате ба даст оварда мешавад, ки агар амалҳои мутақобилаи созгор дар сохторҳои ибтидоӣ ба роҳ монда шуда бошанд, мувофиқан ин васила яку якбора баланд шудани сатҳи истеҳсолотии ташкилот ва саҳми кормандро дар зиёд гардидани маҳсулнокии меҳнат имкон медиҳад*».

Ин натиҷаи тадқиқотӣ яке аз муваффақтаринҳо ба ҳисоб меравад, зеро он оғоз аз давраи ташаккулёбӣ дар сатҳи васеи илмӣ - амалӣ то ба имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Бо такя ба ин назария – *Агар дар айни замон мо мушкилоти мансуб ба муносибатҳои инсониро дар истеҳсолот ҳал намоем, пас мо метавонем, ки арзиши (қимати) аслии маҳсулотамонро то ба даҳ соли оянда паст фарорем, таъсири ин усул на кам аз усули зиёд кардани бароориши автомобил мебошад, ки дар чоряки асри охир таҷриба карда истодаем.* – иброз кардааст Г. Форд.

Муносибатҳои инсониро дар як вақт метавон муҳити иҷтимоӣ-психологӣ ном гирифт, зеро бо назари аксари олимон ва таҷрибадорон муҳити иҷтимоӣ - психологии ташкилот фарогири муносибатҳои байни ҳамкасбон, роҳбарон ва кормандон, мутахассисон ва кормандон мебошад.

30.2 Муносибатҳои иҷтимоӣ – психологӣ дар ташкилот

Барои омӯзиши муносибатҳои инсонӣ гурӯҳи олимон бо роҳбарии Э. Мэйо озмоишҳои худро дар ширкати «Westernelectriccompany» баргузор менамоянд. Натиҷаҳои давраҳои аввали озмоиш олимонро дар таҳлука меорад, чун фарзияҳои онҳо нисбат ба маҳсулнокии меҳнати кормандон тасдиқи худро намеёфт. Василаҳои гуногуни маълумотноксозӣ, зиёд намудани вақти танаффус барои истироҳат, наҳории дуюм аз ҳисоби кордиҳанда, кутоҳ кардани давомнокии рӯзи корӣ ва ғайра натиҷаи дилхоҳ намедоданд. Сипас олимон ба хулоса меоянд, ки дар ин ҷо маҳаки мушкилот ба далелҳои мансуб ба муносибатҳои инсонӣ вобаста мебошад, ки он хеле ниҳон ҷойгир шудааст.

Ҳамин тариқ, пас аз баргузории тадқиқоти навбатӣ, ки 20 ҳазор нафарро зимни пурсиш фаро мегиранд, маълум мегардад, ки меъёри (андозаи) корчалонӣ ва ё маҳсулнокии корманд на ба виҷдон ва на ба қобилияти зеҳнии ӯ, балки ба таъсиррасонии гурӯҳи худфаъол вобастагӣ дорад. Яъне, **мушкилоти асосӣ ва ё далелнокии маҳсулнокии кор хусусияти иҷтимоӣ-психологӣ дорад, ки он бо таъсири гурӯҳи худфаъоли ғайрирасмии кормандон** амалӣ гардонида мешавад. Ин навъи гурӯҳ – гурӯҳест, ки дар он аз байни кормандон яке ҳамчун сарвар тибқи меъёрҳои умумииҷтимоӣ интихоб шуда, дигарон ӯро беихтиёр гӯш мекунанд, ба рафтору кирдори ӯ пайравӣ менамоянд. Чунин гурӯҳҳои худфаъол одатан дар ҳама гуна ташкилот ва ё гурӯҳи одамон иборат аз 5 то 100 нафар ва зиёда аз он ташкил меёбанд ва тибқи меъёрҳои умумиқабулшуда ва ё такмилёфтаи ғайрирасмӣ амал менамоянд, гарчанде ноаён ҳам бошанд. Ин тимсоли фаъолият бо номи «дедовшина»-и хизмати ҳарбӣ, «кодекси роҳзанон», «дуел»-и Ғарб ва ғайра маъруф мебошад, ки хусусияти анъанавӣ ва одатӣ дошта, ба ҷузъи ҷудонопазири ҷамъиятҳо табдил ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти Мэйо аҳамиятнокии омилҳои иҷтимоӣ -психологиро дар идоракунӣ ва нақши рафторҳои муассир ва оташини ғайрирасмии инсонро дар муносибатҳои ташкилӣ ошкор месозад.

Боиси зикр аст, ки бинобар таъсирбахшии тадқиқоти Э. Мэйо дар корхонаи интихобшуда (пас аз 2,5 сол) маҳсулнокии кор то 40% афзоиш ёфта, сатҳи коргурезӣ (камфаъолӣ, танбалӣ, ба кор дер омадан ва ғ.) то 80% коҳиш меёбад. Дар ниҳоят маълум гардид, ки **баландбардории маҳсулнокии меҳнат на ҳамеша ба тағйир додани шароитҳои корӣ вобаста мебошад, вале ҳамеша сабаби психологӣ дорад**.

Дар умум муносибатҳои инсониро метавон ба 9 мавқеҳои зерин ифода намуд:

1) Инсон табиатан (аз рӯи инстинкт) хусусияти моил шудан ба рафтори гурӯҳиро дорад. Барои ҳар як шахс қабул гардидани ӯ ба муҳити иҳотакарда, эътироф шудан ва эҳтиром доштан дар байни ҳамкорон / ҳамкасбон басо нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Мисол: шахсе, ки навакнун ба корхонаи истеҳсоли гӯшт ба кор даромадааст ва ҳеҷ касро намешиносад ва намедонад, беихтиёр (аз рӯи инстинкт) бо гурӯҳи барои ӯ нави одамон шиносоӣ пайдо мекунад. Ин шиносоӣ дар як вақт метавонад ҳам хусусияти касбӣ – пурсидани тарзи истифодаи дастгоҳи гӯштрезакунӣ – дошта бошад ва ҳам шахсӣ – пурсидани макони ошхона ва намудҳои хӯрок. Ё ин ки майл мекунад, бо касе шинос гардад, то ин ки масъалаҳои гуногуни маишӣ ва кории худро ҳал карда тавонад. Мувофиқан гурӯҳи ҳамкорон низ талаботи ғайрирасмии худро метавонанд дошта бошанд ва бо риояи он (талабот) шахси навкор ба зудӣ ба гурӯҳ роҳ меёбад;

2) Инсон қобилиятҳои зиёд ва гуногунро соҳиб мебошад, ки қисми ками онҳо зимни дастгоҳи механикии ташкилот истифода бурда мешавад.

Мисол: истеъдоди меросии (модарзодии) корманд, ки ровигӣ аст наметавонад дар ҷойи кори асосии ӯ – кандакории чӯб – истифода гардад. Аммо ташкилот, ки албатта чорабиниҳои идеологӣ дорад, бо дарёфт ва ё бедор кардани истеъдоди ин корманди худ метавонад лаёқати ӯро бомаром истифода намояд;

3) Шахс аз меҳнат на кам аз ҷидду ҷаҳди бозӣ ҳаловат мегирад, агар он барои ӯ манифатбахш, пурмуҳтаво ва шавқангез бошад.

Мисол: фаъолияти касбие, ки барои инсон / корманд шароити эҷодкорӣ фароҳам меорад, беихтиёр метавонад шавқу рағбати ӯро ҳамарӯза зимни навовариҳо, тавлиди идеяҳо ва ғайра ба кор зиёд намояд;

4) Инсон доимо ба масъулиятнокӣ талош меварзад, аммо ин сифати ӯ на ҳамеша дар муносибатҳои истеҳсолӣ истифода мегардад.

Мисол: кам ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар шартномаи меҳнатӣ ва ё дастури мансабӣ ба сифати сарборӣ / уҳдадории корманд зиёд намудани теъдоди маҳсулот, иштирок дар афзоиш додани сатҳи истеҳсолот, ба роҳ мондани корҳои эҷодии истеҳсолӣ ва дигар ҷой дода шуда бошад.

Масъулиятнокии шахс одатан дар муносибатҳои ташкилии иҷтимоӣ истифода мегардад, ба монанди интизоми меҳнат, тозагӣ дар ҷойи кор, иҷрои уҳдадории гузошташуда ва ғайра;

5) Шаклҳо ва усулҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ фарогирандаи ҳамаи талаботи инсонӣ намебошад.

Мисол: Талаботи инсонӣ гуногунҷанбаъ буда, фарогирии рукнҳои иҷтимоӣ-психологӣ, фарҳангӣ-маънавӣ, сиёсӣ-ташкилӣ ва иқтисодӣ-молиявии ҳаёту фаъолият мебошад. Мутаносибан барои қонеъ гардонидани талаботи инсон дар фаъолияти меҳнатӣ зарур аст, ки усулҳои ҳавасмандгардонӣ дар маҷмуъ, аз ҷумла иҷтимоӣ, рӯҳӣ-маънавӣ ва иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд;

6) Истеҳсолоти ташкилӣ на танҳо соҳаи фаъолияти меҳнатии инсон аст, балки соҳаи қонеъкунандаи талаботи иҷтимоии ӯ низ мебошад.

Мисол: шахс дар фаъолияти меҳнатии ҳаррӯзаи худ дар баробари ба даст овардани фоидаи молиявӣ, ҳамчунин ба ташкили робита бо дигар одамон, дарёфти дӯстон ва ҳамфикрон, ишғол намудани мавқеи худ дар ҷомеа мақсад мегузорад;

7) Масъалаи (мушкилоти) самаранокии фаъолияти ташкилот дар ҳолате ҳал мегардад, ки агар принсипҳои идоракунии хос ба қоидаҳо ва муносибатҳои ҳукмронӣ (яккасардорӣ), барномасозии дурушт (мураккаб) ва махсусгардонии меҳнат ҳамчун (бар) зидди табиати инсонӣ инкор (бартараф) карда шавад.

Мисол: роҳандозӣ намудани низоми шарикии иҷтимоӣ дар ташкилот тақозои ҷомеаи муосир ва принсипи идоракунии демократӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, талаботи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати низоми идоракунӣ муқаррар гардонида шудааст;

8) Мушкилоти барқарорсозии мувофиқати иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ бояд дар сатҳи ҳар як ташкилот ҳал карда шавад. Мафҳуми «команда (тим)» ифодагари талаботи мазкур мебошад, яъне ҳар як ташкилот дар ҳолате метавонад ба комёбиҳо ноил гардад, ки агар дар ҳудуди фаъолият фазои муносиб ва дӯстонаи корӣ фароҳам оварда шуда бошад.

Мисол: дар ташкилот ба таври худкор кормандон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, аммо арзишҳои умумие мавҷуд мебошанд, ки онҳоро муттаҳид месозад, ба монанди обрӯй ва нуфузи корхона, рушди истеҳсолот баҳри зиёд намудани музди меҳнат, интихоби намояндаи худ дар назди маъмурият ва ғайра, ки ба сифтаи василаи бартарафсозанда ва инкоркунандаи ҳама гуна низоъ ва ихтилофоти байнигурӯҳӣ ва байнишахсиятӣ баромад менамояд;

9) Таваҷҷуҳи беши роҳбар аз истеҳсолот дида, бояд ба корманд равона гардида бошад. *Ин принсипи идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки оғози солҳои 50-ум нуфуз пайдо намуда, дар ҳама шаклҳои идоракунӣ ва истеҳсолӣ-меҳнатӣ истифода мегардад. Дар Тоҷикистон ин тарзи идоракунии хос аз солҳои 90-ум инҷониб дар баробари бадастории истиқлолияти давлатӣ ва интихоби сохти демократии идоракунӣ ташаккул ёфтааст ва имрӯзҳо ҳудудан дар ҳама муносибатҳои истеҳсолӣ-меҳнатӣ рӯи кор қарор дорад. Аммо чун одат (аз даврони шӯравӣ) на ҳамаи маъмурон ин принсипро дар сатҳи зарурӣ риоя менамоянд, ки он яке аз сабабҳои рақобатнопазир боқӣ мондани қисми муайяни муносибатҳои истеҳсолӣ ба шумор меравад.*

30.3 Муносибатҳои байни роҳбарон ва зертобеон

Муносибати байни роҳбар ва зертобеъ ҳамеша дар мадди назари олимон қарор дошт ва он ҳамчун воситаи иҷтимоӣ - психологӣ доимо аз ҷониби роҳбар муайян ва пеш бурда мешавад. Маҳз ҳамин тарзи муносибатҳои қисман расмӣ ва қисман шахсӣ

(ғайрирасмӣ) имконият медиҳанд, ки хостагирии кадрҳои болаёқат, қобилиятнок ва хушмуомила ба роҳ монда шавад.

Дар ин ҷо бояд дар назар дошт, ки нақши роҳбари сохтори ибтидоӣ, яъне роҳбари бевоситаи корманд дар ташкили муносибатҳои истеҳсолӣ хеле зиёд мебошад. Чун роҳбар ҳамчун узви тим бояд доимо ба сифати мушоҳидачӣ дар паҳлӯи кормандон бошад, танҳо дар ҳамин сурат мумкин аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ - психологӣ равнақ дода шаванд. Тибқи ин модели муносибат роҳбари сохтори ибтидоӣ масъулият дорад, ки ботини ҳар як кормандро донад, кӯшишу талошҳо ва ҳоҳишу рағбатҳои онҳоро ба ҳисоб гирад, талабот, сабабнокӣ ва роҳу усулҳои ҳавасмандгардонии кормандонро муайян карда тавонад.

Ҷараёнҳои ташкили муносибатҳои байни роҳбарон ва зертобеон ба муайян намудани консепсияи сарварии ташкилот мусоидат намуд. Таҳқиқ гардидааст, ки яке аз усулҳои мувофиқи пешрафти ташкилот ин омехта намудани нақши сарварии расмӣ бо ғайрирасмӣ мебошад. Дар як вақт дар як ташкилот метавонад як сарвари расмӣ, вале якчанд сарвари ғайрирасмӣ фаъолият дошта бошад. Нуктаи муҳим он аст, ки ҳамгироӣ ва ҳамкории сарварон бояд ба таври мунтазамӣ ба роҳ монда шуда бошад, зеро нақши роҳбари сохтори ибтидоӣ на танҳо баҳисобгирии вазъияти иҷтимоӣ - психологӣ мебошад, балки истифодаи усулҳои гуногуни таъсиррасониро ба он пеш мегузорад.

Дар доираи принсипҳои муносибатҳои расмии байни маъмурият ва зертобеон тибқи назари Тейлор – *сардор медонад, ки чӣ кор бояд кард, вазифаи зертобеъ иҷро намудани супориши сардор* – муайян гардида буд. Консепсияи муносибатҳои иҷтимоӣ - психологӣ бошад, ба ин принсип мухолиф баромада, таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотро дар муносибатҳои мутақобилаи роҳбар ва корманд баррасӣ менамояд. Ин консепсия усулҳои ташкили меҳнатро бо роҳи маҳдудиятҳо ва истифодаи танҳо қувваи ҷисмонии фард ва гурӯҳ қабул наменамояд. Тибқи таҳлилҳои тадқиқотӣ бобати ин масъала ихтилофоте муайян гардидааст, ки: аз як тараф **62% роҳбарон зарурати машварат доштан / кардан бо кормандонро мепазиранд** ва аз тарафи дигар ҳамагӣ **16% онҳо ин принсипро дар амал татбиқ менамоянд**.

Ин ихтилофот собити онро пеш меорад, ки то кунун байни роҳбар ва зертобеъ муносибатҳои боварӣ ба даст оварда нашудаанд, эътимоди он ки муносибатҳои байнишахсиятӣ зарурат дорад, ташаккул наёфтааст.

Роҳи бартараф намудани ин ихтилофот ва умуман тарзу усули муосири таҳким бахшидани меҳнати истеҳсолӣ ва рушди имкониятҳои истеҳсолотии ташкилот дар он аст, ки роҳбаронро мебояд таваҷҷуҳ ба он дошт, ки корманд / зертобеъ аслиҳаи меҳнатӣ нест, балки арзишест соҳиби қобилияти зеҳнию ҷисмонии хос ва ҷаҳони маънавии хеш, эҳтимол роҳбар, мутахассис, соҳибмулк ва кордиҳандаи оянда; мувофиқан бо истифодаи самараноки ин нерӯ метавон тамоми мақсадҳои гузошташударо пиёда сохт ва сифатнокии фаъолиятро таъмин намуд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Дармуносибатҳоиидоракунӣдувоситаҳоимусоидаткунандам авҷудмебошанд, кадомҳо?
2) Муносибатҳои инсониро тавзеҳ диҳед.
3) Дар яке аз тадқиқотҳои марбут ба муносибатҳои инсонии Мэйо чанд ҳазор нафар фаро гирифта шуда буданд?
4) Мушкилоти асосӣ ва ё далелнокии маҳсулнокии кор хусусияти иҷтимоӣ - психологӣ дорад, ки он бо таъсири кадом гурӯҳҳои кормандон фароҳам оварда мешавад?
5) Баландбардории маҳсулнокии меҳнат ба чӣ вобастагӣ дорад?
6) Зарурати машварат доштан / кардан бо кормандонро чанд фисади роҳбарон мепазиранд?
7) Чанд фисади роҳбарон дар воқеъ бо кормандон машварат мекунанд?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. Виды социальных норм [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ:http://legalmap.ru/articles/kp/norma/vidy-sotsialnykh-norm/
3. Дар бораи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод. 545, мод. 549; соли 2011, №3, мод. 151; №12,мод.842; соли 2012,№8, мод.817;соли 2013, №7, мод.509
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
5. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
6. Саидов А. Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (андешаҳо, дурнамо) [Матни аслӣ] – Душанбе: «Шарқи озод». - 2006. – 128 с.
7. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
8. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
9. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.

§ 31. СИМОИ ТАШКИЛОТ: УСУЛҲОИ ТАШАККУЛДИҲӢ ВА РУШД

31.1 Мафҳумҳо ва моҳияти симо (имиҷ)

Дар шароити муносибатҳои идоракунӣ яке аз талаботи муваффақнокии ташкилот ин шинохт ва мавқеи ишғолнамудаи он дар байни ҷамъият мебошад. Дар ин роҳ то имрӯз воситаҳо ва тарзу усулҳои зиёд амалӣ гардонида шудаанд, аммо муваффақтарини он, ки шиносномаи ташкилот низ мебошад, ин симо аст.

Симо (имиҷ) яке аз василаҳои асосии пешрафти ташкилот тавассути бадастории муваффақият ва таваҷҷуҳнокии ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Симо ин омили воқеиест, ки нақши он дар баҳогузории ҳар як падида ва ё ҷараён бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Тибқи назриёти олимон симо – сохтакории сунъӣ ва ё нишон додани шакли зоҳирии дилхоҳ объект, аз ҷумла ташкилот, гурӯҳи одамон ва ё фард мебошад. Симо тасаввуроти мақсадноки дар мафкураи омма тавассути таблиғ ва ташвиқу тавсиф ташаккулёфта мебошад.

Симоро тоҷирон тамғаи савдо (мол), сиёсатмадорон обрӯй ва шинохти ҷомеа, адибон ном, нишона ва ғайра маънидод менамоянд.

Симо (имиҷ) – шакли сифат ва хосияти объект, падида ва ё ҷараёни махсусан тарҳрезишуда буда, ба хусусиятҳои ҳаёту фаъолият, қонуниятҳо, қадру қимат, таркиб ва мазмуни он (объект) асос меёбад ва бо мақсадҳои муайян бо назардошти интизорӣ, талабот, дастёбӣ ба ҳифзи психологӣ ва муваффақияти иҷтимоӣ он ҳамчун намунаи рафтор ба шуури гурӯҳи мақсаднок талқин (таҳмил) дода мешавад.

Дар таҷриба якчанд намуди симо аз рӯи соҳаҳо ва самтҳо муайян карда шудааст.

1) Симои (нишони) мол ва хизматрасонӣ – тасаввуроти одамон оид ба хусусиятҳои махсусе, ки хоси мол ва хизматрасонии муайян (сифат, бренд, рамз, нишона, ранг, вазн, ном ва ғайра).
2) Симои истеъмолкунандагон – тасаввуроти хизматрасонон оид ба тарзи зиндагӣ, мақоми иҷтимоӣ ва якчанд хосиятҳои психологии истеъмолкунандагон.

3) Симои дохилиидоравӣ – тасаввуроти кормандон оид ба ташкилоти худ – маданияти ташкилӣ ва муҳити иҷтимоӣ-психологӣ дар ташкилот.
4) Симои роҳбарият – тасаввуроти зертобеон оид ба қобилиятнокӣ, малака, майлу хоҳиш, арзишҳо, хусусиятҳои психологӣ ва намуди зоҳирии роҳбар(ият).
5) Симои ҳайат – тасаввурот оид ба касбият, маданияти робитавӣ, хусусиятҳои психологӣ-иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ, қобилиятнокӣ, корчалонӣ ва намуди зоҳирӣ.
6) Симои зоҳирии ташкилот – тасаввурот оид ба нишонаҳои асосии ташкилот, рамзи муаррификунанда, бинои корӣ, ороиши ранга ё рангҳои махсусгардонидашудаи доимоистифодашаванда ва ғайра.
7) **Симои иҷтимоии ташкилот – тасаввуроти ҷамъият оид ба ҳадафҳои умумииҷтимоӣ ва нақши он дар беҳгардонии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа.**
8) Симои кории ташкилот - тасаввурот оид ба обрӯи корӣ, даромаднокӣ, ҳаҷми истеҳсолот / фурӯш, ҳудуди таъсиррасонӣ, навовариҳои технологӣ, фасеҳии сиёсати нархӣ ва ғайра.

31.2 Усулҳои ташаккули симои ташкилот

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва камфаъолии ҷомеа вобаста ба ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ташаккули симо барои ташкилотҳо, бахусус доираи соҳибкорон хеле мушкил мебошад, ки он ба якчанд омилҳои зерин низ асос меёбад:

Якум, - номуайянии (рахна будани) иҷтимоии ҳудудҳои соҳибкорӣ - новобаста аз талаботи воқеӣ ва бозори маҳсулот касе ба ҳар коре хоҳад машғул мегардад.

*Мисол: дар мамлакат ҳам дар амал ва ҳам тибқи қонунгузорӣ ҳадди фаъолияти соҳибкорӣ чӣ барои ташкилотҳои ҳақиқатан соҳибкорӣ ва чӣ барои гурӯҳҳои дигари ташкилотҳо (ба ҷузъ мақомоти давлатӣ) маҳдуд нест ва озод аст. Чунончӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст «**Соҳибкорӣ** - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарарнамудаи қонун бақайдгирифташудае*

мебошад, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фуруши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст.», инчунин, иброз гардидааст «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад», яъне ҳамагуна фаъолияти соҳибкорӣ озод мебошад. Дар воқеъ дар шароити таҳкими заминаҳои иқтисодӣ чунин тадбирҳо мувофиқ арзёбӣ мегарданд, аммо набудани ҳадди фаъолият аксуламали муносибатҳоро ба вуҷуд меорад, зимнан ба номураттабии ин намуди фаъолият боис мегардад; шароити рақобатпазириро, ки асоси пешрафт ба ҳисоб меравад, аз байн мебарад; сифат ва касбияти фаъолияти истеҳсолӣ паст мегардад;

Дуюм, - заифии таҷрибаи иҷтимоӣ – набудани тасаввуроти комил оид ба роҳу усулҳои пешбурд ва ё ташкили шаклҳои соҳибкории пешрафта, устувор ва поянда.

Мисол: Дар Тоҷикистон чун дигар кишварҳои ИДМ дар ҳоли ҳозир таваҷҷуҳи соҳибкорон ба илми соҳаҳои идоракунӣ, аз ҷумла сотсиологияи идоракунӣ хеле кам аст, воқеан мактабҳои идоракунӣ низ навакнун ташаккул ёфта истодаанд, вале он ташкилотҳое, ки барои ташаккули фазои рушди даромаднокии худ ҷиддан машғул мебошанд, аллакай бо ҷалби олимон аз дохил ва хориҷ потенсиали таҷрибавию истеҳсолӣ ва иҷтимоии худро такмил дода истодаанд;

Сеюм, - набудани пойдевори устувор дар роҳи ташкили шакли мусбии соҳибкорӣ – ҷомеа (имрӯзҳо) ба соҳибкорон боварӣ ва ё эътимоди қавӣ надорад.

Мисол: Ташкилотҳои соҳибкорӣ бинобар заиф будани потенсиали идоракунии иҷтимоӣ танҳо як самти фаъолият: фоидаоварии молиявиро мебинанд, дигар самтҳои муҳими мусоидаткунанда ба рушди фаъолияти ташкилии иҷтимоӣ ва истеҳсолии иқтисодӣ - робита бо ҷомеа, ташкили симо, шарикии иҷтимоӣ, иштирок дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, таҳкими заминаҳои илмию тадқиқотии истеҳсолот ва ғайра – аз мадди назар дур мондааст. Зимнан боварӣ ва эътимоди ҷомеаро аксари ташкилотҳои соҳибкорӣ ба даст наовардаанд, яъне симои воқеии худро дар байни ҷамъият ташаккул нададаанд.

Барои фаъолияти ҳар як ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҷомеа таъсири хеле зиёд мерасонад.

Мувофиқан яке аз роҳҳои рушд дар шароити имрӯза барои кишварҳои мо ин кор бо ҷомеа мебошад.

Якчанд усулҳои ташкили симоро барои дилхоҳ ташкилот метавон баррасӣ намуд.

1) **тавақҷуҳи роҳбар ба намуди зоҳирӣ**, тарзи либоспушӣ, рафтору кирдор ва гуфтори кормандон, ороиши берунӣ ва дохилии бинои (толорҳои) фаъолият;
2) мувофиқ ва муносиб будани **консепсияи рушди муносибатҳо** бо ҷомеа; калиди муваффақиятҳо на дар теъдоди таблиғот тавассути радио ва телевизион аст, балки дар дурустӣ ё мантиқии консепсияи кор бо ҷомеа бо усули ягона мебошад;
3) **кор бо ҳар як гурӯҳи мақсаднок** дар алоҳидагӣ бо воситаҳои гуногун ва мутобиқ ба талаботу манфиати онҳо;
4) **кор бо ВАО**, сарпарастӣ ва шарикӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, зеро дар шароити ҷомеаи муосир василаҳои устувори иттилоотонӣ ва роҳнамоӣ маҳз ҳамин институтҳо ба ҳисоб мераванд;
5) **кор аз рӯи симои муттаҳидсозанда** бояд қаблан дар шакли таҳияи нишон, шиор, рамз, намуди зоҳирии кормандон, арзишҳои мадании ташкилот ва ғайра ба роҳ монда шавад;
6) **азнавсозии симо** танҳо пас аз маълумоти пурра, мушаххас ва возеҳ гирифтан оид ба симои нав ва бартарияти он;
7) **гуногунии симо барои гурӯҳҳои алоҳида**: эътибор, обрӯй ва имиҷ барои ҷомеа; рақобатпазирӣ ва дақиқият барои шарикон;
8) **симои дохилиташкилотӣ** бо фарогирии намуди зоҳирии (тарзи либоспушии) ягона, якранг, нишони ягона, ороиши махсус ва ғайра.

Симои ташкилот ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо мешавад. Симое, ки дар шуури кормандон ҷой мегирад симои дохилӣ мебошад. Симои берунӣ бошад, дар шуури ҳамкорон, шарикон, муштариён ва ғайра, ки ба сафи кормандони ташкилот шомил нестанд, ҷой дода мешавад.

31.3 Объектҳои ташаккули симо

Дар амал объектҳои мансуб ба ташкили симо ба се гурӯҳ ҷудо мешванд.

Якум, - **объектҳое, ки баҳогузории онҳо танҳо аз симои ташаккулдодаи худ ва ё барои онҳо ташаккулдодашуда вобастагӣ доранд**, аз қабили: шахсиятҳои алоҳида (сиёсатмадорон, сарварони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шореҳони телевизион ва ғайра), гурӯҳҳои иҷтимоӣ (ҷавонон, донишҷӯён, занон, хизматчиёни ҳарбӣ ва ғ.), ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигарҳо ба ҳамин монанд, ки фаъолияти ғайритиҷоратӣ дошта, бо ҷомеа дар робитаи зич мебошанд.

Дуюм, - **объектҳое, ки баҳогузории онҳо то андозае аз ду василаи баробармақом: 1) симои ташаккулдода ва 2) сифати молу маҳсулот ва хизматрасонии истеҳсолӣ вобастагӣ дорад.** Ба ин гурӯҳ ташкилотҳои тиҷоратӣ / соҳибкорӣ шомил мебошанд, ки мақсади онҳо аз як тараф ба даст овардани фоида ва аз тарафи дигар ташкили симо – обрӯй, имиҷ мебошад. *Мисол: ташкилотҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шакли ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд, хоҷагиҳои фермерӣ ва ғайра.*

Сеюм, - **объектҳое, ки баҳогузории онҳо аз рӯи симо муҳим намебошад**. Ин, гурӯҳи ташкилотҳои хурди савдо мебошанд, ки муваффақияти онҳо аз сифати молу маҳсулоти пешниҳодшуда вобастагӣ дорад. *Мисол: соҳибкорони инфиродӣ, нуқтаҳои фурӯши молу маҳсулот, ки асосан самти тиҷоратии фаъолиятро (хариду фурӯшро) доранд.*

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Симо чист?
2) Симои иҷтимоии ташкилотро тавзеҳ диҳед.
3) Чанд усулҳои ташкили симо (барои ташкилот) мавҷуд мебошад?
4) Симои берунии ташкилот чист?
5) Симои дохилии ташкилотро тавзеҳ диҳед.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Кибернетика [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
2. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
3. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
4. Тощенко Ж. Т. Социология управления. Учебник [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.
5. Шейн Э. Организационная культура и лидерство: Построение. Эволюция. Совершенствование [Матни аслӣ]. - СПб.: Питер , 2002.
6. Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7қ.2 , мод.404; соли 2015,№3,мод.216)

§ 32. ТАВАККАЛ, ТАРЗУ УСУЛҲОИ ТАНЗИМ ВА БАРТАРАФСОЗИИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТ

32.1 Мафҳум ва моҳияти таваккал

Дар ҷараёни муносибатҳои идоракунӣ яке аз падидаҳои доимопешоянда ин таваккал ва ҳолатҳои ангезишдиҳандаи он мебошад, ки маъмурон ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бар он василаҳои гуногунро амалӣ месозанд, аммо дар ҳолатҳои хеле кам муваффақ мегарданд.

Муаффақ нагардидан дар роҳи муқовимат бо таваккал бештар ба он асос меёбад, ки таркиби ин падида ё ин ки ҷараён аз номуайяниҳо ва эҳтимолиятҳои зиёд иборат мебошад, мувофиқан барои дастёб гардидан ба василаҳои муносиб иштирокчиёни асосии ҷараёни идоракуниро мебояд усулҳои мувофиқ ва устувори мубориза, омӯзиш, таҳқиқи вазъият ва таҷрибаҳоро бо назардошти асосҳои бавуҷудоӣ ва омилҳои ангезишдиҳанда зимни омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳанд.

Таваккалро дар илми идоракунӣ бо якчанд мафҳум ифода менамоянд, вале мувофиқтари он чунин аст.

Таваккал – намуди фаъолиятест марбут ба бартараф (рафъ) намудани номуайянӣ дар ҳолати ногузир (ҳатмӣ) гардидани шарти интихоб дар ҷараёне, ки эҳтимолияти дастёбӣ ба баҳогузории сифатӣ ва миқдории натиҷаи тахминшаванда (дарназардошташуда), номуваффақӣ ва дуршудан аз мақсад имконпазир мегардад.

Моҳияти таваккалро ба якчанд қисматҳо ҷудо кардан мумкин аст:

- эҳтимоли дур мондан аз мақсади дарназардошташуда, ки бар ивази он мақсади алтернативӣ (интихобшуда) амалӣ гардонида шуд;
- эҳтимолияти дастёбӣ ба натиҷаи интизорӣ;
- мавҷуд набудани боварӣ оиди бадастории мақсади гузошташуда;
- эҳтимоли пеш омадани талафи моддӣ, маънавӣ ва молиявӣ, ки аз натиҷаи амалисозии мақсади алтернативӣ бармеояд.

Боиси зикр аст, ки таваккал на танҳо хусусияти манфӣ дорад, дар ҳолатҳои муайян он барои дастёбӣ ба натиҷаҳои мусбӣ – пешбарандаи (дастёбии) ташкилот ба муваффақиятҳо истифода мегардад.

Дар ҳолати ба таваккал рӯ овардан зарур аст, ки сараввал омодагии ҷиддӣ пеш гирифт, рӯйдодҳо ва ҳолатҳои дар пеш истодаро пешгӯӣ кард, аз доираи тадбирҳои банақшагирифташуда (дар заминаи лоиҳаи махсус муайяншуда) набояд берун баромад. Лоиҳаи марбут ба таваккал махсусгардонидашуда (таҳияшуда) чаҳорчӯбаест, ки талафҳо ва даромадҳои имконпазирро муайян менамояд (ба инобат мегирад), аммо дар ҳолате ки зарар ва фоидаи таваккал ба ҳисоб гирифта намешавад, оқибати (натиҷаи) он ба нокомӣ, ногуворӣ ва талафҳои зиёд оварда мерасонад. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани хусусиятҳои манфии таваккал бояд ҷузъҳои зерини он муайян карда шаванд ва ё ба инобат гирифта шаванд:

1. Хосиятҳои асосӣ;
   Мисол: барои гирифтани қарз хосиятҳои асосӣ иқтидори ояндаи ташкилот (оё имконияти баргардонидани қарзро дорад ё не?), шартҳои дастёбӣ ба қарз, муҳлати пардохти қарз, фоизи қарз ва таъсири қарз ба вазъияти молиявии ташкилот шуда метавонанд;
2. Манбаъҳои хуруҷ (пайдоиш);
   Мисол (гирифтани қарз): шумораи субъектҳои қарздиҳанда, маҳсулоти имконпазири қарз / иҷора – мол, амвол, имконияти пешниҳоди гарав ва ё дигар шарти қарзгирӣ;
3. Намудҳои нисбатан муҳим;
   Мисол (гирифтани қарз): барои кадом намуди фаъолият / истеҳсолот қарз бештар лозим гардидааст ва то кадом дараҷа он барои ташкилот афзалият дорад. Дар ҳолати қарзгирӣ афзалият бояд ба даромаднокии молиявӣ ва иқтидори истеҳсолии ташкилот дода шавад;
4. Дараҷаи имконпазир;
   Мисол (гирифтани қарз): дар шароити бозори маҳали ҷойгиршавӣ гирифтан, мувофиқан бар гардонидани қарз то кадом дараҷа имконпазир мебошад, дар сурати тағйирёбии нархи маҳсулот чӣ!?;

5. Усулҳои андозагирӣ;
   Мисол (гирифтани қарз): ташкилотро зарур аст, ки пеш аз гирифтани қарз вазъиятро таҳқиқ намуда, барномаи қарзии ташкилотро бо назардошти ченакҳои пулию молӣ ва истеҳсолӣ таҳия намояд;
6. Усулҳои пастфурорӣ (камкунӣ, танзим)
   Мисол (гирифтани қарз): зимни бастани шартномаи қарзӣ шароитҳои фасеҳи баргардонии қарз ба инобат гирифта шаванд, чун агар ташкилот имконияти бар гардонидан ва ё супоридани қисми онро пайдо кунад, пас ин амал бояд имконпазир бошад.

32.2 Гурӯҳбандии таваккал

Таваккал бо назардошти таҷрибаҳо ба 5 гурӯҳ ҷудо карда мешавад.

1) **Лаҳзаи** (**вақти**) **пайдоиш**, ки ба се давра: гузашта, ҷорӣ ва ояндадор ҷудо мешавад. Таҳлили таваккалҳои гузашта, бахусус усулҳои камкунии он имконият медиҳад, ки таваккалҳои ҷорӣ ва ояндадор дақиқ карда шаванд.

2) **Омилҳои асосии пайдоиш**, ки ба ду самт: сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷудо мешаванд. Таваккали сиёсӣ шароитест, ки вазъи сиёсиро тағйир медиҳад, мувофиқан ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад. Таваккали иқтисодӣ ба тағйиротҳои номусоид нисбат ба иқтисодиёти ташкилот, мутаносибан мамлакат боис мегардад.

3) **Хосияти баҳисобгирӣ** – дохилӣ ва берунӣ. Таваккалҳои дохилӣ хоси дастгоҳи идоракунӣ ва кормандони он мебошад, мувофиқан бартарафсозии оқибатҳои он масъулияти субъектҳои дохилиташкилотӣ мебошад. Таваккалҳои берунӣ муносибатҳое мебошанд, ки ба фаъолияти дастгоҳи идоракунӣ ва кормандони он рабт дода намешавад, ба монанди гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандон, ки ба фаъолияти ташкилот манфиатдор мебошанд.

4) **Хосияти оқибатҳо** ба ду зергурӯҳ: оддӣ ва ҷаллобӣ ҷудо мешавад. Таваккалҳои оддӣ танҳо эҳтимолияти зарарро пеш мегузоранд, ки сабаби онҳо ҳодисаҳои таббиӣ, фавқуллода ва ногаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Таваккалҳои ҷаллобӣ бошад, эҳтимолияти ҳам даромад ва ҳам зарарро пеш мегузорад, ки сабаби

онҳо хусусияти сунъӣ дошта, ба тағйир додани самти бозор, арзиши асъор, қонунгузории андоз, гумрук ва ғайра асос меёбад.

5) **Соҳаи пайдоиш** ба 5 зерсохтор ҷудо мешавад: истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; молиявӣ; байнравӣ; суғуртавӣ. Таваккалҳои истеҳсолӣ ҳангоми иҷро нашудани нақшаҳо ва уҳдадориҳои истеҳсолӣ (истеҳсоли молу маҳсулот, хизматрасонӣ ва ғ.) ба вуҷуд меоянд. Таваккалҳои тиҷоратӣ дар ҷараёни амалисозии мол ва хизматрасонии истеҳсолшуда ва ё харидоригардида ба вуқӯъ мепазиранд, ки сабабҳои асосӣ паст кардани ҳаҷми фурӯш, баланд гардидани бозори нарх ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Таваккалҳои молиявӣ бинобар эҳтимолияти иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ рух медиҳанд, ки сабабҳои онҳо паст гардидани арзиши иқтидори (портфели) молиявӣ, тағйирёбии арзиши асъор, ҳодисаҳои фақуллода ва ғайра мебошанд. Таваккалҳои суғуртавӣ дар шароити (бинобар вазъияти) суғуртаи рӯйдодҳо ба вуқӯъ меоянд, ки суғуртакунанда ба пардохти суғурта уҳдадор мегардад. Сабабҳои асосӣ, ин нодуруст муайян кардани ченаки пардохтҳои суғуртавӣ, шартҳои шартнома, усул ё муносибати ҷиддӣ надоштан ва ғайра ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, **таваккал падидаи ноустувор ва беинтизор (худ ба худ) пайдошаванда мебошад, ки танҳо сари вақт муайян кардани он, пешгирӣ ва муқовимат ба он метавонад вазъиятро тағйир диҳад.**

Панҷ усулҳои маъмул ва санҷидашудаи огоҳсозӣ, пешгирӣ ва паст намудани сатҳи таваккал ҷорӣ мебошанд.

1) **Суғуртакунӣ** (бим будан) – василаи пасткунандаи сатҳи таваккал ба ҳисоб меравад – созишест, ки тибқи он суғуртакунанда, бар ивази подошпулии (подошдиҳии) муайяни шартӣ, уҳдадор мегардад, ки зарар ва ё қисме аз зарари дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқуллода, ногаҳонӣ, таббиӣ ва ғайра ба миён омадаро, агар он дар созишнома овардашуда бошад, ба суғурташаванда пардохт (ҷуброн) намояд.

Боиси зикр аст, ки таҷрибаи фаъоли татбиқи суғурта бештар дар кишварҳои Ғарб ҷорӣ буда, дар мамлакатҳои мусалмонӣ бинобар номувофиқатӣ ба талаботи шариат камфаъол аст.

2) **Захира кардани маблағ ё худбимсозӣ** – усули паст кардани оқибатҳои манфии таваккалҳо – ба воситаи ташкили фонди

ҷуброни зарарҳо аз ҳисоби қисме аз маблағҳои гардишии (дар гардиш буда) худ ба роҳ монда мешавад.

3) **Диверсификатсия** (**тақсимкунӣ ба самтҳо**) – ҷараёни тақсимкунии маблағҳои сармоявӣ (сармояшудаистода) байни объектҳои таъиншудаи (сармояшавандаи) гуногуни ба ҳам робита (алоқамандӣ) надошта мебошад.

4) **Маҳдудкунӣ** – муқаррар намудани низоми маҳдудкунии муносибатҳои молиявӣ (сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ғ.) чӣ аз боло ба поён ва чӣ аз поён ба поло.

5) **Робитаи зиддибуҳронӣ бо ҷомеа** – амалҳои пайдарпайи иттиллотӣ-технологӣ буда, барои дастёбӣ ба (зиёд кардани) боварии ҷомеа нисбат ба ташкилот ва нишон додани манфиатдории (тарафдории) ташкилот ба мушкилоти онҳо равона карда мешавад. Ташкилот бе таваҷҷуҳ набудани худро ба мушкилоти одамонро намоиш медиҳад.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Таваккал чист?
2) Таваккал хусусияти манфӣ дорад ё мусбӣ?
3) Таваккал ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
4) Лаҳзаи (вақти) пайдоиши таваккал ба се давра ҷудо мешавад, кадомҳо?
5) Панҷ усулҳои маъмул ва санҷидашудаи огоҳсозӣ, пешгирӣ ва паст намудани сатҳи таваккал мавҷуд мебошанд, номбар кунед.

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
2. Дар бораи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, мод.113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 185; соли 2004, №5,

мод. 337; соли 2006, №3, мод.152, №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод. 545, мод. 549; соли 2011, №3, мод. 151; №12,мод.842; соли 2012,№8, мод.817;соли 2013, №7, мод.509
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Корпоративная культура. [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
5. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/logika_-_karamisheva_nv/obyekt_doslidzhennya_suchasnoyi_nauki.htm
6. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
7. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
8. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
9. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.
10. What are the 14 principles of management? Description [Маводиэлектронӣ] - Тарзидастрасӣ: http://www.12manage.com/methods_

§ 33. БУҲРОН ДАР ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНӢ: УСУЛҲОИ ПЕШГИРӢ ВА МУҚОВИМАТ БА ОН

33.1 Вазъиятҳои ташаккулёбӣ ва пешгирии буҳрон

Буҳрон падидаи иҷтимоие мебошад, ки аз як тараф хусусияти ногаҳонӣ дошта, аз тарафи дигар дар натиҷаи таъсири муносибатҳои берунӣ ба вуҷуд меояд.

Дар такя ба таҷрибаҳои солҳои охир метавон иброз намуд, ки бавуқӯъпазирии буҳрон асосан ба равандҳои воқеии рушдёбии иқтисодиёт, ба хусус истеҳсолот ва талаботи азнавсозии он асос меёбад.

Буҳрон қатъгардии дилхоҳ ҷараён ва ё рӯйдоди ногаҳонӣ (ғайричашмдошт) мебошад, ки устувории ташкилотро бинобар моҷарои ногаҳонии худ зери таҳдиди заифгардӣ гузошта, ба вайрон кардани низоми идоракунӣ, обрӯй, нуфуз ва ҳатто аз байн бурдани он метавонад боис гардад.

Тибқи назари М. Реҷестер буҳрон – рӯйдодест, ки бо сабаби он ташкилот дар маркази диққати на ҳамеша хайрхоҳи ВАО ва дигар гурӯҳҳои мақсадноки берунӣ, ки бо сабабҳои муайян ба тақдири ташкилот манфиатдор мебошанд, меафтад, аз ҷумла саҳмдорон, иттифоқҳои касаба, ҳаракатҳои ҳифзи муҳити зист ваға йра.

Ҷанбаҳои асосии ҳолатҳои буҳронӣ чунинанд: а) воқеа рух дод, онро тағйир додан имконнопазир аст; б) фавран бояд барои муқовимат ба (табобати) воқеа тавассути иттилоотонии он шурӯъ намуд; в) зеро, иттилоотонии воқеа то ба дараҷаи муайян новобаста аз ташкилот шурӯъ мегардад (Ҷадвали 19). Иттилоотонӣ маънои ошкор ва паҳн гардидани маълумотро дар ҷомеа ифода мекунад.

Ҷадвали 19



Яъне, ҷараёни шиддатёбии буҳрон дар се зина сурат мегирад ва онро метавон дар зинаи дуюм каме поён фуровард, агар ташкилот маълумоти заруриро марбут ба рӯйдоди дучоромада ба ҷомеа ва гурӯҳҳои мақсаднок бирасонад. Ва-агар на, он ба таври худкор ба зинаи сеюм – маълумотнокгардии ҷомеа мебарояд, ки дар ин сурат муқовимат ба он душвор мегардад.

Яке аз усулҳои зудтаъсир ба воқеаҳои буҳронӣ ин робитаи буҳронӣ мебошад. **Робитаи буҳронӣ – ин воқеаи фавқулодда ва ё якчанд воқеаҳое мебошанд, ки ба томияти маҳсулот, обрӯй ва ё устувории молиявии ташкилот ё ин ки саломатӣ ва ё некӯаҳволии корманд ва дар умум ҷамъият таъсири манфӣ мерасонад**.

Робитаи буҳронӣ ҳам дар ҳолатҳои ҳодисаҳои нохуши табиӣ ва садамаҳо ва ҳам барои танзими мушкилоти хусусияти иқтисодӣ дошта амалӣ гардонида мешавад.

Яке аз усулҳои муносиби муқовимат ин **пешбинӣ ва пешгирии** буҳрон мебошад. Барои ин ҳар як субъект бояд ба мушоҳида ва таҳлили доимии омилҳои гуногуни дахлдори соҳаи фаъолияти худ машғул гардад ва омилҳоеро, ки ба фаъолияти

истеҳсолӣ, рақобатпазирӣ, нуфуз ва симои он хатар ё хавф дорад ошкор созад, зимнан тадбирҳои зиддибуҳрониро амалӣ гардонад.

Дар ин ҷо бояд дар хотир дошт, ки амалҳои робитавӣ дар шароити буҳрон хусусияти таваккал доранд, аммо усулҳо ва қоидаҳое мавҷуданд, ки бо риояи дурусти онҳо метавон на танҳо ба буҳрон истодагарӣ кард, балки онро пурра бартараф намуд.

1) Ташкили робита ё муносибатҳои қаблии зиддибуҳронӣ. Робитаҳои буҳронӣ ва ё зиддибуҳронӣ бояд ҳанӯз дар марҳалаи мавҷуд набудани (қабл аз оғози) буҳрон дар шакли дастёбӣ ба боварии ҷомеа нисбат ба ташкилот ба амал бароварда шаванд. Бо ВАО мебояд ҳамкории зич ва кушода пеш гузошт ва мунтазам маълумотро оид ба натиҷаҳо ва ҷараёни фаъолияти ташкилот дар шабакаҳои муносиби ВАО ҷойгир намуд.

Мисол: дар шароити ҷомеаи муосир ҳар як ташкилоти устувор сомонаи интернетии хос дорад, илова бар ин шабакаҳои ВАО, ки василаи пайвастсозӣ бо ҷомеа ба ҳисоб мераванд, сомонаҳои интернетии худро низ доранд. Ҳар як ташкилот тибқи тартиби умумиқабулшуда низоми даврии банақшагирӣ ва ҷамъбасти фаъолиятро дорад, пас баҳри дастёбӣ ба боварии ҷомеа зарур аст, ки мунтазам (давра ба давра) тариқи ВАО ва сомонаи интернетии хусусӣ натиҷаи даврии фаъолияти ташкилот бо назардошти дастовардҳо ва мушкилот нашр карда шавад.

2) Иштирок ва ё масъулиятнокӣ дар ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии ҷомеа. Саҳмгузорӣ ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, ба монанди тоза кардани муҳит, дастгирии таълимӣ ва тандурустии маъюбон ва бесарбонон, сармоягузории тими футбол, ташкили саёҳати хонандагон ба мавзеҳои таърихӣ ва ғайра обрӯй ва нуфузи ташкилотро дар ҷомеа баланд мебардорад. Зимнан дастгирӣ, эътимод ва муносибати хайрхоҳонаи ҷомеа нисбат ба ташкилот ба даст оварда мешавад, ки дар ҷараёни муқовимат ба омилҳои буҳронӣ басо василаи муҳим арзёбӣ мегардад.

Мисол: дар ҳаёт таваҷҷуҳ доштан ба ҳодисаҳои нохуш хоси табиати инсонӣ мебошад ва имрӯзҳо бинобар таъсирҳои гуногуни табиӣ ва сунъӣ дар ҷомеа мунтазам рӯйдодҳои нохуш рух медиҳанд, ба монанди заминҷунбӣ, фуромадани сел, обхезӣ ва ғайра, ки дар натиҷа садҳо хоҷагиҳо ниёзи кӯмак пайдо мекунанд. Новобаста аз он ки дар шароити Тоҷикистон вогузор намудани

чунин кӯмакрасонӣ ба ҳокимияти давлатӣ одат шудааст, вале дар таҷрибаи дигар кишварҳо ташаббускорони асосӣ ҷомеаи соҳибкорӣ ва шаҳрвандӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, бо расонидани кӯмак ба ҷабрдидагони ҳодисаҳои нохуш хоҳ нохоҳ боварии ҷомеа ба ташкилот зиёд мегардад, чун дар ин ҷараён: а) аз мавҷудияти чунин як ташкилоти хайрхоҳ маълумот ба воситаи ВАО ва бевосита дар байни ҷомеа паҳн мешавад; б) тавоҷҷуҳи ВАО ба фаъолияти асосии ташкилот равона мегардад; в) мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз мавҷудияти чунин ташкилот маълумотнок мегарданд ва аз ҳамдастии он дар вазъияти ногувор миннатпазир мешаванд; г) ташкилот ба таври худкор дар баробари расонидани кӯмак / хайрия тадбири дигари муҳим – таблиғи имкониятҳо ва хизматрасонии худро ба анҷом мерасонад.

Боиси зикр аст, ки дарк намудани бисёр воқеаҳо тавассути муқоисаи онҳо ба якдигар (воқеаҳои дигар монанд) хоси инсон мебошад. Ин хусусияти психологиест, ки доимо метавон зимни танзим ва рушди муносибатҳои идоракунӣ истифода бурд.

3) Муқоиса намудани мушкилоти пешомада ба дигар мушкилоти мавҷуда ва гузаштаи нисбатан вазнин. Ин усул имконият медиҳад, ки василаҳои нави нисбатан устувори муқовимат дарёфт карда шаванд.

Мисол: корхонаи истеҳсоли маҳсулоти шишагинро бинобар ворид кардани техника ва технологияи нави коркард мушкилоти нолозим гардидани шумораи муайяни ҷойҳои корӣ, мувофиқан ихтисори воҳидҳои корӣ пеш омадааст. Вазъият чунин аст, ки дар сурати ихтисор накардани воҳидҳо хароҷоти нигаҳдории кадрӣ зиёд гардида, оқибат ташкилот ба буҳрони молиявӣ дучор омаданаш мумкин аст. Инак, мушкилоти ***пешомада*** *– ихтисор кардани воҳидҳои нолозима бо назардошти фарогирии кормандони бекормонда бо ҷойи корӣ мебошад. Барои ҳалли босамари вазъият зарур аст, ки таҷрибаи* ***гузаштаи*** *дигар ташкилотҳои истеҳсоли шиша ва роҳу усулҳои муосидатнамуда ба ҳалли чунин масъала омӯхта шавад. Қадами сеюм, ташкилотро зарур аст, ки корхонаҳои ҳамфаъолиятро зимни омӯзиш қарор дода, тадбирҳои* ***мавҷудаи*** *(ҷории) онҳоро ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти мазкур ба инобат гирад. Ҳамин тариқ,*

бо муттаҳид намудани се таҷриба мушкилоти пешомадаро метавон бо сифати баланд ва роҳу усулҳои мувофиқ ҳал намуд.

4) Ҷалби ҷомеа ба ҳалли ҳолатҳои буҳронӣ. Ба ҷомеа вазъияти воқеии ташкилотро ба назардошти душвориҳо дар истеҳсолот ва идоракунӣ, тадбирҳои дар ин самт андешидашудаистода, муваффақиятҳои бадастовардашуда ва ғайра бояд пеш гузошт, яъне маълумотнок гардонид.

Мисол: вобаста ба фаъолияти амалии ташкилот ва мушкилоти ҷории он мебояд мунтазам тариқи телевизион, радио ва дигар шабакаҳои ВАО барномаҳо ташкил ва пахш намуд. Зимнан метавон иштироки ҷомеаро дар ҳал намудани ҳар як мушкилоти мубрам тариқи мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва дигар ҳамоишҳо таъмин намуд. Ин амалҳо имкон медиҳанд, ки ҷомеа дар сурати пеш омадани буҳрон ҳамқадам ва ҳамроҳи ташкилот бошад, зеро аз ҷараён ва шиддати маҷмӯи мушкилоти ба буҳрон табдилёфта бархурдор буданд.

5) Пешбинӣ намудани буҳрон хусусияти муҳими идоракунӣ маҳсуб мегардад. Ҳеҷ имкон надорад, ки ҳамаи муносибатҳо ба роҳи худ роҳсипо бошанд, зарур аст, ки вазъиятҳои пешоянд дар муқоиса ба ҳолати воқеӣ пешбинӣ карда шаванд.

Мисол: сатҳи даромаднокии ташкилот ду соли охир афзоиши устувор дошт, акнун 3 моҳ мешавад, ки он рӯ ба танназул ниҳодааст ва фарқият байни ҳар як моҳ 10-12% мебошад, яъне ҳар моҳ то 12% сатҳи даромаднокӣ паст шуда истодааст. Маълум аст, ки идома ёфтани раванди мазкур баъди начандон муҳлати тулонӣ ташкилотро метавонад ба буҳрони молиявӣ дучор гардонад. Пас зарур аст, ки таъҷилан тадбирҳо ва ё барномаи зиддибуҳронӣ бо ҳадафи барқарор сохтани сатҳи даромаднокии ташкилот таҳия ва татбиқ карда шавад.

33.2 Усулҳои муқовмат

Ҳангоми дучор гардидан ба буҳрон одатан якчанд хатогиҳои умумиқабулшуда рух медиҳанд, ки вазъиятро душвортар мегардонанд:

- **Беҷуръатӣ** - ҳамчун бемасъулиятӣ ва омодагӣ надоштан баҳогузорӣ мегардад;

- **Тира сохтани вазъият** - эҳсоси ноҳақӣ ва бе риққатиро (дақиқ набуданро) ба вуҷуд меорад;
- **Чораҳои ҷавобӣ** - вазъиятро тезу тунд мегардонад, на ором, аксуламал бештар мегардад;
- **Дургирӣ** (дур гирифтани худ аз масъулият) - мушкилоти зиёд, нофаҳмиҳо ва нобовариҳоро пеш меорад;
- **Пургӯӣ ё беҳудагӯӣ -** амалҳоро бо сухангӯии зиёд ва бемарвид иваз мекунад;
- **Тақобул (конфронтатсия)**– ангезиш ва шиддати буҳронро ба вуҷуд меорад, намегузорад, ки хомӯш шавад;
- **Баррасии судӣ** - таваҷҷуҳи зиёди ВАО-ро ба бор меорад, ки дар ин марҳала (муқовимат бо буҳрон) номуносиб арзёбӣ мегардад.

Аз қатори усулҳои муносиби муқовимат **таҳия ва татбиқи стратегияи зиддибуҳронӣ** бо назардошти ташкили фаъолияти ҳайати корӣ ва истифодаи ҳамаи имкониятҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад.

Кор бо ҳайат дар ду зина: а) ташкили тими зиддибуҳронӣ, ки ба таҳия ва амалисозии стратегияи зиддибуҳронӣ машғул мегардад; ва б) кор бо ҳайат дар ҳама сатҳо бояд сурат гирад.

Барои ҳайати зиддибуҳронӣ метавон 3 вазифаҳои зеринро муқаррар намуд:

1) Омода ва амалӣ сохтани тартиботе (маҷмӯи амалҳое / нақшаҳое), ки ба ҳал гардидани буҳрони бавуҷудомада оварда расонад;
2) Таҳияи низоми механикии нигаҳдори вазъият, ки новобаста аз эҳтимолияти барҳам хурдани ташкилот идораи буҳронро таъмин менамояд;
3) Омодасозии ҳамаи аъзои ташкилот / ҳайати зиддибуҳронӣ.

Дар ин росто яке аз воситаҳои муқовимат ин **дастгирӣ** намудан **ва ҳавасмандгардонии психологии ҳайат** мебошад. Ин усул аз ҷониби равоншиносон бо ном «**ситораи ҷасурӣ**» барои истифода пешниҳод шудааст. Тибқи модели «ситораи ҷасурӣ» **матонати психологии инсон аз рӯи боварӣ ва эътимоди ӯ ба роҳбарият ва кормандони ташкилот, омодагии ҷисмонӣ ва рӯҳии фард муқаррар карда мешавад.** Боварӣ ба ҳайат бошад, аз сатҳи муттаҳидии гурӯҳӣ, эътимод ба зарурат ва амалҳои

боадолатонаи худ, сатҳи омодагии таълимӣ, вазъи ҷисмонӣ ва рушди сифатҳои шахсии талабшуда вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, зарур шуморида мешавад, ки ҳайати ташкилот ҷиҳати истодагарӣ ва муқовимат ба ҳолатҳои буҳронӣ бо назардошти санҷиши психологӣ, сатҳи дониш ва қобилиятнокӣ омӯзонида шаванд. Инчунин, низоми назорати овозаҳо ташкил карда шавад (ин марҳила омодасозии ҳайатро тавассути амалӣ сохтани озмоишҳо ва таҷрибаҳо (бозӣ дар нақшҳо) фаро мегирад). Баргузории суҳбати (вохӯрии) озод ба ҳар як корманд муҳити психологии ҳайатро пурқувват мегардонад – эҳтимол ин усул барои интихоби шахсони бонуфузи ташкилот мусоидат намояд.

33.3 Ҳамкорӣ бо ВАО

Ҳамкорӣ ва робита бо ВАО яке аз марҳилаҳои асосии танзими буҳрон ба ҳисоб меравад. Зеро ВАО муаррификунандаи манфиатҳои ҷомеа шинохта мешавад, зимнан танзими нуқтаи назари ҷомеа нисбат ба вазъияти буҳронӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин самт, амали муҳим ин баррасӣ ва **муқаррар намудани тафсири муносиби вазъият** ва равона сохтани он ба моҷарои муайян мебошад.

Дар ҳолати хусусияти берунӣ доштани вазъият зарур аст, ки манфитаҳои берунӣ (манфиатҳои миллӣ, давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғ.) бештар ба инобат гирифта шаванд.

Аммо дар ҳолати хусусияти дохилиташкилотӣ доштан, мебояд захираҳои робитавии дохилиро муттаҳид сохт. Дар ин ҳолат маълумот метавонад хусусияти маҳрамият касб намояд, яъне маълумотро метавон барои истифодаи ҳайат маҳдуд гардонид.

Принсипҳои асосӣ

Тибқи назари олимону муҳаққиқон **принсипи асосии робита дар давраи буҳрон ин хомӯш наистодан аст** ва ҳар чӣ зудтар он маълумоте, ки хусусияти оммавӣ дорад ва инъикоскунандаи воқеият аст бояд дастраси ВАО гардонида шавад, зеро ба суръати тез тавъам ёфтани иттилоот ҳар гуна овозаҳои бардурӯғро пешгирӣ менамояд. Зимнан хабарҳои нохуш бо гузашти вақт хуб намегарданд.

Вале бояд **ду принсипи пешниҳоди иттилоотро ба инобат гирифт: 1) барои омма, 2) барои хизматӣ**. Иттилооти хусусияти **оммавӣ** дошта, фарогири ҷанбаҳои умумии вазъият буда, бо мақсади равшанӣ андохтан манзури ҷамъият гардонида мешаванд, мувофиқан барои омма тартибот, муқаррарот ва рақамҳои таҳлилии зиёди хусусияти касбӣ дошта аҳамиятнок намебошад, чун сарфаҳми он намераванд. Маълумоти **хизматӣ** бошад, дар баробари иттилооти умумӣ боз иттилооти аз нигоҳи мантиқӣ, тартиботӣ, ҳуқуқӣ, мазмунӣ ва молиявӣ омодагардидаро талаб менамояд. Ҳамчунин, маҷмӯи иттилоотеро ҷудо кардан мумкин, ки хоси **номуайянӣ** мебошад, яъне ба тахминҳо, фарзияҳо ва нобовариҳо асос меёбанд, ки ин низ барои пешниҳоди омма тавсия дода намешавад.

Барои ҳамкорӣ бо ВАО бо назардошти таҳлили боло усулҳои зерини робита муқаррар карда мешаванд:

1) Муайян кардани гурӯҳи маҳдуди масъулон (беҳтараш як нафар), ки дар байни рӯзноманигорон нуфуз дошта бошад;
2) Таҳияи рӯйхати саволҳои (мувофиқан ҷавобҳои) нисбатан мубрам, ки пешниҳоди онҳо аз ҷониби рӯзноманигорон эҳтимол дорад. Ин рӯйхат бояд дар истифодаи хизматӣ қарор дода шавад ва берун набарояд;
3) Маълумотномаи нахустини барои ВАО пешниҳодшаванда бояд ба саволҳои «Кӣ?», «Чӣ?», «Кай?» ва «Дар куҷо?» посух диҳад, мувофиқан шахси масъул бояд пешакӣ барои намояндагони ВАО изҳорот омода созад;
4) Барои дастрасии маълумот ба гурӯҳи васеи намояндагони ВАО ташкили маркази матбуотӣ бо фарогирии василаҳои муносиби робита мувофиқи мақсад мебошад;
5) Таъмини иттилоот новобаста аз мақоми бетағйирӣ, манфӣ ва мусбӣ доштани он бояд доимо дар ҷараён бошад;
6) Зимни ҷаласаҳои матбуотӣ бояд ҳатман шахси якум (роҳбар) иштирок намояд;
7) Қонунгузории рабтдоштаро ба вазъияти буҳронӣ мебояд таҳлил намуд, то ин ки саҳеҳӣ ва асоснокии иттилоот таъмин гардад, инчунин назари рӯзноманигорон ошкор карда шавад;

8) Далелҳои мавҷударо дар шакли воқеӣ мебояд манзур гардонид, дар ин самт руст ва зиёдаравӣ кардан бар зарари вазъият мебошад.

Умуман ҳар як ташкилот иқтидор дорад, ки ҳолатҳои бавуқӯъпазирии буҳронро вобаста ба намуди он пешбинӣ ва пешгирӣ намояд, агар ҳама чораҳои зарурии зиддибуҳронӣ дар сатҳи ташкилот қаблан зери як нақша оварда шуда бошанд.

Дар ҳолати дучор омадани буҳрон бошад, ташкилот бояд нақшаи робитавии худро иборат аз стратегияҳои: кушода будан; ташкили реҷаи рӯз; аҳамиятнокии масъала; маҳдудият ва оқибатҳои ҳуқуқӣ; ҳамоҳангии нашри хабарҳо; назари омма; таъҷилан паҳн намудани иттилоот; баҳисобгирии хусусиятҳои фарҳангӣ; масъул гардонидани як нафар намояндаи худ.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Буҳрон чист?
2) Робитаи буҳронӣ чист?
3) Ташкилиробита(муносибатҳои)қаблиизиддибуҳронӣчӣгунаб ароҳмондамешавад?
4) Усули пешбинӣ намудани буҳрон тавсиф дода шавад.
5) Хатогии «бечуръатӣ»-и муқовимат ба буҳронро тавзеҳ диҳед?
6) Хатогии «пургӯӣ / беҳудагӯӣ»-и муқовимат ба буҳронро тавзеҳ диҳед?
7) Дар ҳолатҳои (ҳангоми) буҳрон кадом амал ва ё василаи муфид бояд ба анҷом расонида шавад?
8) Василаи «ситораи ҷасурӣ»-и муқовимат ба буҳронро тавзеҳ диҳед.
9) Принсипи асосии робита дар давраи буҳрон ба чӣ асос меёбад?
10) Дар давраи муқовимат ба буҳрон ду принсипи пешниҳоди иттилоот бояд ба инобат гирифта шавад, кадом ҳолатҳо?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

1. Бестужев-Лада И. В. Энциклопедический социологический словарь. - М., 1995. – 865 с.
2. Кибернетика [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
4. Объект исследования современной науки [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://uchebnikionline.com/logika/logika_-_karamisheva_nv/obyekt_doslidzhennya_suchasnoyi_nauki.htm
5. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
6. Прикладные исследования. [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/
7. Раззоқов Б. Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия [Матни аслӣ]. – Душанбе: «Ирфон». - 2007. - 236 с.
8. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
9. Яковлева Т. Н. Социология управления [Матни аслӣ]: учебно-методическое пособие для бакалавров– Астрахань: Астраханский государственный университет, Издательский дом «Астраханский университет», 2013. – 216 с.

§ 34. ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАШВАРАТИИ ИДОРАКУНӢ

34.1 Хизматрасониҳои машваратӣ

Хизматрасониҳои машваратӣ қисме аз хизматрасониҳои корӣ мебошанд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ пайдо шудаанд. Хизматрасониҳои корӣ намуди фаъолияте мебошанд, ки барои соҳаҳои гуногуни идоракунӣ шароитҳои муносиби корӣ фароҳам меоранд. Вазифаҳои асосии хизматрасониҳои корӣ иборатанд аз: ташаккули ҷузъҳои низоми идоракунӣ (мақсад, вазифаҳо, самтҳои фаъолият, кадрҳо, сохтор, қабули қарор ва ғ.); хизматрасонии ҷории ҷараёнҳои идоракунӣ; ва хизматрасониҳои машваратии идоракунӣ оид ба воридсозии навовариҳои идоракунӣ.

Дар шароити рушди муносибатҳои идоракунӣ самтҳои асосии хизматрасониҳои корӣ дар шаклҳои зерин ташаккул ёфтаанд;

- аудит – санҷиши мустақили амалиёти татбиқшудаи молиявӣ ё муҳосибӣ ва муайян намудани дурустӣ ва мутобиқати он ба талабот ва қонунгузории дахлдор;
- хизмати муҳосибӣ – ташкил, пешбарӣ ва ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди сиёсати баҳисобгирӣ, тартиб додани ҳуҷҷатгузории баҳисобгирӣ ва таҳлили вазъи молиявӣ, машварат оид ба тарзи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ;
- хизмати ҳуқуқӣ – санҷиши мутобиқати ҳуҷҷатгузорӣ ба талаботи қонунгузорӣ, омодасозии шартномаҳо, пеш бурдани корҳои шикоятию даъвоӣ, машваратҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
- машваратҳои идоракунӣ – пешниҳоди маслиҳатҳои мустақил ва кӯмак оид ба масъалаҳои идоракунӣ бо назардошти муайян ва баҳогузорӣ намудани мушкилот ва имкониятҳо;
- иттилооти корӣ – пешниҳоди иттилооти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ; нашри маводи иттилоотӣ, дастурҳо, таъмини маводи иттилоотӣ-электронӣ ва ғайра;

- робита бо ҷомеа – дар шуури ҷомеа ҷой додани симои (имичи) мусбӣ ва махсуси ташкилот ва ё молу маҳсулот тавассути эълонҳо, намоишҳо, таблиғот, конференсияҳо ва ғайра;
- омӯзиш (тренинг) – такмили дониш, малака, ихтисос, касб ва таҷрибаҳо тавассути барномаҳои (даврaҳои) кутоҳмуддати омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳо;
- интихоби кадр – хостагирӣ ва баҳогузории кадрҳои идоракунанда ва банақшагирии пешравии онҳо дар мансаб; таҳлили бозори меҳнат ва бакортаъминкунӣ, машваратҳои кадрӣ;
- технологияҳои иттилоотӣ – таҳия ва амалисозии барномаҳои компютерӣ, ташкили (таҳияи) маҳзани маълумотҳо, машваратҳо оид ба воридсозӣ ва истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ;
- хизмати сармоягузорӣ – машвратҳо дар соҳаи бозори қоғазҳои қиматнок ва масъалаҳои идоракунии умумӣ ва молиявӣ.

34.2. Фаъолияти машваратӣ

Машварат – намуди фаъолиятест, ки аз ҷониби машваратчиёни касбӣ (шахсони соҳибихтисос, соҳибтаҷриба ва соҳибмалака) дар шакли хизматрасонӣ (кӯмаки назариявӣ-методӣ, методологӣ) оид ба қонеъгардонии талаботи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маълумот, маслиҳат, омӯзиш (таълим), корҳои тадқиқотӣ ҷиҳати рафъи мушкилоти фаъолият ва рушди ташкилотҳо амалӣ гардонида мешавад.

Машварат якчанд хусусиятҳои хос дорад:

Якум, намудҳои асосии фаъолияти машваратчӣ - маслиҳат, омӯзонидан ва тадқиқот мебошанд;

Дуюм, машваратчӣ касбест, ки дар натиҷаи таҷрибаи андӯхтаи касбӣ, инчунин дониш ташаккул ёфтааст;

Сеюм, машваратдиҳӣ дар ду шакл: **яккарата** тариқи саволу ҷавоб, мусоҳиба ва **яклухт** бо роҳи таҳия ва татбиқи лоиҳаи махсуси таҳлил ва омӯзиш, мувофиқан пешниҳоди тавсияҳо оид

ба тағйирдиҳӣ ва такмилдиҳии ҷараёнҳои идоракунӣ амалӣ гардонида мешавад.

34.3. Машварат дар идоракунӣ

Машварат дар идоракунӣ ба якчанд тарзу усулҳо амалӣ гардонида мешавад, аммо дар таҷриба бештар ду усули он маъмул мебошад.

Якум, машварати **бунёдӣ** (фундаменталӣ) – ҳама шаклҳои хизматрасониро нисбат ба таркиб, ҷараён ва ё сохтори вазифаҳо зимни идоракунӣ фаро мегирад;

Дуюм, хизмат(расони)и махсус ё машварати **касбӣ** – тибқи шартнома мутахассисони касбӣ ҷалб карда шуда, барои ташкилот хизмати машваратӣ (дар шакли кор) пеш бурда мешавад.

Ҳар ду усул пуркунандаи якдигар мебошанд, яъне машваратро метавон ё дар шакли хизматрасонии методӣ ва ё дар шакли хизматрасонии касбӣ пеш гузошт.

Машварати идоракунӣ ин пешниҳоди маслиҳатҳои мустақил ва кӯмак оид ба масъалаҳои идоракунӣ бо назардошти муайян ва баҳогузорӣ намудани мушкилот ва имкониятҳо, омода намудани тавсияҳо ва расонидани кӯмак барои амалисозии онҳо мебошад.

Се хусусиятҳои хоси машварати идоракунӣ мавҷуданд, ки эътирофи онҳо муҳим арзёбӣ мегардад:

1) Кӯмаки касбӣ ба маъмурияти ташкилот. Машваратчӣ касбияти худро дар асоси омӯзиш ва тавъами назария ба амалия ташаккул додааст, бинобар ин шахси соҳибкасб ва соҳибтаҷриба мебошад. Мутаносибан мутахассисест, ки вобаста ба вазъияти муайян ҳар як маъмур / корманд ба (машварати) ӯ ниёз дорад.

Фарқият байни соҳибкасб ва соҳибтаҷриба будани машваратчӣ дар он аст, ки соҳибкасб бо гирифтани дониш ва ихтисоси муайян дар тӯли то 6 сол, вале на кам аз се моҳ метавонад машғули машваратдиҳӣ гардад, аммо соҳибтаҷриба шахсест, ки илова ба соҳибкасб будан боз як муҳлати муайян фаъолияти касбии амалӣ намуда, таҷрибаи дахлдор андӯхтааст;

2) Хизмати маслиҳатрасонӣ. Вазифаи асосии машваратчӣ дар вақти муносиб ва ба шахси масъул додани маслиҳат

мебошад. Машваратчӣ маслиҳатдеҳи касбӣ мебошад ва ӯро намесазад ҳамзамон ба дигар намуди фаъолият машғул гардад. Маслиҳати машваратчӣ бояд аз назари таҳлилӣ, касбӣ, этикӣ ва имконпазирӣ тафсиршуда бошад;

3) Хизмати мустақил. Машваратчӣ дар фаъолияти худ мустақил мебошад ва ҳеҷ кас наметавонад ба ӯ дахл намояд. Ҳама гуна дахлпазирӣ ба фаъолияти машваратчӣ хилофи этикаи идоракунӣ буда, ба ҷуз оқибати манфӣ ва ногуворӣ дар низоми фаъолият дигар чизе пеш намеорад. Яъне, ба машваратчӣ ҳангоми фаъолият шароити мусоиди мустақилият дар омӯзиш, таҳлил, натиҷагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳо бояд фароҳам оварда шавад.

34.4. Хизматрасониҳои машваратӣ

Фаъолияти машваратӣ намуди хизматрасонӣ буда, бар асоси фармоишҳои махсус роҳандозӣ карда мешавад.

Хизматрасонӣ давраи муайянеро фаро мегирад (Ҷадвали 20).

Ҷадвали 20



Яъне, ҳар як хизматрасонӣ муҳлати муайяни татбиқ талаб мекунад, ҳеҷ имкон надорад, ки имрӯз машварат расонида шуда, рӯзи дигар натиҷаи он ба даст оварда шавад.

Дар баробари ин, ҳар як хизматрасонӣ аз рӯи хусусиятнокӣ арзиши хоси худро соҳиб мебошад.

Натиҷаи хизматрасонии машваратиро (тавсияҳои муайянро) имрӯз метавон соҳиб гардид, вале истифода ва ё татбиқи он(ҳо) барои рӯз, моҳ ва ё солҳои оянда дар шакли пешгӯӣ, дурнамо ва стратегия қарор дода мешавад.

Хусусияти хоси хизматрасонӣ арзиши мутаносибан (нисбат ба ҳаҷми кор ва дастоварди) ками он, яъне каммасрафӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои сифатии хизматрасонӣ – хуб ва самаранок гардидани онҳо пас аз анҷоми лоиҳа низ идома меёбад.

Барои самаранокии фаъолият дар шароити кишварҳои алоҳида гурӯҳбандии хизматрасонӣ ба роҳ монда мешавад. *Мисол: дар Аврупо 84 намуди хизматрасониҳо, ки ба 8 гурӯҳ муттаҳид гардонида шудаанд, ташкил ёфтааст: идоракунии умумӣ; маъмурикунонӣ; идоракунии молиявӣ; идоракунии ҳайат; маркетинг (идораи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот); истеҳсолот; технологияҳои иттилоотӣ; хизматҳои махсус.*

Дар шароити Тоҷикистон бошад, якчанд хизматрасониҳо, ба монанди идоракунии молиявӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ ва психологӣ, ташкили соҳибкорӣ, истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот, мониторинг дар амал татбиқ мегарданд.

Яъне, дар шароити имрӯзаи рушд зарур аст, ки номгӯи намуди хизматрасониҳои машвартӣ зиёд карда шавад, аз ҷумла дар сатҳи маҳал.

34.5 Намудҳои машваратдиҳии идоракунӣ

Дар таҷрибаи идоракунӣ асосан ду намуди хизматрасонии машваратӣ мавҷуд мебошад: **лоиҳавӣ**, ки маҷмӯи амалҳоро иборат аз тадқиқот, гурӯҳбандии мушкилот, гузоштани мақсад ва вазифаҳо, натиҷагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳо фаро мегирад ва **дохилӣ**, ки ташкил намудани воҳиди доимоамалкунандаи кориро дар сохтори идории ташкилот пеш мегузорад.

Барои идоракунӣ машваратдиҳии намуди лоиҳавӣ нисбатан муфид арзёбӣ мегардад, ки он дар ду шакл: ташхисӣ ва воридсозӣ амалӣ гардонида мешавад.

Тарзи ташхисии (диагностикии) машваратдиҳӣ – ташкил ва баргузории тадқиқотро ба дахлпазирии камтарин ба раванди кории ташкилот фаро мегирад. Маълумоти дахлдор ҷамъоварӣ мегардад, аммо ошкор карда намешавад, мақсади тадқиқот бошад, манзури тамоми ҳайати кормандон эълон карда мешавад.

Воридсозии натиҷаҳои бадастовардашуда - хулосаҳо ва тахминҳои коркардшударо ба муҳокимаи васеи роҳбарият ва ҳайати ташкилот мебарорад. Ин усул имкон медиҳад, ки тамоми иштирокчиёни раванди идоракунӣ дар ҷараёни тағйиротҳо ва ислоҳотҳо ширкат намоянд ва ногузир будани қарорҳои дахлдорро дарк ва қабул намоянд.

Усулҳои машваратдиҳӣ ба якчанд намудҳои алоҳида ҷудо мешаванд:

Якум, **даъвати машваратчӣ ба сифати корманди асосӣ**, ки ташкили воҳиди кориро барои ташкилот пеш мегузорад, бисёр муфид арзёбӣ мегардад, агар: 1) муҳлати татбиқи вазифаҳо ё уҳдадориҳои гузошташуда тулонӣ бошад; ва ё 2) роҳбар сохтори идоракуниро мувофиқ ба таҷрибаи (зери идораи) худ майли тағйир додан дошта бошад. Дар ин сурат, нуқтаи муҳим он аст, ки роҳбар наметавонад бо қарори бевоситаи худ (яккаҳукмфармоӣ) зидди тавсияҳои машваратчӣ тадбирҳо андешад, чун ин муносибат мухолифи маданият ва принсипҳои касбият мебошад. Ин усул нисбат ба таъмини сифат бисёр муносиб мебошад, аммо камбудӣ – нисбатан баланд будани қимати он ба ҳисоб меравад.

Дуюм, **таҳияи дастурҳои амалӣ** – усули машваратиест, ки ташкили консепсияи ҷамъоварии маълумотро фаро мегирад. Ин усул дар ҳолате истифода карда мешавад, ки агар ташкилот имконият ва захираҳои баргузории тадқиқоти касбиро мустақилона дошта бошад. Ташкилот мақсад ва тахминҳои тадқиқотро муайян менамояд; машваратчӣ бошад, манбаъҳои иттилоотӣ, усулҳои ҷамъоварии маълумот ва ҳаҷми хостагириро амалӣ мегардонад.

Сеюм, **ҳамроҳӣ** – усули машваратдиҳие мебошад, ки иштироки даврии машваратчиро дар ҳамаи марҳалаҳои лоиҳа ба ғайр аз тадқиқотҳои сайёр (саҳроӣ) таъмин менамояд. Ин усул асосан дар ҳолатҳои мувофиқасозии сохтори ташкилӣ ва ё воридсозии технологияҳои нави идоракунӣ амалӣ гардонида мешавад. Тарзи ҳамроҳии машваратдиҳӣ, ки ислоҳдарории даврии машваратчиро талаб мекунад, нисбатан (нисбат ба ҷалби пурраи машваратчӣ) се-чор маротиба арзонтар мебошад.

Чорум, **машваратдиҳӣ – ба сохторҳо ҷудокунии мушкилот**, омӯзиши имкониятҳои ҳалли он ва пешниҳоди тахминҳоро фаро мегирад. Хароҷоти молиявии ин тарз низ барои ташкилот нисбатан муфид арзёбӣ мегардад, аммо самаранокии он хеле кам мебошад. Машвартчӣ дар бисёр ҳолатҳо метавонад, ки мушкилотро ба сохторҳои муносиб ҷудо намояд, аммо кафолати дурустии он пурра таъмин карда намешавад.

Панҷум, **машваратдиҳии дохилӣ** - ташкил намудани воҳиди доимоамалкунандаи кориро дар сохтори идории ташкилот пеш мегузорад.

Дар амал баъзе нозукиҳои ҷалб ва ё истифода намудани хизматрасонии машваратчӣ мавҷуд мебошанд, ки ба инобат гирифтани онҳо манфиатовар арзёбӣ мегардад.

1) Ақидаи воқеъбинона танҳо хоси машваратчии беруна ё фармоишӣ мебошад. Машваратчии беруна асосан барои ташкили симо ва дарёфти мавқеи хоса дар ҷомеа манфиатдор мебошад, мувофиқан новобаста аз таҳдиду хоҳишҳои муайян ӯ вазифаи худро ба сифати баланд иҷро менамояд ва тавсияҳои воқеъбинонаро манзури роҳбарияти ташкилот ва дигар узви он мегардонад.
2) Мулоҳизаронии мустақили машваратчӣ дар баъзе ҳолатҳо бо дахли кормандони дохилӣ, аз ҷумла машваратчии дохилӣ метавонд зери шубҳа қарор дода шавад.
3) Барои машваратчии дохилӣ такмили ихтисос ва бадастории таҷрибаҳои гуногун афзалияти худро гум мекунад, чун ӯ дар ҳамон як объекти тадқиқот (ташкилот) кор мекунад, мувофиқан сатҳи дониш ва қобилиятнокии ӯ баробар ба кормандони асосӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Нокомӣ ба он асос меёбад, ки машаваратчӣ қобилияти аз берун назар карданро ба мушкилоти ташкилот гум мекунад.

4) Ваколатдор намудани машваратчӣ (дохилӣ) бо мурури вақт такрории ваколатҳоро ба вуҷуд меорад, ки он хоси дуҳокимиятӣ мебошад.

Машваратчии дохилӣ ду афзалиятҳои зеринро соҳиб мебошад:

1. Шахси соҳибтаҷриба ва кордон – машваратчӣ доимо дастрас, зери тобеият мебошад, ҳар вақт ҳар як мушкилотро метавон бо ӯ бемамониат баррасӣ намуд ва ҳалли онро пеш гузошт;
2. Кормандон ва шахсони масъули ташкилот дарк мекунанд, ки фаъолияти истеҳсолии онҳо зери назорат қарор дорад, мувофиқан сифати корро баланд мебардоранд.

Бинобар вазъиятҳои боло зарур аст, ки бо машваратчии дохилӣ на зиёда аз 2 сол бо фарогирии тамоми намуди хизматҳо ва вазифаҳо шартнома ба имзо расонид, инчунин он (шартнома) бояд тамдид дода нашавад, яъне шарти тамдид наёфтани шартнома ба инобат гирифта шавад.

Барои амалӣ намудани лоиҳаҳои бузург ташкилотро мебояд гурӯҳи машваратчиёнро ҷалб намояд, то ин ки мушкилоти пешомада дар шакли маҷмӯӣ баррасӣ карда шавад ва дар муҳлати кутоҳтарин тавсияҳо ва роҳу усулҳои ҳал коркард ва пешниҳод карда шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШ

1) Хизматрасониҳои машваратӣ ба хизматрасониҳои корӣ чӣ рабт доранд?
2) Вазифаҳои асосии хизматрасониҳои корӣ, ки ба се қисм ҷудо мешаванд, тавзеҳ диҳед.
3) Хизматрасонии ҳуқуқӣ зимни фаъолияти машваратӣ чӣ тавр амалӣ мегардад?
4) Машварат чист?

5) Намудҳои асосии фаъолияти машваратчӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
6) Машваратдиҳӣ дар кадом ду шакли умумӣ амалӣ гардонида мешавад?
7) Дар таҷриба бештар ду усули машваратдиҳӣ маъмул гардидааст, кадомҳо?
8) Машварати идоракунӣ чист?
9) Дар идоракунӣ ду шакли махсуси хизматрасонии машваратӣ мавҷуд мебошанд, кадомҳо?
10) Таҳияи дастурҳои амалӣ – чӣ гуна усули машваратист?

АДАБИЁТ ВА ДИГАР МАНБАИ МАЪЛУМОТ

1. Бюрократия [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://files.school-collection.edu.ru/dlrstore/ae0daf13-6994-8c34-4650-df58c4a0231e/1012512A.htm
2. Виды социальных норм [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ:http://legalmap.ru/articles/kp/norma/vidy-sotsialnykh-norm/
3. Кибернетика [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://libanomaly.ru/rInform/8.htm
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матни аслӣ]. – Душанбе: 1994
5. Предвидение [Маводи электронӣ]. – Тарзи дастрасӣ: http://www.chronos.msu.ru/old/TERMS/razumovsky_predvidenie.htm
6. Система социального управления [Маводи электронӣ] - Тарзи дастрасӣ: http://www.pravo.vuzlib.su/book_z872_page_17.html
7. Социальные нормы и их классификация [Маводи электронӣ]. - Тарзи дастрасӣ: http://lawtoday.ru/razdel/biblo/tgp/078.php
8. Тощенко Ж.Т. Социология управления. Учебник. [Матни аслӣ] – М.: Центр социального прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.

САВОЛҲО ВА ҶАВОБҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ФАНИ «СОТСИОЛОГИЯИ ИДОРАКУНӢ»

11. Идоракунӣ чист?

\+ *Идоракунӣ намуди фаъолиятест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё низоми муносибатҳои намуди иерархияи (занҷираи / зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.*

– *Идоракунӣ намуди муносибатест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё низоми робитаҳои намуди иерархияи (занҷираи / зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.*

– *Идоракунӣ намуди амалест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё низоми муносибатҳои намуди иерархияи (занҷираи / зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.*

– *Идоракунӣ намуди робитаест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё низоми амалҳои намуди иерархияи (занҷираи / зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.*

– *Идоракунӣ маҷмӯи амалҳоест, ки вазифаи он роҳбарии одамон ва ё низоми маҷмӯи муносибатҳои намуди иерархияи (занҷираи / зинабандии) иҷтимоии фарогирандаи назорат, ҳокимият, мартаба, мақом ва нақш мебошад.*

12. Илми идоракунӣ кай ба вуҷуд омадааст?

\+ *дар нимаи дуюми асри XVIII*

– *дар нимаи дуюми асри XVII*

– *дар нимаи дуюми асри XVI*

– *дар нимаи дуюми асри XV*

– *дар нимаи дуюми асри X*

13. Заминаҳои назариявии идоракунӣ тибқи назариёти Низомулмулк кай ба вуҷуд омадааст?

\+ *дар асри XI*
– *дар нимаи дуюми асри XI*
– *дар асри XV*
– *дар нимаи дуюми асри XV*
– *дар асри X*

14. Шакли идоракунии давлати Ҳахоманиш чӣ гуна буд?

\+ *Давлати Ҳахоманишиён дар шакли (сохти) иттифоқ / иттиҳодия бо системаи Сатрап амал мекард.*
– *Давлати Ҳахоманишиён дар шакли (сохти) империя бо системаи Сатрап амал мекард.*
– *Давлати Ҳахоманишиён дар шакли (сохти) иттифоқ / иттиҳодия бо системаи ҷумҳурӣ амал мекард.*
– *Давлати Ҳахоманишиён дар шакли (сохти) ҷумҳурӣ бо системаи Сатрап амал мекард.*
– *Давлати Ҳахоманишиён дар шакли (сохти) Сатрап ва бо системаи Сатрап амал мекард.*

15. Сиёсати идоракунии демократӣ ва ё либералӣ, ки дар низоми идоракунӣ мустақилият ва озодиро пеш гузошта буд, хоси кадом давлати муттаҳидаи қадимаи тоҷикон буд?

\+ *Ҳахоманиш*
– *Эълам*
– *Сосониён*
– *Сомониён*
– *Кӯшониён*

16. Асоси усулҳои идоракунии давлатиро тибқи рисолаи «Сиёсатнома»-и Низомулмулк кадом таълимот ташкил медод?

\+ *Динӣ*
– *Дунявӣ*
– *Зардуштӣ*
– *Сиёсӣ*
– *Иқтисодӣ*

17. Асоси тавсияҳои Низомулмулк нисбат ба идораи давлат ба чӣ асос меёбад?

\+ *Адолат, футувват, инсондӯстӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон*

– *Ҳақиқатҷуӣ, футувват, инсондӯстӣ, пазироӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон*

– *Аоснокӣ, футувват, инсондӯстӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон*

– *Таҳлилу омӯзиш, футувват, инсондӯстӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон*

– *Тарбия, футувват, инсондӯстӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва эҳтироми иҳотакардагон ва хизматгорон*

18. Саҳми кадом гурӯҳи олимон дар рушди идоракунии иҷтимоӣ тибқи принсипҳои илмии идоракунии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ назаррас арзёбӣ мегардад?

\+ *Ф.Тейлор, А.Файол, М.Вебер, Э.Мэйо*

– *А.Маслоу, Ф.Хертсберг, Д.Макгрегор*

– *П.Блау, Р.Мертон, Т.Парсон*

– *Н.Винер, О.Эшбӣ*

– *Ч. Барренд, Г. Саймон*

19. Назарияи «Тақсимоти баробари меҳнат ва таъмини самаранокии истифодаи қувваи корӣ» хоси кадом олим(он) мебошад?

\+ *Ф.Тейлор*

– *А.Файол*

– *М.Вебер*

– *Э.Мэйо*

– *О.Эшбӣ*

20. Назарияи «Маъмурияти фаъолият» хоси кадом олим(он) мебошад?

\+ *А.Файол*

– *М.Вебер*

– *Э.Мэйо*

– *О.Эшбӣ*

– *Н.Винер*

21. Назарияи «Муносибатҳои инсонӣ» хоси кадом олим(он) мебошад?
+ *Э.Мэйо*
– *А.Маслоу*
– *О.Эшбӣ*
– *Ф.Хертсберг*
22. *Д.Макгрегор*
23. Назарияи «Низомҳои (системаҳои) иҷтимоӣ» хоси кадом олим(он) мебошад?
– *Н.Винер, О.Эшбӣ*
+ *Ч.Барренд, Г.Саймон*
– *А.Маслоу, Ф.Хертсберг, Д.Макгрегор*
– *Ф.Тейлор, А.Файол, М.Вебер, Э.Мэйо*
– *П.Блау, Р.Мертон, Т.Парсон*
24. Назарияи «Кибернетика (технологияи иттилоотӣ) дар идоракунӣ» хоси кадом олим(он) мебошад?
– *Ч.Барренд, Г.Саймон*
+ *Н.Винер, О.Эшбӣ*
– *А.Маслоу, Ф.Хертсберг, Д.Макгрегор*
– *Ф.Тейлор, А.Файол, М.Вебер, Э.Мэйо*
– *П.Блау, Р.Мертон, Т.Парсон*
25. Сохтори ташкилоти муосир чӣ гуна аст?
– *Аз боло ба поён*
+ *Шабакавӣ*
– *Амалӣ*
– *Амудӣ*
– *Уфуқӣ*
26. Ташкилоти муосир ба чанд намуд ҷудо мешавад?
– *5 намуд*
+ *6 намуд*
– *4 намуд*
– *3 намуд*
– *7 намуд*

27. Ташкилоти намуди шабаквӣ чист?

– *маҷмӯи воҳидҳои зертобеи як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад*

\+ *маҷмӯи воҳидҳои мустақили як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад*

– *маҷмӯи воҳидҳои махсуси як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад*

– *маҷмӯи зерсохторҳои мустақили як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад*

– *маҷмӯи зерсохторҳои махсуси як ташкилот буда, дар асоси муносибатҳои фармоишӣ, зинабандӣ, шартномавӣ ва ҳамоҳангшудаи бозорӣ амал мекунад*

28. Ташкилоти намуди бисёрченакдор чист?

– *намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи ду навъи гуногуни меҳнат ё воҳид: 1) функсионалӣ, 2) маҳсулнокӣ*

\+ *намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи се навъи гуногуни меҳнат ё воҳид: 1) функсионалӣ, 2) маҳсулнокӣ, 3) бозорӣ фаъолият мекунад*

– *намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи ду навъи гуногуни меҳнат ё воҳид: 1) функсионалӣ, 2) бозорӣ фаъолият мекунад*

– *намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи се навъи гуногуни меҳнат ё воҳид: 1) амалӣ, 2) маҳсулнокӣ, 3) бозорӣ фаъолият мекунад*

– *намуди ташкилоте мебошад, ки аз рӯи се навъи гуногуни меҳнат ё воҳид: 1) функсионалӣ, 2) истеҳсолӣ, 3) бозорӣ фаъолият мекунад*

29. Ташкилоти намуди даврӣ чист?

– *навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар замина ва ё бо назардошти иштироки зертобеон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад*

+ *навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар асос ва ё бо назардошти иштироки зертобеон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад*
– *навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар асос ва ё бидуни иштироки зертобеон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад*
– *навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар замина ва ё бидуни иштироки зертобеон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад*
– *навъи ташкилоте мебошад, ки идораи он дар асос ва ё бо назардошти иштироки маъмурон ва кормандон ва ё намояндагиҳо дар шакли шӯро, мушовара ва ғайра сурат мегирад*

30. Ташкилоти намуди виртуалӣ чист?

– *гурӯҳи шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд*
+ *ҷамъияти шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд*
– *гурӯҳи ғайрирасмии шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд*
– *ҷамъияти расмии шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд*
– *гурӯҳи расмии шарикон ё ҳамкороне мебошад, ки ба таҳия, истеҳсол ва амалисозии маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ машғул мегарданд*

31. Ташкилоти намуди соҳибкорӣ чист?

– *ташкилоте, ки ба фаъолияти иқтисодӣ машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад*
+ *ташкилоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад*

– *ташкилоте, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад*
– *ташкилоте, ки ба фаъолияти савдо машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад*
– *ташкилоте, ки ба фаъолияти хариду фурӯш машғул буда, даромад ва фоидаи молиявӣ ба даст меорад*

32. Давлати нахустини тоҷикон кай ташкил ёфт?
– *Дар давраи ҳукмронии Сосониён*
\+ *Дар давраи ҳукмронии Сомониён*
– *Дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиниён*
– *Дар давраи ҳукмронии Кӯшониён*
– *Дар давраи ҳукмронии Ғазнавиён*

33. Тоҷикистон кай низоми идоракунии мустақили худро ташкил дод?
– *Соли 1924*
\+ *Соли 1991*
– *Соли 1929*
– *Соли 1994*
– *Соли 1997*

34. Назарияҳои илмию тадқиқотӣ дар самти идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар кадом сатҳ мебошад?
– *Баланд*
\+ *Паст*
– *Миёна*
– *Хеле баланд*
– *Мавҷуд нестанд*

35. Идоракунии Тоҷикистон ба чанд давра ҷудо мешавад?
– *Се давра*
\+ *Ду давра*
– *Як давра*
– *Чор давра*
– *Панҷ давра*

36. Дар даврони ҳукмронии ИҶШС низом ва ё сохти идоракунии Тоҷикистон чӣ гуна буд?
– *Ҷумҳурии мустақил*
+ *Ҷумҳурии тобеъ*
– *Давлати худмухтор*
– *Давлати тобеъ*
– *Давлати мустақил*

37. Идораи сиёсии ИҶШС аз ҷониби кадом сохтор амалӣ мегардид?
– *раёсати Шӯрои Олӣ ва комиссияҳо*
+ *котиботи Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ*
– *ҷумҳуриҳои тобеъ*
– *Суди Олӣ*
– *Шӯрои вазирон*

38. Сиёсати хориҷӣ ва ё байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом принсипҳо асос меёбад?
– *Дахлнопазирӣ*
+ *Дарҳои кӯшода*
– *Бетарафӣ*
– *Маҳдуд*
– *Ҳамкорӣ*

